ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК
БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

**ТКБ: 159.9**
**ТДУ: 88.5**
**И - 87**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ИСМОИЛОВ ШОКИРҶОН ҒУЛОМОВИЧ**

# ТАҲҚИҚИ ГУМАНИЗАТСИЯИ ИҶТИМОИЮ ПСИХОЛОГИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИШАХСӢ ДАР СИННИ НАВРАСӢ

**Диссертатсия**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ**

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои психологӣ,
дотсент Зайтметов Ҳ.А.

Хуҷанд – 2024

## МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА ........................................................................................................ 3
БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ГУМАНИЗАТСИЯИ ИҶТИМОИЮ ПСИХОЛОГИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИШАХСӢ ДАР СИННИ НАВРАСӢ .................................................. 21
1.1.Ҷанбаҳои иҷтимоию психологии назарияҳои гуманистӣ дар педагогика.21
1.2.Генезиси ҷараёнҳои гуманистӣ дар психология ........................................ 40
1.3.Тавсифи иҷтимоӣ-психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасон……………………………………………………………………..54
1.4.Иҷтимоишавӣ ҳамчун омили рушди худвоқеиятбахшӣ дар синни наврасӣ………………………………………………………………………71
Хулосаи боби 1 ........................................................................................... 89
БОБИ 2. ТАҲҚИҚИ ИҶТИМОӢ-ПСИХОЛОГИИ РАВАНДИ ГУМАНИЗАТСИЯИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИШАХСӢ ДАР СИННИ НАВРАСӢ ......................................................................................................... 92
2.1.Асосноккунӣ ва ташкили кори озмоишӣ .................................................. 92
2.2.Таҳлил ва тафсири натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда ..................... 101
2.3.Кори иҷтимоию психологӣ оид ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ ...................................................................................................... 119
2.4. Таҳлили динамикаи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ……………………………………………………………………..137
Хулосаи боби 2 ........................................................................................... 147
Хулосаи умумӣ ........................................................................................... 150
Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот .............................. 155
Рӯйхати адабиёт............................................................................................ 160
Замимаҳо ...................................................................................................... 174

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот**. Гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ масъалаи муҳимми иҷтимоӣ-психологӣ ва педагогӣ мебошад, ки таҳқиқи он бо истифода аз раҳёфти байнифаннӣ амалӣ шуда, ҳамгироии муносибатҳоро дар самти гуманизатсияи ҳаёти кӯдак дар бар мегирад. Мо, пеш аз ҳама, генезиси механизмҳои психологии ворид намудани бачаҳоро ба гуманизатсияи ҳамкориҳо ҳамчун субъекти муносибат мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳем.

Ба назари мо махсусияти татбиқи механизмҳои психологии таҳқиқшаванда, моҳияти мафҳуми «гуманизатсия» ва интихоби шароитҳои мусоиди психологию педагогии ҷалб намудани наврасонро ба раванди муносибатҳои байнишахсӣ дар ҷомеа, инчунин, натиҷаҳои эҳтимолии инкишофи шахсии онҳоро муайян мекунад. Ба таври дигар иброз намоем, тағйирёбии вазъияти иҷтимоии инкишофи кӯдакон дар марҳилаҳои гуногуни синнусолӣ генезиси механизмҳои психологиро инъикос менамояд.

Гуманизм, ки дар шакли ғояҳои инсондӯстӣ ифода ёфтааст, ҳанӯз аз замонҳои қадим тавассути ахлоқ, маънавиёт ва ҳуқуқ ба ҷомеа таъсири воқеӣ мерасонанд. Афкори гуманистӣ маҳаки асосии мазмуни умумибашарии маънавиётро ташкил дода, дар шуури ахлоқӣ таҷассум меёбад ва самтбахшандаю танзимкунандаи фаъолияти одамон гардида, ба пайдоиш ва инкишофи анъанаҳои инсондӯстӣ дар педагогика ва психология мусоидат намудаст.

Ҳангоми муайян кардани шароити психологию педагогии ташаккулёбии равияи гуманистии шахсияти мактаббачаҳо дар системаи таълими муттасил мо зарур донистем, ки маънои истилоҳҳои «гуманизм» ва «инсондӯстӣ» ба назар гирифта шавад. Ғояҳои психологияи гуманистӣ ба ташаккулёбии педагогикаи гуманистӣ торафт бештар таъсир расонда истодаанд. Ғояи меҳварии психологияи гуманистӣ бо категорияи ягонагии шахсият ва мутлаққунонии он алоқаманд аст. Намояндагони ин равияи илмӣ

ба шахсияти солим ва пайваста инкишофёбанда таваҷҷуҳ доранд, ки ҳадафи он худвоқеиятбахшӣ мебошад. Онҳо шахсияти инсонро бо тамоми мураккабию нотакрор буданаш дар маркази таҳқиқоти худ қарор додаанд. Озодии худифоданамоии фард ба сифати баландтарин арзиш арзёбӣ шуда, нуқтаи ибтидоии назарияи психологию педагогӣ дар Ғарб ва тамоми ҷаҳон маҳсуб меёбад. Маҳз ҳамин мақсадгузориҳо барои гуманизатсияи маориф аҳаммияти ҳалкунанда доранд.

Мавриди қайд аст, ки бо осори адабии мутаффакирони тоҷику форс ба монанди Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Ҳаким Саноӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Саъдии Шерозӣ, Фаридуддини Аттор, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон метавон на танҳо ҳамчун санъати баланди суханварӣ, балки бо мазмуни башардӯстонаи он ифтихор кард. Ҳангоми таҳлили осори Рӯдакӣ, Сино, Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ ва бисёре аз намояндагони адабиёти тоҷику форс ба вожаи “одамият” дучор омадем. Хислатҳои асосие, ки одамиятро тавсиф медиҳанд, ин накукорӣ, хайрхоҳӣ, саховатмандӣ, меҳру муҳаббат, шафқат, дӯстӣ, бародарӣ ва ғайра мебошанд, ки онҳоро мутафаккирони классики тоҷик дар тули ҳазорсолаҳо тараннум кардаанд. Ба ақидаи мутафаккирони бузург, роҳи башарият тавассути ақл мегузарад. Ин ақл аст, ки инсонро барои ба танзим даровардани корҳояш водор намуда, ӯро ба корҳои хайру наҷиб ҳидоят мекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити кунунии рушди ҷомеа ҳангоми таълиму тарбияи насли наврас дар мадди аввал шахсиятсозӣ меистад, зеро маҳз шахсияти комил метавонад арзишҳои умуминсониро ҳамчун арзишҳои шахсии худ қабул карда, амалу рафторашро дар доираи меъёрҳои инсондӯстӣ танзим намояд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ, ки давраи мусоиди он ба синни наврасӣ рост меояд яке аз масъалаҳои муҳимми илмҳои инсоншиносию ҷомеашиносӣ, махсусан психология маҳсуб меёбад. Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати

миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд: “Ҷомеаи мутамаддини муосир беш аз ҳар вақти дигар ба ойинҳои инсондӯстона ва хиради созанда ниёз дорад”[1].

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Таҳлили таҳқиқоти муосири механизмҳои психологии ташаккулёбии омодагии инсон ба фаъолият (Р.Д.Санжаева, 1997), иҷтимоишавӣ-фардикунонӣ дар онтогенез (Е.Б.Весна, 1998), танзими иродавӣ (В.А.Иванников, 1998), инкишофи шуури ахлоқии шахсият (Л.Н. Антилогова, 1999), танзими ҳаёту фаъолиятии инсон (А.С. Шаров, 2000), ташаккулёбии муносибатҳои байнишахсӣ (Л.М. Колпакова, 1997), баланд бардоштани сатҳи фаъолии муошират (Т.В. Волошина, 1996), ҳалли вазъиятҳои мушкил (Г.Б. Морозова, 1996), худидоракунии фаъолият (Н.А. Вагапова, 1998)[2] ва дигарон зарурати амалӣ намудани муносибати ҳамгироёнаро дар муайян кардани механизмҳои ҳамкории байнишахсӣ нишон медиҳанд.

Ба фикри мо, раҳёфтҳои гуногуни муайянкунандаи ин механизмҳоро метавон ба ду варианти асосӣ ҷудо кард, ки қариб ҳамаи таърифҳои ошкоркунандаи мазмуни омӯзиши механизмҳои психологиро фаро мегиранд. Мо пешниҳод менамоем, ки яке аз вариантҳоро шартан “фаъолиятӣ” номгузорӣ кунем, зеро муайян кардани мазмун ва сохтори механизми психологӣ, инчунин, барномаи омӯзиши он дар асоси муайян кардани омилҳое амалӣ мегардад, ки ба муваффақият (самаранокӣ) ва методҳои (хусусиятҳои) фаъолияти аз тарафи шахс иҷрошаванда таъсир мерасонанд.

---

[1] Суханронӣ дар мулоқоти наврӯзӣ бо зиёиёни кишвар. 20.03.2014, шаҳри Душанбе

[2]Санжаева Р.Д. Психологические механизмы формирования готовности человека к деятельности: автореф. …докт. псих.наук. - Новосибирск, 1997. – 36 с.; Весна Е.Б. Психологические закономерности и механизмы процесса социализации - индивидуализации в онтогенезе: автореф. ... докт. псих. наук. - М., 1998. – 42 с.; Иванников В.А. Психологические механизмы волевой регуляции: учеб. пособие. - М., 1998. – 384 с.; Антилогова Л.Н. Психологические механизмы развития нравственного сознания личности: автореф. ….докт. псих. наук. - Новосибирск, 1999. – 38 с.; Шаров А.С. Система ценностных ориентаций как психологический механизм регуляции жизнедеятельности человека: автореф. ... докт. псих.наук. - Новосибирск, 2000. – 41 с. Колпакова Л.М. Психологические механизмы формирования межличностных отношений в диаде «учитель - ученик» в условиях педагогической деятельности. - Казань, 1997. – 132 с. Волошина Т.В. Психологические механизмы повышения уровня активности общения: автореф. ... канд. псих. наук. - Новосибирск, 1996. -25 с. Морозова Г.Б. Психологический механизм решения проблемных ситуаций в педагогическом коллективе: автореф. ... канд. псих. наук. - М., 1994. – 23 с. Вагапова Н.А. Структурные особенности психологического механизма самоуправления деятельностью: автореф. … канд. псих. наук. - Казань, 1998. – 23 с.

Методҳои асосии таҳқиқот дар доираи ин раҳёфт тестҳои объективӣ, озмоиши психологӣ ва пурсишҳои сотсиометрӣ маҳсуб меёбанд. Варианти дигари раҳёфти омӯзиши механизмҳои психологиро шартан "шахсӣ" номидем. Муайян кардани мазмун ва сохтори механизмҳои психологӣ дар асоси омӯзиш ва тавсифи сифатҳои шахсӣ, рафтор ва фаъолияти хонанда дар вазъиятҳои гуногуни иҷтимоӣ, инчунин маълумоте, ки озмудашаванда дар саволномаю пурсишномаҳо дар бораи худаш пешниҳод мекунад, сурат мегирад.

Дар дохили ҳар яке аз ин вариантҳо гурӯҳҳои якҷинсаи ба якдигар наздики механизмҳои психологиро ҷудо кардан мумкин аст. Дар раҳёфти фаъолиятӣ муҳаққиқон ба махсусияти механизмҳои психологии ташкил кардан, амсиласозӣ, лоиҳасозӣ ва идоранамоии фаъолият ва муошırати шахс таваҷҷуҳ мекунанд, дар раҳёфти шахсӣ бошад, ба механизмҳои психологии ташаккулёбии хусусиятҳои шахсӣ.

Асосноккунии методологии таҳқиқоти мо аз он иборат аст, ки С.Л. Рубинштейн дар зери мафҳуми "механизм" раванди дарк кардани ҳиссиёти азсаргузаронидаро дар зери таъсири муносибати ӯ ба чизи барояш арзишнок мефаҳмад (С.Л. Рубинштейн, 1989)[3]. Нуқтаи назари дигар аз фаҳмиши механизм ҳамчун як навъ дараҷаи оддитарини таҳлил, ки ба он махсусияти дараҷаи олӣ хос нест, аммо қобилияти иҷро кардани вазифаи воситаро дорад, (В.С. Агеев, 1990) бармеояд. Аксар вақт механизм ҳамчун «як навъ амсиласозии аналогӣ аз ҷониби субъект ё объект мебошад, ки ягонагии фаъолияти ошкоро ё ниҳониро дар бар мегирад (А.П. Сопиков, 1977 ва дигарон).

Омӯзиши механизми ташаккулёбии муносибатҳои байнишахсӣ дар психологияи муосир дар се ҷанба амалӣ карда мешавад: сотсиологӣ, иҷтимоӣ-психологӣ ва психологӣ. Аз нуқтаи назари раҳёфти иҷтимоӣ-психологӣ масъалаи ташаккулёбии механизмҳои муносибатҳои байнишахсӣ

[3] Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. – СПб.: Питер, 1999.– 720 с.

дар шароити робитаи бевоситаи байни одамон ошкор гардида, дар доираи се функсияи асосии муошират, яъне коммуникативӣ, интерактивӣ ва персептивӣ баррасӣ мешавад (Г.М. Андреева, 1980)[4].

Вобаста ба ҷанбаҳои таҳқиқшаванда мазмуни мафҳуми механизм бо тарзҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Якум, ҳамчун раванди таъсиррасонӣ, ки тавассути фаъол кардани воситаҳои шифоҳӣ ва ғайришифоҳии муошират бо мақсади амалӣ намудани мубодилаи ахбори барои фаъолияти якҷоя зарурӣ, ба амал бароварда мешавад (А.А. Брудний, 1977; А.А. Леонтев, 1979; В. М. Соковнин, 1974, Р. А. Ибрагимов, 1968; Н. Н. Богомолова, 1988)[5]. Сониян, фаҳмиш дар бораи механизми ҳамкорӣ тавассути таҳлили «саҳми» психологии иштирокчиёни ҳамкорӣ ва “мубодилаи амалҳо”, яъне тавассути таъсири мутақобила ошкор мегардад (Г.М. Андреева, 1980; Б.Ф.Ломов, 1976; Л.Г.Дикая, Н.Б.Шкопоров, О.Б.Аллахвердова, 1985)[6]. Ниҳоят, муҳаққиқони ҷанбаи персептивии муошират механизмро ҳамчун як роҳи функсионалии таъмин намудани дарки одамон аз тарафи якдигар баррасӣ намуда, механизмҳои зеринро ҷудо мекунанд: монандкунӣ (идентификатсия), эмпатия, рефлексия, стереотипизатсия ва атрибусияи каузалӣ (А.А.Бодалев, 1965,); В.А.Ивасишин, 1987; Л.А.Петровская, 1989; В.С.Агеев, 1989; Н.Д.Творогова, 1992 ва дигарон)[7].

---

[4] Андреева Г.М. Закономерности общения и взаимодействия людей // В кн.: Социальная психология. - М., 1980. - 122 с.

[5] Брудный, А.А. Понимание и общение. - М.: Знание, 1989. - 390 с. Леонтьев А. А. Психология общения. - 2-е изд., испр. и доп. - М.: Изд.центр «Академия», 2004. – 352 с. Соковнин В.М. О природе человеческого общения (Опыт философского анализа). - Фрунзе: Мектеп, 1976. - С.209-213; Ибрагимов Р.А. К проблеме понимания в процессе речевого общения // В кн.: Сознание и общение / под ред. А.А.Брудного. - Фрунзе: Илим, 1968. –С. 39-48. Богомолова Н. Н. Массовая коммуникация и общение. - М., 1988. – 186 с

[6] Андреева Г.М. Закономерности общения и взаимодействия людей // В кн.: Социальная психология. - М., 1980. - 122 с. Ломов Б.Ф. Методологические и теоретические проблемы психологии. – М.: Наука, 1984. – 443 с. Дикая Л.Г. Особенности регуляции функционального состояния оператора в процессе адаптации к особым условиям // Психологические проблемы деятельности в особых условиях. - М., 1985. - С. 63-90. Шкопоров Н.Б. Феноменология, динамика и психологические механизмы субъективной значимости другого. – М., 1985. – 185 с. Аллахвердова О. В. Конфликтология - СПб.: Лань, 1999. – 448 с.

[7] Бодалев А.А. Личность и общение. - М.: Педагогика, 1983. – 272 с. Ивасишин В.А., Н.Ф.Джужа. Эмпатия как механизм социального развития личности // В межвуз. сб.: Проблемы формирования ценностных ориентации и активности личности в ее онтогенезе. - М., 1987. - С. 143-150 Петровская Л.А. Компетентность в общении. - М., 1989. - 216 с. Агеев В.С. Влияние факторов культуры на восприятие и оценку человека человеком // Вопросы психологии. - 1985. - № 3. - С 135 -140. Творогова Н.Д. Общение: диагностика и управление. - М.: Смысл, 2002. - 246 с.

Дар мавриди гузориши масъалаи таҳқиқи механизмҳои психологӣ таҳқиқоти диссертатсионии Т.В.Волошина (1996)[8], ки механизми психологиро ҳамчун системаи омилҳо, шароитҳо, воситаҳо, сохторҳо, муносибатҳо, робитаҳо ва дигар зуҳуроти психикии таъминкунандаи таҳрикдиҳӣ ва танзимкунии раванди фаъолӣ ва ташаккулдиҳандаи ин ё он дараҷаи ӯ мефаҳмад, мавриди таваҷҷуҳи хоса аст. Вазифаи асосие, ки ба воситаи механизмҳои психологӣ ҳал карда мешавад, – таъкид менамояд муҳаққиқ, – ин ҳамгироии кӯшишҳои инфиродӣ дар фаъолияти якҷоя мебошад.

Баррасии механизмҳои психологиро ҷамъбаст намуда, мо се нуқтаро қайд мекунем: якум, сохтори танзим ҳамчун асоси консептуалӣ барои ба низом даровардани механизмҳои психологии танзими ҳаёту фаъолият хизмат мекунад; дуюм, новобаста аз дараҷаи таҳлил ё ҷанба (тараф), механизми психологӣ метавонад механизмҳои дигарро дар бар гирад ва худаш низ метавонад ба ягон механизми психологии умумӣ дохил шавад. Дар ин ҳолат, ҳамаи механизмҳои психологӣ дар дараҷаҳои гуногун, хусусиятҳои механизми интериоризатсияро ҳамчун “механизми механизмҳо” ба худ мегиранд; сеюм, ҳар як механизми психологӣ дар дараҷа ва таносубҳои гуногун равандҳои тафриқакунӣ ва ҳамгироиро дар бар мегирад, зеро инҳо барои рушд ва ташаккули одам замина маҳсуб меёбанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ дар марҳилаи оғози худ қарор дорад. Мавриди қайд аст, ки омӯзиши масъалаи мазкур аз ҷиҳати психологӣ аз тарафи олимони ватанӣ Д.И. Фелдштейн, Н.М. Юнусова, С.Б. Бобоева, А.Р. Мансурова, М.Т. Давлатов, М.Ё. Шарипова, Ҳ.А. Зайтметов,[9] ва аз ҷиҳати педагогӣ аз тарафи И.Х. Каримова, М.Б.

[8] Волошина Т.В. Психологические механизмы повышения уровня активности общения: автореф. ... канд. псих. наук. - Новосибирск, 1996. -25 с.

[9] Фельдштейн Д. И. Трудный подросток. - Душанбе: Дониш, 1972. - 183 с. Юнусова Н. М. Детерминирующая роль женщины в процессе формирования нравственных ориентиров личности и семьи, опирающаяся на этнокультурные ценности: дис. на соис. уч. степ. док. пед. наук. – Душанбе, 2013; Зайтметов Ҳ.А. Гуманистические идеи в произведение таджикско-персидских мыслителей // Вестник Таджикского

Бобоева, М.Э. Яхшибаева, Ф.Б. Мирзоева, А. Нуров, Л.С. Хидиралиева ва дигарон [10] ба роҳ монда шудааст. Масъалаи гуманизмро дар динҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла Зардуштия ва Ислом файласуфи ватанӣ Ш. Абдуллозода[11] аз ҷиҳати фалсафӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Коркарди нокифояи масъалаи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ имкон дод, ки муҳиммияти таҳқиқи ин масъаларо дарк карда, мавҷудияти **ихтилофоти** зеринро баррасӣ намоем:

- таҳқиқи нокифояи муаммои гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсии наврасон дар низоми таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон ва талаботи ҷомеаи муосир ба тамоюли башардӯстонаи муносибатҳои байнишахсӣ дар муҳити наврасон;

- кам таваҷҷуҳ намудани омӯзгорон ба гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ ҳангоми ба роҳ мондани раванди таълим дар ихтисосҳои равияи омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар ва дархост шудани ин махсусияти муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасон;

- аз мадди назари психологҳои амалӣ дур мондани ташхиси унсурҳои муҳимми гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ аз қабили худбаҳодиҳӣ, эмпатия, дараҷаи иддао дар ҳамаи

---

национального Университета №9, Душанбе, 2020 С. 251-256. Бобоева С.Б. Формирование толерантности студенческой молодежи в процессе изучения гуманитарных наук: дис. ... канд. пед. наук. - Душанбе 2015. Давлатов М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон/ М.Давлатов. – Душанбе: Ирфон, 2014.-224 с., Шарипова М.Ё. Этнокультурные особенности субъективной картины жизненного пути: дис. ... канд. псих. наук. - Санкт-Петербург, 2013. - 290 с

[10] Каримова И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикской школы [Текст]: диссертация на соискание учен. ст. док. наук. Душанбе, 2000. – 357 с. Бабаева М. Теоретические основы педагогики ненасилия в контексте гуманистического воспитания подрастающего поколения. Дис. ... канд. пед. наук. - Душанбе., 2020. - 192 с. Яхшибаева М.Э. Гуманизация образования в общеобразовательных школах Таджикистана: Историко-педагогический аспект. Дис. ... канд. пед. наук. - Душанбе., 2004. - 155 с. Мирзоева Ф.Б. Формирование гуманистических качеств личности у учащихся 7 - 9 классов в процессе преподавания таджикской литературы: На материале общеобразовательных школ Республики Таджикистан. Дис. ... канд. пед. наук. - Душанбе., 2002. - 154 с. Нуров А. Роль духовных ценностей в нравственном воспитании младших школьников -. Душанбе, 2002; Хидиралиева Л. С. Формирование нравственных качеств у детей средствами семейных традиции (на материали семей Северного Таджикистана): дисс канд. пед. наук. - Худжанд, 2002.

[11] Абдуллозода Ш. Фалсафаи одамият: масъалаи инсон ва гуманизм дар адён. –Душанбе:Дониш,2003. -160с.

зинаҳои таҳсилот ва минбаъд омода набудани онҳо барои омӯхтани ин вижагиҳои наврасон дар ҷараёни фаъолияти психологӣ-педагогӣ;

- зарурати таҳқиқи илмии механизми гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар сохтори шахсияти наврас, чун ифодагари дараҷаи омодагӣ ба ҳамкорӣ, вале дар сатҳи кофӣ набудани омӯзишу дар амал татбиқ намудани ин пажуҳишҳо;

- тараққиёти илму техника ва технологияи муосир ва ба ҳисоб нагирифтани таъсири он ба механизми гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсии наврасон дар раванди таҳсилот;

- мавҷудияти фарзияи робитаи қобилияти эмпатия, худбаҳодиҳӣ, дараҷаи иддао ва муносибатҳои шахсӣ, аммо аз ҷиҳати озмоиши психологӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор нагирифтани он дар таҷрибаи омӯзгорону олимони марбут ба муаммо.

Ҳамин тариқ, таҳлили назариявӣ нишон дод, ки механизми ибтидоӣ ва бунёдии психологии муносибатҳои байнишахсӣ ин аз ҷониби субъектҳо интериоризатсия шудани муносибатҳои вобастагии масъулиятнок мебошад. Таҳқиқоти эмпирикӣ барои равшан кардани шароитҳои иҷтимоию психологӣ ва педагогие имкон медиҳанд, ки дар онҳо механизми гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ самаранокии раванди хештансозии наврасро таъмин мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Кори диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии психологияи умумии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров", ки ба омӯзиши мавқеи оила дар ташаккули хусусиятҳои инфиродии наврасон барои солҳои 2021-2025 равона шудаанд, таҳия ва иҷро гардид.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Муайян ва интегратсия кардани механизмҳои иҷтимоӣ-психологии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсии наврасон.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои санҷидани фарзия ва ноил шудан ба ҳадафи таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта шуданд:

1. Таҳлили назариявӣ ва методологии масъалаи гуманизатсия дар фалсафа, педагогика ва психологияи иҷтимоӣ.

2. Асоснок ва бандубаст кардани генезиси ҷараёнҳои гуманистӣ дар психология.

3. Муайян кардани махсусияти гуманизатсияи таълим бо такя ба принсипи иҷтимоию педагогӣ ва психологӣ.

4. Омӯзиши вижагиҳои иҷтимоӣ-психологии иҷтимоишавии шахс дар давраи наврасӣ дар раванди хештансозӣ.

5. Муайян кардани иҷтимоишавӣ ҳамчун омили рушди худвоқеиятбахшӣ дар синни наврасӣ.

6. Таҳияи амсилаи эмпирикии гуманизатсияи раванди муносибатҳои байнишахсӣ дар давраи наврасӣ бо истифода аз вазъиятҳои таълимӣ.

7. Омӯзиши муқоисавии дараҷаи инкишофи идао, худбаҳодиҳӣ, эмпатия ва муносибатҳои байнишахсии наврасони шаҳру ноҳия.

8. Дар асоси механизмҳои муайяншуда таҳия ва амалӣ намудани барномаи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар давраи наврасӣ.

9. Ошкор кардани динамикаи гуманизатсияи раванди муносибатҳои байнишахсӣ дар рафти таҳқиқоти иҷтимоӣ-психологӣ.

**Объекти таҳқиқот**. Раванди муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот**. Механизмҳои психологии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасон.

**Фарзияи таҳқиқот.** Механизми гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ, ки ба доираи раҳёфти интегративӣ дар низоми механизмҳои

психологӣ дохил карда шудааст, барои инкишофи шахсият ва хештансозӣ дар давраи наврасӣ шароити муассир фароҳам меорад. Ин фарзия бо чунин фарзияҳои ҷузъӣ асоснок карда мешавад:

1. Хештансозӣ системаи динамикӣ дар марҳилаҳои гуногуни наврасӣ мебошад, ки азнавсозии он дар шакли навташкилаҳои шахсии сифатан нави муайянкунандаи дараҷаи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ ба амал меояд.

2. Дар шароити муошироти муташаккили дохилигурӯҳӣ дар раванди таълим (бо назардошти хусусиятҳо ва дараҷаи инкишофи шахсият дар давраи наврасӣ) механизмҳои гуманизатсияи ҳамкориҳои байнишахсиро «фаъол кардан» ва самаранок истифода бурдан мумкин аст.

3. Дар низоми ягонаи муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ, гуманизатсияи онҳо дар ягонагӣ бо рушди раванди хештансозӣ имконпазир аст.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ солҳои 2016-2023 дар чор марҳила гузаронида шуд.

**Дар марҳилаи аввал (солҳои 2016-2017)** – таҳқиқ ва таҳлили сарчашмаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мавзуи таҳқиқот гузаронида шуд, инчунин, мазмуну моҳияти гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ ошкор карда шуд. Ҳамзамон, методҳо барои корҳои ташхисӣ ва ташаккулдиҳанда ҷамъоварӣ шуда, маводи ибтидоӣ оид ба зоҳиршавии унсурҳо ва механизмҳои ташаккулёбии шахсият дар синни наврасӣ ҷамъоварӣ карда шуданд.

**Марҳилаи дуввум (солҳои 2017-2019)** – омӯзиши назария ва амалияи ташаккулёбии шахсияти наврасон. Омода кардани маводи таҷрибавӣ ва гузаронидани озмоиши муқарраркунанда барои муайян кардани дараҷаи иддао, худбаҳодиҳӣ, муносибатҳои байнишахсӣ ва дараҷаи эмпатия (ҳамдардӣ). Тамоми натиҷаҳои таҳқиқоти ташхисӣ мавриди коркарди оморӣ қарор дода шуданд.

**Дар марҳилаи сеюм (солҳои 2019-2022)** – озмоиши ташаккулдиҳанда гузаронида шуд. Таъсири механизмҳои интихобшудаи иҷтимоӣ-психологии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасон дар шароити махсус ташкилшудаи таълимӣ омӯхта шуд. Дар ин марҳила, дар асоси таҳлили натиҷаҳои ташхиси психологӣ методҳои кори инкишофдиҳӣ ва психотерапевтӣ интихоб ва истифода бурда шуданд, ки ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ ва хештансозӣ дар давраи наврасӣ нигаронида шудаанд. Истифодаи методҳои омори математикӣ имкон дод, ки доир ба самаранокии озмоиши инкишофдиҳанда хулоса бароварда шавад.

**Марҳилаи чорум (солҳои 2022-2023)** – марҳилаи хотимавӣ. Дар ин марҳила ҷамъбасткунӣ, коркард ва ба низом даровардани натиҷаҳои таҳқиқоти гузарондашуда сурат гирифт.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Заминаи назариявӣ ва методологии таҳқиқотро ташкил медиҳанд: консепсияи рушди фарҳангӣ-таърихии функсияҳои олии психикӣ доир ба давраи сензитивии ташаккулёбии самти гуманистии рафтор (Л.С.Виготский)[12]; назарияҳои гуманистии шахсият, ки моҳияти раванди хештансозӣ ва инкишофи шахсиятро ошкор мекунанд (А. Маслоу, К. Роҷерс, Р. Мэй, В. Франкл, Д. Буҷентал); раҳёфти интегративӣ, ки дар он психикаи инсон ҳамчун низоми бисёрсатҳаи худтанзимкунандаи барои ҳамкорӣ бо чунин низомҳо омодабуда баррасӣ мешавад (В.В.Козлов)[13]; консепсияҳои психологию педагогӣ дар бораи ташаккулёбии равияи шахс дар фаъолият ва муошират (А.Н. Леонтев, Л.И. Божович[14] ва дигарон); дар бораи аҳаммияти пешбаранда доштани муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасон (Д.Б. Элконин[15] ва дигарон); назарияи таъсири мутақобилаи унсурҳои амалиётӣ ва шахсии фаъолият дар раванди ташаккулёбии онҳо (Б. М. Ҳамза).

---

[12]Выготский Л.С. Собр. соч.: В 6 т.- М.: Педагогика, 1984. - Т. 4. - 432 с.
[13] Козлов В.В. Интегративная психология: пути духовного поиска, или освящение повседневности. – М.: Психотерапия, 2007. – 520 с. Козлов В.В. Социальная работа с кризисной личностью. – Ярославль, 1999. – 195
[14] Леонтьев А. А. Психология общения. - 2-е изд., испр. и доп. - М.: Изд.центр «Академия», 2004. – 352 с. Божович Л.И. Проблемы формирования личности. – М.: МПСИ, 1997. – 352 с
[15] Эльконин Б.Д. Введение в психологию развития. - М., 1995 - 380 с.

Дар таҳқиқот методҳои умуминазариявӣ (таҳлили адабиёт, муқоиса, аналогия ва абстраксиянамоӣ); эмпирикӣ (анкета, суҳбат); ташхисӣ (тестгузаронӣ) истифода бурда шудаанд, ки ягонагии ташхиси психологиро таъмин намуданд. Дар рафти таҳқиқот методикаи таҳқиқи дараҷаи иддао (методи Шварсландер); методикаи омӯзиши худбаҳодиҳӣ (методикаи С.А.Будасси); методикаи таҳқиқи дараҷаи майл ба эмпатияи И.М. Юсупов; методи ташхиси муносибатҳои байнишахсии (DIR) Т. Лири (варианти мутобиқгардонидаи Л.Л. Собчик) истифода шуданд.

Инчунин, аз методҳои коркарди математикӣ ва методҳои оморӣ (омори тавсифдиҳанда) истифода карда шудааст. Барои коркарди оморӣ аз меъёрҳои Стюдент, таносуби таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ бо истифода аз Н–меъёри Крускал-Уоллис ва коэффитсиенти коррелятсияи дараҷабандии Спирмен истифода шуда, коркарди маълумотҳои бадастовардашуда бо воситаи барномаи компютерии IBM SPSS Statistics 20 ба роҳ монда шудааст.

**Сарчашмаи маълумотро** осори фалсафию таърихӣ ва психологию педагогӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи соҳаи маориф, аз қабили қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияҳо ва стратегияҳои давлатӣ, барномаҳои мақсадноки давлатии рушди соҳаи маориф ва илм, низомномаю дастурамалҳо, инчунин, таҷрибаи пешқадами психологӣ-педагогии омӯзгорон ташкил медиҳанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот:** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро муносибати амалии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо объекти таҳқиқшаванда: омӯзиши адабиёти илмӣ-методии марбут ба мавзуъ; баргузории корҳои озмоишӣ, маҷмуи усулҳои гуногун, ташкил ва гузаронидани озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда; таҳлилу ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни озмоиш бадастомада ташкил медиҳад. Таҳқиқоти эмпирикӣ дар чаҳор марҳила сурат гирифт: ташхисӣ, муқарраркунанда, таълимӣ ва назоратӣ. Корҳои озмоишӣ дар се гурӯҳи озмоишӣ ва се гурӯҳи назоратӣ гузаронида шуда, 275 нафар кӯдакону

наврасони аз 10 то 15-соларо фаро гирифт. Ҳама озмудашавандаҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Ашт таҳсил мекарданд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти озмоишӣ дар машғулиятҳои озмоишгоҳи "Маркази машварати психологӣ ва рушди қобилиятҳои зеҳнии Заковат", ки дар назди кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров", таъсис дода шудааст, гузаронида шуд, инчунин, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №12 ва Гимназияи №24-и шаҳри Хуҷанд ва №13 ва №61-и деҳаи Хиштхонаи ҷамоати Понғози ноҳияи Ашт сурат гирифт.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки

- бори аввал механизми гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар давраи наврасӣ ошкор карда шуд;
- шароитҳои психологии таъминкунандаи самаранокии ин механизм муайян карда шуданд;
- меъёрҳо ва дараҷаҳои ташаккулёбандагии равияи гуманистии шахсияти наврас дар раванди муносибатҳои байнишахсӣ муқаррар карда шудаанд;
- динамикаи инкишофи раванди мустақилият дар зери таъсири механизмҳои гуманизатсия муқаррар карда шудааст;
- дар доираи озмоиши ташаккулдиҳанда барномаи тренинги "Гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ" таҳия ва амалӣ карда шуд, ки ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ нигаронида шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

1. Ҳамгироии механизмҳои психологии инкишоф додани шахсият имкон медиҳад, ки механизми гуманизатсияи ҳамкории байнишахсӣ ҳамчун омили асосии худвоқеиятбахшии наврас дар ҷомеа ҷудо карда шавад.

2. Дар низоми ягонаи инкишофи шахсияти наврас, раванди шаклгирӣ ва инкишофёбии мустақилият, ҳамчун навташкилаи низомофар амал

мекунад. Нақши он аз давраи наврасӣ то ҷавонӣ афзуда, муваффақияти худмуайянкунии касбӣ ва иҷтимоишавиро муайян мекунад.

3. Равияи шахс ҳамчун як падидаи махсуси психологӣ, аз рӯйи вазифаҳои худ, дараҷаи ҳамгирой бо дигар хосиятҳои низомофари шахсият ва механизмҳои ташаккулёбӣ беназир буда, барои омӯзиши он татбиқи раҳёфти нави полипарадигмавӣ дар асоси ҳамгироии раҳёфтҳои назариявӣ ва методологӣ (назарияи фарҳангӣ-таърихӣ, назарияи муносибатҳо, раҳёфти субъектӣ-фаъолият, раҳёфти системавӣ ва психологияи гуманистии шахсият) зарур аст.

4. Натиҷаи интегративии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ, дар ҳамбастагӣ бо худвоқеиятбахшӣ – ин ташаккулёбии сифатҳои худшиносии субъекти қобилияти интихоби бошуурона, фаъол ва мустақилдошта, тобовар ба таъсироти манфии ҷомеа ва дорои симои маънавию ахлоқӣ мебошад.

5. Вазъияти тарбиявӣ ҳамчун механизми гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ, ки бо дарназардошти дараҷа ва хусусиятҳои наврас сохта шудааст, ба фаъолсозии захираҳои субъективии ӯ мусоидат мекунад ва имкон медиҳад, ки раванди худтарбиякунӣ, худидоракунӣ ва худинкишофдиҳӣ тақвият дода шавад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот:**

1. Масъалаи таҳқиқи гуманизатсия дар илмҳои иҷтимоию гуманитарӣ муайян ва асоснок карда шуд.

2. Ҷараёнҳои гуманистӣ дар психология мавриди тафсири дақиқ қарор дода шуданд.

3. Муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасон аз ҷиҳати иҷтимоӣ-психологии тавсиф дода шуданд.

4. Нақши пешбаранда доштани иҷтимоишавӣ ҳамчун омили худвоқеиятбахшӣ дар синни наврасӣ асоснок гардид.

5. Механизмҳои гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар давраи наврасӣ дар асоси интегратсияи раҳёфтҳои гуногуни назариявию методологӣ муайян ва асоснок карда шуданд.

6. Меъёр ва роҳҳои рушди гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсии наврасон зимни машғулиятҳои таълимӣ ва кори иҷтимоию психологӣ оид ба гуманизатсияи раванди муносибатҳои байнишахсӣ ошкор гардид.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот:**

1. Натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот бадастовардашуда, хулосаю тавсияҳои дар асоси онҳо пешниҳодшударо дар раванди таълим, дар озмоишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, дар ҳалли масъалаҳои инкишофи шахсияти наврас ва такмили раванди таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна, машваратҳои оилавӣ ва марказҳои офиятбахшӣ истифода бурдан мумкин аст.

2. Барномаи таҳиягардидаи инкишофдиҳандаи «Гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасон» метавонад дар байни омӯзгорон, волидайн ва наврасон ҳамчун воситаи таълимӣ ва амалӣ дар раванди ба роҳ мондани ҷанбаҳои бунёдии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар раванди иҷтимоишавӣ ба таври васеъ истифода карда шавад.

3. Курсҳои нави таълимию методии «Назарияи шахсият», «Психологияи синнусолӣ», «Психологияи тафриқавӣ», «Психологияи педагогӣ», «Асосҳои ташхиси психологӣ», «Психологияи гуманистӣ», ки барои донишҷӯёни зинаи бакалавр ва магистрантон аз рӯйи ихтисоси «Психология» коркард шудаанд, метавонанд дар ҷараёни таълим мавриди истифода қарор гиранд.

4. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун фанни интихобӣ метавон омӯзиши курси махсуси «Асосҳои психологии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ»-ро ҷорӣ намуд;

5. Методикаҳои модификатсияшударо метавон дар ташхиси психологӣ ба таври васеъ истифода бурд.

**Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дурустӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асосонокӣ ва саҳеҳии усули методологӣ ва назариявӣ, маводи густурдаи кофӣ ва бисёрҷанбаи озмоишӣ, ки ба ҳаҷм, ҳадафҳо, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ аст, бо давомнокии дахлдори озмоиши матлабҳои назариявӣ ва амалӣ, ҳамчунин, бо имконпазир будани такрори санҷиши психологӣ, ки барои таҳлили сифатӣ ва миқдории натиҷаҳои он имкон медиҳад, кофӣ будани сарчашмаҳои истифодашуда, асоснокии истифодаи усулҳои озмоишӣ ва аҳаммияти омории маълумоти бадастомада таъмин гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ, аз ҷумла, ба банди 30 – сохтори шахсият; масъалаи тафовути инфиродӣ ва типологияи шахсият; соҳаи маънавию ахлоқии шахсият; таносуби олами ботинӣ ва берунии инсон; равияи шахс, самтёбиҳои ҳаётӣ ва арзишнок; худшиносӣ ва худбаҳодиҳӣ; образи «Ман»; худмуайянкунии шахс; кирдор ҳамчун категорияи шахсиятӣ; қувваҳои ҳаракатдиҳандаи инкишофи шахс; худамалисозии шахс; такомули шахсият; эътидол ва патологияи шахс; солимии психологии шахс; банди 35 – психологияи муносибатҳо; психологияи мақсадгузорӣ мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб аз муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва таҳвили иттилооти бадастоварда иборат мебошад. Ҳолатҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи довталаб маҳсуб ёфта, дар заминаи таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ ошкор карда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии психологияи умумии Муассисаи

давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар таърихи 11-уми январи соли 2024-ум (протоколи №5 “а”) муҳокима гардида, он пас азислоҳи эродҳои ҷойдошта ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

Аз рӯйи мавзуи таҳқиқ довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои **байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ** (**1.** Роль профессиональной педагогической культуры учителя в повышении качества образования и воспитания в современной школе. Конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалии “Муаммоҳо ва дурнамои рушди илмҳои педагогӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ” (Хуҷанд, 2024), **2.** Психология счастья: как достичь и поддерживать позитивное эмоциональное состояние. Маводи конференсияи байнал-милалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи: “Саноатикунонии рақамӣ ва рушди энергетикӣ аз нигоҳи олимону муҳаққиқон” (Душанбе, 2024), **3**. Рушди равандҳои маърифатӣ тавассути таҳлили психологии адабиёти бадеӣ. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Муаммоҳо ва дурнамоҳои инкишофи илмҳои педагогӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ” (Хуҷанд, 2024), **4**. Взаимосвязь смыслового понимания и чтения художественной литературы. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Муаммоҳои мубрами илми психология дар олами рақамӣ” ( Фарғона, 2024), **5.** Консепсияҳои миллии таҳсилот ва тарбия – санадҳои танзимкунандаи дурнамои рушди соҳаи маориф. Маводи конфронси илмӣ-амалии умумидонишгоҳии “Масъалаи рушди илми психология дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон”(Хуҷанд, 2018) ) иштирок намудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 16 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 8 номгӯ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Мундариҷаи диссертатсия дар 227 саҳифа баён шудааст. Дар диссертатсия 15 ҷадвал, 3 расм ва 5 диаграмма истифода шуда, руйхати адабиёти истифодашуда аз 189 номгӯ иборат аст.

# БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ГУМАНИЗАТСИЯИ ИҶТИМОИЮ ПСИХОЛОГИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИШАХСӢ ДАР СИННИ НАВРАСӢ

## 1.1. Ҷанбаҳои иҷтимоию психологии назарияҳои гуманистӣ дар педагогика

Гуманизм, ки дар шакли идеяҳои инсонпарварӣ ифода ёфтааст, ҳанӯз аз замонҳои қадим тавассути ахлоқ, маънавиёт ва ҳуқуқ ба ҷомеа таъсири воқеӣ мерасонад. Афкори гуманистӣ маҳаки асосии мазмуни умумибашарии маънавиётро ташкил дода, дар шуури ахлоқӣ таҷассум меёбад ва самтбахшандаю танзимкунандаи фаъолияти одамон мегардад. Ин бошад, ба пайдоиш ва инкишофи анъанаҳои инсондӯстӣ дар илмҳои иҷтимоию гуманитарӣ мусоидат намуд.

Ҳангоми муайян кардани шароити ичтимоӣ, психологӣ ва педагогии ташаккулёбии равияи гуманистии шахсияти наврасон дар системаи таълими муттасил мо зарур донистем, ки маънои истилоҳҳои «гуманизм» ва «инсондӯстӣ» ба назар гирифта шавад. Пеш аз ҳама, мо бо истифода аз усули ҷустуҷӯйи луғат ва шарҳи байниилмӣ ба ошкорсозии моҳияти истилоҳи «гуманизм» кӯшиш кардем.

1. Дар адабиёти иҷтимоию психологӣ: «Самти рушдкунандаи афкори иҷтимоӣ, низоми ақидаҳои таърихан инкишофёбанда, ки арзиши инсонро ҳамчун шахсият, ҳуқуқи ӯро ба озодӣ, хушбахтӣ, инкишоф ва зоҳирнамоии қобилиятҳо эътироф намуда, саодатмандии инсонро меъёри олӣ шуморида, принсипҳои баробарӣ, адолат ва инсондӯстиро қобили қабул медонад» [162, с.83].

2. Дар луғати тафсирии забони русӣ «ҳамчун муносибат ба одамон бо муҳаббат нисбати инсон, ғамхорӣ ба саодатмандии ӯ ва эҳтироми шаъну шарафи инсон» тавсиф мешавад [161, с.96-97].

3. Аз мавқеи фалсафа ҳамчун «низоми ақидаҳои таърихан тағйирёбанда, ки арзиши инсонро ҳамчун шахс, ҳуқуқи ӯро ба озодӣ, хушбахтӣ, инкишоф ва зоҳирнамоии қобилиятҳояш эътироф намуда, некуаҳволии инсонро меъёри ниҳодҳои иҷтимоӣ дониста, принсипҳои баробарӣ, адолат ва инсондӯстиро ҳамчун меъёри қобили қабули муносибатҳои байни одамон баррасӣ менамояд» [167, с.130].

4. Аз нигоҳи илми ахлоқ «принсипи ҷаҳонбинӣ (аз ҷумла, ахлоқӣ) дар эътиқод ба беканории имкониятҳои инсон ва қобилияти такмилёбии ӯ, талаби озодӣ ва ҳифзи шаъну шарафи шахс, афкор доир ба ҳуқуқи инсон, бахту саодат асос ёфта, қонеъ гардонидани талабот ва манфиатҳои инсонро мақсади ниҳоӣ, яъне мақсади ҷомеа мешуморад» [160, с. 63].

5. Дар луғати энсиклопедӣ - «эътироф намудани инсон ҳамчун шахсият, ҳуқуқи ӯ ба озодона инкишоф ёфтан ва зоҳир намудани қобилиятҳо, ки саодатмандиро ҳамчун меъёри баҳодиҳӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ муқаррар менамояд» [163, с. 55].

6. Дар илми мантиқ - «ҷаҳонбиние, ки принсипҳои асосии онро муҳаббат ба одамон, эҳтироми шаъну шарафи инсон ва ғамхорӣ нисбати некуаҳволии одамон ташкил медиҳад» [146, с.36].

7. Дар луғати истилоҳоти хориҷӣ - «маҷмуи ақида ва андешаҳое, ки арзиши инсонро сарфи назар аз вазъи иҷтимоии ӯ ва ҳуқуқи шахс ба рушди озоди неруҳои эҷодӣ тасдиқ менамоянд, принсипҳои баробарӣ, адолат ва муносибатҳои инсондӯстонаро дар байни одамон эълон мекунанд» [164, с. 170].

8. Дар луғати психологӣ мафҳуми «гуманизм» ҳамчун «системаи муносибати шахс ба объектҳои иҷтимоӣ (шахс, гурӯҳ, мавҷудоти зинда) фаҳмида мешавад, ки бо меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқӣ муайян шуда, дар шуур дар шакли азсаргузаронии ҳамдардӣ ва ҳамҳиссӣ таҷассум меёбад, дар муошират ва фаъолият ҳамчун мусоидатнамоӣ, шарикӣ ва расонидани кумак амалӣ мегардад» [155, с.21].

Тавре маълум аст, истилоҳи «гуманизм» (лот. humanus - инсондӯстӣ) дар давраи Эҳё (асрҳои XIV–XVII) ҳамчун маҷмуи ақидаҳое ба вуҷуд омад, ки асоси онро эътирофи инсон чун арзиши олӣ ташкил дода, шаъну шараф ва ҳуқуқҳои инсон, озодӣ ва рушди ҳамаҷонибаи ӯро ҳимоя мекунад [29, с. 31].

Инкишофи минбаъдаи истилоҳи «гуманизм» бо фаъолияти идеологҳои давраи инқилоби буржуазии асрҳои XVII-XIX (Ж.Ж. Руссо [177] Ҷ. Локк [80]) алоқаманд аст. Онҳо гуманизмро ҳамчун ҳуқуқи табиии одам барои қонеъ гардонидани талаботи табиати худ, озодии шахсияти инсон медонистанд. И.Кант моҳияти гуманизмро дар он медид, ки барои нафари дигар шахс на восита, балки танҳо мақсад аст [57, с. 349-588].

Мафҳуми «гуманизм» воқеияти иҷтимоӣ-таърихиро ба он дараҷае фаро мегирад, ки вай дар раванди моддикунонии ғояҳои озодӣ, баробарӣ ва бародарии одамон иштирок мекунад. Олимон дар давраҳои гуногуни таърихӣ гуманизмро ҳамчун категорияи ҷаҳонбинии ахлоқӣ баррасӣ кардаанд [118, с.103].

Фаҳмиши муосири ин падида дар тули садсолаҳо ташаккул ёфтааст: гуманизм ин аз лаҳзаи таваллуд эътироф намудани инсон ҳамчун шахси баробарҳуқуқ, сарфи назар аз миллат ва мазҳаб аст, ки барои инкишоф додани қобилияту истеъдод ва сифатҳои ахлоқии худ ҳуқуқ дорад, инчунин, ҳуқуқ дорад, ки ба нафъи инсоният, барои сулҳ ва дӯстии халқҳо ва ғайра заҳмат кашад.

Гуманизм мафҳуми ба таври васеъ паҳншуда аст. Он бисёрҷанба буда, бо ягон чаҳорчӯбаи вақт маҳдуд карда намешавад ва ҳамчун падидаи муҷаррад тавсиф дода мешавад. Бояд гуманизм мисли дигар зуҳурот ҳамчун падидаи мушаххаси таърихӣ, бо дарназардошти омилҳои муайяни иҷтимоию иқтисодӣ, ба таври махсус баррасӣ карда шавад. Гуманизм хислати фитрии инсон аст, ки аз ғаризаи ҳифзи оила сарчашма гирифта, аҳаммияти умумибашарӣ дорад. Бо дарназардошти ин, раванди тарбияро бояд тавре ташкил кард, ки ин хислати модарзодӣ аз байн наравад.

Аз таҳлили адабиёти илмӣ бармеояд, ки, истилоҳи фалсафии «гуманизм» соли 1822 аз тарафи педагоги олмонӣ Ф. Хитаммер расман мавриди корбурд қарор дода шуд. Қаблан истилоҳи «гуманист» истифода мешуд [47]. Аммо муҳаққиқи ватанӣ Ш. Абдуллозода ба ин назар аст, ки «ҳарчанд мафҳуми одамият (гуманизм) дар забонҳои аврупоӣ тозагӣ дорад ва ҳудуди асри XIV ба истифода даромадааст, дар фалсафаи Шарқ он ҳанӯз дар давраи бостон, бо чунин муҳтаво ҳам набошад, маълум ва машҳур будааст. Асоси гуманизми ахлоқиро ҳадди ақал дар таълимоти Конфутсий ба таври возеҳу равшан метавон пайдо кард» [134, с.11].

Мавриди қайд аст, ки масъалаи «гуманизм» бештар дар таълимоти фалсафӣ ва педагогии мутаффакирон дида мешавад.

Баромадҳои оммавӣ ва суҳбатҳои файласуфи Юнони қадим Суқрот, ки ғояи таълими тарбиявиро ба миён гузоштааст, пур аз тасдиқот доир ба арзиши олӣ доштани инсон ҳамчун шахси дорои тафаккур ва ботинан озод мебошанд. Асоси фалсафаи ӯ идеали худшиносӣ ва хештансозӣ буд. Ба гуфтаи Суқрот, раванди таълим танҳо дар сурате воқеан ҳам самаранок ҳоҳад буд, ки дар он муаллим ва хонанда ҳамчун шарики баробарҳуқуқ амал кунанд.

Сухани машҳури Суқрот – «Худро шинос», барои инсон аҳаммияти ошкор кардани на танҳо мазмуни субъективӣ, балки мазмуни объективии шуурро таъкид карда, дар худ на фақат андешаи инфиродии барғалат, балки донишҳои фарогир, ҳатмӣ ва боэътимодеро дар бар мегирад, ки ҳар як шахс ба онҳо боварӣ дорад. Ба ин маънӣ, ӯ ҳам сохти давлатдорӣ, ҳам шахсият ва ҳам категорияҳои неку бад, хушахлоқу бадахлоқ, некиву инсофро, ки пайравӣ аз онҳо инсонро ба саодат мебарад, аз нигоҳи инсондӯстӣ баррасӣ кардааст.

Дар сатҳи иҷтимоию фалсафӣ асарҳои зиёде ба масъалаи гуманизм бахшида шудаанд, ки дар онҳо ақидаҳои инсондӯстӣ ва таҷассуми иҷтимоии онҳо дар таълим инъикос ёфтааст. Дар замони муосир таваҷҷуҳ ба ин мавзуъ

аз он ҷиҳат муҳим аст, ки нақши асоснокнамоии фалсафии гуманизм дар шароити навсозии ҷомеа ва ба вуҷуд омадани афкори нави педагогӣ ба таври рӯзафзун боло меравад.

Идеяи гуманистӣ дар давраи Эҳё босуръат инкишоф ёфта, ба консепсияи илмии таълим ворид карда шуд. Дар афкори педагогии мутафаккирони давраи Эҳё (Гуарино Веронезе, Витторино де Фелтре, Франсуа Рабле, Томас Мор, Томазо Кампанелла, Эразм Роттердамский, Мишел де Монтен ва дигарон) идеяи «таълими озод» ба миён гузошта шудааст. Моҳияти он «таълиму тарбияе буд, ки ба инкишофи ҷисмонию маънавии инсон мусоидат карда, ӯро ба саодат мебарад» [87, с.7]. Маҳз ҳамон вақт намунаи инкишофи ҳаматарафаи мутаносиби шахсият пешниҳод карда шуд.

Дар педагогикаи умумӣ раҳёфтҳои гуногуне вуҷуд доранд, ки дар онҳо истилоҳи «гуманизм» бо маъноҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Таърих гувоҳ аст, ки дар марҳилаҳои гуногун афкори педагогӣ барои мустаҳкам намудани пояҳои ахлоқии таълим ва тарбия ҳамеша ба афкори инсондӯстӣ рӯ меовардааст. Пешрафти мактаби муосир маҳз бо рушди фарҳанги башардӯстона ва ба инсон нигаронидани таълим, муҳити иҷтимоӣ, муносибатҳои волидайнӣ ва худи шахсият алоқаманд аст. Анъанаи гуманистӣ дар педагогика таърихи дуру дароз дорад. Он дар умқи педагогикаи халқӣ тавлид шуда, табиатан дар эҷодиёти мутафаккирон ва рассомони бузург, омӯзгорону инсонгароёни барҷаста ташаккул ёфтааст. Ҳосили онро метавон аз ёдгориҳои адабӣ, фолклор ва назарияҳои педагогӣ пайдо кард. Ҳанӯз дар асрҳои V-VII-и пеш аз милод, дар давраи «инқилоби маданӣ» идеяҳои васеъ намудани озодиҳои шахсии шаҳрвандон ва дар маркази диққати ҷомеа гузоштани манфиатҳои шахс ба майдон омада буданд. Аввалин бор софистҳо кӯшиш намуданд, ки «масъалаи инсонро танҳо барои худи ӯ ва ба хотири зиндагии ӯ ҳал кунанд» [70, с. 40].

Педагогҳои давраи Эҳё даъват мекарданд, ки бояд дар раванди таълим хусусиятҳои психологии бачаҳо ва шавқу ҳаваси онҳо ба эътибор гирифта шаванд. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки барои шавқовар шудани раванди таълим низоми қатъии мактаби асримиёнаро рад карда, ба ҷазои ҷисмонӣ муносибати манфӣ доштанд ва ба эҳтироми калонсолон бартарӣ медоданд.

Афкори гуманистӣ ҳамчун даъвати ҳарисона ба инсонгароӣ бо рушди тамаддуни башарӣ инкишоф ёфта, ғанӣ гашт. Афкори пешбарандаи гуманистии педагогҳои демократро метавон бо як ибораи мухтасар, яъне бо маорифи умумихалқӣ тавсиф кард.

Ҳанӯз дар солҳои 30-юми асри XVII андешае роиҷ буд, ки «ба мактаб на танҳо фарзандони сарватманд ё ашрофзодаҳо, балки умуман ҳама – ашрофзодаҳо ва одамони на он қадар муътабар, бой ва камбағал, писарону духтарон дар тамоми шаҳрҳо ва шаҳракҳо, деҳаҳо ва рустоҳо» фаро гирифта шаванд [65].

Дар ибтидои китоби «Дидактикаи бузург» Я.А. Коменский таъкид карда буд, ки илм дар бораи таълиму тарбия барои волидайн ва омӯзгорон судманд аст, то заҳмату вақти онҳо барабас наравад ва «барои хонандагон, то онҳо тавонанд бе заҳмати зиёд, бидуни дилтангию доду фарёд ба қуллаҳои илм бирасанд. Илмро тавре бояд идора кард, ки гӯё бозӣ ва шӯхӣ мекарда бошем» [65, с.87]. Я.А. Коменский гуманизмро «барангехтани ташнагӣ ба дониш ва саъю кӯшиши бошиддат ба таълим» номида, усулҳои дастрас кардани онро чунин пешниҳод карда буд: ба ҳам мувофиқ омадани муфид ва гуворо, тарбияи кунҷкобӣ дар кӯдакон, инкишофи «мустақилият дар мушоҳидакорӣ, амалия ва истифодаи донишҳо». Ӯ таълимеро пешниҳод кард, ки дар он ҳама чиз бояд «муттаҳид, ҳақиқӣ, бо некхоҳию шодмонӣ ва муфид» бошад [65, с.94].

Ҳамаи гуманистони бузург, ба монанди Я.А. Коменский, Ж.Ж. Руссо, Л.Н. Толстой, А. Кунанбоев, И. Алтинсарин, К.Д. Ушинский, С.Т. Шатский, А.С. Макаренко, В.А. Сухомлинский ва дигарон беистисно ба фаъолияти

амалии педагогӣ машғул буданд ва мақсаду мароми онҳо сабук кардани заҳмати бачаҳои камбизоат ва нодор буд. Ҳар яки онҳо ба таври худ афкори инсонпарвариро дар таълиму тарбия амалӣ намуда, назар ва мавқеи педагогии худро доштанд.

И.Г. Песталотсий бори нахуст дар педагогика кӯшиш намуд, ки сирри «механизм»-и тарбия ва тарзи ташаккули шахсиятро ошкор кунад. Ӯ принсипи асосии тарбияи табииро пешниҳод кард, яъне ҳаёт худаш ҳама чиро танзим мекунад. Ҳаёти худи кӯдак ин роҳи табиии тарбияи ӯ аст: таълим, ташаккул, инкишоф. Худи инсон табиатан тавоноии инкишоф додани неруи зеҳнӣ ва тафаккурро тавассути амалҳои фикрӣ ва қобилияти ҳунармандӣ, яъне амалан ба кор бурдани онҳо ва машқ карданро дорад. Сифатҳои ахлоқӣ, яъне ишқ ва боварӣ танҳо дар сурате инкишоф меёбанд, ки шахс онҳоро дар амал нишон диҳад, яъне амалӣ кунад ва тармин диҳад. Ягона роҳи инкишоф ва ташаккул додани хислатҳои шахсият машқ кардан, яъне дар амал татбиқ намудани онҳо аст, қайд мекунад муаллифи «Таронаи қувон» [87, с.55].

К.Д. Ушинский заҳматҳои Песталотсийро ба дараҷаи баланд қадр карда, ӯро падари педагогикаи муосир ва аввалин муаллими халқӣ номида буд. К.Д. Ушинский қариб панҷ сол системаи мактабҳои Олмон, Белгия, Италия, Фаронса ва махсусан Швейсарияро омӯхтааст [91, с.57].

К.Д. Ушинский мусоидат кардан ба инкишофи маълумоти ибтидоӣ ва таҳияи китобҳои дарсиро барои синфҳои ибтидоӣ вазифаи асосии худ медонист, вале ба нақшаҳои хаёлпарастонаи пешгузаштагони бузурги худ мувофиқ набуд. Ӯ муътақид буд, ки на педагогика ва на педагогҳо, балки худи халқ ва бузургони он роҳро ба сӯйи оянда мекушоянд ва таърихро менависанд: «тарбия танҳо бо ҳамин роҳ пеш меравад ва дар ҳамгироӣ бо дигар қувваҳои ҷомеа амал карда, ба одамони алоҳида ва насли наврас кумак мекунад, ки бо ин роҳ пеш раванд» [116].

Дар педагогика нуқтаҳои ибтидоии пешниҳоднамудаи К.Д. Ушинский бисёр маъруф аст: инкишоф додани мустақилияти хонандагон, дар онҳо тарбия намудани қобилият ба омӯзиш. Бояд гуфт, ки мустақилияти хонандагон ҳамчун принсипи педагогӣ бори аввал дар давраи Эҳё мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Аз ҷумла, Мишел де Монтен, бо назардошти талаботи замони худ, зарурати инкишоф додани мустақилият ва фаъолии бачаҳоро пешниҳод намуда буд. «Тарбиятгар, – таъкид мекард ӯ, – набояд дониши тайёрро ба шогирд диҳад, ӯ танҳо шогирдро таҳрик медиҳад, ба ӯ ёрӣ мерасонад, ӯро ба кори мустақилона водор мекунад» [116, с.67].

Я.А. Коменский дар рӯварақаи «Дидактикаи бузург» навиштааст: «Алфа ва омегаи дидактикаи мо пайдо ва ошкор намудани усулест, ки дар он муаллим камтар таълим диҳад ва хонандагон бештар омӯзанд» [65, с.176].

Ба ин монанд К.Д. Ушинский таъкид мекунад: «мураббӣ ба талаба дар рафъи душвориҳо ҳангоми фаҳмидани ин ё он фанни мушаххас бояд танҳо кумак кунад, таълим надиҳад, балки танҳо дар омӯзиш ёрӣ расонад» [116, с.45].

Принсипҳои педагогикаи гуманистиро, ки ҳоло маълуманд, дар илм, педагогика ва амалияи педагогӣ тасдиқ кардан хеле душвор аст. Тақдири педагогии муаллифони онҳо ва тақдири худи ин назарияҳо хеле печида аст. Дар соҳаи донишҳои педагогӣ «Назарияи таълими ибтидоӣ»-и Генрих Песталоссий, «Назарияи инкишофи шахсият»-и Константин Ушинский, «Назарияи таълими тарбиявӣ»-и Фридрих Гербарт, «Назарияи тарбияи коллективӣ»-и А.С. Макаренко пайваста ба назар мерасанд, ки бо зарурати таъхирнопазирии такмили амалияи педагогӣ алоқаманд мебошанд [91, с. 46].

Педагоги ватанӣ М.Э. Яхшибоева дар кори худ асосан ба масъалаи омӯзиши гуманизатсияи таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон диққати ҷиддӣ додааст. Ба ақидаи муаллиф муносибатҳои гуманистӣ ҷузъи муҳимми таркибии ҳаёту фаъолияти одамон буда, асоси муносибатҳои ҷамъиятӣ ба шумор мераванд ва ташаккули муносибатҳои

гуманистӣ азнавсозии дарозмуддати асоси ҳаёти ҷамъиятиро талаб мекунад. [189].

Ҷамъбасти таҷрибаи педагогӣ, омӯзиши анъана ва робитаҳое, ки дар он ба назар мерасанд, ҳамчунин истифодаи онҳо барои ташаккули шахсият, заминаи шаклгирии педагогикаро ҳамчун илм дар бораи қонунҳои тарбия ташкил медиҳанд. Аз ибтидои ҷудошавии донишҳои илмии педагогӣ масъалаи мавҷудияти илми махсус доир ба тарбия ба миён гузошта шудааст. Аҷиб аст, аммо аввалин шуда К.Д. Ушинский, ки бо ҷамъбаст ва аз ҷиҳати педагогӣ шарҳ додани маълумоти илмҳои инсоншиносӣ машғул буду ба педагогҳо дастури илмӣ медод, ин саволро мегузорад ва худаш ба он ҷавоби манфӣ медиҳад. Китоби ӯ – «Инсон ҳамчун объекти тарбия» (Таҷрибаи антропологияи педагогӣ), дар таҳкурсии донишҳои илмии педагогӣ, ки инсонро аз ҳама ҷиҳат ошкор месозанд ва ба ин васила барои табияи ӯ заминаҳои педагогиро ба вуҷуд меоваранд, санги асос маҳсуб меёбад [117, с.64].

Моҳиятан ҳамаи назарияҳои педагогикаи гуманистӣ, ки дар боло мавриди баррасӣ қарор гирифтанд ва таҷрибаи педагогҳои гуманист ба барҳам додани зиддиятҳои дар байни системаи куҳнашудаи педагогӣ ва талаботи имрӯзаи гуманизатсияи раванди педагогӣ ва умуман, тамоми системаи тарбияи ҷамъиятӣ равона шудаанд.

Ба инкишофи идеяи гуманистӣ дар педагогика оммавӣ гардонидани лоиҳаи «Эъломияи ҳуқуқи кӯдак» дар ибтидои асри XX аз тарафи К.Н. Вентсел ва асарҳои ӯ «Мубориза барои мактаби озод», «Роҳҳои нави тарбия ва таълими кӯдакон», «Этика ва педагогикаи шахсияти эҷодкор» ва ғайра, ки ҳуқуқи ҳар як шахсро ба рушди озодонаи қобилият ва истеъдоди дар ӯ мавҷудбуда, ҳуқуқ ба таълим ва тарбия мувофиқ ба хусусиятҳои фардии шахсият таъкид менамоянд, такони бузург бахшиданд. Танҳо дар соли 1947 Ассамблеяи Генералии СММ «Эъломияи ҳуқуқи кӯдак»-ро қабул кард. Мувофиқи ин ҳуҷҷат, тамоми раванди инкишофи мактаб «танҳо аз он иборат

аст, ки бача аз истисмори берунӣ ва дохилӣ тадриҷан озод карда шуда, ба ӯ имконият дода шавад, то тамоми ҷанбаҳои табиат ва фардияти худро бе монеа инкишоф диҳад» [125].

Андешаи К.Н. Вентсел, ки кӯдак моликияти давлат ё ҷомеа нест ва дар дасти ҳокимияти давлатӣ ё ҳизби сиёсӣ набояд ҳамчун абзор барои расидан ба ҳадафҳои муайяне истифода шавад, ки ба некуаҳволии ӯ ҳамчун шахси мустақил ҳеҷ иртиботе надоранд, ба замони мо мувофиқат мекунад.

Изҳороти зерини К.Н. Вентсел ҳамчун намунаи ошкор ва бартараф кардани зиддияти бузурги педагогӣ, ки барҳам задани он ба гуманизатсияи системаи таълим мебарад, баромад мекунад: «Принсипи қудрати мутлақи насли ҳозира бар оянда бояд коҳиш дода шавад. Насли имрӯз бояд масъулияти воқеии худро дар назди насли оянда дарк намояд, бифаҳмад, ки ин вазифаҳо на дар ташаккул додани насли ҷавон дар мувофиқа бо идеалҳои он ва бо ин мақсад истифода бурдани қудрати дар дасташон буда, балки дар он ифода меёбад, ки аз қудрати худ даст кашида, ба кӯдак озодии пурра ва кафолати ҳаётро дода, ба ӯ имконият диҳанд, ки худро озодона ва эҷодкорона ташаккул диҳад» [34].

Педагоги машҳур П.П. Блонский таъсис додани мактаби навро ҳамчун мактаби «афкор, инсондӯстӣ ва шеър барои кӯдак» асоснок кардааст, ки ташаббусҳои ҳаваскоронаи ӯро инкишоф дода, «эҷодкорӣ ҳаёти нави инсон»-ро месозад. Ба андешаи П.П. Блонский, мактаби нав бояд мактаби ҳамкорӣ, мактаби тарбияи кӯдаке бошад, ки ба моҳияти кор, ҳақиқат ва одамон сарфаҳм меравад [165]. Ӯ даъват мекард, ки на мактаб, балки фарзандони худ, на китобҳоро дар бораи воқеият, балки худи воқеиятро дӯст доред, ҳаётро ба таълим кам накарда, таълимро ба ҳаёт васеъ кардан лозим аст [34, 250-251].

Як қатор андешаҳои навоварона дар педагогика ба А.С. Макаренко мансубанд. Аммо, андешаи асосӣ он буд, ки ӯ қонуни тарбияро кашф кард. Ин қонунро баъд аз марги А.С. Макаренко, шогирдаш И.Ф. Козлов ҳамчун

ғояи ягонагии тарбия ва ҳаёти кӯдакон ва қонуни амали ҳамрадиф бандубаст намуд. А.С. Макаренко мафҳуми нав – «техникаи педагогӣ»-ро пешниҳод карда, ба методологияи педагогӣ асос гузошт. Бозёфти муҳимми дигар ин ташаккул додани технологияи педагогӣ мебошад, ки ба шарофати он ғояи инсонпарварӣ ба дараҷаи олии рушди худ расид.

Худи Антон Семенович Макаренко қайд мекунад: «вақте мо як нафарро тарбия мекунем, бояд дар бораи тарбияи тамоми коллектив фикр кунем. Дар таҷриба ин ду вазифа танҳо якҷоя ва танҳо бо усули умумӣ ҳал карда мешаванд. Ҳар лаҳзаи таъсири мо ба шахс бояд таъсир ба коллектив бошад ва баръакс, ҳар як таъсиррасонӣ ба коллектив тарбияи ҳар як одам аст, ки аъзои ин коллектив мебошад» [82].

Маънои олии гуманизми муаллим дар ҳамин аст: одам танҳо нест, ӯро пазириш ва дастгирии коллектив ҳифз мекунад, ӯ ба масъулияти маънавии коллектив барои ҳар як нафар ва тамоми ҷамъияти демократӣ шарик аст. Мувофиқи системаи А.С. Макаренко, гуманизми тарбия дар шароити кунунӣ хеле муҳим буда, раванди гуманизатсияи ҷомеа равона кардани диққатро ба ҳар як нафар ва махсусан, ба одамони дорои тақдири душвор, ба ҳар як шахсе, ки ба офиятбахшӣ (маънавӣ, ҷисмонӣ ва иҷтимоӣ) эҳтиёҷ дорад, талаб мекунад.

Педагоги барҷастаи шуравӣ В.А.Сухомлинский тамоми ҳаёти худро барои сохтани мактаби «ба инсондӯстӣ равонашуда» бахшид, ки дар он дониш инсонмеҳвар аст. Ӯ «ғояи озодиро ҳамчун воситаи худидоракунӣ» таҳия кардааст. Барои ӯ «озодӣ ин «интихоби эҷодкорона» барои эҷод кардани ҳаёти худ» ва «интихоби бошууронаи роҳи зиндагӣ» аст [165]. Мавсуф ба таври боварибахш нишон дод, ки моҳияти табиӣ ва ҷамъиятии инсонро аз ҳам ҷудо кардан мумкин нест. Танҳо ягонагии мутаносиби онҳо бо фарогирии тамоми ҷузъҳои таълим имкон медиҳад, ки ҷомеа яклухтии рушди шахсиятро таъмин намояд. Ин мавқеъгирии В. А. Сухомлинский дар педагогикаи гуманистии ӯ яке аз нуқтаҳои калидӣ мебошад. Педагоги

навовар ба идеяи Я.А. Коменский, ки онро Руссо ва Песталотсий ғанӣ гардонидаанд, такони тоза бахшид, яъне ҳадафи таълиму тарбия инкишоф додани «истеъдодҳои табиӣ»-и кӯдакон, таъмини рушди табиӣ ва ошкор кардани имкониятҳои онҳо аст.

Олими ватанӣ М. Давлатов рушди психикии шахсро муҳим арзёбӣ намуда, ба масъалаҳои асосии тарбияи фарзанд, таълиму тарбияи навраси инсондӯст, таҳаммулпазир, эҳтиромгузор ба намояндагони миллату мазҳаби гуногун аҳаммияти ҷиддӣ медиҳад. Меҳнати муаллиф дар ҳошияи андешаҳои мутафаккир, файласуф, маорифпарвар ва исломшиноси маъруфи ҷаҳонӣ Фатҳулло Гюлен навишта шудааст, дар бунёди оилаи солиму пойдор ва таълиму тарбияи шахсияти наврас дар рӯҳияи инсондӯстӣ ва хайрандешӣ хизмати шоиста мекунад [51].

Ба инкишофи афкори гуманистӣ дар педагогика асарҳои Е.В. Бондаревский, Л.Ю. Гордина, В.М. Коротов, В.Т. Лихачев, А.С. Макаренко, М.И. Мухина, Ю.П. Соколникова, Н.Е. Шурков ва дигарон таъсири назаррас гузоштаанд. Таҳлили рушди консепсияҳои гуманистӣ инъикоси худро дар асарҳои педагогҳои хориҷӣ Б.Л. Вулфссон, Л.М. Данилова, З.А.Малкова ва дигарон ёфтааст.

Дар умқи педагогикаи шуравӣ педагогикаи гуманистӣ ба вуҷуд омад ва инкишоф ёфт. Ин соҳаи педагогика ба бартараф намудани монеаҳое, ки дар байни муаллиму хонанда вуҷуд доранд ва ба роҳ мондани ҳамкории созандаи онҳо равона шудааст. Хонандагон якҷо бо омӯзгорон вазифаҳои умумии ҳаётан муҳимми амалӣ ва тарбиявию таълимиро барои беҳтар кардани ҳаёти худ ва атрофиён ҳал мекунанд.

Педагогикаи гуманистӣ ба маънои маҳдуд ва васеъ фаҳмида мешавад, ки ин фаҳмишҳоро бояд фарқ кард. Ба маънои маҳдуд ин технологияи педагогӣ, маҷмуи усулҳо, аз ҷумла, усулҳои методие мебошанд, ки барои гуманизатсияи таълим истифода мешаванд.

Ба маънои васеъ он идеология ва методологияи педагогика мебошад. Вай танҳо бо барқарор намудани шиорҳои аз ҷиҳати педагогӣ дуруст ва усулҳои самарабахш маҳдуд намешавад. Аҳаммияти он барои назария ва амалияи педагогӣ хеле васеътар аст, зеро идея ва принсипҳояш дар интихоби амсилаи нави таълим ҳамчун асос хизмат мекунанд.

Равияи гуманистӣ пешниҳод менамояд, ки аз истифодаи технологияҳои универсалии педагогӣ худдорӣ карда, бояд онҳоро вобаста ба хусусиятҳои инфиродии наврас тағйир дод. Дар назар доштан лозим аст, ки агар технологияҳои тафовутдошта метавонанд дар доираи як системаи таълимӣ якҷо шаванд, ҳамгиро бошанд ва ҳамдигарро пурра кунанд, пас, амсилаи таълим, ки консепсияи умумии парадигмаи кори муассисаи таълимиро муайян мекунад, бояд ягона бошад. Аммо айни замон интихоби он барои роҳбарони муассисаҳои таълимӣ мушкилии зиёд ба бор меорад.

Масалан, амсилаи мустақилонаи омӯзиш муайян карда шудааст, ки онро М.Н. Берулава интегралӣ номидааст. Ин амсиларо танҳо дар доираи парадигмаи гуманистии маориф амалӣ кардан мумкин аст. Дар алоқамандӣ ба он таносуби интерпсихикӣ ва интрапсихикӣ ба тарзи нав фаҳмида мешавад. Дар ин ҷо нақши субъекти рушди психикӣ дар раванди таълим ва худомӯзӣ ҳамчун омили муҳим баромад мекунад. Ин маънои онро дорад, ки шароити дохилӣ дар дараҷаҳои гуногун ба таъсироти беруна, ки ба он, пеш аз ҳама, таъсироти педагогӣ дохил мешавад, вобастагӣ дорад. Таваҷҷуҳ ба амсилаи интегралӣ аз он бармеояд, ки ҳама гуна мундариҷаи таълим ва дилхоҳ технологияҳои педагогӣ танҳо дар сурате воситаи рушди худшиносии шахс шуда метавонанд, ки агар бо шароити дохилии он робита дошта бошанд [31].

Ин муносибат бо таҷдиди назар кардани нақши ҷомеа ба ҷиҳати афзалияти он барои фард алоқаманд аст. Ҳамин тариқ, дар бораи меъёрҳои инкишофи психикӣ сухан ронда, бояд на танҳо ба меъёрҳои барои ҷомеа зарурӣ диққат дод, балки равона кардани таваҷҷуҳ ба меъёрҳои барои

субъекти маърифат аҳаммиятдошта низ бамаврид аст. Дар баробари ин, маълум аст, ки ҳар ду меъёр ба ҳамдигар таъсири мутақобила доранд.

Амсилаи интегралии таълим аз он бармеояд, ки бояд меъёри интихоби технологияи таълим на танҳо талаботи ҷомеа, балки пеш аз ҳама, хусусиятҳои психологии фард бошад [111, с.79].

Татбиқи амсилаи интегралии омӯзиш канорашавӣ ё аз байн бурдани нақши ҷанбаҳои инфиродӣ, психикӣ ё шахсии омӯзишро истисно мекунад. Ба ин маъно, вай ба амсилаи субъективии таълим мухолиф аст. Пас, метавон бо он муҳаққиқоне, ки мақсади асосии таълимро ташаккул додани дараҷаи баланди зеҳн медонанд, розӣ нашуд. Дар баробари ин, ташаккул додани сифатҳои шахсии одам дуюмдараҷа ҳисобида мешавад. Аммо дарки аҳаммияти ҷанбаи ахлоқии фаъолият ва муошират дар ягонагӣ бо ташаккул додани талабот ба худомӯзӣ ва худтарбиякунӣ заминаи воқеии самтгирии шахс ба сӯйи такмили худшиносӣ мебошад.

Феълан ҳалли ин масъалаи муҳим дар саргаҳи масоили мубрами педагогикаи гуманистӣ қарор дорад. Шахсе, ки зеҳни баланд дорад, аммо дорои арзишҳои ахлоқӣ нест, хеле хатарнок аст. Таърихи ҳама давру замон ба мо мисолҳои даҳшатноки генотсид ва ваҳшониятеро пешниҳод мекунад, ки дар заминаи дастовардҳои илмӣ амалӣ карда шудаанд. Ҳамзамон, муаллифон дар бораи дараҷаи инкишофи зеҳн сухан ронда, одатан тафаккури назариявии калимагӣ-мантиқиро дар назар доранд, зеро маҳз ҳамин нишондиҳанда бо истифодаи тестҳои мавҷудбуда ташхис карда мешавад. Дар баробари ин, аҳаммият доштани инкишофи зеҳни иҷтимоӣ, ки барои мутобиқ шудани шахс ба талаботи ҷомеа ва эҷодкорона амалӣ намудани зарфиятҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад, аксар вақт инкор карда мешавад. Дар ин радиф, арзиши дараҷаи баланди тафаккури амалӣ (зеҳни амалӣ) аз арзиши дараҷаи баланди инкишофи тафаккури назарӣ камтар нест.

Феълан дар илми педагогика мафҳумҳои «гуманизатсияи мактаб» ё «гуманизатсияи маориф» пайдо шуда, бештар мавриди истифода қарор

мегиранд, ки онҳоро муҳаққиқон ба маъноҳои гуногун шарҳ медиҳанд: тағйир додани мазмуни таълим, дар он афзалият додан ба донишҳои инсоншиносӣ ва арзишҳои фарҳанги умумиинсонӣ дар маҷмуъ (дар асл инсонмеҳварӣ), демократикунонии муошırати педагогӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди маънавию психологӣ дар ҳар як мактаб, зарурати ба инобат гирифтани хусусиятҳои фардии хонандагон, таваҷҷуҳ ба соҳаи ҳавасмандгардонии кӯдак, самтгирии гуманистии омӯзгор ва ғайра. Гуманизатсияи таълим ягонагии инкишофи умумифарҳангӣ, иҷтимоӣ-ахлоқӣ ва касбии шахсиятро пешниҳод мекунад. Ин принсипи иҷтимоию педагогӣ таҷдиди назар намудани мақсад, мазмун ва технологияи таълимро тақозо мекунад.

Муҳаққиқи ватанӣ И.Х. Каримова ғояҳои муосирро ҷиҳати коркарди муаммои гуманизатсияи таҳсилот пешниҳод карда, гуманизмро ҳамчун арзиши муҳимтарини фарҳанги ҷаҳонӣ муаррифӣ намудааст. Ба ақидаи муаллиф фанҳои гуманитарӣ дар ташаккули сифатҳои гуманистӣ ва арзишҳои умумиинсонӣ муҳим арзёбӣ мегардад [179].

Бо такя ба таҳлили таҳқиқоти сершумори психологию педагогӣ, мо қонуниятҳои гуманизатсияи таълимро мураттаб месозем.

1. *Таълим ҳамчун раванди ташаккул додани хусусият ва функсияҳои психикӣ ба ҳамкории насли наврас бо калонсолон ва муҳити иҷтимоӣ робита дорад.* Зуҳуроти психикӣ, қайд мекунад С.Л. Рубинштейн, дар раванди ҳамкории инсон бо атроф пайдо мешавад. А.Н. Леонтев муътақид буд, ки кӯдак бо атрофаш дар танҳоӣ ҳамкорӣ намекунад. Муносибати ӯ ба олам ҳамеша тавассути муносибатҳои одамони дигар мегузарад, ӯ пайваста ба муошират (фаъолияти муштарак, муошırати шифоҳӣ ё фикрӣ) ҳамроҳ карда мешавад. Барои аз худ намудани дастовардҳои фарҳанги моддию маънавӣ ва ба талабот («ҷузъиёти фардият»)-и худ табдил додани онҳо, одам бо зуҳуроти олами атроф муносибати муайянро ба роҳ мемонад. Ин раванд вобаста ба функсияҳои худ раванди тарбия маҳсуб меёбад [111, с.14].

2. Дар байни равияҳои гуманистии фаъолият ва рушди системаи маориф яке аз самтҳои асосии он, яъне рӯовариро ба рушди шахсият ҷудо кардан мумкин аст. *Ҳар қадаре инкишофи умумифарҳангӣ, иҷтимоӣ-ахлоқӣ ва касбии шахс мутавозин бошад, ӯ ҳамон қадар озоду эҷодкор мегардад.*

3. *Маориф дархости шахсиро қонеъ мегардонад, агар* ба қавли Л.С. Виготский, *он ба «минтақаи наздиктарини тараққиёт»* нигаронида шуда бошад, яъне ба функсияҳои психикие, ки аллакай дар кӯдак шакл гирифта, барои инкишофи минбаъда омода мебошанд. Ин самт пешбурди чунин мақсадҳои таълимро тақозо мекунад, ки рушди сифатҳои бунёдии дар давраи муайян барои ташаккули шахсият зарурро таъмин кунанд [46, с.274].

4. Имрӯз имконияти воқеӣ фароҳам оварда шудааст, ки шахсро на танҳо бо донишҳои зарури касбӣ мусаллаҳ намоем, балки ба ӯ барои аз худ кардани фарҳанги умумибашарӣ имконият диҳем ва кумак расонем, зеро маҳз дар ҳамин асос рушди ҳаматарафаи шахсро таъмин кардан имконпазир аст. *Ҳамоҳанг будани ташаккулёбии шахсият бо фарҳанги умумибашарӣ ба сатҳи азхудкунии фарҳанги асосии башардӯстӣ вобаста аст.* Бо ин қонуният раҳёфти фарҳангӣ ба интихоби мазмуни таълим робитаи зич дорад. Аз ин лиҳоз, худмуайянкунии шахс дар фарҳанги ҷаҳонӣ хатти асосии гуманизатсияи мазмуни таълим мебошад.

5. Принсипи фарҳангшиносӣ баланд бардоштани мақоми илмҳои гуманитарӣ, таҷдиди назар намудани мазмуни онҳо, ошкор намудани маънавиёт ва арзишҳои умумибашарии онҳоро тақозо мекунад. *Ба эътибор гирифтани анъанаҳои таърихӣ-фарҳангии халқ, ягонагии онҳо бо фарҳанги умумибашарӣ шарти муҳимтарини тартиб додани нақшаю барномаҳои нави таълимӣ мебошад.*

6. Фарҳанг вазифаи худро дар самти ташаккул додани шахс дар сурате амалӣ менамояд, ки инсонро фаъол созад, ба фаъолият водор намояд. *Ҳар қадаре фаъолияти барои шахс аҳаммиятдошта гуногунрангу пурмаҳсул бошад, аз худ намудани фарҳанги умумибашарӣ ва касбӣ ҳамон қадар*

*самарабахштар мешавад.* Фаъолияти шахс маҳз ҳамон механизмест, ки барои табдил додани маҷмуи зуҳуроти беруна ба навташкилаҳои шахс ҳамчун маҳсули инкишоф имконият медиҳанд. Ин аҳаммияти хоса доштани татбиқи раҳёфти фаъолиятро ҳамчун стратегияи гуманизатсияи технологияҳои таълиму тарбия муайян мекунад. Вай имкон медиҳад, ки вазифаҳои педагогӣ ба «маънои шахсӣ»-и фаъолияти инсон табдил дода шаванд.

7. *Раванди инкишофи умумӣ, иҷтимоӣ-ахлоқӣ ва касбии шахс ҳангоми ба сифати субъекти таълим баромад кардани хонанда характери оптималӣ пайдо мекунад.* Ин қонуният шарти ягонагии раҳёфтҳои фаъолият ва шахсӣ мебошад. Раҳёфти шахсӣ пешниҳод мекунад, ки бояд ҳам муаллим ва ҳам хонанда ба ҳар як одам на ҳамчун воситаи расидан ба ҳадафҳои худ, балки ҳамчун ба арзиши мустақил муносибат кунанд. Ин ба омодагии онҳо барои фаҳмидани одами дигар ҳамчун аъзои қобили таваҷҷуҳи ҷомеа ва эътироф кардани ҳуқуқи ӯ барои фарқ кардан аз дигарон, вобастагӣ дорад. Раҳёфти шахсӣ ворид намудани таҷрибаи шахсӣ (ҳиссиёт, таассурот, эмотсияҳо, амалу рафтори ба он мувофиқ)-ро ба раванди педагогӣ тақозо мекунад.

8. *Принсипи раҳёфти диалогӣ табдил додани мавқеи муаллим ва хонандаро ба мавқеи баробарҳуқуқии шахсӣ*, яъне ба мавқеи одамони ҳамкорикунанда пешниҳод мекунад. Чунин дигаргунсозӣ бо тағйир додани нақш ва вазифаҳои иштирокчиёни раванди педагогӣ алоқаманд аст. Муаллим таълим намедиҳад, тарбия намекунад, балки фаъол мегардонад, саъю кӯшишро таҳрик дода, маромҳои хонандаро ба худинкишофдиҳӣ ташаккул медиҳад, фаъолии ӯро меомӯзад, барои пешрафти ӯ шароит фароҳам меорад. Дар баробари ин, бояд пайдарҳамӣ ва динамикаи муайян риоя карда шавад: аз ёрии ҳаматарафаи муаллим ба хонандагон дар ҳаллу фасл намудани масъалаҳои таълимӣ (дар марҳилаи ибтидоии таълим) тавассути фаъолсозии тадриҷии хонандагон ба худитанзимкунии пурра дар таълим ва ниҳоятан ба вуҷуд овардани муносибатҳои ҳамкорӣ (шарикӣ) дар байни онҳо.

9. Худинкишофдиҳии шахс аз дараҷаи ба эҷодиёт равона шудани раванди таълим вобаста аст. Ин қонуният асоси принсипи раҳёфти инфиродӣ-эҷодиро ташкил дода, маромноккунии бевоситаи фаъолияти таълимӣ ва дигар намудҳои фаъолият, ташкил кардани худтаҳрикдиҳиро барои ба даст овардани натиҷаҳои ниҳоӣ пешниҳод мекунад. Ин ба хонанда имкон медиҳад, ки аз дарки инкишофёбӣ ва расидан ба ҳадафҳои худ ҳаловат барад. Мақсади асосии раҳёфти инфиродӣ-эҷодӣ фароҳам овардани шароит барои худвоқеиятбахшии шахс, инчунин, ошкор (ташхис) кардан ва инкишоф додани қобилиятҳои эҷодии худ мебошад. Маҳз ҳамин раҳёфт дараҷаи шахсии аз худ намудани фарҳанги асосии башардӯстиро таъмин менамояд.

10. Гуманизатсияи таълим дар дараҷаи муайян бо татбиқи принсипи масъулияти тарафайни касбӣ-ахлоқӣ алоқаманд аст. *Омодагии ба уҳдаи худ гирифтани ғамхорӣ ба одамони дигар аз тарафи иштирокчиёни раванди педагогӣ дараҷаи ташаккулёбии образи гуманистии ҳаётро муайян мекунад.*

Ҳамин тариқ, ҳамгироии раҳёфтҳои гуногун ба моҳияти гуманизатсияи таълим имкон дод, ки қонуниятҳои асосӣ ва системаи принсипҳои бо онҳо алоқаманд муайян карда шаванд. Таҳлили назариявии қонунҳо ва принсипҳои гуманизатсияи таълим имкон медиҳад, ки на танҳо самтҳои стратегии раванди таълим, балки барномаи тактикии татбиқи мақсадҳои инсонпарваронаи он низ муайян карда шавад.

Мавқеъгириҳои асосиеро, ки тавсифдиҳандаҳои мундариҷаи омӯзиши таҷрибавии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсии наврасонро муайян мекунанд, чунин пешниҳод кардан мумкин аст:

– назари умумӣ ба таълим дар самти дарки амиқтари он ҳамчун раванди фарҳангӣ, ки моҳияташ дар усулҳои инсондӯстӣ ва эҷодии ҳамкории иштирокчиёни он зоҳир мешавад, тағйир меёбад;

– тасаввурот доир ба шахс, ки ба ғайр аз сифатҳои иҷтимоӣ дорои хосиятҳои гуногуни субъективии тавсифдиҳандаи мустақилият, қобилият ба интихоб кардан, рефлексия, худтанзимкунӣ ва ғайра мебошад, тағйир меёбад

ва вобаста ба ин нақши ӯ дар раванди таълим низ тағйир ёфта, таълим ба сифати омили ташаккулдиҳандаи низоми шахсиятсозӣ баромад мекунад;

– муносибат ба хонанда ҳамчун объекти таъсиррасонии педагогӣ таҷдиди назар шуда, ба ӯ мақоми субъекти таълим ва ҳаёти худ дода мешавад. Фароҳам овардани шароит барои инкишоф ва дарки таҷрибаи субъективӣ, хусусиятҳои инфиродӣ-шахсӣ, хислатҳо ва дастгирии педагогии фардияти кӯдакон ҳамчун мақсадҳои асосии таълим баррасӣ мешаванд;

- натиҷаҳои таҳқиқоти охирин оид ба механизмҳои психологии инкишофи шахс ба педагогика фаъолона ворид шуда, талабот пайдо мекунанд.

Ҳамин тариқ, гуманизатсияи таълимро метавон муҳимтарин принсипи иҷтимоию педагогӣ ва психологӣ донист, ки самтгириҳои иҷтимоии муосирро дар фаъолияти системаи маориф инъикос менамояд. Аз рӯйи вазифаҳои мақсадноки худ гуманизатсияи таълим омили рушди бемайлони шахс, ғанигардонии зарфияти эҷодии ӯ, инкишофи қувва ва қобилиятҳои асосии ӯ маҳсуб меёбад. Ин раванд ба инкишофёбии шахс ҳамчун субъекти фаъолияти эҷодӣ нигаронида шудааст. Инчунин, гуманизатсияи маориф тавсифдиҳандаи муҳимми муаллимон ва хонандагон маҳсуб ёфта, ба роҳ мондани муносибати сирф инсондӯстонаро дар байни онҳо пешниҳод менамояд. Ниҳоят, гуманизатсия ҷузъи арзишшиносии тафаккури педагогӣ буда, хусусияти субъективӣ доштани раванди таълимро тасдиқ мекунад. Маънои асосии чунин раванд – ин рушди шахсият ҳамчун ваҳдати шаклгирии умумифарҳангӣ, иҷтимоӣ-маънавӣ ва касбӣ мебошад. Дар заминаи фаҳмиши психологӣ, ба ғайр аз интериоризатсия (интиқол додани таъсиррасониҳои беруна ба ташкилаҳои ботинии шахс), ки қаблан ҳамчун механизми асосии рушди шахсӣ (иҷтимоишавӣ) ҳисобида мешуд, таваҷҷуҳ ба шахсиятсозӣ, худайниятдиҳӣ, кӯшиши худвоқеиятбахшӣ ва дигар механизмҳои инкишофи фардӣ бештар равона карда мешавад [27-41].

Мо «гуманизм»-ро ҳамчун ҷаҳонбинии муайян тавсиф медиҳем; «одамият» ин сифати инсониест, ки идеали инсондӯстӣ маҳсуб меёбад ва «гуманизатсия» равандест, ки ин сифатро ташаккул медиҳад ва ин ҷаҳонбиниро тавсиф мекунад.

Ҳамин тавр, унсурҳои олии ҳама гуна ҷаҳонбинӣ арзишҳо ва идеалҳо ба ҳисоб мераванд. Қабули ин арзишҳову идеалҳо дар принсипҳо, меъёрҳои рафтор ва муносибатҳои байни одамон инъикос ёфта, азхудкунии ин меъёру принсипҳо аз ҷониби шахси мушаххас, оид ба ташаккулёбии сифатҳои мувофиқ ё хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологии ӯ шаҳодат медиҳад.

## 1.2. Генезиси ҷараёнҳои гуманистӣ дар психология

Ғояҳои психологияи гуманистӣ ба ташаккулёбии педагогикаи гуманистӣ торафт бештар таъсир расонида истодаанд. Психологияи гуманистӣ яке аз самтҳои психологияи муосири амрикоӣ мебошад. Ғояи меҳварии психологияи гуманистӣ бо категорияи ягонагии шахсият ва мутлаққунонии он алоқаманд аст. Психологҳои ин самт ба шахсияти солим ва пайваста инкишофёбанда таваҷҷуҳ доранд, ки ҳадафи он худвоқеиятбахшӣ мебошад. Онҳо шахсияти инсонро бо тамоми мураккабию нотакрор буданаш дар маркази таҳқиқоти худ қарор додаанд. Озодии худифоданамоии фард ба сифати баландтарин арзиш арзёбӣ шуда, нуқтаи ибтидоии назарияи психологию педагогӣ дар Ғарб ва тамоми чаҳон маҳсуб меёбад. Маҳз ҳамин мақсадгузориҳо барои гуманизатсияи маориф аҳаммияти ҳалкунанда доранд.

Масъалаи гуманизатсияи таълим дар чор раҳёфти асосии психологӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст: [41, с. 24-29]

1. Раҳёфти табобатӣ, ки пештар аз дигар назарияҳо пайдо шудааст. Психотерапевтҳо бо кӯдакони ба истилоҳ душвортарбия ва дигар категорияҳои хонандагони каҷрафтор кор мекарданд ва карда истодаанд. Тавсияҳои инфиродӣ оид ба омӯзиш таҳия карда шудаанд, ки ба хонандагон барои хубтар истифода бурдани малакаҳои худ дар раванди таълим имконият

медиҳанд. Ба назари мо, сарфи назар аз таъсири мусбат, раҳёфти табобатӣ на танҳо ба гуманизатсияи таълим мусоидат намекунад, балки ин равандро ҳатто хеле суст мекунад. Масалан, дар хонандае, ки мушкилот дорад, ташхиси «табъизшуда», «ақибмонии рушди зеҳнӣ», «вайроншавиҳои эмотсионалӣ»-и гуногун ва ғайра ташхис карда мешавад, ки дар оянда бартараф кардани онҳо хеле душвор аст. Муаллимон ба ин хонандаҳо на ҳамчун ба одами комилҳуқуқ, балки ҳамчун ба объекте муносибат мекунанд, ки категорияи муайяни ташхисиро ифода менамояд, аз кор бо ин хонандагон худдорӣ карда, кӯшиш мекунанд, ки онҳоро ба назди мутахассисони дахлдор равона созанд. Дар воқеъ, мо чунин мешуморем, ки «табъиз»-и ташхисшуда як навъ далели воқеии нотавонӣ ва майл надоштани омӯзгор ба кор бо чунин шогирдон аст. Ба ибораи дигар, раҳёфти табобатӣ баъзе хонандагонро аз дигарон ҷудо карда, робитаи «субъекту объект»-ро бо онҳо мустаҳкам намуда, ба омилҳои дохилипсихикии инфиродӣ мутамарказ шуда, омилҳои муҳити атрофро комилан сарфи назар мекунад.

2. Раҳёфти бихевиористӣ. Аз миёнаҳои солҳои 70-уми асри гузашта то имрӯз ин раҳёфт дар системаи маориф нақши муҳимро мебозад. Саҳми асосии ин раҳёфт таҳияи технологияҳои нави таълим, аз қабили таълими барномарезишуда, тағйир додани рафтор, раҳёфти ба шахсият нигаронидашуда, технологияи иттилоотӣ ва ғайра мебошад. Дар мавриди самаранокии ин технологияҳо дар системаи имрӯзаи таълим ягон ҷойи баҳс нест. Бо вуҷуди ин, онҳо метавонанд барои ноил шудан ба ҳадафҳои тамоман дигар истифода шаванд. Истифодаи ин технологияҳо дар системаи анъанавии мактаб ба таҳкими системаи мавҷудаи муносибатҳои авторитарӣ мусоидат мекунад. Муаллим нақши дастурдиҳанда ва хонандагон нақши иҷрокунандаи фаъолро мебозанд. Дар натиҷа, фосилаи байни муаллим ва хонанда зиёд шуда, шахсият аз меҳвари муносибат дур мемонад.

3. Раҳёфти беҳдоштӣ. Ҳадафи ин раҳёфт таҳкими солимии психикӣ дар мактаб буда, воситаи асосии кор ин машварат бо муаллимон маҳсуб меёбад.

Раҳёфти беҳдоштӣ ягон мактаб ё самти мушаххаси илмиро дар психология ифода намекунад. Он намояндагони касбҳои гуногун, аз қабили кормандони иҷтимоӣ, психологҳо, муаллимон ва ғайраҳоро муттаҳид менамояд. Дар доираи васеи консепсияҳои психологию педагогӣ асос ёфта, ин раҳёфт моҳиятан табиати интихобӣ дорад. Корҳои пешгирикунанда, ки бештар на ба ихтилолҳо, балки ба солимии психикии хонандагон мутамарказ мешаванд, барои ҳама мутахассисони дар доираи раҳёфти беҳдоштӣ фаъолияткунанда чизи маъмулӣ мебошанд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки фаҳмидани психологияи хонандагонро аз тарафи муаллимон тавассути ба роҳ мондани муносибатҳои педагогӣ дар асоси принсипҳои ҳамкорӣ ва тағйир додани муносибати хонанда ба фанни омӯхташаванда амалӣ намоянд. Шахси марказии раҳёфти беҳдоштӣ муаллим аст, зеро ӯ бештари вақти худро бо шогирдон гузаронида, ба онҳо бештар таъсир мерасонад ва дар рушди шахсияти шогирдон саҳм мегузорад.

4. Раҳёфти динамикӣ. Ин раҳёфт одатан таваҷҷуҳро ба гурӯҳ (синф) равона мекунад, на ба шахсони алоҳидае, ки гурӯҳро ташкил медиҳанд. Ҳарчанд раҳёфти динамикӣ дар самти гуманизатсияи таълим нисбат ба дигар раҳёфтҳо як қатор бартариҳо дошта бошад ҳам (ҷалби ҳамаи хонандагон ба гурӯҳ, таъкид ба динамикаи муносибатҳо, рушди шахсият дар дохили гурӯҳ ва ғайра), аз камбудиҳо орӣ нест. Барои татбиқи ғояҳо, арзишҳо ва технологияҳои нави педагогӣ дар раванди таълим ва табдил додани системаи «пӯшида»-и педагогӣ ба системаи «кушода» на танҳо донистани раҳёфтҳои гуногуни психологии дар системаи маориф истифодашаванда зарур аст, балки татбиқ кардани онҳо дар амалия, яъне дар ташкил ва гузарондани раванди таълим муҳиммияти бештар дорад.

Солҳои 80-90-уми асри XX дар заминаи педагогика ва психологияи гуманистӣ консепсияи сохтори шахсият дар сатҳи системавӣ таҳия шуда, муносибати ба таври субъективӣ ба шахс нигаронидашуда ҳамчун кӯшиши муттаҳид кардани фаҳмиши ҳамаҷонибаи ӯ ва анъанаҳои инсондӯстии

психологияи ватанӣ [24], инчунин, раҳёфтҳои таърихӣ-таҳаввулотӣ [25,61], яклухтӣ-функсионалӣ [61], ҳамгирой [28] ва ғайра коркард шуданд.

Ба маънои дигар, психологияи гуманистӣ як самти илм ва амалияи психология буда, «ягонагӣ ва такрорнашавандагии ҳар як шахсро, ки қодир аст, то роҳи ҳаётии худро мустақилона бунёд карда, ба сӯйи қуллаи инкишофи маънавии худ ҳаракат кунад, эътироф мекунад» [23, с. 89]. Тарафдорони раҳёфти гуманистӣ дар психология қобилият ва истеъдоди инсонро омӯхта, чунин падидаҳоро, аз қабили ишқ, эҷодкорӣ, худбаҳодиҳӣ, образи «Ман», инкишоф, худшиносӣ, худвоқеиятбахшӣ, арзишҳои олии ҳастӣ, мустақилият ва монанди инҳоро мавриди таҳлил қарор медиҳанд. Психологияи гуманистӣ дар эътиқод ба шахс, ба зарфият ва имкониятҳои воқеии ӯ, қобилияти фаҳмидан ва амалӣ кардани арзишҳои олӣ ифода меёбад. Раҳёфти гуманистӣ дар психология бо номи олимони бузурги хориҷӣ, ба монанди К. Голдштейн, А. Маслоу, Ҷ. Олпорт, К. Роҷерс, К. Хорни, В. Франкл, К. Абулханова-Славская, В. Давидов, И. Винтер, В. Маралов, В. Моляко, В. Столин, И. Якиманский ва дигарон алоқамандӣ дорад [15,170].

Дар адабиёти психологӣ мафҳуми «худфаъолкунӣ» аксаран дар баробари мафҳумҳои «худвоқеиятбахшӣ» ва «амалӣ намудани имкониятҳои худ» истифода мешавад. Наздик ба ин истилоҳ вожаи «ассертивнокӣ» истифода мешавад, ки маънои «вобаста набудани қобилияти шахсро ба таъсир ва баҳодиҳии дигарон» ифода мекунад.

Дар ин кор мо ба мисли олими рус В.В. Козлов [6,60], мафҳуми «худфаъолкунӣ»-ро бо маънои дар психологияи гуманистӣ фаҳмидашавандааш (К. Роҷерс, А. Маслоу, Ф. Перлс ва дигарон) [98, 120] истифода хоҳем кард.

А. Маслоу ба ин мафҳум маъноҳои зиёдеро мансуб донистааст, аммо дар радифи масъалае, ки мо баррасӣ мекунем, муҳимтаринаш инҳоянд: худфаъолкунӣ ин майл ба таъмин кардани мавҷудияти худ, фаъолкунии он

чизест, ки зарфият دониста мешавад, «ин аст ҳоҳиши шахс барои таъмини мавҷудияти худ, яъне ҳоҳиши шудани касе, ки ӯ метавонад бошад. Ин аз тарафи шахс пурра истифода бурдани истеъдод, қобилият, имконият ва дигар унсурҳои сохти психологии шахсияташ мебошад». [83, с. 112]. Ақидаҳои А. Маслоу дар чунин мавқеи назария ва амалияи равандҳои педагогӣ инъикос ёфтаанд: вазифаи асосии муаллим танҳо таълимдиҳӣ ҳамчун раванди мақсаднок нест, балки ёрӣ расонидан ба одам дар кашфи он чизест, ки дар замири ӯ ниҳон аст. Ба таври дигар гӯем, таълиме, ки аз берун нигаронида шудааст, бояд гузариш ба таълиме кунад, ки ба дарун нигаронида шудааст ва ин барои худфаъолкунии шахс роҳ мекушояд. Ғайр аз ин, бояд кӯдак дар фазое ба воя расад, ки ҳолатҳои манфиро (тарс, изтироб ва ғайра) то ҳадди имкон коҳиш диҳад [84]. Бо назардошти он ки талабот ба амалинамоии қувваҳои ҷисмонӣ ва психикӣ бештар ба синни наврасӣ ва ҷавонӣ хос буда, бо рушди худшиносӣ, гузаштан аз такондиҳандаҳои берунии фаъолияту рафтор ба худтакондиҳӣ тавсиф дода мешавад, пас, дар ин марҳила кумаки калонсолон дар муайян кардани самт ва роҳҳои худвоқеиятбахшӣ хеле муҳим аст. Ин, аллакай, бо ташкил кардани дастгирии педагогии равандҳои худшиносию худмаърифаткунӣ ва муносибати мувофиқ ба худ алоқаманд аст. Аз ин мавқеъ психологияи гуманистӣ амсилаи «боқувватҳо ба заифон «дасти кумак дароз мекунанд»-ро бозбинӣ намуда, фаҳмиши кумаки «инкишофёбанда»-ро пешниҳод мекунад. Психолог-гуманист А. Маслоу пешниҳод кардааст, ки психологияи гуманистиро ҳамчун муоширати бародари калонӣ бо хурдӣ бояд арзёбӣ кард: «Бародари калонӣ шахси меҳрубонест, ки масъулияти хурдсолонро ба дӯш мегирад. Албатта, ӯ бештар медонад, таҷрибаи зиёдтари ҳаётӣ дорад. Ӯ кӯшиш мекунад, ки бародари хурдиро такмил диҳад, ӯро беҳтар тарбия кунад, вале дар доираи тарзи ҳаёти хурдсолӣ» [84, с.116].

Ба андешаи Абраҳам Маслоу, афроди худфаъолкунанда танҳо як дарсади аҳолиро ташкил медиҳанд ва намунаи одамони аз чиҳати психологӣ солим буда, аз аксарият ба таври назаррас фарқ мекунанд.

Мавсуф хислатҳои зерини ба ин одамон хосро фарқ мекунад:

1) дарки дурусти воқеият, озод аз таъсири таассуб ва хурофот;

2) воқеъбинона қабул кардани худ ва дигарон, набудани шаклҳои муҳофизатии рафтор;

3) табиӣ будани рафтор ҳангоми риояи анъанаҳо, вале бо ҳазлу шӯхии муносиб муносибат кардан ба ин анъанаҳо;

4) банд будан бо вазифаҳои ҳаётии худ, мувофиқ кардани фаъолияти худ бо арзишҳои умумибашарӣ;

5) майл ба танҳоӣ, мавқеи ақибмондагӣ дар муносибат ба бисёр ҳодисаҳо;

6) мустақилият ва вобаста набудан ба атрофиён, устуворӣ ба таъсири омилҳои фрустратсионӣ;

7) равшании идрок, пайдо кардани чизи нав дар чизи аллакай маълум;

8) азсаргузаронии амиқи ҳиссиёт, муносибати ирфонӣ ба ҳиссиёти олӣ;

9) ҳисси якҷоя будан бо тамоми инсоният;

10) муносибатҳои амиқи байнишахсӣ бо доираи танги одамон, набудани душманӣ дар муносибатҳо;

11) демократӣ будан, омодагӣ барои омӯхтан аз дигарон;

12) устувории меъёрҳои ахлоқии дохилӣ, дар доираи ахлоқ рафтор кардан;

13) тобиши «фалсафӣ»-и ҳазлу шӯхӣ, бо шӯхӣ муносибат кардан ба худ ва умуман ба ҳаёт;

14) эҷодкорӣ дар амал;

15) пазириши бечунучарои фарҳанге, ки худаш ба он тааллуқ дорад, айниятдиҳии бештар ба инсоният дар умум [173, с.26].

Ба ақидаи А.Маслоу, роҳ ба сӯйи худфаъолкунӣ танҳо пас аз қонеъ гардонидани чунин талаботи бунёдӣ, ба монанди талаботи физиологӣ, талабот ба амният, ба муносибатҳои хуб, ба эҳтиром кушода мешавад. Агар ин талабот қонеъ карда нашаванд, пас, худфаъолкунӣ ғайриимкон аст (талабот ба худфаъолкунӣ қуллаи «аҳроми талабот»-и таҳиякардаи А. Маслоу буда, дар силсилаи иерархияи онҳо баландтарин маҳсуб меёбад).

Абраҳам Маслоу ҳашт роҳи худфаъолкуниро шарҳ медиҳад:

1. Худфаъолкунӣ маънои азсаргузаронии таассуроти пурра, зинда ва беғаразонаро бо додашавии пурра ба он, равшании баланди идрок ва мутамарказияти ақлро дорад.

2. Худфаъолкунӣ як раванди муттасил буда, маънои интихоби чандинкаратаро дорад. Ҳар лаҳза интихоб вуҷуд дорад: ҳаракат ба пеш ё ақибнишинӣ. Ё ҳаракат ба сӯйи муҳофизат ё интихоби афзоиш ва маҳз дуюмаш маънои интихоб ба манфиати худфаъолкуниро дорад.

3. Худи вожаи «худфаъолкунӣ» мавҷудияти «Ман»-ро дар назар дорад, ки метавонад фаъол шавад. Ин роҳи худфаъолкунӣ мавҷудияти мустақилиятро дар қабули қарорҳо тақозо мекунад.

4. Шахси худфаъолкунандаро бидуни қабули масъулият барои рафтори худ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Масъулиятро ба дӯш гирифтан маънои ба худ муроҷиат кардан ва талаб намудани ҷавобро аз худ дорад ва ин бо кӯшиши нигоҳ доштани симои худ ва бо мавқеъгирӣ мувофиқ нест.

5. Ин роҳ маънои бовар доштан ба худ ва мувофиқи эътиқоди худ амал карданро дорад. Ин нишон медиҳад, ки нонконформист бошем ва ҷасоратро ба ҷойи тарс дар худ ташаккул диҳем.

6. Худфаъолкунӣ ҳам ҳолати ниҳоӣ ва ҳам раванди амалигардонии имкониятҳо мебошад. «Масалан, ин инкишоф додани қобилиятҳои ақлӣ тавассути машғулиятҳои зеҳнӣ аст. Худфаъолкунӣ ин ба таври ҳатмӣ анҷом додани ягон кори ғайриоддӣ нест, он метавонад гузаштан аз давраи душвори омодагӣ барои амалӣ намудани қобилиятҳои худ бошад. Худфаъолкунӣ

метавонад машқ додани ангуштон дар саҳфакалид (клавиатура) бошад. Ин меҳнат баҳри он аст, ки инсон чизи мехостаашро анҷом диҳад. Инсон ҳамеша мехоҳад дар сафи пеш ё то ҳадде хуб бошад, ки ба он қодир аст». [84, с. 123].

7. Азсаргузаронии таассуроти олӣ (қуллаи таассурот) лаҳзаҳои худфаъолнамоӣ мебошад. «Ин ҳолати лаҳзавии ваҷд (экстаз) аст. Барои ба вуҷуд овардани чунин ҳолат шароит фароҳам овардан мумкин аст ва баръакс, метавон худро дар шароите нигоҳ дошт, ки азсаргузаронии ин ҳолат ғайриимкон бошад. Даст кашидан аз иллюзияҳо, раҳоӣ аз тасаввуроти бардурӯғ дар бораи худ, фаҳмидани он ки шумо ба чизе кор намеоед, ин ҳам як ҷузъи ошкор кардани худ, ошкор кардани он аст, ки шумо кӣ ҳастед» [84, с. 113-114].

8. Худфаъолкунӣ ошкор кардани механизмҳои муҳофизати психологии худ ва бартараф кардани онҳоро пешниҳод менамояд. А. Маслоу чунин механизми муҳофизати психологиеро тавсиф мекунад, ки қаблан баррасӣ нашудааст ва ин механизм деритуализатсия (даст кашидан аз истифодаи расму оин ва маросимҳо) мебошад. Худфаъолкунӣ маънои даст кашидан аз ин механизми муҳофизатӣ, омӯхтан ва қабули реритуализатсияро дорад, яъне хоҳиши доштани имконияти дарёфти муқаддасот.

Яке аз дастовардҳои асосии А. Маслоу омӯзиши ҳаёти одамоне мебошад, ки таҷрибаи азсаргузаронии таассуроти ирфониро доштаанд. Ба фарқ аз ақидаи психиатрҳо, ки ҳама гуна таҷрибаи ирфонӣ ба категорияи психопатология мансуб аст, А. Маслоу нишон дод, ки азсаргузаронии ғайримақсадноки ҳолати ваҷд аксар вақт ба одамон таъсири созгор мерасонад. Дар ниҳоят, ин одамон ба худфаъолкунӣ майл мекунанд. Муаллиф пешниҳод кардааст, ки ин гуна таҷрибаҳо на ба категорияи поёнӣ ё берун аз он, балки ба категорияи меъёрҳои олӣ дохил мешаванд. А. Маслоу қайд мекунад: «Амалан ҳама одамон таассуроти олиро аз сар мегузаронанд, аммо на ҳама аз он огоҳӣ доранд. Баъзе одамон аз ин таассуроти нозуки кӯтоҳмуддат даст мекашанд. Кумак ба одамон барои аз сар гузаронидани ин

таассуроти лаҳзавӣ, яъне ваҷд яке аз вазифаҳои мушовир мебошад» [84, с. 114].

Муҳаққиқи ватанӣ Ф.Б. Мирзоева махсусиятҳои хоси гуманизми миллӣ ва инъикоси онро дар адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик мавриди омӯзиши қатъӣ қарор дода, ҳолати тарбияи гуманистиро дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас таҳлил кардааст. Муаллиф муҳиммияти тарбияи гуманистиро дар ташаккулёбии сифатҳои инсондӯстона махсус қайд намудааст [180].

Бояд гуфт, ки пас аз мутолиаи осори адабии мутаффакирони тоҷику форс ба монанди Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Ҳаким Саноӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Абуалӣ ибни Сино, Саъдии Шерозӣ, Фаридуддини Аттор, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон метавон на танҳо бо санъати баланди суханварӣ, балки бо мазмуни башардӯстонаи он ифтихор кард.

Муҳаққиқи ватанӣ Ҳ.А .Зайтметов осори Рӯдакӣ, Сино, Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ ва бисёре аз намояндагони адабиёти тоҷику форсро мавриди омӯзиш қарор дода вожаи «одамият»-ро ба таври васеъ таҳлил намудааст. Мувофиқи омӯзиши Ҳ.А. Зайтметов "хислатҳои асосие, ки одамиятро тавсиф медиҳанд, ин накукорӣ, хайрхоҳӣ, саховатмандӣ, меҳру муҳаббат, шафқат, дӯстӣ, бародарӣ ва ғайра мебошанд, ки онҳоро мутафаккирони классики тоҷик дар тули ҳазорсолаҳо тараннум кардаанд. Ба ақидаи мутафаккирони бузург, роҳи башарият тавассути ақл мегузарад. Ин ақл аст, ки инсонро барои ба танзим даровардани корҳояш водор намуда, ӯро ба корҳои хайру наҷиб ҳидоят мекунад" [177, с. 63].

Мутафаккирони бузург, пеш аз ҳама, нисбат ба одамон муносибати инсондӯстона доштанд. Саъдӣ маънои умри худро хизмат ба мардум медонист. Ӯ таъкид кардааст, ки аз тамоми хислатҳои инсон муҳимтаринаш зиракӣ, ростгӯйӣ ва инсондӯстӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, мутафаккирони бузурги адабиёти тоҷику форс дар рушди илмҳои психология ва педагогика саҳми бузург гузоштаанд. Онҳо ба шарофати хираду фаросат ва нозукбинии психологиашон масоили муҳимми улуми психологӣ ва педагогиро чандин аср пеш муайян кардаанд. Омӯзиши адабиёти классикии тоҷик барои педагогҳо ва психологҳо, барои дарки психологияи инсон ва ташаккул додани сифатҳои муҳимми касбӣ нуқтаи такягоҳӣ ҳоҳад буд. Аз ибтидои пайдоиши адабиёти классикии тоҷик дар он анъанаҳои дидактикӣ ба таври васеъ паҳн шудаанд.

Барои назария ва амалияи педагогикаи гуманистӣ ақидаҳои К. Роҷерс аҳаммияти махсус доранд [107, с.13]. Ӯ низ ба мисли А. Маслоу муътақид аст, ки мароми пешбарандаи рафтори инсон майл ба фаъолкунӣ буда, бахше аз хоҳиши асосии фаъолкунӣ кӯшиши фаъолкунии «Ман»-и худ (худфаъолкунӣ) мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки ба одами дигар на ба воситаи додани дастур, балки дар асоси такя кардан ба майлу ҳохиши ӯ барои ба даст овардани озодӣ, дигаргуниҳои мусбат, боварӣ ба дарёфти қобилияти ҳалли мустақилонаи масъалаҳо ёрӣ расондан мумкин аст. Ин дар сурате имконпазир мегардад, ки Шумо шахсро ҳамон тавре ки ҳаст, қабул кунед, фаҳмиши эмпатикӣ ва мувофиқ дошта бошед ва дар натиҷа майли шахсро ба худфаъолкунӣ ва доштани тасаввуроти воқеӣ дар бораи худ таҳрик дода, зиддиятҳои байни «Ман»-идеалӣ ва «Ман»-воқеиро бартараф созед [107, с. 58-64].

К. Роҷерс ин таълимотро дар афкор ва амалияи педагогии худ дигаргун сохт. Ӯ мавқеи асосиро на ба раванди таълим, балки ба раванди омӯзиш медиҳад. Мавсуф ду навъи омӯзишро пешниҳод мекунад - «маърифатӣ» ва «таҷрибавӣ». К. Роҷерс ба назарияҳое, ки дар «азхудкунии дониш» асос ёфтаанд, назари интиқодӣ дошта, мутмаин буд, ки танҳо омӯзиши дар таҷрибаи шахсӣ асосёфта арзишманд аст ва танҳо он метавонад барои рушди шахсии хонандагону соҳаи эмотсионалии онҳо аҳаммиятнок бошад. Ҳамин тариқ, ҳадафи асосии омӯзгор аз он иборат аст, ки ба кӯдакон барои расидан

ба худшиносии пурра кумак расонида, майлро ба рушди шахсӣ такон бахшида, барои ин шароити зарурӣ фароҳам оварад.

Ба андешаи К. Роҷерс, ба ин муваффақ шудан мумкин аст, агар муаллим шартҳои зеринро риоя кунад:

– ба кӯдакон эътимод доштани худро дар раванди таълим нишон диҳад;

– ба хонандагон дар тарҳрезӣ ва мушаххас кардани мақсаду вазифаҳое, ки ҳам дар назди гурӯҳ ва ҳам дар назди ҳар як хонандаи алоҳида меистанд, кумак кунад;

– ба он такя кунад, ки ҳар як хонанда дорои мароми ботинӣ ба омӯзиш аст;

– барои хонандагон ҳамчун манбаи таҷрибаи бой амал кунад, ки онҳо метавонанд ҳар вақт ҳангоми дучор шудан бо мушкилот барои кумак муроҷиат кунанд;

– дар худ қобилияти ҳис кардани руҳияи эмотсионалии гурӯҳ ва пазируфтани онро ташаккул диҳад;

– иштирокчии фаъоли ҳамкории гурӯҳӣ бошад;

– ҳиссиёти худро дар гурӯҳ ошкоро баён кунад;

– барои ноил шудан ба эмпатия, ки барои дарки мувофиқи эмотсия ва ҳиссиёти ҳар як хонанда имкон медиҳад, саъю кушиш намояд, худшиносии хуб дошта бошад [108].

Таҳлили масъалаи мазкур дар андешаҳои психологии В. Франкл ба ин монанд бошад ҳам, дар он то андозае фарқ дида мешавад [121]. Консепсияи ӯ аз се қисм иборат аст:

- таълимот доир ба кӯшиши дарёфти маъно. Ин кӯшиш тамоюли модарзодии маромноки ба ҳамаи одамон хос буда, асоси инкишофи шахсиятро ташкил медиҳад. Агар ин саъю кӯшиш амалӣ нашавад, шахс холигии экзистенсионалиро ҳис мекунад;

- таълимот доир ба маънои ҳаёт. Инсон тули мавҷудияташ моҳияти ҳастии худро меҷӯяд, аммо ин маъно субъективӣ нест, ҳар як шахс онро дар ҷаҳони объективӣ пайдо мекунад. Вай тавассути маънои вазъиятҳои мушаххас зоҳир мешавад. Бинобар ин, пешниҳод кардани дастури мушаххаси дарёфти он ғайриимкон аст. В. Франкл се роҳи маъмултарини ҷустуҷӯйи ин маъноро ҷудо мекунад: 1) он чизе, ки мо ба ҳаёт медиҳем (эҷодкорӣ, созандагӣ); 2) он чизе, ки мо аз ин олам мегирем (азсаргузаронии ҳиссиёт); 3) мавқеъгирии мо нисбат ба сарнавишти хеш, ки онро тағйир дода наметавонем. Таносубан, се гурӯҳи арзишҳо ҷудо карда мешаванд: созандагӣ, азсаргузаронии ҳиссиёт, муносибат;

- таълимот дар бораи озодии ирода. Шахс дар дарёфт ва дарк кардани маънои зиндагӣ озод аст, ҳарчанд озодии ӯ бо ҳолатҳои субъективӣ маҳдуд бошад ҳам, зеро рафтори ӯ, пеш аз ҳама, бо арзишҳо муайян карда мешавад. Бинобар ин, мегӯяд В. Франкл, одам бештар аз психика аст, одам ин маънавиёт аст.

В. Франкл савол мегузорад, ки «Чаро инсон озодӣ дорад?» ва худаш ҷавоб медиҳад: «Инсон худаш тасмим мегирад ва тасмимгирӣ ин маънои ташаккул додани худро дорад» [30, 121]. Қобилияти ташаккул додани худ ин салоҳияти мавҷудияти инсон аст. Хусусиятҳои консептуалии назарияи В. Франкл дар логотерапия, дар ифодаи зерин инъикос ёфтаанд: ба инсон арзишҳоро бор кардан мумкин нест, ӯ бояд бо виҷдонаш тасмим гирад.

Намояндагони психологияи гуманистӣ амсилаи инсони комилро коркард намудаанд, ки тибқи он инсони комил ин шахсияти фаъол ва худфаъолкунанда, мустақил ва масъулиятшинос, ба даркнамоӣ ва амалӣ намудани арзишҳо ва пайдо кардани маънои ҳаёт тавоно мебошад. Ин шахсест, ки ба таҷрибаи шахсии худ рӯ оварда, чӣ тавр дар замони ҳозира зиндагӣ кардан ва барои худ дастгирӣ пайдо намуданро медонад, намудҳои гуногуни муҳофизати психологиро паси сар карда, аз вазъиятҳои мураккаб берун омада метавонад [120, с.87]. Албатта, ин танҳо як идеалест, ки дар

сатҳи психологӣ барои ҳар як инсон ҳамчун дастур пешниҳод мешавад. Кӯшиши расидан ба ин идеал роҳи дарёфти маънавиёт ва расидан ба камолот мебошад. Дар баробари ин, намояндагони психологияи гуманистӣ шаклу усулҳои мушаххаси кумаки бидуни хушунатро ба шахсе, ки ба он эҳтиёҷ дорад, пешниҳод кардаанд: ҳамкорӣ аз рӯйи принсипи «бародари калонӣ ва хурдӣ» бо назардошти «шеваи худӣ»-и шахсе, ки мурочиат кардааст. (А. Маслоу) [83, с.156]; муносибати беғаразу хайрхоҳона ба одам, дарк ва гӯшкунии эмпатикӣ ва мувофиқ (К.Рожерс) [108, с.69]; мурочиати шахс ба виҷдони худ, кумак дар ҷустуҷӯйи маънои ҳаёт тавассути суҳбати махсус (В. Франкл) [121, с.90]; фароҳам овардани шароит барои азсаргузаронии таассуроти аз робита бо худ ва атрофиён бавуҷудомада, баланд бардоштани огоҳӣ аз мақсадгузориҳо, тарзи тафаккур ва рафтори худ (Ф. Перлс) [98]. Ин принсип ва усулҳои мушаххаси ҳамкории психотерапевт ва мизоҷ барои истифодаи онҳо дар амалияи воқеии муносибати байниҳамии одамон, дар вазъиятҳои гуногуни ҳаёт, аз ҷумла дар шароити ҳамкории педагогӣ аҳаммияти калон доранд.

Муҳаққиқи ватанӣ М .Бобоева ғояҳои психологон – гуманистон: А.Маслоу, К.Роҷерс, Д.Фрейбергро таҳлил карда, масъалаҳои педагогикаи безӯроварӣ, гуманизатсияи таҳсилотро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон хуб таҳқиқ намудааст. Муаллиф кӯшиши муқаррарсозии алоқаи ғояҳои маънавӣ ва гуманистие, ки бо тарбияи ахлоқӣ зич алоқаманданд, анҷом додааст [173].

Олими дигари ватанӣ А .Нуров масъалаҳои арзишҳои миллӣ ва умумиинсонии халқи тоҷикро мавриди омӯзиш қарор дода, тавсифдиҳандаҳои онро ба таври васеъ таҳлил кардааст. Дар таҳқиқоти муаллиф чунин сифатҳои олии инсонӣ, ба монанди гуманизм ва ватандӯстӣ, маданияти муошираткунӣ, ҳамчунин ахлоқи ҳамида, некхоҳӣ ва покдвиҷдонӣ, хоксорӣ ва хушмуомилагӣ, ҳақгӯйӣ ва ҳақиқатпарварӣ, раҳмдилӣ инъикоси худро ёфтаанд [88].

Комёбиҳои психологияи гуманистӣ имкон медиҳанд, ки парадигмаи илмии гуманизатсияи таълим амиқтар ошкор карда шавад.

Ҳангоми сохтани консепсияи тарбияи инсондӯстӣ мо ба чӣ такя мекунем? Барои посух ёфтан ба ин савол мо мафҳуми парадигмаи илмиро истифода мебарем, ки аз тарафи Т. Кун ба майдони илм ворид карда шудааст. Ба андешаи ӯ, парадигма ин «эътироф намудани ҳамаи дастовардҳое мебошад, ки дар як муддати муайян ба ҷомеаи илмӣ амсилаи гузориши масъала ва ҳалли онро пешниҳод мекунад» [74, с.11]. Истифодаи комёбиҳои илмии эътирофшудаи психологияи гуманистӣ дар он ифода меёбад, ки инкишофи минбаъдаи ақидаҳои муосири гуманистӣ дар педагогика бо нигоҳи нав ба муносибати ҳуқуқу ухдадориҳои субъект, ки озодӣ ва заруратро ифода мекунад, алоқаманд аст.

Ба ҷаҳонбинии гуманистӣ дарки фардияте хос аст, ки дорои ҳуқуқ ба озодиҳои ахлоқӣ аст. Аммо, дар баробари ин, назари гуманистӣ дар одам мавҷуд будани масъулияти иҷтимоӣ, эстетикӣ ва фардиро барои қарорҳои қабулкардааш инкор накарда, баръакс тасдиқ мекунад.

Дар китоби дилхоҳ дарсии педагогика фасли алоҳидаро дар бораи интизом ёфтан мумкин аст, вале дар ҳеҷ кадомаш фасли алоҳида дар бораи озодӣ ва дар бораи ҳуқуқи кӯдак ба худмуайянкунии озод дида намешавад. Аз ин рӯ, умумигардонии мафҳуми «гуманизатсияи таълим» тақозо мекунад, ки категорияи озодӣ ба педагогика ворид карда шавад.

Ҳамин тариқ, механизмҳои ҳамкории инсондӯстонаи одамро бо одамони дигар, табиат ва умуман ҷаҳон таҳқиқ намуда, психологияи гуманистӣ барои муайян кардани принсипҳо, роҳҳо, шаклҳо ва усулҳои ба роҳ мондани ҳамкории инсондӯстонаи байни муаллим ва хонанда, хонанда ва ҳамсолон дар раванди таълим кумак мекунад.

## 1.3. Тавсифи иҷтимоӣ-психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасон

Дар психология масъалаи шахсият аз ҷиҳати омӯзиш яке аз мушкилтарин масъалаҳо муаррифӣ мегардад ва дар тули таърихи инкишофи ин соҳаи илм борҳо эътироф шудааст, ки омӯзиши пурраи масъалаи мазкурро дар доираи назарияи алоҳидаи психологӣ маҳдуд кардан ғайриимкон аст, зеро он серҷанбаю беҳамто буда, махсусияти худро дорад. Масъалаи мазкур дар давраи наврасӣ аҳаммияти бештарро соҳиб аст, зеро маҳз дар ҳамин синну сол ташаккулёбии шахсият пуршиддат сурат гирифта, на танҳо ба омилҳои беруна, балки ба андозаи зиёд ба худи наврас, ба рушди соҳаи худназораткунии ихтиёрии ӯ, хусусиятҳои равияи шахс, мақсадгузориҳо ва ташкилаҳои ахлоқӣ вобаста аст.

Психологияи илмии шахс таърихи дуру дарози инкишоф дорад. Омӯзиши шахсият ҳанӯз дар давраи қадим заминагузорӣ шуда, принсипҳои бунёдии таҳқиқот (инкишоф, сабабият, системанокӣ ва ғайра) мураттаб гардиданд. Аммо олимони қадим инсонро ҳамчун мавҷудоти барандаи хосиятҳои инфиродӣ ва дорои қобилияти худинкишофдиҳӣ арзёбӣ накарда, дар таълимоти худ ба таъсири унсурҳои ҳаюло, ба монанди фазо, оташ, об ва худоён такя мекарданд. Аз ин рӯ, омӯзиши масъалаи шахсият дар ин давра ҳамчун категорияи илмӣ хусусияти ғайрисистемавӣ дошт [71].

Дар асрҳои миёна масъалаи шахс ҳамчун категорияи мустақил асоснок карда шуд, аммо мафҳумҳои «шахс» ва «одам» ҳоло ҳам дар сатҳҳои гуногун арзёбӣ мешуданд: шахс ҳамчун ҷанбаи олитар ва идеалии инсон тавсиф дода мешуд, аз ин рӯ, бештар аз мавқеи талабот ва меъёрҳои фалсафию ахлоқӣ ва иҷтимоии муайянкунандаи симо ва рафтори инсон баррасӣ мегардид.

Бояд гуфт, ки коркарди асосҳои табиӣ-илмии психологияи шахс аз нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои XX ибтидо меёбад [32,93,112]. Омӯзиши шахс дар асоси омӯзиши ҳамаҷонибаи майнаи сар бо истифода аз усулҳои анатомию физиологӣ ва психологӣ оғоз ёфт.

Давоми асри XX дар илми психология якчанд самтҳои асосии илмӣ инкишоф ёфтанд, ки дар доираи онҳо назарияҳои муҳимтарини шахс коркард шудаанд: психологияи амиқ (ё психоанализ), назарияи бихевиоризм, психологияи гуманистӣ ва назарияи маърифатии шахс. Пешниҳоди назарияи психоанализро аз ҷониби З. Фрейд оғози таҳқиқи илмии психологияи шахс медонанд, зеро он ҳамчун аввалин назарияи психологияи шахс эътироф шудааст [122,123]. Г. Мюррей истилоҳи «персонология»-ро ҳамчун самти илмие, ки шахсияти одамро меомӯзад, ворид намудааст [58].

Дар психологияи муосири ҷаҳонӣ категорияи «шахс» яке аз мафҳумҳои асосӣ буда, назарияҳо, мактабҳо ва раҳёфтҳои зиёде мавҷуданд, ки дар асоси консепсияи назариявӣ ва методологии худ, вобаста ба консепсияи назариявӣ-методологии таҳияшуда ин падидаро шарҳ медиҳанд.

Асосҳои назариявӣ ва методологии психологияи шахсро дар Русия ва баъдан Иттиҳоди Шуравӣ файласуфҳо, психологҳо, психиатрҳо, педологҳо ва педагогҳои охири асри XIX ва ибтидои XX таҳия кардаанд: М.Я. Басов, Д.А. Росеридзе, К.Н. Корнилов, В.М. Бехтерев, А.Ф. Лазурский, Н.Д. Левитов, П.Ф. Лесгафт, Л.С. Виготский, А.Р. Лурия, К.Д. Ушинский, П.Ф. Каптерев ва дигарон [71, 75, 143,175,]. Ин марҳилаи ибтидоии ташаккулёбии психологияи шахс бо мантиқи муайян кардани масъалаи шахс ҳамчун самти мустақили илмӣ, методологияи ягонаи марксизм ва принсипи заминаи иҷтимоӣ доштани психика алоқаманд буда, набудани зиддиятҳои ошкороро дар фаҳмиши хусусият ва омилҳои асосии рушди шахс аз ҷиҳати маънавӣ муайян мекард. Фарқияти байни ҷараён ва мактабҳои асосии илмӣ аз рӯйи мавқеъгириашон дар интихоби мавзуи омӯзиши шахс, сохтор ва хусусиятҳои асосии он муайян карда мешуданд. Дар ин давра ба омӯзиши маҷмуавӣ ва системавии шахс замина гузошта шудааст.

Дар психологияи шуравӣ якчанд мактаби асосии илмии омӯзиши масъалаҳои шахс мавҷуд буданд: мактаби Л.С. Виготский (Л.И. Божович, Д.Б. Элконин ва дигарон), мактаби С.Л. Рубинштейн (К.С. Абулханова-

Славская, А.В. Брушлинский ва дигарон), мактаби В.Н. Мясишев, мактаби психологии гурҷӣ (Д.Н. Узнадзе, А.С. Прангишвили, Ш.А. Надирашвили), мактабҳои Б.Г. Ананев, В.С. Мерлин, А.Н. Леонтев ва дигарон.

Дар Иттиҳоди шуравӣ ба инкишофи психологияи шахс назарияи фарҳангӣ-таърихии инкишофи психика заминаи назариявӣ гузоштааст, ки он дар мактаби Л.С. Виготский коркард шудааст [46, с.74]. Дар таълимот оид ба генезиси функсияҳои олии психологӣ, ки меҳвари ин назарияро ташкил медиҳад, нишон дода шудааст, ки дар инкишофи психикӣ аз ҳама муҳимтар ин тағйир додани робитаҳои байнифунксионалӣ ва муносибати байни равандҳои алоҳида, аз ҷумла, дар байни зеҳн ва эмотсияҳо мебошад. Ин робита динамикию тағйирёбанда буда, дар ҳар як марҳилаи инкишофи психикӣ бо махсусияти системаи динамикию маъноии ифодакунандаи ягонагии махсуси сохтори он тавсиф дода мешавад. Назарияи фарҳангӣ-таърихӣ ғояи табдилёбии ҳама гуна функсияи психикиро аз функсияи берунӣ (иҷтимоӣ) ба функсияи фардӣ-психологӣ, яъне ботинӣ (интериоризатсия) ошкор мекунад. Ҳамин тариқ, шахс дар худ дараҷаи муайяни инкишофи фарҳангӣ ва таърихиро ифода мекунад, ки бо ягонагӣ, қобилияти идоракунии худ ва шароити ҳаёти хеш тавсиф дода мешавад. Дар оянда ба шахс табдил ёфтани одам ҳамчун амсилаи идеалӣ ва натиҷаи инкишофи аз ҷиҳати иҷтимоӣ мақбули ӯ ба ҳисоб мерафт.

Солҳои 30-юми асри гузашта, дар шароити аввалин бухрони иҷтимоию сиёсӣ ва методологӣ дар психология омӯзиши масъалаи шахс дар ду самт сурат гирифт: масъалаи назариявии психологияи умумӣ дар асоси методологияи марксистӣ, вале мувофиқ ба мазмуни психологияи ҷаҳонӣ [111, с.195] ва масъалаи психологию педагогӣ дар заминаи масъалаи умумии инкишофи психикӣ [59,144,175]. Дар ин давра идеология ба илм таъсири сахт мерасонид.

Солҳои 40-60-уми асри XX муҳаққиқони барҷастаи соҳаи психологияи шахс С.Л. Рубинштейн, Б.Г. Ананев, Л.И. Божович, А.Н. Леонтев, В.Н. Мясишев ва дигарон буданд.

С.Л. Рубинштейн принсипи ягонагии шуур ва фаъолиятро кор карда баромад. Мувофиқи ин принсип, одам ҳамчун маҷмуи шароити дохилие муайян карда мешавад, ки таъсироти берунаро мешиканад. Ӯ масъалаи наверо ба миён гузошт: ошкор кардани моҳияти шахс ҳамчун субъекти дорои хусусиятҳои фаъолӣ, фардият ва интегративӣ [111, с.98]. Номбурда бо пешниҳоди масъалаи мазкур дар психологияи шахс саҳми махсус гузошт.

Солҳои 60-80-уми асри XX илми психология дар умум ва психологияи шахс дар алоҳидагӣ, асосан, дар заминаи идеологияе рушд мекарданд, ки дар консепсияи «одами нави шуравӣ» асос ёфта буд. Дар баробари ин, дар ин давра мактабҳои асосии психологӣ ба майдони илм ворид шуданд, сохтори психологии шахс коркард шуд, тавсифдиҳандаҳои «меҳварӣ»-и шахсият (консепсияҳои «фардият», «худшиносӣ», «ташкилаҳои маъноӣ», «таассуротҳо», «шахсиятсозӣ», «иҷтимоишавӣ», «фардияти интегралӣ», «муносибати шахс» ва ғайра) муқаррар карда шуданд. Ба сифати раҳёфти умумии консептуалӣ-назариявӣ раҳёфти систематикие баромад мекард, ки шахс ва психикаи ӯро ҳамчун система баррасӣ мекунад. Ин давра бо номи олимон В.С. Мерлин, Н.Д. Левитов, Н.С. Лейтес, Б.Ф. Ломов, Б.Д. Паригин, В.А. Ядов, К.К. Платонов ва дигарон алоқаманд аст.

Ҳамин тариқ, категорияи шахс ба шароити воқеии тағйирёбандаи ҳаёти ҷомеа вобаста буда, бо ин ё он нишондиҳанда маҳдуд намегардад. Баррасии ягонагии шахс зуҳуроти тамоюли интегративӣ буда, на танҳо ба дарки худи падидаи «шахс», балки ба муайянкунандаҳои иҷтимоии он низ таъсир расонидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳқиқи илмии психологияи шахс М.Ё. Шарипова такони тоза бахшидааст. Ӯ дар осори худ ҷанбаҳои этнопсихологии психологияи шахсро ошкор кардааст [185].

Ҳамин тариқ, психологияи шахс ин соҳаи донишҳои назариявӣ ва амалие мебошад, ки ҳамчун як самти афзалиятноки донишҳои муосири инсоншиносӣ амал карда, тафаккури тахминиро дар бораи табиати инсон ба консепсияҳое табдил медиҳад, ки ба таври таҷрибавӣ тасдиқ карда мешаванд, инчунин, таҷрибаҳо, усулҳо ва воситаҳои психотехникиеро такмил медиҳад, ки ба таври тасодуфӣ бо мақсади таъсиррасонӣ ва ёрии психологӣ ҳам ба шахс ва ҳам ба гурӯҳи одамон ба вуҷуд омадаанд.

Бо назардошти он ки шахс дорои хусусиятҳои хоси системавӣ ва «фавқулҳассосӣ»-и тавассути воридшавии фаъол ба муносибатҳои гуногуни иҷтимоӣ бадастоварда мебошад [17, 110], мо чунин мешуморем, ки инкишофи шахсро бояд ҳамчун раванд баррасӣ кард. Ин раванд бо дараҷаи ташаккулёбӣ ва ғанӣ гардидани маҳз ҳамон сифатҳои систематикии шахс тавсиф дода мешавад, ки дар он сатҳи камолоти иҷтимоӣ, ҳамгироӣ ва моҳияти иҷтимоии ӯ ифода ёфтааст. Ин аз он ҷиҳат муҳимтар аст, ки тибқи маълумоти аз озмоишҳо бадастоварда, дар ҳамаи давраҳои гузариши синнусолӣ (марҳилаҳои гузариш дар раванди инкишофи психикӣ) нуқтаи ибтидоӣ маҳз ҳамон сатҳи нави камолоти иҷтимоии одам маҳсуб меёбад, ки имконияти гузаштан ба марҳилаи навбатии онтогенезро муайян мекунад [104].

Мазмуни чунин гузаришҳои синнусолӣ дар навташкилаҳои асосии ҳар як давраи синнусолӣ зоҳир мегардад (Л.С. Виготский) [46, с.74]. Чунин навташкилаҳо характери яклухтӣ доранд, онҳо психикаи кӯдакро дар маҷмуъ навсозӣ карда, танҳо дар функсия ва амалҳои алоҳидаи рафтор зоҳир мешаванд. Дар пайравӣ ба Л.С. Виготский, муҳаққиқон А.В. Запорожетс, А.Н. Леонтев, А.В. Лурия, Д.Б. Элконин ва Е.Е. Кравсова [81, 129, 141,] дар омӯзиши психикаи кӯдак раҳёфтеро амалӣ намудаанд, ки метавон онро раҳёфти яклухтӣ-генетикӣ номид. Ин раҳёфт имкон дод, ки инкишоф тавассути тағйир додани унсурҳои барои рушд муҳимтарину моҳиятӣ, ки дигар тағйиротро омезиш медиҳанд, дида баромада шавад. Дар ин маврид

психика ҳамчун як ташкилаи яклухти систематикӣ (ба андешаи Л.С. Виготский) баррасӣ мешавад, ки инкишофи он тамоми унсурҳои сохториро навсозӣ мекунад.

Ҳангоми чунин гузариш бояд он тағйироти асосиро дар психикаи кӯдак муайян кард, ки гузаришро ба марҳилаи нави инкишоф нишон медиҳад. Ин тағйирот муҳимтарин навташкилаҳои синнусолиро ифода мекунад.

Дар байни шароите, ки ҳалли самарабахши масъалаи ташаккулёбии шахсияти наврасро таъмин мекунад, истифодаи раҳёфти синнусолӣ ба ташкил намудани ҳаёти мактабии кӯдак аҳаммияти фавқулода дорад. Моҳияти ин раҳёфт дар он аст, ки ҳангоми таҳия ва ҷорӣ намудани амсилаву технологияҳои гуногуни таълим, таҳияи барномаву китобҳои дарсӣ, қонунҳои инкишофи психикии кӯдак, пеш аз ҳама, давраҳои сензитивии шаклгирӣ ва инкишофи ин ё он функсия ё навташкилаи психологӣ, инчунин, нақши намудҳои пешбарандаи фаъолият дар ташаккулёбии онҳо воқеъбинона ба назар гирифта мешавад [11].

Барои кори мо натиҷаҳои таҳқиқоти муайянкунандаи гузариши синнусолӣ ва оқибатҳои табдили меъёрҳои ахлоқии берунии ба таври объективона муқарраргардидаи «маълум» ба маромҳои воқеии рафтор аҳаммияти махсус доранд. Ба андешаи А.Н. Леонтев, маромҳои иҷтимоии рафтор дар аввал ҳамчун ақидаҳои ахлоқии маълум дар бораи он, ки чаро инсон бояд ин тавр рафтор кунад, на тарзи дигар, амал мекунанд. Шароити тарбия, ки дар он маромҳои «маълум» ба ангезаҳои ба таври воқеӣ амалкунандаи амалу кирдори кӯдакон табдил меёбанд, ба сифати шартҳои асосии ташаккулёбии ахлоқии кӯдак пешниҳод карда мешаванд [76].

Имконияти ташаккулёбии равияи гуманистии рафтор дар давраи наврасӣ бо хусусияти асосии инкишофи шахсияти наврас тасдиқ карда мешавад: дар ин синну сол гузариши сифатан камолёфта ба пайдоиши иерархияи маромҳо, тобеияти онҳо дар заминаи иҷтимоишавии фаъол имконпазир аст. Чунончи, В.В. Абраменкова [11] қайд мекунад,

иҷтимоишавӣ ин раванди аз тарафи фард фаъолона азхудкунӣ ва ҳосилнамоии таҷрибаи иҷтимоӣ, системаи робитаҳо ва муносибатҳои иҷтимоӣ буда, дар фаъолияти муштарак сурат мегирад. Иҷтимоишавӣ маърифати воқеияти иҷтимоиро аз тарафи кӯдак, азхудкунии малакаҳои инфиродии амалӣ ва фаъолияти муштаракро аз тарафи ӯ, инчунин, шаклҳои муносибатҳои одамонро дар бар мегирад. Набояд ин нуқтаро сарфи назар кард, ки раванди иҷтимоишавӣ ҳам бо хусусиятҳои фардии бачаҳо, ҳам бо хусусияти инкишофи ҷамъият ва ҳам ба системаи таъсироти тарбиявӣ вобаста аст. Бо мурури азхудкунии муносибатҳои иҷтимоӣ, наврас сарбории нақшӣ, мавқеаш дар ҷомеа, характери худмуайянкунӣ, талабот ва қобилияти зоҳир кардани фаъолии иҷтимоии худро дарк мекунад. Яъне, вай аллакай метавонад худро дар мавқеъҳои гуногуни иҷтимоӣ гузорад: худро ҳамчун узви ҷомеа шиносад ва қобилиятҳои дар самти ба таври мақсаднок ба роҳ мондани муносибат бо ҷомеа зоҳиршавандаро дарк кунад. Дар баробари ин, як навъ мустаҳкамшавии хос, яъне бартарии ин ё он мавқеъ мушоҳида мешавад. Ҷойгиркунии ҳадалимкони ҳар яке аз ин мавқеъҳо (бо шеваи қонуниятманд дар раванди онтогенез иваз мешаванд), ки ҳамчун муаммои интегративии рушди иҷтимоии наврас баромад мекунанд, на танҳо сатҳи муайяни онро муқаррар месозад, балки барои пайдоиши мавқеи нав шароит фароҳам оварда, як навъ марҳилаи хоси шаклгирии шахсиятро муаррифӣ менамояд.

Омӯзиши мақсадноки намудҳои мавқеъҳои иҷтимоӣ, ки дар таҳқиқоти таҷрибавӣ ошкор шудаву пайдоиши онҳо ба давраҳои муайяни онтогенез рост меояд ва бо таъсири бартаридоштаи ҷанбаи муушаххаси фаъолият муайян карда мешавад, нишон медиҳад, ки дар ҳар як марҳилаи инкишофи шахс ҳангоми ивазшавии мавқеъҳои бартаридошта тағйирёбии мазмуни он низ сурат мегирад. Дар баробари ин, дар ҳама ҳолат васеъ кардани мавқеъгирии кӯдак дар муносибат ба ҷомеа шарти зарурии самарабахши

инкишофи психикӣ, аз ҷумла инкишофии зеҳнии ӯ бо воситаи таъмин намудани дастрасӣ ба муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад [79].

Ошкор намудани қонунҳои тағйироти зина ба зинаи камолоти иҷтимоӣ, лаҳзаҳои натиҷабахши ин ҳаракат, ки дар характери мавқеи кӯдак дар ҷомеа ва дар муносибат ба ҷомеа зоҳир мегардад, муайянсозии давраҳои сензитивӣ ва марзҳои камолоти иҷтимоӣ, муҳиммияти баррасӣ намудани хусусиятҳои онро дар микромарҳилаҳои ҳар як давраи онтогенез муайян мекунад. Аҳаммияти омӯзиши давраи наврасӣ ҳамчун марҳилаи гузариши бошиддат аз бачагӣ ба калонсолӣ, ки дар он печидагиҳои пуртазоди рушди иҷтимоӣ бараъло мушоҳида мешаванд, маҳз дар ҳамин аст. Аз як тараф, зоҳиршавии манфии носозгорӣ дар шахсиятсозӣ, маҳдуд шудани системаи қаблан муқарраршудаи манфиатҳои кӯдак, характери эътирозӣ доштани рафтори ӯ дар муносибат ба калонсолон аз душвор будани ин давраи ҳаёт гувоҳӣ медиҳанд. Аз тарафи дигар, давраи наврасӣ бо як қатор омилҳои мусбат низ фарқ мекунад: мустақилияти кӯдак меафзояд, муносибатҳо бо дигар бачаҳо ва калонсолон сертобиш ва пурмазмунтар мешаванд, доираи фаъолияти ӯ хеле васеъ гардида, тағйир меёбад, муносибати масъулиятнок ба худ ва ба одамони дигар инкишоф меёбад ва ғайра.

Ба ақидаи муҳаққиқон, давраи наврасии онтогенез «гузариши шадид аз кӯдакӣ ба калонсолӣ аст, ки дар он тамоюлҳои зиддиятноки инкишоф ба ҳам алоқаманданд» (Д.И. Фелдштейн) [104-103]. Аз як тараф, ба ин марҳилаи мураккаб таҷдиди куллии сохтори психологии қаблан шаклгирифта, бисёр зоҳиршавии хислатҳои манфии кӯдак ва характери эътирозӣ гирифтани рафтор дар муносибат ба калонсолон ҳангоми маҳдуд кардани манфиатҳо хос аст, аз тарафи дигар, давраи наврасӣ ин давраи ташаккулёбии пуршиддати ҷаҳонбинӣ, системаи арзёбии арзишҳо, эътиқод ва идеалҳо мебошад, ташкилаҳои нав ба вуҷуд меоянд, асосҳои рафтори бошуурона гузошта мешаванд, самти умумии ташаккулёбии афкори ахлоқӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд (Н.И. Гуткина [50], И.Д. Егоричева [176], О.В.

Лишин [79], К.Н. Поливанова [101], И.Б. Умняшова [183] ва дигарон). Дар давраи наврасӣ васеъшавии фазои зисти кӯдак ба маънои васеъ намудани муҳити иҷтимоӣ (шумораи бештари гурӯҳҳое, ки наврас ба онҳо дохил мешавад ва ғайраҳо) ба амал меояд. Бори аввал муносибат ба оянда ҳамчун сабабияти психологии шахсият зоҳир мешавад.

Наврас дар ҳолати шахсияти маргиналӣ қарор дорад, ки хусусиятҳои хоси он ноустувории эмотсионалӣ ва ҳассосият, шармгинӣ ва агрессия, шиддати эмотсионалӣ ва муносибатҳои низоӣ бо дигарон, майл ба маҳкумкунӣ ва баҳодиҳии шадид мебошанд. Наврас дигар намеҳоҳад ба ҷомеаи кӯдакон шомил бошад, вале ҳамзамон, медонад, ки ҳанӯз ба калонсолӣ нарасидааст. Ҳисси қалонсолӣ ҳамчун навташкилаи мушаххаси худшиносӣ хусусияти асосии шахсият ва меҳвари сохтории он дар ин давра мебошад, зеро он мавқеи нави ҳаётии наврасро нисбат ба худ, одамон ва олам ифода мекунад; самт ва мазмуни фаъолияти ҷамъиятии ӯ, системаи саъю кӯшиш ва таассуроти навро муайян мекунад. Фаъолияти иҷтимоии наврас аз ҳассосияти зиёд ба омӯхтани меъёрҳо, арзишҳо ва тарзи рафторе, ки дар ҷаҳони калонсолон ва муносибатҳои онҳо мавҷуд аст, вобаста аст. Ҳангоми ба даст овардани хислатҳои калонсолӣ наврас як қатор сарчашмаҳоро ба роҳбарӣ мегирад. Ташаккулёбии арзишҳои ҳаётӣ ва самти умумии ташаккулёбии шахсияти наврас аз муносибати наврас ба намунаҳои муайяни калонсолӣ вобастагӣ пайдо мекунад.

Дар такя ба таҳқиқоти Т.В. Драгунова [53, 142] метавон як қатор нишондиҳандаҳоеро муайян кард, ки наврас ба онҳо майл мекунад:

- тақлид ба зуҳуроти берунии калонсолӣ;
- мувофиқ шудан бо сифатҳои «марди воқеӣ», «зани воқеӣ»;
- калонсолӣ ҳамчун намунаи фаъолият;
- инкишофи калонсолона дар фаъолияти маърифатӣ;
- муошироти наврас бо ҳамсолон.

Дар адабиёти психологию педагогӣ ифода кардани давраи наврасӣ бо мафҳумҳои «мушкил», «бухронӣ», «ихтилофнок» ва ғайраҳо анъана шудааст. Э. Берн давраи ҷавониро ба ду марҳила (манфӣ ва мусбат) тақсим намуда, синни наврасиро ба марҳилаи манфӣ мансуб медонад. А.Т. Акажанова изтиробнокӣ, асабоният, агрессивнокӣ, кӯшиш ба мустақилиятро, ки бо қобилиятҳои ҷисмонию психикӣ мувофиқат намекунанд, ҳамчун хусусиятҳои хоси давраи наврасӣ арзёбӣ мекунад. Ин марҳила дар духтарон аз синни 11-13-солагӣ ва дар писарон аз 14-16-солагӣ оғоз мешавад [13].

Инчунин, таърифи маҳдуди наврасӣ ҳамчун давраи балоғат вуҷуд дорад, ки дар он балоғати ҷинсӣ нақши асосиро мебозад. Аммо дар асарҳои бунёдии психологҳои рус (Л.И. Божович [46, 40, 140], Б.С. Волков [130-162], Н.В. Волкова [44], В.С. Мухина [88], Д.И. Фелдштейн [103, 104] ва дигарон) нишон дода шудааст, ки бешубҳа, балоғати ҷинсӣ ба рушди психикии кӯдак таъсири худро мерасонад, аммо ин таъсир тавассути муносибати наврас бо олами атроф, муқоисаи худ бо ҳамсолон ва калонсолон сурат мегирад. Дар ташаккулёбии шахсият на хусусиятҳои биологӣ, балки ба мавқеи сифатан нави иҷтимоӣ баромадани ӯ, ки дар он муносибати бошууронаи ӯ нисбат ба худ ҳамчун аъзои ҷамъият воқеан ташаккул меёбад, аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Инкишофи иҷтимоӣ аз дарки қобилиятҳои иҷтимоии худ аз тарафи наврас ба воситаи шаклгирии навташкилаҳои шахсӣ, аз зоҳиршавӣ, таҳким ва сифатан тағйир ёфтани мавқеи иҷтимоӣ дар натиҷаи фаъолияти эҷодии худ бармеояд. Дар баробари калонсол шудани наврас, характер ва хислатҳои фарқ кардани худ дар ҷомеа, дарки ҷомеа, иерархияи муносибатҳои иҷтимоӣ тағйир ёфта, маромҳои ӯ ва дараҷаи ба талаботи иҷтимоӣ мувофиқ будани онҳо тафовут пайдо мекунанд. Наврас на танҳо масъалаи ишғол кардани мавқеи муайянро дар ҷомеа ҳал мекунад, балки масъалаи ба роҳ мондани муносибатҳои иҷтимоиро арзёбӣ менамояд. Ӯ вазифаи худмуайянкунии шахсӣ, фаъолона ишғол намудани мавқеъ дар муносибат бо арзишҳои

иҷтимоию фарҳангӣ ва ба ин васила муайян кардани маънои мавҷудияти худро иҷро мекунад.

Ҳамин тариқ, дар наврасӣ нақши асосӣ ба системаи муқарраркунандаи муносибат бо атрофиён тааллуқ дорад. Маҳз системаи муносибатҳо бо муҳити иҷтимоӣ самти инкишофи психикии наврасро муайян мекунад. Дар амалияи педагогӣ мазмун, усул ва шаклҳои ташкил намудани фаъолияти пешбаранда ба қадри кофӣ коркард шудаанд: барои синни томактабӣ – бозӣ, барои синфҳои ибтидоӣ – таълимӣ. Дар баробари ин, масъалаи ташкил намудани муносибатҳои байнишахсӣ ва шароити зарурии инкишофи шахсият дар давраи наврасӣ ҳамчун фаъолияти пешбаранда ба қадри кофӣ коркард нашудааст.

Айни замон метавон як қатор асарҳоеро номбар кард, ки ба масъалаҳои муносибатҳои байнишахсӣ дар гурӯҳҳои наврасон бахшида шудаанд (В.С. Агеев [136-137], А.М. Бернштам [172], Т.В. Драгунова [142], В. Н. Затсепин [176], Я.Л. Коломинский [63], Т.Е. Конникова [69], Л.М. Семенюк [157-156], Д.И. Фелдштейн [104-103], ва дигарон). Сарфи назар аз гуногун будани мавқеъҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот умумӣ будани сохтори муносибатҳои байнишахсиро дар гурӯҳҳои наврасон нишон медиҳанд. Ҳарчанд муаллифон истилоҳоти гуногунро истифода баранд ҳам, онҳо се унсури асосии муайянкунандаи хусусияти муносибатҳои байнишахсиро дар гурӯҳи наврасон ҷудо мекунанд: 1) унсурҳои актометрӣ, рафторӣ, праксикӣ, функсионалӣ-нақшӣ ё фаъолиятӣ, ки рушди онҳо ба мазмуни фаъолияти муштарак вобастагӣ дорад; 2) аффективӣ, эмотсионалӣ-баҳодиҳанда ё эмотсионалӣ, ки мавҷудияти муносибатҳои гуногунро (корӣ, баҳодиҳанда) дар байни аъзои гурӯҳ пешниҳод менамояд; 3) маърифатӣ, гностикӣ, баҳодиҳанда, шахсӣ-маъноӣ ё ахборотӣ, ки раванди идроки мутақобила ва иҷрои функсияи иҷтимоиро аз ҷониби гурӯҳ дар бар мегирад. Дар раванди муносибатҳои байнишахсӣ муошират нақши пешбаранда дорад.

Ба ақидаи Л.С. Виготский, муошират дар ташаккулёбиии шахсият нақши асосӣ мебозад: «Равандҳои олии тафаккури наврасон дар ҷараёни инкишофи иҷтимоии кӯдак бо роҳи ба худ интиқол додани он шаклҳои ҳамкорӣ ба амал меояд, ки кӯдак дар рафти муносибат бо муҳити атроф меомӯзад» [45, с.34]. Нақши муошират дар ташаккулёбии шахсият бузург аст ва то ҳол на ҳама паҳлуҳои ин таъсирот мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муошират бисёрҷанба ва сервазифа аст, зеро тавассути он таъсиррасонӣ ва ҳамкории мутақобилаи оқилона, эмотсионалӣ ва иродавӣ дар байни одамон сурат мегирад, умумияти руҳия, афкор ва назарҳо, ки барои омодагӣ гирифтан ҷиҳати амал намудан дар самти муайян заруранд, ошкор гардида, ташаккул меёбад, муттаҳидӣ ва ҳамбастагӣ ҳамчун тавсифдиҳандаҳои асосии фаъолияти гурӯҳӣ ва коллективӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Дар муошират мубодилаи иттилоотии ҳамаҷонибаи донишҳо, муҳокимаҳо ва андешаҳо ба амал меояд; аниқкунӣ ва мувофиқакунии байниҳамии саъю кӯшиш, талабот ва ҳадафҳои одамон сурат мегирад, ҳамдигарфаҳмӣ ба амал меояд.

Муошират яке аз омилҳои муҳимми раванди мураккаби сабабияти иҷтимоии рафтори инсон мебошад. Ин зуҳурот яке аз шартҳои асосии ташаккулёбии шуур ва худшиносии шахс маҳсуб меёбад. Муошират бо воситаи махсуси мубодилаи иттилоот аст (ба наврас имкон медиҳад, ки баъзе маълумотро доир ба масъалаҳои ба ҷинсият алоқаманд аз ҳамсолонаш гирад, бинобар ин, набудани муошират метавонад рушди психошаҳвонии ӯро боздорад ё дар ӯ характери носолимро ба вуҷуд оварад). Муошират як намуди махсуси муносибатҳои байнишахсӣ аст. Доштани мавқеи баробар бо ҳамсолон ҷолибияти ин соҳаи муносибатро барои наврас афзун мегардонад. Ин муқаррарот ба мазмуни ахлоқии ҳисси калонсолӣ дар наврасон мувофиқат мекунад. Тағйироти мушаххаси инкишоф, ки дар ибтидои давраи наврасӣ рух медиҳанд, монандии эҳтиёҷу саъю кӯшишҳои нав ва талаботро ба муносибат бо калонсолон ва рафиқон муайян мекунанд. Ин ба рушди муносибатҳои амиқ бо ҳамсолон мусоидат мекунад. Дар наврас арзишҳое

ташаккул меёбанд, ки аз калонсолон дида, ба фаҳмиши ҳамсолони худ наздиктаранд. Муошират бо калонсолон дигар наметавонад ҷойгузини муошират бо ҳамсолон бошад. Шинохти мансубият ба гурӯҳ ва кумаки байниҳамии рафиқона ҳисси некуаҳволии эмотсионалӣ ва устувориро ба вуҷуд меорад. Ҳарчанд муошират наврасон аксар вақт худҳоҳона ҳасту талабот ба худифоданамоӣ бартар аз таваҷҷуҳ ба ҳиссиёту таассуроти дигарон аст, муошират бо ҳамсолон дар давраи наврасӣ омили меҳварии инкишофи психикӣ маҳсуб меёбад.

Мушкилии падидаи муошират ба муайян кардани мазмуну моҳият, доираи истифодашавӣ ва ҳаҷми худи он низ таъсир мерасонад. Ҳангоми муайян кардани мазмуни муошират муаллифони гуногун ба омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни муошират афзалият медиҳанд: мубодилаи ахбор, ҳамкории психологӣ ва таъсири мутақобила.

Айни замон якчанд таърифи ин мафҳум мавҷуд бошад ҳам, дар адабиёти илмӣ бештар таърифи пешниҳоднамудаи М.И. Лисина истифода мешавад: «муошират ин ҳамкории ду ва зиёда одамон мебошад, ки ба ҳамоҳангсозӣ ва муттаҳид намудани кӯшишҳои онҳо бо мақсади ба роҳ мондани муносибатҳо ва ноил шудан ба натиҷаи умумӣ нигаронида шудааст» [77, с.4].

Мо ба таърифи пешниҳоднамудаи А.В. Петровский такя намудем, ки тибқи он, «муошират ин раванди мураккаб ва бисёрҷанбаи барқарорсозӣ ва рушди робитаҳои байни одамон аст, ки дар асоси талабот ба фаъолияти якҷоя ба вуҷуд омада, дар худ мубодилаи ахбор, ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмиро таҷассум мекунад» [153]. Яъне, мо муоширатро дар партави ҳамкории воқеии субъектҳо, аз тарафи онҳо интихоб намудани восита ва усулҳои ноил шудан ба натиҷаи муштарак, фароҳам овардани шароит барои рушди шахсӣ баррасӣ мекунем. Муошират ин ташкилаи асосӣ ва марказие мебошад, ки дар он раванди воқеии ҳамкорӣ бунёд мешавад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар илмҳои гуногун ҷанбаҳои гуногуни муошират омӯхта мешавад. Масъалаҳои муҳимми назарияи умумифалсафии муошират дар асарҳои М.И. Бобнева [35], А.А. Брудний [19], Л.Г. Буева [43], А.Б. Добрович [52], М.С. Коган [56], М.И. Ночевник [90] ва дигарон баррасӣ шудаанд. Дар психологияи умумӣ ва иҷтимоӣ масъалаи муошират мавқеи хоса дорад. Функсияҳои психологии муошират ва муошират ҳамчун механизми иҷтимоии ба роҳ мондани ҳамкории одамон дар корҳои Ю.Б. Алешина [138], А.А. Бодалев [128-14], А.Н. Леонтев [141], Б.Ф. Ломов [36], Л.А. Петровский [38], П.А. Просетский [154], С.Ф. Устименко [166], Е.В. Суканова [126], Ҳ. Ремшмидт [105] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Чун ба гуманизм майл доштанро мо дар он мебинем, ки наврас мазмуни муоширатро бо ҳамсолон муайян карда, воситаҳо ва усулҳои муоширатро мустақилона интихоб мекунад, аз ин рӯ, ташаккул додани маромнокии мувофиқи эътирофнамоии шариконро дар фаъолияти якҷоя муҳим мешуморем. То имрӯз идеяи фароҳам овардани шароити психологию педагогие, ки дар он ҳамсолони наврас имкони амалӣ намудани талаботи шахсии худро (масалан, талабот ба худсобиткунӣ, худифоданамоӣ) дар фаъолият ва муошират дошта бошанд, дар улуми педагогӣ хеле маъруф аст. Тибқи таҳқиқоти муосири психологию педагогӣ [49], зери таъсири равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ мазмуни тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ меҳнати фоиданоки ҷамъиятиро аз маркази диққат дур карда, онро ба фаъолияти муштараке иваз намудааст, ки натиҷаи он маҳсулоти мушаххаси моддӣ нест. Сухан дар бораи моҳияти фардӣ-иҷтимоии маромҳое меравад, ки барои худифоданамоӣ, худбаҳодиҳӣ дар фаъолияти якҷоя, хоҳиши иштирок кардан дар ин фаъолият барои инкишоф ва такмили худ, ба даст овардани мавқеи муайян дар муносибат ба рафиқон, тасдиқ кардани «Ман»-и худ, инкишоф додани мустақилият ҳамчун хислати характер заруранд. Бешубҳа, арзишманд он аст, ки наврасон муосир дурнамои манфиатбахш будани худро

барои дигарон ва манфиатбахш будани ҷомеаро барои ғанӣ гардонидани фардияти худ дарк мекунад. Аммо, дар баробари ин, аз як тараф, норасоӣ дар боварӣ ва эҳтироми калонсолон мушоҳида мешавад, аз тарафи дигар, барои қонеъ кардани талабот ба худвоқеиятбахшӣ имконият фароҳам оварда намешавад.

Д.И.Фелдштейн ба масъалаи характери фаъолияти пешбаранди наврасӣ диққати аввалиндараҷа дода, чунин иброз мекунад, ки дар инкишофи психикии наврасон фаъолияти ҷамъиятан муфид, иҷтимоан эътирофшаванда ва қабулшаванда, пардохтнашаванда мавҷуд аст.

Илова бар ин, давраи наврасӣ ба давраҳое ҷудо карда мешавад, ки на танҳо бо дараҷаи муайяни инкишофи соҳаи эмотсионалию иродавӣ ва инкишофи шахсият, балки бо мавҷуд будани талабот ва маромнокии ба ҳар як давраи алоҳида хос тавсиф дода мешаванд. Д. И. Фелдштейн [104-103] дар ҳудуди давраи наврасӣ се давра ё марҳиларо муайян кардааст.

Марҳилаи аввали наврасӣ бо он тавсиф дода мешавад, ки дар синни 9-10-солагӣ майли кӯдак ба мустақилият ва талабот ба эътироф намудани ӯ дар олами калонсолон пайдо мешавад. Кӯшиши дар байни калонсолон назаррас будан, аз доираи одамони наздик баромада, ба муносибатҳои васеи иҷтимоӣ ворид шудан маҳз дар ҳамин давра оғоз мешавад. Дарки худ ҳамчун шахсе, ки аз одамони дигар фарқ мекунад, таваҷҷуҳи махсуси наврасро ба хусусиятҳои ахлоқию психологиаш тақвият бахшида, талаботро ба баҳодиҳии сифатҳои шахсии худ ва сифатҳои одамони дигарро ба вуҷуд меорад. Ин ҳолат боиси рушди босуръати худбаҳодиҳии манфӣ, аз ҷумла шиддатгирии ҳисси масъулиятшиносӣ мегардад. Барои навраси 10-11-сола аз ҳама муҳим ин аст, ки одамон (чи ошно ва чи бегона) имкониятҳои нави ӯро эътироф намуда, ба боварии онҳо сазовор шавад, яъне «ман ҳам калонсолам». Ин дар ҷустуҷӯйи ҳолатҳои мушаххаси бо хусусияти калонсолона доштанашон фарқкунанда, дар ҷустуҷӯйи чунин фаъолиятҳое, ки манфиати иҷтимоӣ доранд ва баҳои оммавӣ мегиранд, ифода меёбад.

Афзоиши миқдор ва шаклҳои гуногуни корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ба марҳилаи дуюми ин давра мебарад, ки ба синни 12-13-солагӣ рост меояд. Дар ин синну сол талабот ба эътирофи омма, фаҳмидани на танҳо вазифаҳои худ, балки ҳуқуқҳои худ дар ҷомеа ба вуҷуд меоянд, ки бо фаъолияти ба корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ равонашуда пурратар қонеъ гардонида мешавад. Ин марҳила бо ташаккулёбии сатҳи нави худшиносии наврас ҳамчун шинохти худ дар системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дарк кардани худ ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ тавсиф дода мешавад. Ҳоҳиши субъекти фаъоли муносибатҳои иҷтимоӣ будан ба ташаккулёбии масъулияти иҷтимоӣ мебарад, ки барои ба роҳ мондани муносибати бошуурона бо атрофиён ва дарёфти мавқеи худ дар коллектив мусоидат мекунад.

Ташаккулёбии омодагӣ ба фаъолияти иҷтимоӣ дар марҳилаи навбатӣ, яъне марҳилаи сеюми наврасӣ (синни 14-15-солагӣ) ба вуҷуд меояд. Дар ин марҳила саъю кӯшиши истифодаи қобилиятҳои худ ва худифоданамоӣ ба ҷустуҷӯйи фаъоли роҳҳо ва шаклҳои воқеии рушди фаъолияти амалӣ мусоидат намуда, талаботро ба худмуайяннамоӣ ва худвоқеиятбахшӣ бармеангезад.

Ҳамин тариқ, дар давраи наврасӣ тафриқаи амиқ ва табақабандӣ вуҷуд дорад, ки ҳар як марҳилаи он дорои мазмуни хоси худ аст. Дар баробари ин, дар марҳилаи минбаъда раванди ташаккулёбии фаъоли он унсурҳои фардикунонӣ сурат мегирад, ки дар саъю кӯшиши муайян кардани имкониятҳои худ дар ҷомеа ифода меёбад. Ин марҳиларо давраи барвақти ҷавонӣ ё навҷавонӣ мегӯянд. Чунин ба назар мерасад, ки ин саъю талошҳои фардию иҷтимоии наврас, ки талаботи ӯро ба худвоқеиятбахшӣ муайян мекунанд, бояд ҳамчун фишангҳои муҳим барои таъмини самаранокии раванди ташаккулёбии шахсият истифода шаванд [104-103].

Рушди марҳилавии наврасро ҳамчун шахсият тавассути тағйирёбии сохтори худшиносӣ дар шаклҳои гуногуни зоҳиршавии он, аз қабили худбаҳодиҳӣ, рефлексияи шахсӣ, талабот ба худ ва дигарон, маромҳои

фаъолият, идеалҳо, шавқу ҳавасҳо ва ғайраҳо ба таври равшан мушоҳида кардан мумкин аст. Навташкилаи марказии психологӣ дар синни наврасӣ ташаккулёбии ҳисси калонсолӣ, ҳамчун таассуроти субъективии муносибат бо худ чун ба калонсолон мебошад.

Моҳияти бухрони давраи наврасиро аксуламалҳои рафтории хоси ин синну сол ташкил медиҳанд. Ба инҳо дохил мешаванд: аксуламали озодӣ, аксуламали гурӯҳбандӣ бо ҳамсолон, аксуламали munoқиша бо калонсолон ва чун натиҷа, муносибати ғайриичтимоӣ ва ғайриинсонӣ ба субъектҳои ҳамкории байнишахсӣ. Ин тавсифдиҳандаҳо дар марҳилаҳои инкишофи шахсияти наврас ҳар хел зоҳир мешаванд.

Мо дар таҳқиқоти худ ба вуҷуд овардани вазъиятҳои иҷтимоию педагогиеро пешниҳод намудем, ки дар онҳо зарурати нишон додани малакаҳои муоширати байнишахсӣ ба вуҷуд омада, интихоби усулу воситаҳоро дар ҳалли мушкилоти муайяни шартӣ ё воқеӣ тақозо мекунанд. Дар бораи технологияи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсии наврасон сухан ронда, пеш аз ҳама, доираи мафҳумҳоеро бояд баррасӣ кард, ки мо дар оянда онҳоро истифода менамоем. Дар байни онҳо мафҳумҳои асосӣ инҳо мебошанд: механизми ба вуҷуд овардани вазъияти худинкишофдиҳии шахс ва шароити педагогии ин раванд. Ҳамчун технологияи фароҳам овардани шароит барои гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсии наврасон, мо тарҳрезӣ ва дар амал татбиқ намудани чунин системаи педагогиро мефаҳмем, ки ба ҳолати шахсӣ ва эмотсионалию иродавии мактаббачагони наврас мувофиқ бошанд. Натиҷаи фаъолияти чунин системаи тарбия ба даст овардани муносибати инсондӯстонаи ба меъёрҳои иҷтимоӣ мутобиқ аз ҷониби наврас мебошад, ки раванди инкишофи мувофиқи шахсияти ӯро фаъол мегардонад [78].

Ҳамин тариқ, наврасӣ ҳамчун як лаҳзаи муҳимми рушди иҷтимоӣ баромад мекунад, ки дар ташаккулёбии шахсият нақш ва таъсири махсус дорад. Муайянкунии шиддатнок ва ғанигардонии мавқеи иҷтимоии наврас –

«ман ва ҷомеа» ҳамкориро бо ҳамсолон таъмин менамояд, зеро дар он наврас имкон пайдо мекунад, ки на танҳо диққати дигаронро ба худ ҷалб намуда, худро нишон диҳад, балки «Ман»-и худро дар баҳодиҳии ҳамсолонаш бинад, ҳис кунад, ки ҷомеа ва рафиқонаш ӯро эътироф мекунанд ва мавқею мақомашро ба назар мегиранд. Механизми ташаккулёбии мавқеи иҷтимоии наврасон дар муносибат ба ҷомеа маҳз дар ҳамин ифода меёбад. Ин механизм ҳамчун нуқтаи такягоҳӣ ва шарти зарурии дохилии рушди минбаъдаи фаъолияти наврас, инчунин, шакли ифоданамоии худшиносӣ ва худмуайянкунии шахсӣ хизмат карда, лаҳзаи муҳимми воридшавии наврас ба ҷомеа ва табдил ёфтани наврас ба субъекти фаъоли муносибатҳои иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ, ки аз ҷиҳати педагогӣ ба наврас «бор карда нашудааст», доираи мувофиқи соҳаи маромию талаботии ӯро ташаккул медиҳад, зеро, аз як тараф, ба интизориҳои наврас мувофиқ аст, аз тарафи дигар, ба ӯ таҷрибаи инкишоф додани худшиносӣ ва худинкишофдиҳиро пешниҳод менамояд ва меъёрҳои фаъолияти ҳаётии ӯро ташаккул медиҳад.

## 1.4. Иҷтимоишавӣ ҳамчун омили рушди худвоқеиятбахшӣ дар синни наврасӣ

Тавре маълум аст, омилҳои гуногуни стратегияи инфиродӣ, ба монанди иҷтимоӣ-фарҳангӣ, биологӣ, ҷаҳонбинӣ, арзишӣ, ҳадафгузорӣ, таҷрибаи гурӯҳӣ, таҷрибаи иҷтимоӣ ва ғайра мавҷуданд. Ҳамаи омилҳои зикршуда дар муносибат ба шахс берунӣ мебошанд. Аммо гурӯҳи дигари таъсиррасонӣ мавҷуд аст: ниятҳои дохилӣ, ки аз субъективият бармеоянд – худшиносӣ, тафаккур, ирода ва ғайра. Одам аз ҷумлаи мавҷудоти иҷтимоию биологиест, ки сарфи назар аз таъсири муҳити беруна, метавонад фаъолӣ ва устувории функсионалии худро ташаккул дода, худро созад.

Масъалаи фардият бо ягонагӣ ва гуногунрангии хислатҳои субъективӣ алоқаманд аст. Субъективӣ ин аст, ки «Ман» барои худ чӣ ё кӣ ҳастам. Одам

дунёро тавре мебинад, ки вай онро мефаҳмад ва фаҳмиши олам бештар ба таҷрибаи ҳаётӣ ва амалии инсон вобастагӣ дорад.

Фардият мафҳумест, ки ҳолати субъективӣ ва асосан амали субъективии шахсро таҷассум мекунад, яъне «Ман» аз «Дигар кас» дар сатҳи худшиносӣ чӣ тафовут дорам. Инчунин, мафҳуми «фардият» ишораи ба шакли худшиносии инсон табдил додани ҳаёти иҷтимоӣ аст. Фардият дар натиҷаи норозигии одам аз олам ва аз худ ҳамчун ҷузъи ин олам ташаккул меёбад. Хамин тавр, дар сатҳи фардият вазъияти фаромарзии ду олам — заминӣ (ҷисмонӣ) ва транссенденталӣ (маънавӣ) зоҳир мегардад. Дар асоси ин фардиятро метавон ҳамчун ифодаи ҳисси ҷудошавӣ ва падидаи танҳоӣ муайян кард. Инсон дар доираи фардият ин «инсони фоҷиавӣ» аст (К. Роҷерс) [107, 108]. Мубориза барои фардият раванди иҷтимоишавӣ мебошад [133].

Дар ташаккулёбии назарияҳои иҷтимоишавӣ ҳамаи равияҳои сотсиологӣ бо ин ё он тарз иштирок доштанд:

- интераксионизми рамзӣ (Ҷ.Г. Мид [86]), Г. Блумер, Д. Хорке, Л. Колберг, Т. Шибутани [127] ва дигарон) иҷтимоишавиро ҳамчун натиҷаи тафсири субъективӣ ва ба таври субъективӣ фаҳмидашавандаи маънои водоркунандаҳои фардӣ ва амали шахсони дигар дар раванди ҳамкории рамзӣ шарҳ медиҳад;

- бихевиоризм ва необихевиоризм (Б. Скиннер, Э. Торндайк, А. Бандура, Ҷ. Уотсон ва дигарон [113,159]) иҷтимоишавиро ҳамчун раванди ёдгирии иҷтимоӣ тавсиф кардаанд, ки бо муносибати «водоркунанда – фард – аксуламал» алоқаманд аст;

- равияи сотсиолингвистӣ (Э. Сапир, Б. Уорф, Д. Макинтайр, Б. Бернштейн [95] ва дигарон) иҷтимоишавиро ҳамчун раванди ба ҷомеа шомил кардани фард ва тавассути «рамзҳои нутқӣ» ва забон ҳамчун системаи шифоҳии аломатҳо ворид кардани ӯ ба муносибатҳои сертобиши иҷтимоӣ-фарҳангӣ маънидод кардааст;

- равияи гуманистӣ (Г. Олпорт, А. Маслоу, К. Роҷерс [83-84, 152] ва диг) ин падидаро ҳамчун худфаъолкунии шахс шарҳ додааст.

Механизми иҷтимоишавӣ метавонад интихоби технологияҳои нақшӣ аз ҷониби фард бошад: «тақлид» (Г.Тард); «айниятдиҳии худ ба дигарон» (З. Фрейд); «нақши дигареро гирифтан» (Ҷ.Г. Мид); «тақлид ва айниятдиҳӣ» (Т. Парсонс) [26].

Иҷтимоишавӣ аз ҷиҳати мазмун бо мафҳумҳои ба он наздик фарқ мекунад. Масалан, «худинкишофдиҳӣ» раванди густариш додани хислатҳои ба фард мансуббудаест, ки дар он шароити иҷтимоӣ танҳо ҳамчун муҳити беруна амал мекунад; «тарбия» раванди мақсадноки ташаккулёбии шахсият, мувофиқи меъёрҳо ва интизориҳои қабулшудаи иҷтимоӣ мебошад. «Иҷтимоишавӣ» на танҳо раванд аст, балки натиҷаи таъсири мутақобилаи шахсро бо маҷмуи таъсироти иҷтимоӣ ва фарҳангии муҳити муошират фаро мегирад.

Дар психологияи иҷтимоии муосир низ фаҳмиши ягона ва якмаъноӣ «иҷтимоишавӣ» мавҷуд нест.

Т. Шибутани иҷтимоишавиро ҳамчун раванде муайян мекунад, ки тавассути он одамон иштироки самаранокро дар гурӯҳҳои иҷтимоӣ меомӯзанд. Шахс вақте иҷтимоӣ мешавад, ки қобилияти иштирок карданро дар амалҳои мувофиқ бо меъёрҳои қабулшуда дарёфт мекунад [127, с.315].

Дар «Луғати психологӣ» иҷтимоишавӣ ҳамчун «раванди таърихан тасдиқшудаи дар фаъолият ва муоширот суратгиранда ва натиҷаи азхудкунӣ ва такрористеҳсоли фаъоли таҷрибаи иҷтимоӣ аз ҷониби шахс» муайян шудааст [162].

Е.В. Змановская иҷтимоишавиро ҳамчун раванди тадриҷан ба ҷомеа воридшавии фард тавассути шинохтан, аз худ кардан ва қабул намудани муносибатҳо ва меъёрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнок муайян мекунад» [55].

Г.М. Андреева ба ичтимоишавӣ чунин таъриф медиҳад: «Ичтимоишавӣ ин раванди дутарафа буда, аз як тараф, азхудкунии таҷрибаи ичтимоиро аз ҷониби фард тавассути ворид шудан ба муҳити ичтимоӣ ва системаи робитаҳои ичтимоӣ дар бар мегирад; аз тарафи дигар, раванди бозсозии фаъолонаи системаи робитаҳои ичтимоӣ аз ҷониби фард тавассути фаъолии ичтимоӣ, яъне воридшавии фаъол ба муҳити ичтимоӣ мебошад» [20, с.18].

Муҳим он аст, ки шахс на танҳо таҷрибаи ичтимоиро аз худ мекунад, балки онро ба арзишҳо, мақсадгузориҳо ва мавқеъгирии худ табдил медиҳад, яъне фаъолӣ нишон медиҳад.

Раванди ичтимоишавӣ бо равандҳои ташаккулёбӣ ва тарбияи шахсият зич алоқаманд аст.

Инкишофи шахсият фаъолии шахсро тақозо мекунад (шахс ҳамчун субъект).

Тарбия ба маънои васеъ ва маҳдудаш (таъсири тарбиятгар) ин таъсиррасонии ҳамаи системаҳои робитаҳои ичтимоӣ ба одам бо мақсади аз тарафи ӯ азхудкунии таҷрибаи ичтимоӣ мебошад. Ичтимоишавӣ се раванди ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад (Расми 1):




**Расми 1. Раванди ичтимоишавӣ**

1) мутобиқшавии ичтимоӣ ин мувофиқшавии фаъол ба шароити муҳити зист тавассути азхудкунии талаботи беруна ва тағйирдиҳӣ (якҷоякунӣ)-и аксуламалҳои худ мебошад;

2) фардикунонӣ – мутобиқшавии фаъоли шахс ба хусусиятҳои худ дар шакли худшиносӣ, худпазирой ва худвоқеиятбахшӣ;

3) ҳамгироии иҷтимоӣ-психологӣ – мураккабшавии тадриҷӣ, ба тартиб даровардан ва ҳамоҳангсозии функсия ва унсурҳои интрапсихикӣ (дохилипсихикӣ) дар мувофиқа бо талаботи воқеияти иҷтимоӣ.

Мазмуни ин равандҳо дар ҷадвали 1 оварда шудааст [127].

***Ҷадвали 1.***

***Амсилаи сохторӣ-динамикии иҷтимоишавӣ***

| Мутобиқшавии иҷтимоӣ (+) | Ҳамгироии иҷтимоӣ-психологӣ (+) | | Фардикунонӣ (+) |
|---|---|---|---|
| Азхудкунии меъёрҳои фарҳангӣ | Фаҳмидани меъёрҳо ва пазируфтани онҳо | Айниятдиҳӣ бо меъёрҳои фарҳангӣ | Рушди маънобахшӣ ва арзишҳои фардӣ |
| Интериоризат-сияи дониш, аломатҳо ва воситаҳои фаъолият | Ёддиҳӣ дар раванди муошират ва фаъолияти муштарак | Мувофиқати манзараи субъективии олам ва воқеият | Худвоқеиятбах-шӣ дар маърифатнамоӣ ва фаъолияти созанда |
| Омӯзиши ҳамкорӣ бо дигар одамон | Инкишоф додани малакаҳои ҳамкорӣ ва ҳалли низоъҳо | Муайянкунии арзиши худ, муродиф ба баҳодиҳӣ аз ҷониби дигарон | Таҷрибаи дилбастагӣ ва муносибатҳои наздик |
| Типикунонии хусусиятҳо ва стандартикунонии амалҳо | Чандирӣ, мувофиқкуно-нии равиши инфиродӣ | Худназораткунии рафтор | Рефлексия, худмаърифат-намоӣ, худтанзимкунӣ, худинкишоф-диҳӣ |
| Фаъолии иҷтимоии шахс | Ҳамоҳангсозии манфиатҳои ҷамъиятӣ ва ҳадафҳои шахсӣ | Танзимкунии мақсаднок | Талаботи фаҳмидашуда ва маромҳои бешуурона |

Се самте ҷудо карда мешавад, ки дар он иҷтимоишавии шахс амалӣ мегардад:

- фаъолият;
- муошират;
- инкишофи худшиносӣ [133].

Дар раванди азхудкунии мазмуни фаъолият ва намудҳои гуногуни он ҷараёни самтгирии фард ба амал омада, интихоби самти асосии афзалиятнок сурат мегирад, маънобахшии шахсӣ ба фаъолият ва муносибатҳо ташаккул меёбад.

Дар ин радиф доираи алоқаи одам бо одамони дигар васеъ мешавад. Илова ба ин, дар раванди иҷтимоишавӣ ташаккулёбии симои «Ман» дар одам сурат мегирад, ҳувияти ӯ ташаккул меёбад.

Дар парадигмаҳои гуногуни психология анъанаи ба таври гуногун баррасӣ кардани моҳияти ин ё он марҳилаи иҷтимоишавии шахсият вуҷуд дорад. Психоанализ ба нақши марҳилаҳои барвақти ташаккулёбии шахсият бартарӣ медиҳад. Дар назарияҳои дигар нақши муҳим дар иҷтимоишавии шахс ба синни ҷавонӣ дода мешавад. Т. Шибутани менависад: «Аксари таҳқиқотҳо оид ба иҷтимоишавӣ ба давраи кӯдакӣ таваҷҷуҳ мекунанд, зеро дар ин марҳила ёдгирӣ аз рӯйи хусусияти умумиаш таассуроти амиқтар мебахшад. Ин давраест, ки тарзи зиндагонӣ шакл гирифта, барои иҷтимоишавии минбаъда замина гузошта мешавад. Аммо азхудкунии малакаҳои нав дар тули ҳаёти ҳар як шахс рӯй медиҳад. Амсилаҳои нави рафтор ҳангоми ба донишгоҳ дохил шудан, ба кор оғоз кардан ё ба ҷойи нав кӯчидани шахс инкишоф меёбанд. Одам набояд аз дигарон қафо монад ва барои ин, ӯ он шаклҳои нави рафторро рушд медиҳад, ки ба шароити нав бештар мувофиқанд» [127, с.218].

Умуман, ҳангоми баррасии иҷтимоишавӣ марҳилаҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

- марҳилаи пеш аз меҳнат (дар он давраи барвақт ва давраи таҳсилро фарқ мекунанд);
- марҳилаи фаъолияти меҳнатӣ;
- марҳилаи баъд аз фаъолияти меҳнатӣ.

Дар ҳама марҳилаҳои иҷтимоишавӣ таъсиррасонӣ ба шахс бевосита ё тавассути гурӯҳ сурат мегирад. Ниҳодҳои иҷтимоишавӣ инҳоянд:

– оила ва муассисаҳои томактабӣ;

– мактаб, инчунин, муассисаҳои тахсилоти миёна ва олии касбӣ;

– коллективи меҳнатӣ.

Ҳамин тариқ, иҷтимоишавӣ раванди ворид шудани одам ба ҷомеа, шиносоии ӯ бо доираи тадриҷан васеъшавандаи ҷомеаҳои гуногун, коркарди муносибат ба ҷамоаҳои нав, пазируфтани ин ё он мақсадгузориҳои хоси ҷомеа, азхуднамоии нақши худ дар гурӯҳҳо ва умуман, дар ҷомеа мебошад.

Муҳаққиқи ватанӣ Н.М. Юнусова нақш ва мавқеи занро дар тарбияи оилавии анъанавӣ ва иҷтимоишавии наслҳои наврасро бо баҳисобгирии тамоюлотҳои наву муосир рушди ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода, муҳиммияти арзишҳои умумиинсониро дар ташаккули ахлоқии шахс ҳамаҷониба таҳлил намудааст. Мувофиқи омӯзиши Н.М. Юнусова бисёрҳудуда будани арзишҳои умумиинсонӣ, фарҳанги муосир ва системаи таъсиротҳои тарбиявии гуманистӣ ба самаранокии ташаккулёбӣ, банишонгирии ахлоқии шахс нишон дода шудааст [186].

Дар психологияи иҷтимоӣ нақш ба сифати яке аз механизмҳои муҳимми иҷтимоишавӣ тавсиф дода мешавад. Т. Шибутани [127, с.220] нақшро ҳамчун намунаи муқарраршудаи рафторе муайян мекунад, ки аз шахс дар шароити муайян талаб карда мешавад, агар мавқеи ишғолкардаи ӯ дар амали муштарак маълум бошад. Нақш ин қолаби ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян мебошад. Уҳдадорӣ он чизест, ки шахс бояд бо назардошти нақши азхудкардааш иҷро кунад. Одамони дигар интизоранд ва талаб мекунанд, ки вай ба таври муайян амал кунад.

Бозидани нақш дар иҷрои уҳдадориҳое ифода меёбад, ки аз нақш бармеоянд ва амалӣ кардани ҳуқуқҳои худ дар муносибат бо дигарон аст. Ҳар як шахс доир ба роҳҳои дурусти амал кардан, ҳам барои худ ва ҳам барои дигарон тасаввурот дорад. Азхудкунии нақш дар гурӯҳ сурат мегирад, зеро дар он одамон рафтори нақшии дигаронро мушоҳида карда, аз якдигар меомӯзанд.

Озмоиши дар маҳбас гузаронидаи олими стендфордӣ Ф. Зимбардо нишон дод, ки баъзе вазъиятҳо ба одамон таъсири сахт расонида, онҳоро маҷбур ба содир намудани рафторе мекунанд, ки қаблан онро барои худ сазовор намедонистанд [54].

Дар бозии нақшӣ, ҳатто ҳангоми сунъӣ, муваққатӣ ва бо вазъият маҳдуд будани нуфуз, он ба ҳар ҳол метавонад ба шахс таъсири пурзӯр расонад. Мақсадгузориҳо, арзишҳо ва ақидаҳои шахсӣ дар зери таъсири нақши бозидашаванда метавонанд ба таври назаррас тағйир ёбанд.

Иҷтимоишавии фард дар зери таъсири ҷомеа сурат мегирад, ҳамон ҷомеае, ки шахс дар он фаъолият мекунад. Маълум аст, ки дар зери таъсири волидайн дар шахс системаи арзишҳо, меъёрҳои муносибат бо калонсолон, ҳамсолон ва ғайра ташаккул меёбад. Дар баробари ин, ба одам на танҳо гурӯҳҳои хурде, ки ӯ бевосита дар онҳо инкишоф меёбад, балки фарҳанг, намуд ва тавсифдиҳандаҳои он низ таъсир мерасонанд. Ҳамаи ин ба характери муносибатҳои шахс ба ҷомеа, ба дигарон ва ба худаш таъсир мерасонад. Ҳамин тавр, Ф. Зимбардо оид ба таъсири фарҳангҳои Ғарбу Шарқ ба шахсият таҳқиқот бурдааст [54, с.17].

Муҳаққиқи ватанӣ Л.С. Хидирова кори худро бо баҳисобгирии талаботҳои оила ва тарбияи оилавӣ роҳандозӣ намуда, самаранокии тарбияи оилавӣ, алоқаи онро бо дигар ҳалқаҳои системаи тарбиявӣ таҳқиқ кардааст. Муҳаққиқ кӯшиши таҳқиқи масъалаҳои асосии ахлоқи умумиинсонӣ карда, нақши анъанаҳои оилавиро дар ташаккулёбии сифатҳои ахлоқии шахс, роҳҳои ба амал баровардани онро нишон додааст [182].

Фарҳанги Ғарб шахсро ба фардгароӣ, вобаста набудан ба дигарон ва ба оилаю волидайн таҳрик медиҳад. Ҷавон ба коллеҷ ё донишгоҳ дохил шуда, зиндагии мустақилонаро ихтиёр мекунад ва дигар ба оилааш барнамегардад. Дар ӯ «Мани мустақил» ташаккул меёбад ва бештар ба манфиату хоҳишҳои худ таваҷҷуҳ мекунад.

Фарҳанги Шарқ, баръакс, «Ман»-и пойбанди вобастагии мутақобиларо ташаккул медиҳад. Чунин шахс мансубияти худро ба гурӯҳ, ҷомеа ва оила бештар ҳис мекунад. Ҳадафи ҳаёти ичтимоӣ дар чунин фарҳангҳо ноил шудан ба ҳамоҳангӣ бо ҷомеаи худ ва дарёфти дастгирии он аст. Худбаҳодиҳӣ бо он алоқаманд аст, ки дигарон дар бораи шахс чӣ фикр мекунанд (Ҷадвали 2).

***Ҷадвали 2.***

***Таъсири фарҳангҳо ба иҷтимоишавии шахс***

| Намудҳо | Мустақил | Вобастагии мутақобила |
|---|---|---|
| Худмуайянкунӣ | Чизи шахсӣ, ки бо муносибат бо дигарон муайян карда мешавад | Мутааллиқ ба ҷамъият |
| Чӣ муҳим аст: дастовард ва муваффақиятҳо, ҳуқуқ ва озодиҳои ман | Ман, ҳадафҳо ва ҳамбастагии шахсии ман ухдадорӣ ва муносибатҳои иҷтимоии мо | Мо гурӯҳем |
| Қабул карда намешавад | Конформизм | Эгоизм |
| Шиори намоишӣ | «Ба худ содиқ бош» | «Бани одам аъзои якдигаранд» |
| Фарҳангҳое, ки «Ман-консепсия»-ро дастгирӣ мекунанд | Фардгароии ғарбиёна | Коллективизми шарқиёна |

Дар зери таъсири фарҳанг дар одам самтгирӣ вобаста ба замон ташаккул меёбад: гузашта, ҳозира, оянда.

Сарфи назар аз аҳаммияти бунёдии иҷтимоишавӣ дар системаи умумии донишҳои илмии инсоншиносӣ, масъалаи ҷараёнгирии иҷтимоишавӣ дар давраҳои бухронии инкишофи шахсият ҳанӯз ба қадри кофӣ таҳқиқ нашудааст, ки ин дар навбати худ имкониятҳои ташхис, пешбининамоии инкишоф, тағйирёбандагӣ ё устувории ин равандро маҳдуд карда, ба инобат гирифтани таъсири монеаҳои иҷтимоиро ба рафтор, фаъолият ва муносибатҳои байнишахсӣ душвор мегардонад. Хусусиятҳои иҷтимоишавӣ дар давраҳои бухронӣ, инчунин, зарфиятҳои шахс барои танзимнамоии он ҳанӯз ҳам чун масоили камомӯхташуда боқӣ мондаанд.

Дар сотсиология ва психология, психологияи иҷтимоӣ ва синнусолӣ доир ба муҳиммияти масъалаи иҷтимоишавӣ маводи кофӣ мавҷуд аст, ки барои омӯзиши ҳамаҷонибаи равандҳо ва қонуниятҳои инкишофи шахсият аз ҷиҳати психологию педагогӣ имконият медиҳад. Аммо мавҷудияти шумораи зиёди таҳқиқотҳо ҳанӯз ҳам имкон намедиҳанд, ки дар бораи мавҷудияти фаҳмиши ягонаи мафҳуми «иҷтимоишавӣ» сухан ронем.

Мафҳуми иҷтимоишавӣ бори аввал охири солҳои 40-ум ва ибтидои солҳои 50-уми асри XX дар асарҳои психологҳои иҷтимоии амрикоӣ А. Парк, Д. Доллард, Ҷ. Колман, А. Бандура, В. Уолтерс ва дигарон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст [133, с.93].

Баъдтар, дар охири солҳои 60-ум ва ибтидои солҳои 70-уми асри гузашта, ба масъалаи мазкур дигар олимони ғарбӣ, намояндагони қариб ҳамаи мактабҳо ва равияҳои психологияи иҷтимоии муосири ИМА, аз ҷумла неофрейдистон, намояндагони бихевиоризм, необихевиоризм, назарияи диссонанси маърифатӣ, интерактивизми рамзӣ ва ғайра ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Нишондиҳандаи таваҷҷуҳи зиёд ба ин масъала таъсис додани кумитаи махсус доир ба масъалаи «иҷтимоишавӣ» дар ИМА мебошад. Соли 1956 мафҳуми «иҷтимоишавӣ» ба феҳристи Ассотсиатсияи сотсиологии Амрико ворид карда шуд.

Ба таҳқиқотҳои арзишманди монографӣ оид ба ин масъала асарҳои А. Бандура ва В. Уолтерс «Азхудкунии иҷтимоӣ ва рушди шахсият» (1969), О.Брим ва И.Уилер «Иҷтимоишавӣ пас аз кӯдакӣ» (1966) Ҷ. Эронфрид «Рафтор ва шуур. Иҷтимоикунонии назорати дохилии рафтор» (1968), М. Смарт ва Р. Смарт «Инкишоф ва муносибатҳои байниҳамии наврасон» (1973) ва кори дастаҷамъона таҳти таҳрири Д. Гослинг «Китоб оид ба назария ва таҳқиқоти иҷтимоишавӣ» (1968) ва дигаронро [21] метавон дохил кард.

Барои таҳқиқоти Ғарб мавҷуд будани раҳёфтҳои сершумори назариявӣ ҳангоми баррасии раванди иҷтимоишавӣ хос аст. Дар воқеъ, ҳар як мактаби

иҷтимоӣ-психологии ғарбӣ доир ба ин падида мавқеи худро дорад. Ҳамин тавр, намояндагони бихевиоризм ва необихевиоризм (Б. Скиннер, Э. Торндайк, А. Бандура, В. Уолтерс ва дигарон) иҷтимоишавиро ҳамчун раванди азхудкунии иҷтимоӣ тавсиф медиҳанд. Дар мактаби интераксионизми рамзӣ, ки асосгузори он Ҷ. Мид мебошад ва инкишофи худро дар асарҳои Д. Хорк, Д. Яксом, Л. Колберг, Т. Кемпер, Т. Нюкомб ва дигарон ёфтааст, иҷтимоишавӣ ҳамчун натиҷаи ҳамкории иҷтимоии байни одамон баррасӣ карда мешавад. Намояндагони психологияи гуманистӣ (А. Олпорт, А. Маслоу, Г. Роҷерс) рушди иҷтимоии шахсро ҳамчун худфаъолнамоии «Ман-консепсия» арзёбӣ мекунанд [21].

Ба ин раҳёфтҳо то андозае олимони рус, ки намояндагони соҳаҳои гуногуни илмҳои сотсиологӣ ва психологию педагогӣ мебошанд, шариканд. Дар баробари ин, иҷтимоишавӣ дар робитаи зич бо инкишоф ва тарбия омӯхта мешавад.

Дар кишвари мо таваҷҷуҳ ба масъалаи иҷтимоишавӣ назар ба хориҷа каме дертар ба миён омада, аввалин корҳои илмӣ доир ба ин масъала нимаи дуюми солҳои 1960 ба табъ расидаанд.

Дар ибтидо ин масъаларо файласуфон ва ҷомеашиносон дар асоси таҳлили интиқодии мафҳумҳои хориҷии ҷомеашиносӣ таҳия кардаанд.

Дар ҳамин вақт, масъалаи иҷтимоишавӣ дар асарҳои психологҳои варзидаи шуравӣ, пеш аз ҳама, психологҳои иҷтимоӣ инъикос ёфтааст. Мақолаҳои Б.Г. Ананев «Доир ба самарабахшии психологии иҷтимоишавӣ» (1971) [16], В.С. Мерлин «Шаклгирии фардият ва иҷтимоишавии фард» (1970) [149] ба чоп расидаанд. Ин масъала дар монографияҳои И.С. Кон «Сотсиологияи шахс» (1967) [67], Е.С. Кузмин «Асосҳои психологияи иҷтимоӣ» (1967) [73], Б.Д. Паригин «Психологияи иҷтимоӣ ҳамчун илм» (1967) [97] мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Баъдан дар китоби дарсии «Психологияи иҷтимоӣ»-и Г.М. Андреева (1980) [20], монографияи Б.Ф. Ломов «Масъалаҳои методологӣ ва назариявии

психологияи муосир» (1984) [147] бахшҳои мустақил ба масъалаи иҷтимоишавӣ бахшида шудаанд [147]. Дар ин мавзуъ як қатор диссертатсияҳо ҳимоя карда шудаанд.

Дар кишвари мо омӯзиши ҷанбаҳои психологии иҷтимоишавӣ дар доираи китобҳои дарсӣ ва воситаи таълимӣ маҳдуд гардидааст. Дар китоби дарсии «Психология» (2010) оварда шудааст: «Одам дар раванди иҷтимоишавӣ меъёрҳои иҷтимоиро аз худ намуда, молики тарзҳои иҷрои нақшҳои иҷтимоӣ ва малакаҳои ҷамъиятӣ мегардад. Иҷтимоишавӣ – ин аз худ намудани воқеияти иҷтимоӣ аз ҷониби шахс аст» [102 с.120].

Дар таҳқиқоти мо ҳадафи муҳим муайян кардани он аст, ки азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ, ташаккулёбии системаи дохилии танзими рафтори шахс ва раванди интериоризатсия (яъне интиқол додани меъёрҳо ва арзишҳои гуногуни гурӯҳӣ, ки ҳамчун танзимаи берунаи рафтор амал мекунанд, ба танзимаҳои дохилӣ) чӣ тавр сурат мегирад.

Бояд қайд кард, ки механизмҳои иҷтимоӣ-психологии иҷтимоишавӣ нақши «пули гузариш»-ро дар байни танзимаҳои беруна (меъёрҳо ва урфу одат ва анъанаҳои гурӯҳӣ, дастурҳои нақшӣ, маҳдудиятҳои муҷозот ва ҷазо, тасдиқ ва маҳкумкунӣ) ва танзимаҳои дохилӣ (мавқеъгириҳо, ҳолати психикии омодагӣ ба аксуламалҳои муайяни рафтор) иҷро мекунанд.

Ба омӯзиши механизмҳои иҷтимоию психологии иҷтимоишавӣ дар таҳқиқоти иҷтимоию психологии хориҷӣ таваҷҷуҳи зиёд дода шудааст. Таҳқиқи механизмҳои иҷтимоӣ-психологии иҷтимоишавӣ аз ҷониби намояндагони интерактивизми рамзӣ натиҷаҳои нисбатан самарабахштарро дорад. Ӯ шахсиятро ҳамчун маҳсули ҳамкории иҷтимоии одамон арзёбӣ мекард, ки он ба нақшҳои иҷтимоии ба таври объективӣ дар ҷомеа муқарраршуда вобаста аст.

Нақш ва ёдгирии он дар консепсияи Ҷ. Мид ҳамчун мафҳумҳои калидие баррасӣ мешаванд, ки раванди иҷтимоишавиро ошкор мекунанд. Ба нақшҳо ҳам азхудкунӣ, ҳам татбиқи вазифа ва уҳдадориҳои асосии иҷтимоии

фард алоқаманд мебошанд. Ба андешаи ӯ, қабулкунӣ ва интернализатсияи нақш, моҳияти иҷтимоишавиро ташкил медиҳад. Интернализатсия маънои азхудкунии нақшҳои гуногуни иҷтимоиеро дорад, ки бунёд ва тасдиқи шахсият дар он сурат мегирад [133].

Консепсияи иҷтимоишавии нақшии Ҷ. Мид аз тарафи психологҳои муосири америкоӣ Д. Хорк, Д. Ҷексон, Л. Колберг ва Т. Кемпер тақвият дода шудааст [86,127]. Объекти асосии таваҷҷуҳи онҳоро чунин механизмҳои қабул ва азхудкунии нақш, аз қабили дастурҳо, интизориҳои иҷтимоӣ, таҳримҳои ҳавасмандкунӣ ва ҷазо, назорат, кӯшиш ба дастовардҳо, гурӯҳҳои референтӣ, тақлид ва айниятдиҳӣ ташкил медиҳанд.

Механизмҳои иҷтимоӣ-психологии иҷтимоишавӣ, ки аз ҷониби психологҳои ҳориҷӣ таҳия шудаанд, фаҳмиши интиқодӣ ва татбиқи худро дар психологияи иҷтимоии ватанӣ ёфтаанд.

Аммо чӣ дар таҳқиқотҳои хориҷӣ ва чӣ дар таҳқиқотҳои ватанӣ кӯшиши воқеии ба низом даровардани ин мафҳумҳо, ба таври муайян тасниф кардан ва аз мафҳумҳои ниҳодҳо ва усулҳои иҷтимоишавӣ ҷудо кардани онҳо анҷом дода нашудааст. Чун мо баррасӣ кардани хусусиятҳои синнусолии тарафҳои мазмунӣ ва функсионалии раванди иҷтимоишавиро дар марҳилаи маргиналии гузариш аз давраи кӯдакӣ ба калонсолӣ вазифаи худ қарор додаем, зарурати ба низом даровардани ин мафҳумҳо ба миён меояд.

Чӣ тавре қайд кардем, иҷтимоишавии шахс дар раванди алоқаи фаъолонаи ӯ бо муҳит, дар рафти аз тарафи фард азнавҳосилкунии он муносибатҳои ҷамъиятие, ки ӯ аз худ кардааст ва мекунад, сурат мегирад. Аз ин ҷост, ки дар баробари сабабиятҳои умумииҷтимоӣ, ниҳодҳо ва механизмҳои иҷтимоишавӣ, инчунин, усулҳои иҷтимоишавиро (намудҳои алоқаи фаъол бо муҳити атроф, ки ба воситаи он шахс ба системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таҷрибаи иҷтимоиро аз худ мекунад) низ ба назар гирифтан лозим аст.

Дар психологияи умумӣ ва синнусолӣ усулҳои иҷтимоишавӣ дар алоқамандӣ ба мафҳуми ба он наздик, ба мисли «фаъолияти пешбаранда», ки дар он принсипи инкишофи психика дар фаъолият ифодаи худро ёфтааст, муайян карда мешавад. Дар мафҳуми «фаъолияти пешбаранда» ҳам он тағйироти сифатие инъикос мешаванд, ки таҳти таъсири ин фаъолият дар психика ва шахсияти кӯдак ба амал меоянд ва ҳам ин далел, ки мазмуни худи фаъолияти пешбаранда бо хусусиятҳои психологии синнусолии кӯдак муайян карда мешаванд.

Ба таври алоҳида ҷудо кардани фаъолияти пешбаранда ба ҳеҷ ваҷҳ маънои нодида гирифтани намудҳои дигари фаъолиятро надорад. Аммо, бо вуҷуди ин, маҳз ҳамин фаъолияти пешбаранда дар рушди психикӣ, дар ин марҳилаи синнусолӣ нақши муҳим бозида, робитаи шахсро бо муҳити атроф тақвият медиҳад.

Нақши фаъолияти пешбаранда дар азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ аз ҷониби шахс хеле сервазифа аст. Вай барои рушди функсияҳои олии психикии шахс ва азхудкунии донишу малакаҳои барои фаъолияти ояндаи касбӣ зарурӣ замина гузошта, характери бавосита доштани муносибати байниҳамии фардро бо муҳит, махсусан, бо ниҳоди пешбарандаи иҷтимоишавӣ дар ин марҳила муайян мекунад.

Ба андешаи А.В.Петровский [153, с.15], ин муносибатҳои бавосита нақши он унсурҳои фаъоли функсионалӣ-динамикиеро мебозанд, ки ба сифати усулҳои иҷтимоишавӣ баромад карда, барои интиқол додани системаи танзимҳои берунӣ, меъёр ва арзишҳои гурӯҳӣ ба танзимаҳои дохилии рафтор мусоидат мекунанд. Ҳамин тариқ, тавсифи ҷанбаи функсионалии раванди иҷтимоишавӣ баррасии омилҳои гуногуни иҷтимоӣ-психологиро тақозо мекунад, ки раванди азхудкунии таҷрибаи иҷтимоиро аз ҷониби шахс, пеш аз ҳама, раванди ташаккулёбии системаи танзими дохилии фаъолияти шахсро муайян мекунанд.

Пеш аз ҳама, ба ин омилҳо намудҳои гуногуни гурӯҳҳо дохил мешаванд, ки муҳити бевоситаи шахсро ташкил медиҳанд ва ҳамчун интиқолдиҳандагони меъёрҳо ва арзишҳои гуногуни гурӯҳӣ амал карда, системаи танзими берунии рафторро ташкил медиҳанд. Ин гурӯҳҳо институтҳои иҷтимоӣ номида мешаванд.

Омили дигар ин таъсироти иҷтимоӣ-психологии муҳити зист мебошад, ки нақши механизми иҷтимоишавиро бозида, ба интериоризатсияи меъёрҳо ва арзишҳои берунаи гурӯҳӣ мусоидат мекунанд. Омили ниҳоиро роҳҳои иҷтимоишавӣ ташкил медиҳанд, яъне намудҳои ҳамкории фаъолонаи шахс бо муҳити зист, ки дар шакли фаъолияти бавосита ифода ёфта, дар заминаи фаъолияти пешбарандаи муносибати шахс бо муҳити атроф ҳамчун институти пешбарандаи иҷтимоишавӣ амал мекунад.

Дар хусуси ҷиҳати мазмуни раванди иҷтимоишавӣ бошад, ба фарқияти синнусолии он дар соҳаҳои асосии азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ (яъне соҳаи меҳнат, муошират, худшиносӣ) таваҷҷуҳ кардан зарур аст. Фарқҳои синнусолии раванди иҷтимоишавӣ дар соҳаи меҳнат, вобаста ба омодагии шахс ба фаъолияти касбии оянда зоҳир мешаванд, яъне вобаста ба он, ки ин омодагӣ чӣ гуна, бо чӣ тарз ва бо кадом роҳ сурат мегирад.

Дар соҳаи ташаккулёбии танзимаҳои дохилии рафтори иҷтимоии фард, қайд мекунад В.А. Ядов, дар давраи аввали иҷтимоишавии ибтидоӣ ташаккулёбии танзимаҳои фаҳмиданашуда ва мақсадгузориҳои барвақт шаклгирифта, ки рафтори шахсро дар вазъиятҳои оддитарини табиӣ танзим мекунанд, сурат мегирад. Баъдан ташаккулёбии диспозитсияҳое ба вуҷуд меояд, ки фаъолияти шахсро дар шароити муошırати гурӯҳӣ танзим мекунанд. Сипас, дар марҳилаи иҷтимоишавии консептуалӣ (синни ҷавонӣ), вобаста ба худмуайянкунии шахсӣ ва касбӣ, ташаккулёбии диспозитсияҳои дараҷаи баландтар сурат мегирад, ки дар мақсадгузориҳо, самтгириҳо, равия ва мақсадҳои ҳаётии шахс зоҳир мешаванд [169, с.237].

Ҳангоми муайян кардани марҳилаҳои синнусолии иҷтимоишавӣ, бояд сатҳи инкишофи худшиносии шахс, дараҷаи ташаккулёбии он дар муносибат бо олами беруна ва бо худ ҳамчун объект ва субъекти тарбия ба эътибор гирифта шаванд.

Б.Г. Ананев дар асари худ «Доир ба самарабахшии психологии иҷтимоишавӣ» қайд мекунад, ки "лаҳзаи муҳимми раванди иҷтимоишавӣ ин гузаштани шахс аз объекти тарбия ба субъекти тарбия, яъне тадриҷан баланд шудани нақши фаъоли ӯ, ҳам дар робита ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳам дар робита ба ташаккулёбии шахсияти худ мебошад" [139, с. 145].

Ҳамин тариқ, меъёрҳои таснифи марҳилаҳои иҷтимоишавӣ аз меъёрҳои даврабандии синнусолии инкишофи психикии шахс дар раванди онтогенез то ҷойе фарқ мекунад. Агар дар даврабандии инкишофи психикӣ, пеш аз ҳама, тағйироти психофизиологӣ ба эътибор гирифта шавад, пас, ҳангоми даврабандии инкишофи иҷтимоии шахс хусусиятҳои ҳамкории фард бо ҷомеа дар давраҳои гуногуни ҳаёти ӯ мавриди назар қарор мегирад. Ба ибораи дигар, дараҷаи иштироки ӯ дар навъҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ, характери муносибат бо муҳити иҷтимоӣ дар раванди азхудкунии таҷрибаи ҷамъиятӣ ва ба роҳ мондани муносибатҳои иҷтимоӣ баррасӣ мегардад.

А.В. Петровский дар такя ба раҳёфти иҷтимоию психологӣ доир ба даврабандии синнусолии инкишофи иҷтимоии шахс се марҳиларо ҷудо намудааст, ки аз рӯйи мазмун ва хусусияти инкишофи шахс ба таври зайл муайян карда мешаванд:

– "бачагӣ - мутобиқшавии шахс, ки дар азхудкунии меъёрҳо ва мутобиқшавии иҷтимоӣ дар ҷомеа ифода меёбад;

– наврасӣ - фардикунонӣ, ки дар талаботи фард ба шахсиятсозӣ, дар талаботи «шахс будан» ифода меёбад;

– ҷавонӣ - ҳамгирой, раванде, ки дар он хислатҳо ва сифатҳои шахс бо назардошти зарурат ва талаботи рушди гурӯҳӣ ва шахсӣ шакл гирифта, такмил меёбанд” [99].

Бо назардошти он, ки меъёрҳои даврабандии инкишофи иҷтимоӣ нисбат ба меъёрҳои даврабандии инкишофи психикии кӯдак то ҷойе фарқ мекунанд, он маҳдудиятҳои синнусолӣ ва сарҳади то андозае фарқкунанда низ дорад.

Айни замон дар таҳқиқотҳои олимони рус хусусиятҳои инкишофи психофизиологии наврасон ба таври кофӣ омӯхта шуда, аниқ нишон дода шудааст, ки ҳодисаҳои буҳронии ин синну сол дар чӣ ифода меёбанд. Аммо муаммои инкишофи иҷтимоии наврасон хеле кам омӯхта шуда, масъалаи институтҳои пешбар, механизм ва усулҳои иҷтимоишавӣ, инчунин, ҷиҳати мазмунии раванди иҷтимоишавӣ дар ин синну сол ҳанӯз ҳам таҳқиқнашуда боқӣ мондааст.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи давраи гузаришро дигаргуниҳои ҷиддие ташкил медиҳанд, ки дар соҳаи худшиносӣ ба амал меоянд. Тавре дар боло қайд кардем, давраи наврасӣ дар ташаккулёбии шахс давраи ҳалкунанда ҳисобида мешавад ва далел он аст, ки дар ин давра заминаи худшиносӣ ва тасаввурот дар бораи худ ҳамчун субъекти меҳнат, муошират ва дониш гузошта мешавад.

Тавре И.С. Кон қайд мекунад, ҷавон дар остонаи интихоби бузург, яъне интихоби касб, шарики ҳаёт, идеалҳои ҳаётӣ, эътиқод, ҷаҳонбинӣ қарор дорад. Бе худшиносию тасаввуроти кофӣ дар бораи худ ва имкониятҳои худ, на худмуайянкунии касбӣ имконпазир асту на худмуайянкунии маънавии ҷавонон [68, с. 366].

Раванди ташаккулёбии худшиносӣ муносибати наврасро бо атрофиён (ҳам бо калонсолон ва ҳам бо ҳамсолон) ба таври назаррас тағйир дода, ба азнавсозии назарраси институтҳо, механизмҳо ва усулҳои иҷтимоишавӣ мебарад.

Дар наврас кӯшиш ба мустақилият, озодӣ ва худмухторӣ, ки дар муносибати танқидию ихтилофӣ ба калонсолон, волидон ва муаллимон зоҳир мегардад, равшан мушоҳида мешавад. Ин талоши мустақилият аз калонсолон тасодуфӣ нест. Ба ҳамин монанд, шуур ва худшиносии дар наврасон фаъолона ташаккулёбанда аз таъсири талқинкунандаи калонсолон ва он механизмҳои фаҳмиданашудаи иҷтимоие, ки то ҳол нақши пешбарандаро дар мутобиқшавии иҷтимоии кӯдак мебозиданд, «ҳимоя карда мешаванд».

Ҳамзамон, дар наврас кӯшиши устувори муносибат бо гурӯҳи ҳамсолон, таваҷҷуҳ ба андешаи онҳо, талаботи афзоянда ба муошират ва худсобитнамоӣ зоҳир мешавад. Дар воқеъ, ин падидаҳо, ки азнавсозии муносибатҳоро бо калонсолон ва ҳамсолон тавсиф мекунанд, натиҷаҳои раванди ташаккулёбии фаъоли худшиносӣ мебошанд, ки бидуни муошират ва ҳамкорӣ бо ҳамсолон хеле душвор аст. Ин нуқтаро ҳанӯз Л.С. Виготский таъкид карда буд. Ҳамин тариқ, гурӯҳи референтии ҳамсолон ва майл ба меъёру арзишҳои он дар иҷтимоишавии наврас ва азхудкунии таҷрибаи муайяни иҷтимоӣ, инчунин, дар ташаккулёбии танзимаҳои дохилии рафтор нақши ҳалкунанда мебозанд.

Муҳаққиқони варзидаи хориҷӣ низ ба хулосае омадаанд, ки муносибат бо ҳамсолон дар рушди иҷтимоии наврас аҳаммияти хоса дорад. Ҳамин тариқ, психологи амрикоӣ В.Зелсер дар монографияи худ – «Рушди иҷтимоии наврасон: муносибати динамикии функсионалӣ», ки соли 1982 дар ИМА ба табъ расонидааст, қайд мекунад, ки “раванди психологии шинохти шахсияти худ дар шакли айниятдиҳии ботинӣ ба як гурӯҳи референтии муайян сурат мегирад. Дар давраи наврасӣ ин гурӯҳ аз ҳамсолон иборат аст. «Муҳиммияти муошират бо ҳамсолон барои наврас аз муошират бо модар барои кӯдак камтар нест. Моҳиятан ҳар як наврас барои ноил шудан ба як ҳадаф кӯшиш мекунад, ки он худшиносӣ аст. Воситаҳои ба даст овардани он тасаввуроти аъзоёни гурӯҳ дар бораи ҳамдигар мебошад” [67, с.383].

## Хулосаи боби 1

Афкори гуманистӣ маҳаки асосии мазмуни умумибашарии маънавиётро ташкил дода, дар шуури ахлоқӣ таҷассум меёбад ва самтбахшандаву танзимкунандаи фаъолияти одамон мегардад. Ин бошад, ба пайдоиш ва инкишофи анъанаҳои инсондӯстӣ дар педагогика ва психология мусоидат намуд.

Истилоҳи "гуманизм" дар илмҳои гуногун ба таври муайян маънидод гашта, дар луғати психологӣ ҳамчун "низоми муносибати шахс ба объектҳои иҷтимоӣ, ба монанди шахс, гурӯҳ, мавҷудоти зинда фаҳмида мешавад, ки дар шуур дар шакли азсаргузаронии ҳамдардӣ ва ҳамҳиссӣ таҷассум ёфта, дар муоширату фаъолият ҳамчун мусоидатнамоӣ, шарикӣ ва расонидани кумак амалӣ мегардад".

Гуманизатсияи таълим ягонагии инкишофи умумифарҳангӣ, иҷтимоӣ-ахлоқӣ ва касбии шахсиятро пешниҳод карда, таҷдиди назар намудани мақсад, мазмун ва технологияи таълимро тақозо мекунад.

Гуманизатсияи таълимро метавон муҳимтарин принсипи иҷтимоию педагогӣ ва психологӣ донист, ки самтгириҳои иҷтимоии муосирро дар фаъолияти системаи маориф инъикос менамояд.

Ғояи меҳварии психологияи гуманистӣ бо категорияи ягонагии шахсият ва мутлаққунонии он алоқаманд буда, психологҳои ин самт ба шахсияти солим ва пайваста инкишофёбанда таваҷҷуҳ доранд, ки ҳадафи он худвоқеиятбахшӣ мебошад.

Масъалаи гуманизатсияи таълим дар чор раҳёфти асосии психологӣ (табобатӣ, бихевиористӣ, беҳдоштӣ, динамикӣ) қарор дода шавад ҳам, вале барои татбиқи ғояҳо, арзишҳо ва технологияҳои нави педагогӣ дар раванди таълим ва табдил додани системаи "пӯшида"-и педагогӣ ба системаи "кушода" на танҳо донистани раҳёфтҳои гуногуни психологии дар системаи маориф истифодашаванда зарур аст, балки боз татбиқи онҳо дар амалия, яъне дар ташкил ва гузаронидани раванди таълим муҳиммияти бештар дорад.

Дар адабиёти психологӣ мафҳуми “худфаъолкунӣ” аксаран дар баробари мафҳумҳои “худвоқеиятбахшӣ” ва “амалӣ намудани имкониятҳои худ” истифода мешавад.

Намояндагони психологияи гуманистӣ амсилаи инсони комилро коркард намуданд, ки тибқи он инсони комил ин шахсияти фаъол ва худфаъолкунанда, мустақил ва масъулиятшинос, қобил ба дарккунӣ ва амалӣ намудани арзишҳо ва пайдо кардани маънои ҳаёт мебошад.

Ин танҳо як идеалест, ки дар сатҳи психологӣ барои ҳар як инсон ҳамчун дастур пешниҳод мешавад. Кӯшиши расидан ба ин идеал роҳи дарёфти маънавиёт ва расидан ба камолот мебошад.

Комёбиҳои психологияи гуманистӣ имкон медиҳанд, ки парадигмаи илмии гуманизатсияи таълим амиқтар ошкор карда шавад.

Бояд зикр кард, ки механизмҳои ҳамкории инсондӯстонаи одамро бо одамони дигар, табиат ва умуман ҷаҳон таҳқиқ намуда, психологияи гуманистӣ барои муайян намудани принсипҳо, роҳҳо, шаклҳо ва усулҳои ба роҳ мондани ҳамкории инсондӯстонаи байни муаллим ва хонанда, хонанда ва ҳамсолон дар раванди таълим кумак мекунад.

Масъалаи ҳалталаби шахс дар психология яке аз масъалаҳои аз ҷиҳати коркард мушкилтарин муаррифӣ гаштааст, зеро он серҷанбаю беҳамто буда, махсусияти худро дорад. Ин масъала дар давраи наврасӣ аҳаммияти бештар дорад. Зеро маҳз дар ҳамин синну сол ташаккулёбии шахсият пуршиддат сурат гирифта, на танҳо аз омилҳои муқарраркунандаи беруна, балки ба андозаи зиёд аз худи наврас, аз рушди соҳаи равияи шахс, мақсадгузориҳо ва ташкилаҳои ахлоқӣ вобаста мебошад.

Дар синни наврасӣ нақши асосӣ ба системаи муқарраркунандаи муносибат бо атрофиён тааллуқ дошта, маҳз системаи муносибатҳо бо муҳити иҷтимоӣ самти инкишофи психологии наврасро муайян мекунад.

Рушди марҳилавии наврасро ҳамчун шахсият тавассути тағйирёбии сохтори худшиносӣ дар шаклҳои гуногуни зоҳиршавии он, аз қабили

худбаҳодиҳӣ, рефлексияи шахсӣ, талабот ба худ ва дигарон, маромҳои фаъолият, идеалҳо, шавқу ҳавасҳо ва ғайра ба таври равшан мушоҳида кардан мумкин аст. Муҳим он аст, ки шахс баробари азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ онро ба арзишҳо, мақсадгузориҳо ва мавқеъгирии худ табдил медиҳад, яъне фаъолӣ нишон медиҳад. Раванди иҷтимоишавӣ бо равандҳои ташаккулёбӣ ва тарбияи шахсият зич алоқаманд буда, се раванди ба ҳам алоқаманд (мутобиқшавии иҷтимоӣ, фардикунонӣ, ҳамгироии иҷтимоию психологӣ)-ро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, иҷтимоишавӣ раванди ворид шудани одам ба ҷомеа, шиносоии ӯ бо доираи тадриҷан васеъшавандаи ҷомеаҳои гуногун, коркарди муносибат ба ҷамоаҳои нав, пазируфтани ин ё он мақсадгузориҳои хоси ҷомеа, азхуднамоии нақши худ дар гурӯҳҳо ва умуман дар ҷомеа мебошад.

# БОБИ 2.
# ТАҲҚИҚИ ИҶТИМОӢ-ПСИХОЛОГИИ РАВАНДИ ГУМАНИЗАТСИЯИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИШАХСӢ ДАР СИННИ НАВРАСӢ

## 2.1. Асоноккунӣ ва ташкили кори озмоишӣ

Дар таҳлили назариявии мавзуъ мо яке аз вариантҳои раҳёфти омӯзиши механизмҳои психологиро шартан «шахсӣ» номидем. Муайян кардани мазмун ва сохтори механизмҳои психологӣ дар асоси омӯзиш ва тавсифи хусусиятҳои шахсият, рафтор ва фаъолияти ӯ дар ин ё он вазъият, инчунин, маълумоти дар бораи худ пешниҳодкардаи озмудашаванда ба саволнома ва анкетаҳо амалӣ карда мешавад.

Дар доираи ҳар яке аз ин вариантҳо, мо гурӯҳи механизмҳои психологии якхелаи ба ҳамдигар наздикро ҷудо кардем. Аз ҷумла, дар истифодаи раҳёфти фаъолиятии таҳқиқот мо ба муайян кардани махсусияти механизмҳои психологии ташкил, амсиласозӣ, тарҳрезӣ ва идоракунии фаъолият ва ҳамкориҳои шахс таваҷҷуҳ намудем. Ҳангоми истифодаи дигар раҳёфтҳо бошад, ба механизмҳои психологии ташаккулёбиии хусусиятҳои шахсияти наврасон такя карда шудааст.

Мактаб барои кӯдак намунаи аввалин ва асосии ҳаёти иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Маҳз таҷрибаи мактабӣ барои аз худ кардани қонунҳои дар ҳаёти калонсолӣ риояшаванда ва ҳаёту фаъолият кардан дар чаҳорчӯбаи ин қонунҳо (нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ, муносибатҳои байнишахсӣ ва ғайра) мусоидат мекунад. Интиқоли таҷриба на танҳо дар машғулиятҳои синфӣ тавассути суханронии оммавӣ ва суҳбатҳои самимии омӯзгорон сурат мегирад, балки ба ин раванд фазои ҳаёти мактабӣ ва меъёрҳои фаъолият дар он мусоидат мекунанд. Танҳо дар сурати мувофиқ омадани мазмуни ҳаёти мактабӣ (бо он алоқаманд аст, ки коллективи муаллимон мақсади таълимро дар умум ва ҳадафҳои мактаби худро дар алоҳидагӣ чӣ тавр мефаҳманд) ва

шаклҳои интихобшудаи ташкил кардани таълим метавон дар бораи муносибати ҳадафмандона ба мактаб ҳамчун ба ниҳоди иҷтимоишавӣ сухан ронд [150, с.24].

Мо аз ҳам ҷудо кардани ду вазифаи иҷтимоию психологии мактабро ҳамчун институти иҷтимоишавӣ зарур медонем. Якум, азхудкунии рафтори меъёрӣ аз ҷониби кӯдакон, дуюм, муайян кардани мавқеъгирию муносибати худ ба меъёрҳо ва арзишҳои азхудшуда. Дар назари аввал ин ду вазифа якдигарро истисно мекунанд, вале онҳо танҳо ду паҳлуи воридшавии кӯдакро ба ҷомеа инъикос мекунанд. Шахс бояд маҳорати ба робитаҳои иҷтимоии мавҷуда ворид шуданро дошта, ба меъёру қоидаҳои муқарраршуда итоат кунад ва муҳимтар аз ҳама системаҳои меъёрии мавҷуда ва шаклгирии мавқеъгириҳои ҳаётии худро муқоиса карда тавонад. Бидуни таваҷҷуҳ ба нозукиҳо ва ҷузъиёти психологию педагогӣ яке аз талаботи мо ба мактаби мушаххас метавонад фароҳам овардани шароит барои муқоисаи ҳатмии мавқеъҳои гуногуни ҳаётӣ (системаҳои арзишҳо) ва интихоби воқеии ин мавқеъҳо аз тарафи хонандагон бошад. Инро метавон тавассути дар мактаб фаъолият кардани муаллимони дорои ақидаҳо ва усулҳои гуногуни таълим аз ҳамон як фан амалӣ кард, зеро онҳо воқеан «фарқияти» худро дар кор нишон медиҳанд ва кӯдакон метавонанд дар асоси муқоиса, намунаи барояшон мувофиқро интихоб кунанд.

Интихоб ин механизми асосии психологии ташаккул додани мавқеъгирии мустақили шахсии худ мебошад. Гузашта аз ин, интихоб набояд хаёлӣ, балки бошуурона бошад ва воқеан ба ҳаёти кӯдак таъсир расонад.

Таҷрибаи мукаммали иҷтимоӣ танҳо тавассути машғул шудан ба фаъолияти мушаххас ҳосил мешавад, на тавассути вонамуд кардан. Вазифаи мо аз фароҳам овардани шароите иборат аст, ки дар он кӯдак тавонад таҷрибаи иҷтимоии ба вазъияти иҷтимоӣ (вазъияти воқеии ҷомеа ва он вазъияте, ки эҳтимол кӯдак дар оянда дар он зиндагӣ мекунад бо ҳам

алоқаманданд, вале яксон нестанд) ва ба ҳадафҳои педагогии коллективи мактаб мувофиқро аз худ кунад.

Бояд ҳамкории педагогиро ҳамчун фаъолияти якҷоя баррасӣ кард. Албатта, маромҳое, ки ин фаъолиятро дар кӯдак ва калонсолон муайян мекунанд, комилан якхела буда наметавонанд. Бо вуҷуди ин, онҳо бояд ягон умумият дошта бошанд. Натиҷаи бадастомада бояд ҳам барои кӯдак ва ҳам барои калонсолон муҳим бошад. Маҳз дар чунин вазъият дар раванди ҳамкории педагогӣ, ҳам барои кӯдак ва ҳам барои калонсолон, тағйирот ба амал омада, раванди таълимро таҷассум мекунанд. Ин раванд воқеан ҳам мутақобила аст. Агар фарз кунем, ки дар раванди ҳамкории хонанда бо шахси калонсол ҳеҷ тағйирот рӯй намедиҳад, пас ёдгирию бадастоварии чизеро аз тарафи кӯдак интизор шудан душвор аст. Албатта, мавқеи калонсолон аз мавқеи хонанда фарқ мекунад. Муҳимтарин тафовут дар он аст, ки аз омӯзгор огоҳ будан ва пешбинӣ намудани тағйироти имконпазир, самт ва муҳтавои он талаб карда мешавад. Муаллим бояд на танҳо тағйироти имконпазирро пешбинӣ намояд, балки онҳоро идора кунад. Агар барои хонанда танҳо худи фаъолияти муштарак бо муаллим (омӯзиши муштарак, эҷодкорӣ) вуҷуд дошта бошад, пас, барои калонсолон ин фаъолият на танҳо аҳаммияти мустақил дорад, балки ҳамчун ҷузъи таркибии фаъолияти дигари мураккабтари таълимӣ амал мекунад.

Ҳамин тавр, мо вазъи тарбиявиро дар доираи раванди таълиму тарбия ба сифати яке аз механизмҳои пешбарандаи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ истифода бурдем.

Бо зоҳиршавии аломатҳои берунӣ ва объективии калонсолӣ ҳисси калонсолӣ ба вуҷуд меояд, ки дар муносибати наврас ба худ ҳамчун ба калонсол ва чун шахси калонсол тасаввур кардани худ ифода меёбад. Ин тарафи субъективии калонсолӣ навташкилаи марказии синни наврасӣ ҳисобида мешавад.

Ҳисси калонсолӣ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки бояд ҳама, чи калонсолону чи ҳамсолон, ба ӯ на чун ба кӯдаки хурдсол, балки чун ба одами калонсол муносибат кунанд. Вай дар муносибат даъвои баробарӣ карда, ба ихтилоф мераваду аз мавқеи «калонсолӣ»-и худ дифоъ мекунад. Ҳисси калонсолӣ дар кӯшиш ба мустақилият ва хоҳиши дур кардани баъзе ҷанбаҳои ҳаёти шахсӣ аз дахолати волидайн низ зоҳир мешавад.

Омӯзиши асосҳои ахлоқӣ, педагогӣ ва психологии барқарор кардани ҳамкориҳои хоси вазъиятҳои тарбиявӣ боиси пайдошавии ғояи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ мегардад. Гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ имкони воқеӣ пайдо карда, ба зарурати объективӣ табдил ёфтааст, зеро ба вазъи тарбиявӣ табдил додани вазъияти хавфноку низоӣ ва бухрони муносибатҳо, пеш аз ҳама, ҷалб намудани тамоми хонандагону омӯзгоронро ба кори муштарак талаб мекунад. Ин фаъолияти муштарак бояд шароити пайваста рушдкунандаи омӯзиш, меҳнат ва муоширатро бо тобиши баланди фарҳангӣ муҳайё кунад.

Такмил додани усулҳои ташкили вазъиятҳои тарбиявӣ муаллимро аз кор бо ҳамаи хонандаҳо дур намекунад, балки баръакс, ба гуманизатсияи фаъолияти фоиданоки ҷамъиятию муошират ва умуман, роҳбарии педагогӣ мусоидат менамояд. Ба вазъияти тарбиявӣ табдил додани вазъияти дилхоҳ ин фаъолияти эҷодии педагогӣ мебошад. Роҳандозӣ кардани он аз муаллим талаб мекунад, ки малакаи таҳлили таносуби «мақсад–восита–натиҷа»-ро нисбат ба вазъи ҳаётӣ татбиқ намояд, намуди вазъиятро арзёбӣ кунад, дар вазъиятҳои якхела усулҳои гуногуни таъсиррасониро истифода барад, воситаю усулҳои мувофиқи дахолати созандаро ба ҳалли вазъияти хавфнок ва ғайраҳо пайдо кунад.

Ба андешаи мо, муносибатҳои инсондӯстона дар байни наврасон, инчунин, наврасон ва калонсолон натиҷабахш хоҳанд буд, агар миқдор ва шиддати вазъиятҳои хавфнок коҳиш дода шавад, тарбиятгирандагон барои риояи ҳуқуқҳои иштирокчиёни фаъолияти муштарак хоҳиш дошта бошанд ва

уҳдадориҳои худро иҷро кунанд. Дар баробари ин, раванди педагогӣ вайрон намешавад, зеро ҳалли зиддиятҳои ба таври табиӣ баамалоянда бо оптимизми педагогӣ ва боварӣ доштан ба фардияти ҳар як хонанда ҳамчун субъекти фаъолият робитаи зич дорад.

Бо мақсади муқаррар намудани генезиси фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ В.В. Рубсов ва ҳамкасбони ӯ таҳқиқоти озмоишии усулҳои ташкил кардани амалҳои муштараки таълимӣ ва раванди ҳалли якҷояи масъалаҳои таълимиро гузаронидаанд. Мазмуни амалҳои муштаракро ошкор кардани робитаи байни амалҳои гуногуни кӯдакон бо объектҳо ва хусусиятҳои хоси он ташкил медиҳад. Ташкилнамоии чунин амалҳо дар шароити тақсимкунӣ ва мубодилаи усулҳои амал дар байни иштирокчиёни фаъолият ба вуҷуд омадааст. Илова бар ин, дар ташкил кардани амалҳои муштарак унсурҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

– тақсим кардании амалҳо ва амалиёти ибтидоӣ, ки аз системаи тағйирдиҳӣ бармеояд ва ҷустуҷӯйи принсипи сохтани объекти таҳқиқшавандаро муайян мекунад;

– мубодилаи усулҳои амал, ки бо зарурати табдил додани шаклҳои гуногуни амал бо мақсади ба даст овардани натиҷаи маҷмуии фаъолият муайян карда мешавад;

– ҳамдигарфаҳмӣ, ки бо характери ворид намудани усулҳои гуногуни амал ба фаъолияти муштарак муқаррар карда мешавад (ҳамдигарфаҳмӣ имкон медиҳад, ки созгории амали худ ва маҳсули он ба амали иштирокчиёни дигари фаъолият муқаррар карда шавад).

Муҳимтарин воситаҳое, ки амалӣ гардонидани ҳамкории байнишахсиро аз ҷиҳати психологӣ таъмин мекунанд, инҳоянд:

– муошират, ки бидуни он тақсим, мубодила ва якдигарфаҳмӣ имконнопазир буда, ба шарофати он банақшагирии шароити фаъолияти ба вазифаи тарбиявӣ мувофиқ ва интихоби усулҳои дахлдори амал ба вуҷуд меояд;

– рефлексия, ки ба воситаи он муносибати иштирокчӣ ба амали худ муқаррар карда шуда, тағйирдиҳии ин амал дар мувофиқа бо мазмун ва шакли ҳамкорӣ таъмин карда мешавад.

Тақсимоти шаклҳои амал ва мубодилаи онҳо бояд робитаи байни унсурҳои предметӣ ва амалиётии амалро ошкор кунад. Ба ин талабот усуле ҷавобгӯ мебошад, ки дар он ташкил намудани амали муштарак ба ҷустуҷӯ, ҷудокунӣ, бақайдгирӣ ва амсиласозии принсипи басистемадарории маҷмуи муайяни ашё равона карда шудааст.

Ҳангоми коркарди метод саволе ба миён меояд, ки кадом восита барои ташкили амали дастаҷамъӣ асос шуда метавонад ва аз ҳама муҳим, дар кадом шароит истифодаи ин воситаҳо иштирокчиёнро дар ҳолати ҷустуҷӯйи заминаҳои ҷудо кардани амалҳо ва ҳамоҳангсозии онҳо бо мазмуни предметии объекти омӯхташаванда қарор медиҳад. Бо ин мақсад нақша (амсила)-ҳои рамзии ташкил кардани фаъолият тартиб дода шудаанд. Дар нақшаҳо таркиби амалиётии амалҳои инфиродии иштирокчиён ва усули ҷудо кардани ин амалҳо вобаста ба мазмуни супориш қайд шуда, нақши ҳар як иштирокчӣ дар ошкор намудани асоси самтгирии амал муайян карда шудааст. Мазмуни объекти омӯхташаванда тавассути робитаи байни амалҳои анҷомдодаи иштирокчиён ошкор карда шудааст. Мавҷудияти амалҳои ба ҳам алоқаманд, ки бо тағйирёбии объект алоқаманд мебошад, тақсимоти амалҳо ва ҳамдигарфаҳмии иштирокчиёни раванди ҳалли муштараки масъалаҳоро таъмин менамояд.

Дар раванди ташкил кардани амали муштарак методикаи амали мутақобилаи озмоишгар ва гурӯҳи кӯдакон қобили таваҷҷуҳи махсус аст. Дар марҳилаи якуми иҷрои супориш озмоишгар кори наврасонро ташкил карда, дар марҳилаи дуюм аз ҷавоб додан ба саволҳои озмудашавандаҳо саркашӣ мекунад, махсусан дар он ҳолатҳое, ки саволҳо ба равшан кардани ҳолатҳои дар ин силсила назоратшаванда нигаронида бошанд.

Дар марҳилаи муқарраркунӣ мо наврасонеро фаро гирифтем, ки дорои як қатор сифатҳои ба давраи аввали наврасӣ хос мебошанд. Тавре дар боло зикр гардид, наврасон дар ин давра бо сатҳи пасти мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологӣ, фрустратсияи иҷтимоии равшан ифодаёфта, маромнокии нокифоя, сатҳи пасти эмпатия, бартарияти шаклҳои зиддииҷтимоии рафтор, худбаҳодиҳии паст ва дараҷаи пасти худфаъолсозӣ тавсиф дода мешаванд. Талаботи рӯзафзун ба мустақилият, майл ба калонсолӣ ва худвоқеиятбахшӣ наврасро маҷбур мекунад, ки «бартарияти худро» дар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои байнишахсӣ ҷустуҷӯ кунад. Барномаи таҳиякардаи мо имкон медиҳад, ки ин зиддиятро дар байни талаботи наврас ва маҷмуи нокифояи воситаю усулҳои ҳамкории самарабахш бартараф кунем.

Дар ибтидои кори озмоишӣ, дар шароити раванди педагогӣ, мо бо хонандагоне сару кор дорем, ки дар марҳилаи аввали синни наврасӣ қарор доранд ва дорои зиддиятҳою зуҳуроти буҳронӣ мебошанд. Яъне, мазмуни шахсияти наврас бо хусусиятҳои синнусолие муайян карда мешавад, ки дар зиддиятҳою хусусиятҳои дар ҷараёни иҷтимоишавӣ бавуҷудоянда инъикос мешаванд. Ҳамаи ин хислату сифатҳо бо доираи ноустувори эмотсионалӣ ва шахсӣ омезиш ёфта, боиси зоҳиршавии рафтори зиддииҷтимоӣ, дараҷаи баланди фрустратсияи иҷтимоӣ ва ғайра мегарданд. Дар нақша мо нишон медиҳем, ки чӣ гуна наврас марҳилаҳои ташаккулёбиро дар вазъияти муносибатҳои байнишахсӣ (ВМ1, ВМ2, ВМ3) тай карда, сифатҳо ва хосиятҳои наверо ба худ мегирад, ки ба ӯ барои аз худ кардани таҷрибаи нав ва азхудкунии усулҳои нави муносибат дар шароити ҳамкории иҷтимоӣ имконият медиҳанд. Дар баробари ин, навташкилаҳои сифатӣ ба наврас имкон медиҳанд, ки шахсияти худро пурра инкишоф диҳанд, худфаъолкуниро ба роҳ монанд. Олами ботинии ноустувори наврас дар раванди интериоризатсия ва ҳамгироии минбаъда ба сатҳи муътадилшавӣ тағйир меёбад.

Мо амсилаи механизми гуманизатсияи ҳамкориҳои байнишахсиро чунин мебинем: системаи ҳамгироишудаи хислатҳо ва сифатҳои шахсии наврасон (майдони чапи амсила) дар раванди гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ самаранокии раванди худфаъолкунии шахсии наврасро (майдони рости амсила) таъмин мекунад.

Дар заминаи зиддиятҳои нисбии давраи наврасӣ, ки сохтори шахсиятро дар ин давра ташкил дода, дар навташкилаҳои синнусолӣ ва кӯшиши мақсадноки наврас барои ҳамкории фаъол бо муҳити иҷтимоӣ зоҳир мешаванд, иҷтимоишавӣ, худтанзимкунӣ ва худтақвиятбахшии фаъоли ӯ сурат мегирад. Самти гуманистии раванди педагогӣ, ки ҳадафмандона ба мусаллаҳ кардани наврас бо малакаҳои коммуникативӣ ва усулҳои ҳамкории иҷтимоӣ равона шудааст, самти гуманистии инкишофи иҷтимоии ӯро муайян мекунад.

Механизмҳои психологии гуманизатсияи раванди ҳамкории байнишахсӣ ба қонунҳои умумии инкишофи шахсият мувофиқат мекунанд ва дар охири давраи наврасӣ ба пайдошавии навташкилаҳо оварда мерасонанд.

Ҳамин тариқ, гуманизатсияи ҳамкории байнишахсӣ танҳо фаъолияти шахсро дар раванди қабули қарор дар ҳолатҳои мушаххаси шартӣ ё воқеии ҳаётӣ бо табдили минбаъдаи ҳолатҳои мушкил ба ҳолатҳои ҳалшаванда дар бар намегирад. Раванди баръакс, яъне интериоризатсия низ ба амал меояд. Ин маънои ташаккулёбиии сохтори дохилии шахсиятро тавассути азхудкунии меъёрҳо, арзишҳо ва дигар унсурҳои муҳити иҷтимоӣ ва раванди интиқоли унсурҳои муҳити берунаро ба олами ботинии «Ман» дорад.

Бояд гуфт, ки асоси таҳқиқоти озмоиширо принсипҳои психологияи гуманистӣ (А. Маслоу, К. Роҷерс, Э. Фромм, Д. Чермс ва дигарон) ташкил медиҳанд. Дар кори Роберт Бернс принсипҳои асосие ифода ёфтаанд, ки бояд онҳоро педагогҳо ва психологҳо дар фаъолияти касбии худ ба уҳда гиранд. Ӯ бар ин назар аст, ки психологу педагогҳо бояд барои ноил шудан ба

гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ бо хонандагон дар раванди таълим кӯшиш намоянд.

Дар рафти озмоиш мо кӯшиш кардем, ки ба равиши демократии муошират афзалият диҳем, зеро он дар озмудашавандагон рафтор ва муошировати озодро ба вуҷуд меоварад.

Таҳқиқоти озмоишӣ тули 3 сол дар машғулиятҳои озмоишгоҳи "Маркази машварати психологӣ ва рушди қобилиятҳои зеҳнии Заковат", ки дар назди кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», таъсис дода шудааст, инчунин, тули 4 сол (2018-2022) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №12 ва Гимназияи №24-и шаҳри Хуҷанд, №13 ва №61-и деҳаи Хиштхона, ҷамоати Понғози ноҳияи Ашт сурат гирифт.

Таҳқиқоти эмпирикӣ дар чаҳор марҳила сурат гирифт: ташхисӣ, муқарраркунанда, таълимӣ ва назоратӣ. Корҳои озмоишӣ дар се гурӯҳи озмоишӣ ва се гурӯҳи назоратӣ гузаронида шуда, 275 нафар кӯдаку навраси аз 10 то 15-соларо фаро гирифт. Ҳама озмудашавандаҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Ашт таҳсил мекарданд.

Ба сифати методҳои эмпирикии таҳқиқот аз методҳои ташхиси психологӣ ва тарҷумаиҳолӣ истифода бурдем. Ҳамчун метод ва методикаҳои асосӣ истифода шуданд:

1. Методикаи худбаҳодиҳии дараҷаи иддаои Шварсландер. Дараҷаи иддао дараҷаи душвории он ҳадафҳоеро тавсиф менамояд, ки шахс барои расидан ба онҳо кӯшиш мекунад ва ноил шудан ба онҳо барои ӯ ҷолиб ва имконпазир менамояд. Ба дараҷаи иддао динамикаи муваффақияту нокомиҳо дар роҳи ҳаёт, инчунин, динамикаи муваффақият дар фаъолияти мушаххас таъсир мерасонад. Дараҷаи иддао мувофиқ ва номувофиқ мешавад. Дараҷаи иддао мувофиқ аст, агар инсон дар назди худ мақсадҳое гузорад, ки воқеан ба онҳо ноил шудан мумкин аст, яъне ба қобилият ва имкониятҳои ӯ мувофиқат мекунанд. Дараҷаи иддаои номувофиқ дар ду шакл зоҳир мешавад, яъне

баланд (даъвои он чизеро мекунад, ки барои ба даст оварданаш қобилияту имконият надорад) ва паст (ҳадафҳои осон ва содаро интихоб мекунад, дар ҳоле ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои ҷиддитар қодир аст).

2. Методикаи таҳқиқи худбаҳодиҳии шахс Сергей Будасси. Ин методика имкон медиҳад, ки таҳқиқи миқдории худбаҳодиҳии шахс, яъне андозагирии он анҷом дода шавад. Асоси ин методикаро усули табақабандӣ ташкил мекунад.

3. Методи ташхиси фаврии эмпатия (И.М. Юсупов), ки ба омӯхтани спектри ҳамкориҳои эмпатикӣ ба объектҳои гуногун нигаронида шудааст.

4. Методикаи ташхиси муносибатҳои байнишахсӣ (Тимоти Лири). Методи ташхиси муносибатҳои байнишахсӣ (ТМБ) варианти тағйирдодашудаи методи ташхиси байнишахсӣ (Тимоти Лири) мебошад, ки дар пайравӣ ба ғояи Г. Салливэн таҳия шудааст. Раҳёфти назариявии Г. Салливэн дар фаҳмиши моҳияти шахс ба тасаввурот доир ба нақши муҳим доштани баҳодиҳӣ ва андешаҳои атрофиён нисбат ба шахси муайян асос ёфтааст.

## 2.2. Таҳлил ва тафсири натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда

Дар фасли мазкур озмоиши муқарраркунанда бо истифода аз усулҳои махсус интихобшуда, таҳлили ташхисию психологии ташаккулёбии хислатҳои шахсият дар наврасон гузаронида шуд. Барои ба даст овардани маълумоти боэътимод ва боваринок оид ба ҳар як сифат, мо якчанд методҳоро истифода бурдем.

Дар марҳилаи аввал ташхиси дараҷаи иддао бо истифода аз методи Шварсландер гузаронида шуд (Замимаи 1).

Натиҷаҳои таҳқиқи дараҷаи иддао дар наврасон дар ҷадвали 3 ба таври мушаххас оварда шудааст.

**Ҷадвали 3**

**Натиҷаҳои таҳқиқи дараҷаи иддао дар наврасони муассисаҳои гуногуни шаҳру ноҳия**

| Пойгоҳи таҳқиқот | Миқдори озмудаша-вандагон | | Дараҷаи иддао дар наврасон | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Баланд | | Муътадил | | Паст | |
| ММП ва РҚЗ Заковат | 42 | 15,3% | 21 | 50% | 10 | 23,8% | 11 | 26,2% |
| МТМУ №12 шаҳри Хуҷанд | 60 | 21,8% | 24 | 40% | 8 | 13,3% | 28 | 46,7% |
| Гимназияи №24 шаҳри Хуҷанд | 58 | 21% | 23 | 39,5% | 18 | 31% | 17 | 29,5% |
| МТМУ №13 ноҳияи Ашт | 56 | 20,4% | 19 | 34% | 12 | 21,4% | 25 | 44,6% |
| МТМУ №61 ноҳияи Ашт | 59 | 21,5% | 16 | 27% | 11 | 18,6% | 32 | 54,4% |
| Умумӣ | 275 | 100% | 103 | 37,5% | 59 | 21,5% | 113 | 41% |

Таҳлили натиҷаҳо нишон медиҳад, ки танҳо 37,5% (103 нафар) дорои дараҷаи баланди иддао мебошанд. Наврасони мазкур даъвои он чизеро мекунад, ки барои ба даст овarданаш қобилияту имконият надорад.

Дар 21,5%-и наврасон (59 нафар) дараҷаи муътадили иддао дида мешавад. Ин наврасон ба таври муътадил ва бомуваффақият вазифаҳои дараҷаи душвориашон миёнаро ҳал карда, барои беҳтар кардани дастовардҳои худ ҷиҳати ҳал кардани вазифаҳои нисбатан мураккабтар кӯшиш мекунанд. Наврасони мазкур пайваста барои беҳтар кардани комёбиҳои худ ва худтакмилдиҳӣ, инчунин, барои ҳалли масъалаҳои торафт мураккабтар ва ноил шудан ба ҳадафҳои душвор кӯшиш мекунанд.

Аксарияти наврасони интихобшуда (41%, 113 нафар) дараҷаи пасти иддао доранд. Ин наврасон ҳадафҳои осон ва содаро интихоб мекунад, дар ҳоле ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои ҷиддитар қодир аст.

Натиҷаҳои таҳқиқи дараҷаи иддао дар наврасон дар ҷадвали 4 ва диаграммаи 1 ба таври мушаххас оварда шудаанд.

**Ҷадвали 4**

**Натиҷаҳои таҳқиқи дараҷаи иддао дар наврасон**

| Дараҷаи иддао дар наврасон | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Баланд | | Мӯътадил | | Паст | |
| Миқдори озмудашавандагон | % | Миқдори озмудашавандагон | % | Миқдори озмудашавандагон | % |
| 105 | 38% | 55 | 20% | 115 | 42% |

Ҳамин тариқ, барои аксарияти озмудашавандагон зарурати гузаронидани корҳои махсуси психологӣ барои тағйир додани дараҷаи иддао дар самти баланд бардоштани он ошкор гардид.

Нишондиҳандаҳои дараҷаи иддао дар наврасони омӯхташуда дар диаграммаи 1 равшан нишон дода шудаанд.




**Диаграммаи 1. Дараҷаи иддао дар наврасон**

Сипас бо истифода аз методикаи С.А. Будасси мо хусусиятҳои худбаҳодиҳиро мавриди ташхис қарор додем (Замимаи 2). Дар рафти ташхис ба озмудашавандаҳо муҳокимаҳое пешниҳод шуданд, ки барои ҳар кадоми он панҷ варианти ҷавоб пешбинӣ шудааст. Ҳар як озмудашаванда бояд варианти мувофиқи ҷавобро барои ҳар як муҳокима интихоб ва қайд кунад. Худбаҳодиҳии шахс нишон медиҳад, ки дар зери таъсири баҳодиҳии атрофиён дар наврас муносибат ба худ ва баҳодиҳӣ ба шахсияти худ шакл мегирад, инчунин, мо имконияти мушоҳида кардани баҳодиҳии шаклҳои

алоҳидаи фаъолии худ аз қабили муошират, рафтор, фаъолият ва таассуротро пайдо мекунем. Методикаи С.А. Будасси имкон медиҳад, ки таҳқиқи миқдории худбаҳодиҳии шахс, яъне андозагирии он гузаронида шавад. Асоси методикаи мазкурро усули рейтингӣ ташкил медиҳад.

Ба озмудашаванда рӯйхати 48 калимае пешниҳод карда мешавад, ки хислатҳои шахсиятро ифода мекунанд. Аз онҳо 20 калимаеро интихоб мекунад, ки дар тасаввуроти ӯ шахсияти намунавиро тавсиф медиҳанд (онро «идеали ман» номгузорӣ кардем). Табиист, ки дар ин қатор сифатҳои манфӣ низ ҷой гирифта метавонанд.

Аз бист хислати интихобшудаи шахсият, озмудашаванда бояд дар протоколи таҳқиқот як қатори намунавии d1 созад, ки дар он хусусиятҳои ба назараш нисбатан муҳим, яъне мусбат дар мавқеъҳои аввал ва хислатҳои нисбатан манфӣ дар мавқеъҳои охир ҷойгир шудаанд (дараҷаи 20 сифати ҷолибтарин, 19 - камтар ва ғайра то дараҷаи 1). Озмудашаванда бояд назорат кунад, ки ягон мавқеъ ду маротиба такрор нашавад.

Бо истифода аз методикаи мазкур 5 зинаи худбаҳодиҳӣ ташхис карда мешавад, ки таносубан ба мувофиқ ва номувофиқ ҷудо карда шудаанд: худбаҳодиҳии баланд – номувофиқ; худбаҳодиҳии баланд – мувофиқ; худбаҳодиҳии миёна – мувофиқ; худбаҳодиҳии паст – мувофиқ; худбаҳодиҳии паст – номувофиқ.

Варианти якуми методологияи худбаҳодиҳӣ чор қисмати сифатҳоро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми он яке аз сатҳҳои фаъолияти шахсро инъикос мекунад. Ду шакли худбаҳодиҳӣ устувор аст – оптималӣ ва ғайриоптималӣ. Субъект бо худбаҳодиҳии оптималӣ ба қобилиятҳои худ ба таври мувофиқ баҳо медиҳад, худро танқид мекунад, кӯшиш мекунад, ки ба нокомиҳо ва муваффақиятҳои худ воқеъбинона назар андозад, кӯшиш мекунад, ки ҳадафҳои амалӣ ба даст оварда шаванд. Вай бо арзёбии чизи бадастовардааш, на танҳо бо меъёрҳои худ наздик мешавад, балки кӯшиш менамояд то пешбинӣ кунад, ки одамони дигар, яъне рафиқон ва хешовандон ба ин чӣ

гуна муносибат ҳоҳанд кард. Ба ибораи дигар, худбаҳодиҳии мувофиқ натиҷаи ҷустуҷӯйи доимии ченаки воқеӣ, яъне бидуни баҳои аз ҳад зиёд, балки бидуни танқиди аз ҳад зиёд ба рафтор, муоширaт, фаъолият ва таҷрибаи худ мебошад. Чунин худбаҳодиҳӣ барои шароит ва ҳолатҳои мушаххас беҳтарин ба шумор меравад. Ба худбаҳодиҳии оптималӣ «дараҷаи баланд» ва «дараҷаи болотар аз миёна» (инсон сазовор аст худро эҳтиром кунад, аз худ розӣ аст), инчунин, «сатҳи миёна» (инсон худро эҳтиром мекунад, аммо заифии худро медонад ва барои такмилу инкишоф додани худ кӯшиш мекунад) хос аст. Худбаҳодиҳии аз ҳад баланд ё ниҳоят паст оптималӣ ҳисобида намешавад.

Ҳангоми худбаҳодиҳии нокифоя дар наврас тасаввуроти нокифоя дар бораи худ, симои идеаликунонидашудаи шахсият ва қобилиятҳои худ, арзиши худ барои дигарон ва барои кори умумӣ ташаккул меёбад. Дар ин гуна маврид одам нобарориҳоро сарфи назар мекунад, то баҳодиҳии одатшудаи баландро ба худ ва кирдораш нигоҳ дорад. Ҳама чизеро, ки ба тасаввуроти ӯ дар бораи худаш мувофиқат намекунад вокуниши шадид нишон дода, онҳоро рад мекунад. Дарки воқеият вайрон мешавад, муносибат ба он номувофиқ, яъне сирф эмотсионалӣ мегардад. Баҳодиҳии оқилона комилан аз байн меравад. Аз ин рӯ, шахс эроди оддитарини ба ӯ равонашударо ҳамчун танқиди ноҷо ва баҳодиҳии объективиро ба натиҷаи кораш ҳамчун беадолатӣ қабул мекунад. Нокомӣ дар ин ҳолат ҳамчун дахолати шахси дигар ё таъсири вазъият арзёбӣ карда мешавад, ки ба ҳеҷ ваҷҳ ба амали худи шахс вобаста нест. Шахси дорои худбаҳодиҳии номувофиқ эътироф кардан намеҳоҳад, ки ҳамаи ин нокомиҳо натиҷаи хатоҳо, танбалӣ, набудани дониш, қобилият ё рафтори нодурусти ӯ аст. Метавонад ҳолати шадиди эмотсионалӣ, яъне аффекти номувофиқӣ ба вуҷуд ояд, ки сабаби асосии он боқӣ мондани стереотипи бартарии шахсии аз ҳад зиёд баҳогузоришуда мебошад. Агар худбаҳодиҳии баланд ноустувор бошад, зери таъсири ҳолатҳои воқеӣ тағйир меёбад: бо муваффақият баланд ва бо

нокомӣ паст мешавад. Ин метавонад ба рушди шахсият мусоидат кунад, зеро вай бояд тамоми кӯшишро барои расидан ба ҳадафҳои худ сарф кунад, қобилият ва иродаи худро инкишоф диҳад.

Худбаҳодиҳии паст вақте ба вуҷуд меояд, ки қобилиятҳо аз имконоти воқеии шахс дида пасттар баҳо дода мешаванд. Одатан, ин боиси нобоварӣ ба худ, шармгинӣ ва набудани ҷасорат, беҷуръатӣ дар амалӣ намудани қобилиятҳои худ мегардад. Дар ин маврид баъзе одамон дар назди худ мақсадҳои душвор намегузоранд, бо ҳалли вазифаҳои рӯзмарра маҳдуд мешаванд, ба худ муносибати танқидӣ доранд.

Худбаҳодиҳии аз ҳад зиёд ё хеле паст раванди худидоракунӣ, худтанзимкуниро вайрон мекунад. Ин, махсусан, дар муошират мушоҳида мешавад. Дар ин ҷо наврасони дорои худбаҳодиҳии баланд ва паст сабаби муноқишаҳо мегарданд. Ҳангоми худбаҳодиҳии баланд муноқишаҳо аз сабаби беэҳтиромона муносибат кардан ба одамони дигар, танқидҳои аз ҳад сахт ва беасос ба онҳо, таҳаммулнопазирӣ нисбат ба андешаҳои дигарон ва зуҳуроти такаббурӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳангоми худбаҳодиҳии паст, метавонад аз сабаби мавриди танқиди аз ҳад зиёди атрофиён қарор гирифтан, муноқишаҳо ба вуҷуд оянд.

Натиҷаҳои омӯзиши дараҷаи худбаҳодиҳии наврасони муассисаҳои гуногуни шаҳру ноҳияҳо ва курсҳои кӯтоҳмуддат дар ҷадвали 5 ба таври васеъ оварда шудаанд.

**Ҷадвали 5.**

**Натиҷаҳои омӯзиши худбаҳодиҳӣ дар наврасони муассисаҳои шаҳру ноҳия**

| Пойгоҳи таҳқиқот | Миқдори озмудаша-вандагон | | Худбаҳодиҳӣ наврасон | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Баланд | | Мувофиқ | | Паст | |
| ММП ва РҚЗ Заковат | 42 | 15,3% | 31 | 73,8% | 5 | 11,9% | 6 | 14,3% |
| МТМУ №12 шаҳри Хуҷанд | 60 | 21,8% | 29 | 48,4% | 12 | 20% | 19 | 31,6% |
| Гимназияи №24 | 58 | 21% | 30 | 51,7% | 11 | 18,9% | 17 | 29,4% |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| шаҳри Хуҷанд | | | | | | | | |
| МТМУ №13 ноҳияи Ашт | 56 | 20,4% | 25 | 44,6% | 10 | 17,8% | 21 | 37,6% |
| МТМУ №61 ноҳияи Ашт | 59 | 21,5% | 20 | 33,8% | 11 | 18,6% | 28 | 47,6% |
| Умумӣ | 275 | 100% | 135 | 49% | 49 | 18% | 91 | 33% |

Таҳлили натиҷаҳои ташхиси худбаҳодиҳӣ дар наврасон нишон дод, ки 49% (135 нафар) дараҷаи баланди худбаҳодиҳӣ дошта, танҳо 18% наврасон (49 нафар) дараҷаи миёнаи (кифоя) худбаҳодиҳӣ доранд ва дар 33%-и наврасон (91 нафар) дараҷаи пасти худбаҳодиҳӣ ошкор карда шуд.

Натиҷаҳои ташхиси дараҷаи худбаҳодиҳии наврасон дар ҷадвали 6 ва диаграммаи 2 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 6.**

**Натиҷаҳои омӯзиши худбаҳодиҳӣ дар наврасон**

| Дараҷаи худбаҳодиҳӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Хеле баланд | | Мувофиқ | | Хеле паст | |
| Шумораи наврасон | % | Шумораи наврасон | % | Шумораи наврасон | % |
| 135 | 49% | 49 | 18% | 91 | 33% |

Нишондиҳандаҳои дараҷаи худбаҳодиҳӣ дар наврасони озмудашуда дар диаграммаи 2 равшан нишон дода шудаанд.




**Диаграммаи 2. Дараҷаи худбаҳодиҳии наврасон**

Сипас, мо бо истифода аз методе, ки психологи Қазон И.М. Юсупов пешниҳод намудааст [132] (Замимаи 3) ташхиси дараҷаи тамоюлҳои эмпатикиро анҷом додем.

Азбаски эмпатия бо маҳорати гузоштани худ ба ҷойи шахси дигар ва қобилияти боихтиёрона вокуниши эмотсионалӣ кардан ба мушкилоти одамони дигар алоқаманд аст, ин хислати шахсият низ барои омӯзиши мо ҷолиб буд. Ҳамҳиссӣ ин қабул кардани ҳиссиёти шахси дигар аст, гӯё онҳо аз они мо бошанд.

Эмпатия барои ба мувозинат даровардани муносибатҳои байнишахсӣ мусоидат карда, ба рафтори одамон тобиши иҷтимоӣ мебахшад. Ташаккулёбии эмпатия дар шахс омили асосии муваффақият дар фаъолиятҳое мебошад, ки одат карданро ба дунёи шарики муошират талаб мекунад [37].

Пеш аз оғози ташхис, ба озмудашавандагон чунин дастур дода мешавад: Шумо бояд якчанд муҳокимаро баҳогузорӣ кунед. Ҷавобҳои шумо ҳамчун хуб ё бад баҳогузорӣ карда намешавад, аз ин рӯ, лутфан ростқавл бошед. Барои ҷавоб додан бисёр фикр накунед. Ҷавоби дуруст ҳамон ҷавобест, ки аввалин шуда ба зеҳни шумо меояд.

Ҳангоми ҳисоб кардани натиҷаҳо бояд ошкор карда шавад, ки чанд маротиба ҷавобҳои «ҳамеша» ё «ҳа» ба ҳар ду муҳокима дар ҷуфтҳои зерин дода шудааст: 7 ва 17, 10 ва 18, 17 ва 31, 22 ва 35, 34 ва 36.

Чанд маротиба ҷавоби «ҳамеша» ё «ҳа» барои як муҳокима ва ҷавоби «ҳеҷ гоҳ» ё «не» барои дигар муҳокима дар ҷуфтҳои зерин дода шудааст: 3 ва 36, 1 ва 3, 17 ва 28. Сипас натиҷаҳои ҳисобҳои алоҳида ҷамъ карда мешаванд. Агар ҷамъи умумӣ 5 ё бештар аз ин бошад, пас, натиҷаи таҳқиқот эътимоднок нест; ҳангоми ба 4 баробар будани ҷамъи умумӣ натиҷа шубҳанок аст; агар ҷамъи умумӣ аз 3 зиёд набошад, пас, натиҷаи таҳқиқот эътимоднок аст.

Натиҷаҳои омӯзиши дараҷаи худбаҳодиҳии наврасони муассисаҳои гуногуни шаҳру ноҳияҳо ва курсҳои кӯтоҳмуддат дар ҷадвали 7 ба таври васеъ оварда шудаанд.

**Ҷадвали 7.**

**Натиҷаҳои омӯзиши эмпатия дар наврасони муассисаҳои шаҳру ноҳия**

| Пойгоҳи таҳқиқот | Миқдори озмудаша-вандагон | | Дараҷаи эмпатияи наврасон | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Баланд | | Муътадил | | Паст | | Хеле Паст | |
| ММП ва РҚЗ Заковат | 42 | 15,3% | 11 | 26,2% | 12 | 28,5% | 17 | 40,6% | 2 | 4,7% |
| МТМУ №12 шаҳри Хуҷанд | 60 | 21,8% | 16 | 26,6% | 14 | 23,4% | 26 | 43,4% | 4 | 6,6% |
| Гимназияи №24 шаҳри Хуҷанд | 58 | 21% | 9 | 15,5% | 12 | 20,6% | 34 | 58,7% | 3 | 5,2% |
| МТМУ №13 ноҳияи Ашт | 56 | 20,4% | 12 | 21,5% | 15 | 26,7% | 27 | 48,3% | 2 | 3,5% |
| МТМУ №61 ноҳияи Ашт | 59 | 21,5% | 13 | 22% | 17 | 28,9% | 26 | 44,1% | 3 | 5% |
| умумӣ | 275 | 100% | 61 | 22,2% | 70 | 25,4% | 130 | 47,3% | 14 | 5,1% |

Тибқи дараҷабандии методика барои ошкор кардани эмпатия натиҷаҳои таҳқиқотҳои бадастомода чунин мебошад:

1. Дар 22,2%-и пурсидашудагон (61 нафар) эмпатияи баланд ташаккул ёфтааст. Онҳо ба ниёзҳо ва мушкилоти дигарон ҳассос буда, саховатманданд ва ба бахшидан майл доранд. Ба одамон самимона муносибат мекунанд. Ба онҳо «хондан»-и чеҳра ва «нигоҳ кардан» ба ояндаи дигарон писанд аст, онҳо аз ҷиҳати эмотсионалӣ боэътино буда, хушмуомила мебошанд, зуд бо дигарон робита барқарор мекунанд ва забон меёбанд. Атрофиён самимияти онҳоро қадр мекунанд ва онҳо кӯшиш мекунанд, ки ба сар задани низоъҳо роҳ надода, роҳи мусолиматомези ҳалли мушкилиро пайдо кунанд. Танқиди ба худашон равонашударо ба хубӣ паси сар мекунанд. Ҳангоми баҳодиҳӣ ба ҳодисаҳо аз хулосаҳои мантиқӣ дида, бештар ба ҳиссиёт ва фаросати худ эътимод доранд. Аз танҳо кор кардан дида, бо дигарон якҷоя кор карданро

афзалтар дониста, ҳамеша ба пазириши иҷтимоии амалҳои худ ниёз доранд. Бо вуҷуди ҳамаи ин хислатҳо, онҳо дар кори дақиқ ва заҳматталаб на ҳамеша покизакорию низомро риоя мекунанд ва барои аз мувозинат баровардани онҳо заҳмати зиёд лозим нест.

2. Дараҷаи миёнаи эмпатия дар 25,4%-и озмудашавандаҳо (70 нафар) ошкор карда шуд. Шояд дигарон онҳоро «сангдил» нагӯянд, аммо дар баробари ин, онҳо ба шумули афроди ҳассос дохил намешаванд. Дар муносибатҳои байнишахсӣ на ба таассуроти шахсии худ, балки ба моҳияти рафтори онҳо такя мекунанд. Зоҳирнамоии эмотсияҳо барояшон бегона нест, аммо аксар вақт онҳо таҳти назорат қарор доранд. Дар муошират бодиққат буда, кӯшиш мекунанд, ки маълумоти бештар гиранд. Аммо агар таъсири ҳиссиёти ҳамсуҳбат бештар бошад, сабрро аз даст медиҳанд. Кӯшиш мекунанд, то андешаи худро вақте баён кунанд, ки ба қабул шуданаш боварӣ доранд. Ҳангоми хондани адабиёти бадеӣ ва тамошои филмҳо аз эмотсияю ҳиссиёт дида, ба амалу рафтори қаҳрамонон бештар диққат медиҳанд. Пешгӯийи рушди муносибатҳои байни одамон барояшон душвор аст, аз ин рӯ, баъзан амали онҳо барояшон ғайричашмдошт мешавад. Ба онҳо озодии ҳиссиёт хос нест ва ин барои дарки пурраи одамон халал мерасонад.

3. Дараҷаи пасти эмпатия, тибқи натиҷаҳои таҳқиқот, дар 47,3% наврасони пурсидашуда (130 нафар) ба қайд гирифта шуд. Ин тоифаи наврасон дар барқарор кардани робита бо одамон душворӣ мекашанд, дар нишастҳои серодам худро нороҳат ҳис мекунанд. Зоҳиршавии ҳиссиёти атрофиён баъзан бароящон нофаҳмо ва бемаънӣ менамояд. Аз кори якҷоя бо одамон дида, танҳо кор карданро афзалтар мешуморанд ва тарафдори таҳияи дақиқ ва қарорҳои оқилона ҳастанд. Шумораи дӯстонашон кам аст ва аз байни дӯстон ҳамонҳоеро қадр мекунанд, ки хислатҳои хуби корӣ доранд ва зираканд.

4. Дараҷаи бисёр пасти эмпатия дар 5,1%-и озмудашавандаҳо наврасон (14 нафар) ошкор карда шуд.

Дар онҳо майли эмпатикии шахсият инкишоф наёфтааст. Барояшон аввалин шуда, оғоз кардани суҳбат душвор аст, худро аз ҳамкорон (атрофиён) ҷудо мекунанд.

Дар барқарор кардани алоқа бо наврасон ва шахсоне, ки аз худашон хеле калонсолтаранд, душворӣ мекашанд. Дар муносибатҳои байнишахсӣ аксар вақт дар ҳолати ногувор мемонанд. Дар бисёр масъала бо дигарон ҳамдигарфаҳмӣ намеёбанд. Азсаргузаронии эмотсияҳои пуршиддат ва мусобиқаҳои варзиширо писандида, ба санъат афзалият медиҳанд. Дар фаъолиятҳо аз ҳад зиёд ба худ таваҷҷуҳ мекунанд. Ҳангоми мустақилона фаъолият кардан корашон хеле самаранок аст, аммо дар ҳамкорӣ бо дигарон на ҳама вақт хуб ба назар мерасанд. Танқидро хеле дардовар таҳаммул мекунанд, ҳарчанд аксар вақт ба он вокуниши шадид нишон намедиҳанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷадвали 8 ва диаграммаи 3 нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 8**

**Дараҷаи эмпатия дар наврасон**

| Дараҷаи эмпатия | Бо % | Шумораи наврасон |
|---|---|---|
| Баланд | 22,2 % | 61 нафар |
| Мўътадил | 25,4 % | 70 нафар |
| Паст | 47,3% | 130 нафар |
| Бисёр паст | 5,1 % | 14 нафар |




**Диаграммаи 3. Дараҷаи эмпатия дар наврасон**

Сипас, натиҷаҳои таҳқиқи инкишофи дараҷаи иддао, худбаҳодиҳӣ ва эмпатияи наврасони шаҳру ноҳия таҳлили муқоисавӣ гузаронида шуд, ки ба таври мушаххас дар ҷадвали 9 оварда шудааст.

**Ҷадвали 9**

**Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои таҳқиқи дараҷаи иддао, худбаҳодиҳӣ ва эмпатияи наврасони шаҳру ноҳия**

| Методҳои таҳқиқот | Миқдори озмудашавандагон 275 нафар | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Баланд | | | | Муътадил | | | | Паст | | | |
| | Шаҳр | | Ноҳия | | Шаҳр | | Ноҳия | | Шаҳр | | Ноҳия | |
| Дараҷаи иддао | 70 | 44,3% | 35 | 32,5% | 32 | 20,4% | 23 | 19,3% | 58 | 35,3% | 57 | 48,2% |
| Худбаҳодиҳӣ | 90 | 58% | 45 | 39,2% | 28 | 16,9% | 21 | 18,2% | 42 | 25,1% | 49 | 42,6% |
| Эмпатия | 36 | 22,7% | 25 | 21,7% | 38 | 24,3% | 32 | 27,8% | 86 | 53% | 58 | 50,5% |

Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои ташхиси дараҷаи иддао нишон дод, ки дар наврасони шаҳр 44,3% (70 нафар), ноҳия – 32,5% (35 нафар) дараҷаи баланди иддао дошта, дар наврасони шаҳр 20,4% (32 нафар), ноҳия – 19,3% (23 нафар) дараҷаи муътадили иддао ва дар наврасони шаҳр 35,3% (58 нафар) ноҳия – 48,2% (57 нафар) дараҷаи пасти иддао ошкор гардид.

Ҳангоми таҳлили муқоисавии натиҷаҳои ташхиси дараҷаи бахудбаҳодиҳӣ муайян гашт, ки ба наврасони шаҳр 58% (90 нафар), ноҳия – 39,2% (45 нафар) худбаҳодиҳии баланд, дар наврасони шаҳр 20,4% (32 нафар), ноҳия – 19,3% (23 нафар) дараҷаи муътадили худбаҳодиҳӣ ва дар наврасони шаҳр 35,3% (58 нафар) ноҳия – 48,2% (57 нафар) дараҷаи пасти худбаҳодиҳӣ рост меояд.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳлили муқоисавии ташхиси дараҷаи эмпатия ошкор гардид, ки дар наврасони шаҳр 22,7% (36 нафар), ноҳия – 21,7% (25 нафар) дараҷаи баланди эмпатия, дар наврасони шаҳр 24,3% (38 нафар), ноҳия – 27,8% (32 нафар) дараҷаи муътадили эмпатия ва дар наврасони шаҳр 53% (86 нафар) ноҳия – 50,5% (58 нафар) дараҷаи пасти эмпатияро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои мазкур нишон медиҳанд, ки инкишофи дараҷаи иддао, худбаҳодиҳӣ ва эмпатия дар наврасон шаҳру ноҳия гуногун ба назар мерасад. Нишондодҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки шояд муносибатҳои оилавӣ ва иҷтимоӣ, омили мансубияти этникӣ, суннатҳои фарҳангию таърихӣ, хоҷагидорӣ, созандаи фазои гарми хонавода ва эҳтиром ба пиронсолон таъсири назаррас мерасонад.

Натиҷаҳои таҳқиқи дараҷаи иддао, худбаҳодиҳӣ ва эмпатияи наврасон ба таври умумӣ дар ҷадвали 10 оварда шудааст.

**Ҷадвали 10**

**Натиҷаҳои таҳқиқи дараҷаи иддао, худбаҳодиҳӣ ва эмпатияи наврасон**

| Методҳои таҳқиқот | Миқдори озмудашавандагон 275 нафар | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Баланд | | Муътадил | | Паст | |
| Дараҷаи иддао | 105 | 38% | 55 | 20% | 115 | 42% |
| Худбаҳодиҳӣ | 135 | 49% | 49 | 18% | 91 | 33% |
| Эмпатия | 61 | 22,2% | 70 | 25,4% | 144 | 52,4% |

Натиҷаи методикаи дараҷаи иддао нишон дод, ки дар 105 нафар наврасон дараҷаи баланд, 55 нафар дараҷаи муътадил, 115 нафар дараҷаи паст ба назар мерасад. Дар натиҷаи таҳқиқи худбаҳодиҳӣ муайян карда шуд, ки ба 35 нафар наврасон дараҷаи баланд, 49 нафар дараҷаи муътадил, 91 нафар дараҷаи паст рост меояд. Натиҷаи методи дараҷаи эмпатия нишон дод, ки дар 61 нафар наврасон дараҷаи баланд, 70 нафар дараҷаи муътадил, 144 нафар дараҷаи пасти эмпатия мушоҳида мегардад.

Нишондиҳандаҳои дараҷаи иддао, худбаҳодиҳӣ ва эмпатияи наврасон диаграмаи 4 равшан нишон дода шудаанд.




**Диаграммаи 4. Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои таҳқиқи дарачаи иддао, худбаҳодиҳӣ ва эмпатияи наврасон**

Таҳлилҳои муқоисавии натиҷаҳои таҳқиқи дарачаи иддао, худбаҳодиҳӣ ва эмпатия дар наврасон, ки ҳангоми амалисозии тарзҳои гуногуни муносибатҳои байнишахсии онҳо ошкор мешавад, сатҳи муътадили дарачаи иддаои наврасони шаҳр, дарачаи миёнаи худбаҳодиҳӣ ва эмпатияи наврасони ноҳияро нишон дод.

Дар таҳқиқот мо ҳамкориҳои байнишахсиро бо истифода аз методи ташхиси муносибатҳои байнишахсӣ (ТМБ), ки аз ҷониби Т. Лири таҳия гардида, Л.Л. Собчик онро мутобиқ кардааст, ташхис намудем [18, с.23] (Замимаи 4).

Дар раванди муносибат бо муҳити атроф шахс тарзи ба худ хоси муносибатро зоҳир мекунад. Талаботи худро ба муоширaт қонеъ намуда, хоҳишҳои худро амалӣ мекунад ва рафтори худро вобаста ба баҳодиҳии одамони атроф бошуурона ба танзим медарорад. Барои ифода намудани тамоюлҳои асосии иҷтимоӣ Т. Лири схемаи шартиро дар шакли доирае кор карда баромадаст, ки ба бахшҳо тақсим мешавад. Дар ин доира қад-қади меҳварҳои уфуқӣ ва амудӣ чаҳор самт нишон дода шудааст: бартарӣ -

итоаткорӣ, хайрхоҳӣ - адоват. Дар навбати худ, ин бахшҳо аз рӯйи муносибатҳои нисбатан хусусӣ ба ҳашт қисм тақсим мешаванд. Барои тавсифи боз ҳам дақиқтар, доира ба 16 бахш тақсим карда мешавад, аммо аксар вақт октантҳое истифода мешаванд, ки нисбат ба ду меҳвари асосӣ ба таври муайян нигаронида шудаанд [115, с.67].

Мувофиқан барои навъҳои гуногуни рафтори байнишахсӣ саволнома таҳия карда шуд, ки ифодакунандаи хусусиятҳои хеле сода мебошад.

Дар байни омилҳои методи ташхиси байнишахсӣ ва тамоюлҳои типологии пешбаранда коррелятсияи баланд ошкор карда шуд. Муқоисаи ҳашт октанти усули ТМБ (ҳар кадоми онҳо тарзи муайяни ҳамкориҳои байнишахсии шахсро бо муҳити атроф ошкор мекунад) бо системаи координата, ки сохтори типологияи фардӣ – шахсиро инъикос мекунад, эътимоднокии вобастагии онҳоро нишон дод (r = 0,73).

Илова бар ин, маълумоте, ки бо усули ТМБ ба даст оварда шудааст, имкон дод, ки ба масъалаи худбаҳодиҳӣ, интиқод ва худтанзимкунии шахсияти наврас ба тарзи нав муносибат кунем.

Ташхис дар як вақт бо гурӯҳи наврасон гузаронида шуд. Ба ҳар кадоми онҳо саволнома пешниҳод карда шуд, ки 128 муҳокимаи мухтасарро дар бар мегирад. Озмудашаванда бо истифода аз саволнома «Ман»-и воқеии худро дар вақти пурсиш баҳо медиҳад. Ҳар яке аз ин муҳокимаҳо рақами тартибии худро дорад. Мо варианти модификатсияшудаи методикаро истифода бурдем, зеро дар он ҷадвали махсус ё варақаи бақайдгирӣ пешбинӣ шуда, дар он рақамҳо аз 1 то 128 тавре ҷойгир карда шудаанд, ки баҳодиҳии минбаъда барои ҳар яке аз ҳашт октант то ҳадди имкон сода карда шудааст. Озмудашаванда худро аз рӯйи ҳар як банд баҳогузорӣ намуда, дар ҷадвал рақами ба ҳамон муҳокима мувофиқро хат мезанад ва дигар рақамҳоро хат нозада боқӣ мегузорад, ки ифодакунандаи хислатҳои ба ӯ мувофиқнабуда мебошанд.

Пас аз он ки озмудашавандаҳо худро баҳогузорӣ намудаву варақаи бақайдгириро пур карданд, мо натиҷаҳои бадастомадаро барои 8 варианти муоширати байнишахсӣ таҳлил кардем. Барои ин калид истифода шуд, ки бо ёрии он ҷавобҳо ба 16 қисм ва 8 бахш тақсим карда шуданд.

Миқдори рақамҳое, ки озмудашаванда дар ҳар як қисм хат задааст, мувофиқи ҳар як октант ба ҷадвали натиҷаҳои миқдорӣ ворид карда шуданд, ки ин ё он варианти тарзи рафтори байнишахсиро инъикос мекунанд.

Натиҷаҳои омӯзиши тарзи муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасони муассисаҳои гуногуни шаҳру ноҳияҳо ва курсҳои кӯтоҳмуддат дар ҷадвали 11 ба таври васеъ оварда шудаанд.

**Ҷадвали 11.**

**Натиҷаҳои омӯзиши тарзи муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасони муассисаҳои шаҳру ноҳия**

| Пойгоҳи таҳқиқот | Миқдор | Ҳукмронӣ-сарварӣ | Мустақилӣ-худкмфармоӣ | Ҳақгӯйӣ-агрессивӣ | Нобоварӣ-шубҳанокӣ | Итоаткорӣ-шармгинӣ | Вобастагӣ-тобеият | Ҳамкорӣ-мукаррарӣ | Масъулиятшиносӣ-саховатмандӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММП ва РҚЗ Заковат | 42 | 3 | 4 | 2 | 1 | 8 | 5 | 14 | 5 |
| МТМУ №12 шаҳри Хуҷанд | 60 | 7 | 8 | 3 | 2 | 9 | 7 | 18 | 6 |
| Гимназияи №24 шаҳри Хуҷанд | 58 | 5 | 6 | 3 | 2 | 7 | 6 | 15 | 14 |
| МТМУ №13 ноҳияи Ашт | 56 | 6 | 6 | 4 | 1 | 9 | 9 | 14 | 9 |
| МТМУ №61 ноҳияи Ашт | 59 | 6 | 4 | 2 | 2 | 9 | 8 | 16 | 10 |
| умумӣ | 275 | 27 | 28 | 14 | 8 | 42 | 35 | 77 | 44 |

Натиҷаҳои таҳқиқи тарзи муносибатҳои байнишахсӣ дар ҷадвали 12 ва диаграммаи 5 инъикос ёфтаанд.

**Ҷадвали 12.**

**Натиҷаҳои омӯзиши равишии муносибатҳои байнишахсӣ**

| № | Тарзи муносибатҳои байнишахсӣ | Шумораи наврасон | % |
|---|---|---|---|
| 1. | Ҳукмронӣ-сарварӣ | 27 | 9,8% |
| 2. | Мустақилӣ-ҳукмфармоӣ | 28 | 10,2% |
| 3. | Ҳақгӯйӣ-агрессивӣ | 14 | 5% |
| 4. | Нобоварӣ-шубҳанокӣ | 8 | 2,9% |
| 5. | Итоаткорӣ-шармгинӣ | 42 | 15,3% |
| 6. | Вобастагӣ-тобеият | 35 | 12,8% |
| 7. | Ҳамкорӣ-муқаррарӣ | 77 | 28% |
| 8. | Масъулиятшиносӣ-саховатмандӣ | 44 | 16% |
| | | 275 | 100% |

Барои мо қобили таваҷҷуҳ он буд, ки то кадом андоза хонанда дар ҳолатҳои буҳронӣ хислатҳои шахсият ва ҳолати худро ба таври мувофиқ аз сар мегузаронад ва дарк мекунад. Аниқии чунин инъикос муваффақияти идора кардани талаботи нав ва мутобиқшавӣ ба онҳоро муайян мекунад (дар зери мафҳуми мутобиқшавӣ раванди табдил додани шаклҳои объективии иҷтимоӣ ва шароити ҳаёту фаъолияти одамон ба усулҳои инфиродию самараноки ташкил кардани он дар назар дошта мешавад).




**Диаграммаи 5. Равиши муносибатҳои байнишахсӣ**

Бо истифода аз ин методика чунин натиҷаҳо ба даст оварда шуд:

1. **Тарзи ҳукмронӣ-сарварии** ҳамкории байнишахсӣ ба 9,8%-и наврасон (27 нафар) хос аст. Посухдиҳандагони ин равиш баҳои муътадил гирифтанд (то 8 хол бо фарогирии 8). Ба ин тарз боварӣ ба худ, қобилияти мураббӣ, ташкилотчии хуб будан ва хислатҳои роҳбарӣ хос аст. Наврасоне, ки холҳои баландтар гирифтаанд (то 12 хол 4%, 11 нафар) танқидро бардошт намекунанд, имкониятҳои худро аз нав баҳогузорӣ карда наметавонанд. Ба иштирокчиёни пурсиш, ки аз 12 хол зиёд гирифтаанд, 0,9% (3 нафар) тарзи дидактикии гуфтор, талабот ба фармондиҳии дигарон ва хислати майл доштан ба ҳокимияти номаҳдуд хос мебошад.

2. **Тарзи мустақилӣ-ҳукмфармоии** ҳамкории байнишахсӣ ба 10,2% пурсидашудагон (28 нафар) хос аст. 7%-и онҳо ҳудуди 8 холро соҳиб гардиданд, ки онҳоро тарзи боваринок, мустақил ва рақобатпазири муносибатҳои байнишахсӣ тавсиф медиҳад. Ба 2%-и пурсидашудагоне, ки 9-12 хол гирифтаанд, тарзи худбоваронаю худмеҳварӣ бо ҳисси барҷастаи бартарии худ аз дигарон ва бо тамоюли доштани ақидаи махсус, ки аз ақидаи аксарият фарқ мекунад, хос аст.

3. **Тарзи ҳақгӯйӣ-агрессивии** муносибатҳои байнишахсӣ ба 5%-озмудашавандаҳо (14 нафар) хос аст. Ба онҳо ростгӯйӣ, қатъият дар расидан ба мақсад, якравии аз ҳад зиёд, бадхоҳӣ, худдорӣ карда натавонистан ва хашмгинӣ хос аст.

4. **Тарзи нобоварӣ-шубҳанокӣ** аз рӯйи натиҷаи холҳои гирифташуда ба 2,9%-и иштирокчиён (8 нафар) хос аст. Ба ин тарзи рафтори байнишахсӣ воқеиятгароӣ дар гуфтору амал, шубҳанокӣ ва нонконформизм хос аст.

5. **Тарзи итоаткорӣ-шармгинӣ** дар 15,3% (42 нафар) озмудашавандаҳо ошкор карда шуд. Ба онҳо чунин хислатҳои рафтори байнишахсӣ, ба монанди хоксорӣ, шармгинӣ, майли ба зиммаи худ гирифтани уҳдадории одамони дигар хос мебошад.

6. **Тарзи вобастагӣ-тобеият** дар 12,8%-и озмудашавандагон (35 нафар) ошкор карда шуд. Онҳо ба кумак ва эътимоди дигарон, инчунин, ба эътироф шудани худ аз тарафи дигарон ниёз доранд.

7. **Тарзи ҳамкорӣ-муқаррарӣ** дар ташкили муносибатҳои байнишахсӣ ба 28%-и наврасон (77 нафар) хос аст. Онҳо бо мавҷудияти майл ба ҳамкории зич бо гурӯҳи референтӣ ва майл ба муносибати дӯстона бо атрофиён тавсиф дода мешаванд. Дараҷаи аз ҳад зиёд зоҳиршудаи ин тарзи муносибат дар рафтори созишкорона, бетаҳаммулӣ дар ифоданамоии дӯстии худ нисбат ба дигарон, майли нишон додани мансубияти худ ба манфиати дигарон ифода меёбад.

8. **Тарзи масъулиятшиносӣ-саховатмандӣ** аз рӯйи натиҷаи методика дар 16%-и озмудашавандаҳо (44 нафар) ошкор шуд. Ин тарзи рафтори байнишахсӣ дар омодагии равшанифодаёфтаи кумак ба дигарон, ҳисси инкишофёфтаи масъулиятшиносӣ, мақсадгузориҳои гипериҷтимоӣ ва алтруизми равшан ифодаёфта зоҳир мешавад.

Ҳамин тавр, қисми дуюми таҳқиқот аз озмоиш оид ба гуманизатсияи ҳамкориҳои байнишахсии наврасон иборат буд. Пас аз озмоиши ташаккулдиҳанда ду маротиба озмоиши назоратӣ, ки динамикаи гуманизатсияи ҳамкориҳои байнишахсии наврасонро муқаррар мекунад, гузаронида шуд.

## 2.3. Кори иҷтимоию психологӣ оид ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ

Ба сифати сарчашмаҳои иҷтимоишавии шахс ва инкишофи он инҳо баромад мекунанд: интиқоли фарҳанг ҳамчун шакли фаъолият тавассути институтҳои иҷтимоӣ, ба монанди мактаб, коллективи синф, оила, гурӯҳи ҳамсолон; амали мутақобила ва таъсири байниҳамдигарии одамон дар раванди фаъолияти муштараки онҳо; равандҳои стратегияи инфиродии худтанзимкунӣ, ки бо тадриҷан иваз кардани назорати берунии рафтори

инфиродӣ бо худидоракунии дохилӣ алоқаманд мебошанд; ташаккули «Ман-консепсия», шавқу ҳавас ва фаъолияти ҷамъиятии шахс.

Бояд гуфт, ки мураккабии омӯзиши синни наврасӣ ба хусусиятҳои психологиашон вобаста аст: зуҳуроти манфии рафтор, номутаносибӣ дар сохтори шахсият, маҳдуд шудани системаи қаблан муқарраршудаи манфиатҳои кӯдак, хусусияти эътирозии рафтори ӯ нисбат ба калонсолон. Ҳамзамон, наврасӣ барои рушди мустақилияти кӯдак, васеъ кардани ҳудуди муносибат бо кӯдакони дигар ва калонсолон, тағйир додани майдони фаъолияти хонанда, ташаккулдиҳии босуръати баҳодиҳии дигарон, худбаҳодиҳӣ ва кӯшиши худфаъолнамоӣ давраи сензитивӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, қисми дуюми таҳқиқот аз таҷриба оид ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар раванди тарбия иборат буд.

Давомнокии озмоиши ташаккулдиҳанда се солро (2019-2022) дар бар гирифт. Дар доираи озмоиши ташаккулдиҳанда барномаи рушд таҳия ва амалӣ карда шуд, ки ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ нигаронида шудааст. Ин барнома дар асоси принсипҳои ҳамгироӣ: принсипи яклухтӣ, принсипи генетикӣ, принсипи вобастагӣ, принсипи некхоҳӣ ва принсипи таносуб тартиб дода шудааст (Замимаи 5).

Дар татбиқи барномаи инкишофдиҳанда давоми се сол (2019-2022) ҳамон як гурӯҳи наврасон ширкат доштанд. Машғулиятҳо дар як вақт бо тамоми гурӯҳ гузаронда мешуд. Мо гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратиро ҷудо накардаем, то таваҷҷуҳ ба наврасони дорои хислатҳои шахсияти худфаъолкунанда равона нашавад.

Корҳои рушддиҳанда моҳе як маротиба дар ҳафтаи дуюми моҳ, давоми се рӯз бо давомнокии 2-4 соат, вобаста ба ҳадафҳои омӯзиш гузаронида мешуданд. Умуман, дар се сол се силсилаи тренингҳо гузаронида шуд. Ҳар як сислсила аз 9 машғулияти тренингӣ иборат буд. Давомнокии як силсила 1 сол аст (ниг ба ҷадвали 13).

**Ҷадвали 13.**

**Гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар раванди тарбия**

| Давра | Ҳадаф | Унсурҳои гуманизатсия |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| 2019-2020 | Ба кӯдакони 10-11-сола омӯзонидани мустақилона қабул кардани қарори аз ҷиҳати иҷтимоӣ башардӯстона дар шароити тарбиявии шартан фароҳамовардашуда | Бозидани дилеммаи Колберг ва «Дилеммаи маҳбус» |
| 2020-2021 | Дар наврасони 12-13-сола инкишоф додани қобилияти вокуниши инсондӯстона ба ҳолатҳои буҳронӣ ва дар якҷоягӣ бо омӯзгор омода кардани тарҳи вазъиятҳои тарбиявӣ барои муҳокима ва бозӣ кардани онҳо бо ҳамсолон | Муҳокимаи саргузаштҳои аз тарафи наврасон ба психолог нақлшуда, бидуни ошкор кардани шахсияти муаллифи ҳикоя |
| 2021-2022 | Мустаҳкам намудани малакаҳои ҳамкории инсондӯстона ҳангоми муҳокима ва бозидани вазъиятҳои таълимии мустақилона тарҳрезишуда | Наврасон бо интихоби сужа аз ҳаёти худ муста-қилона ҳикояҳо омода мекунанд. |

Дар доираи озмоиши рушддиҳанда мо барномаҳои таълимиро дар асоси принсипҳои зерини ташкил намудани тренингҳои иҷтимоӣ-психологӣ (ташкил кардани ҳамкорӣ, макон ва фазо) таҳия кардем:

1. **Принсипи муколамаи ҳамкорӣ,** яъне муошırати мукаммали баробарҳуқуқи байнишахсӣ дар машғулиятҳои гурӯҳӣ, ки дар эҳтироми байниҳамии иштироккунандагон ва эътимоди пурраи онҳо ба якдигар асос ёфтааст. Дар сурати бартарӣ доштани як ё якчанд нафари онҳо муошират характери муколамаи ҳақиқиро гум карда, ба монолог мубаддал мешавад, ки ин хилофи талаботи тренинг аст.

2. **Принсипи алоқаи доимии баръакс**, яъне пайваста гирифтани маълумот аз дигар аъзои гурӯҳ, ки натиҷаҳои амали ӯро таҳлил мекунанд. Ба шарофати алоқаи баръакс наврасон метавонанад рафтори минбаъдаи худро бо роҳи иваз кардани усулҳои номуваффақи муошират ба усулҳои самарабахш ислоҳ кунанд ва таъсири онҳоро ба дигарон санҷанд. Барои ин мо шароит фароҳам овардем, ки иштирокчиён дар бораи дигарон андеша

баён карда, фикри дигаронро дар бораи худ гӯш кунанд. Чунин алоқаи баръакс бошуурона ба амал бароварда шуда, барои инкишофи иштирокчиён хеле самарабахш буд.

3. **Принсипи худташхискунӣ** ба иштирокчиён барои ошкор кардани хусусиятҳои худ, огоҳ шудан ва бандубасти мушкилоти шахсии барояшон муҳим кумак мерасонд. Дар машғулиятҳо машқҳое пешбинӣ шудаанд, ки ба наврас барои шинохти худ ва хусусиятҳои шахсият ёрӣ мерасонад. Ба ҳар як аъзои гурӯҳ барои дидани худ дар вазъиятҳои гуногуне, ки аз ӯ қабул кардани қарори муайян ва татбиқи он талаб карда мешавад, кумак расонида мешавад. Аксар вақт ба ин на корҳои амалӣ, балки муошироти ғайришифоҳӣ мусоидат мекунад.

4. **Принсипи оптимизатсияи рушд**. Барои татбиқи ин принсип аз барандаи машғулият на танҳо ташхиси дақиқ ва шарҳи тахассусии ҳолати муайяни психологии иштирокчиёни алоҳида ва гурӯҳ дар умум, балки дахолати фаъол ба вазъият бо мақсади оптимизатсияи шароити зарурӣ барои рушди онҳо талаб карда мешавад. Бо истифода аз машқҳои махсус ба омӯзгор лозим аст, ки иштирокчиёнро ба худинкишофдиҳӣ ҳавасманд карда, кӯшишҳои онҳоро ба самти дуруст равона созад.

5. **Принсипи ҳамоҳангсозии соҳаҳои зеҳнӣ ва эмотсионалӣ**. Аз як тараф, ба тренинг тобиши баланди эмотсионалӣ хос буд, иштирокчиён вазъиятҳои дар гурӯҳ баамаломадаро самимона аз сар мегузаронданд. Ин ба онҳо кумак кард, ки ба ошкор будан омода шаванд, ба шарикони худ бештар эътимод кунанд ва нисбат ба ҳамдигар хайрхоҳ шаванд. Аммо, аз тарафи дигар, тренинг дар вақти баррасии ҳодисаҳо равандҳои зеҳнӣ ва таҳлилиро фаъол намуд. Шакли асосии чунин фаъолият мубоҳисаи гурӯҳӣ мебошад, ки дар ҳамаи машғулиятҳо истифода мешуд.

6. **Принсипи доимӣ будани ҳайати гурӯҳ**. Барои татбиқи ин принсип гурӯҳ пурмаҳсул кор мекард ва дар он вазъиятҳои махсусе ба вуҷуд оварда

мешуданд, ки ба иштирокичиён барои худифоданамоӣ имконият медоданд, яъне ҳайат доимӣ буда, иштирокчиён иваз карда намешаванд.

7. **Принсипи воридшавии амиқ**. Давомнокии курс бояд дар ибтидои кор муайян карда шавад.

8. **Принсипи ҷудошавӣ**. Талаботи бечунучаро ин боварии комил доштани иштирокчиён доир ба он буд, ки ҳеҷ кас сухани онҳоро гӯш намекунад. Аксари машқҳо ва супоришҳои тренинг барои кори мустақилонаи минбаъда аз ҷониби худи иштирокчиён махсус сабт карда шуданд.

9. **Принсипи фазои озод**. Дар толори омӯзишӣ имкони ҳаракати озод барои иштирокчиён фароҳам оварда шуда, онҳо дар шакли доира ҷойгир шуда, дар гурӯҳҳои хурд ва ба таври инфиродӣ кор карданд.

Сохтори хуб ташкилшуда ба ҳамаи иштирокчиён озодии амал медиҳад. Ҳуҷраи омодашуда ва одат кардан ба он барои ворид шудан ба барнома тамоми шароити зарурирo фароҳам меорад.

Шарти навбатии фаъолияти пурсамари барнома ин аз ҷониби иштирокчиён қабул кардани қоидаҳои гурӯҳ мебошад.

Муҳокима ва қабули қоидаҳо марҳилаи хеле ҷиддӣ ва масъулиятнок аст, зеро кори гурӯҳ вобаста ба дараҷаи огоҳии иштирокчиёни тренинг, махсусан, дар машғулиятҳои аввал ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, барои фаҳмондадиҳӣ, муҳокима ва қабули қоидаҳо бояд вақти кофӣ ҷудо карда шавад, то дар рафти кор зарурати бозгашт ба онҳо пайдо нашавад. Пас аз интихоби номҳо ва шиносоии аввал, Шумо метавонед ба омӯзиши қоидаҳои асосии тренинги иҷтимоӣ-психологӣ ва хусусиятҳои ин шакли муошират шуруъ кунед. Ҳар як гурӯҳ метавонад қоидаҳои худро дошта бошад, аммо дар зер қоидаҳоеро меоварем, ки асосӣ ва ҳатмӣ ҳисобида мешаванд.

- **Тарзи муошираті боварибахш**. Барои он ки иштирокчиён ба ҳамдигар то ҳадди имкон эътимод дошта бошанд, ҳамчун қадами аввал дар роҳи эҷодӣ-амалӣ фазои эътимодбахш пешниҳод карда шуд, ки шакли ягонаи муроҷиат ба ҳамдигар қабул карда шавад, яъне муроҷиат кардан ба якдигар

бо калимаи «ту». Аз ҷиҳати психологӣ ин ҳама (аз ҷумла устоди роҳнамо)-ро сарфи назар аз синну сол, вазъи иҷтимоӣ, таҷрибаи ҳаёт ва ғайра баробар мекунад.

- **Муошират аз рӯйи принсипи «ҳамин ҷо ва ҳоло».** Бисёр одамон дар бораи ҳиссиёт ва андешаҳои худ сухан нагуфтанро авлотар медонанд, зеро аз мавриди ханда қарор гирифтан метарсанд. Онҳо одатан майл ба муҳокимаҳои умумӣ дошта, доир ба ҳодисаҳое андешаронӣ мекунанд, ки ба дигарон тааллуқ доранд. Дар онҳо механизми муҳофизати психологӣ фаъол мешавад. Аммо вазифаи асосии кори мо табдил додани гурӯҳ ба як оинаи ҳаҷмдоре мебошад, ки дар он ҳар як нафар худро дар вазъиятҳои гуногуни зоҳиршавии характер ва рафтор дида тавонад, худинтиқодкунӣ ва вокуниши дурустро ба танқид дар худ ташаккул диҳад, худ ва хусусиятҳои фардиашро хубтар дониста гирад. Аз ин рӯ, ба чунин қарор омадем, то дар рафти машғулиятҳо ҳар як кас дар бораи он чизҳое сухан гӯяд, ки ӯро худи ҳозир ташвиш медиҳанд ва дар кори гурӯҳӣ бо ӯ чӣ рӯй медиҳад.
- **Ба шахс равонакунонии гуфтаҳо**. Барои ошкоротар шудани муошират дар давоми машғулиятҳо, аз ҳама ҳоҳиш карда мешавад, ки аз суханронии номуайян (маълум нест, ки сухан ба кӣ равона шудааст) даст кашанд, зеро ин барои пинҳон кардани мавқеи худ ва ба ин васила дурӣ ҷустан аз масъулият барои суханҳои худ кумак мекунад. Аз ин рӯ, мо баъзе тарзи гуфтро иваз кардем: «Аксари одамон фикр мекунанд, ки ...» ба «Ман фикр мекунам, ки ...»; «Баъзеи мо фикр мекунем, ки...» ба «Ба фикрам...» ва ғайраҳо. Аз муҳокимаҳои умумӣ, ҳукмҳои радшуда ва баррасинашуда дар бораи дигарон даст кашем. Ҷумлаи «Бисёриҳо маро нафаҳмиданд»-ро ба «Оиша ва Солиҳа маро нафаҳмиданд» иваз кардем.
- **Самимият дар муошират**. Дар вақти кор мо танҳо он чизеро мегӯем, ки ҳис мекунем ва дар бораи воқеаҳое фикр мекунем, ки рух дода истодаанд, яъне танҳо дар бораи ҳақиқат андешаронӣ менамоем. Агар ҳохиши самимона ва ошкоро сухан гуфтан набошад, сукут кардан беҳтар аст. Ин қоида маънои

ошкоро баён кардани таассуроти худро нисбат ба амалҳои иштирокчиёни дигар ва нисбат ба худ дорад. Табиист, ки касе аз гуфтаҳои дигарон хафа намешавад. Мо барои самимият ва ошкоро будан танҳо ҳисси миннатдорӣ ва сипосгузориро аз сар мегузаронем; шахси баҳодиҳанда бояд таҳаммулпазирӣ зоҳир кунад, то ба рафиқонаш барои шинохти беҳтари худ кумак намояд.

- **Махфӣ будани ҳама чизи дар гурӯҳ рӯйдиҳанда**. Ҳама чизи дар рафти машғулиятҳо рӯйдиҳанда ба ҳеҷ ваҷҳ барои дигарон (шахсони аъзои ин гурӯҳ набуда) ошкор карда намешавад. Мо боварӣ дорем, ки ҳеҷ кас сирри шахси дигарро ошкор намекунад. Ин ба мо кумак мекунад, ки самимӣ бошем ва ошкоро суҳбат кунем. Мо ба якдигар ва умуман, ба гурӯҳ боварӣ дорем.

- **Муайян кардани ҷиҳатҳои қавии шахс**. Дар давоми машғулият (ҳангоми машқ ё муҳокимаи он, дар рафти иҷрои вазифаҳо ё нақшаҳо), ҳар яки мо бояд барои қайд кардани хислатҳои мусбати шахсе кӯшиш кунем, ки бо ӯ якҷоя кор мекунем. Ба ҳар як аъзои гурӯҳ ақаллан як сухани хуб ва нек бояд гуфт.

- **Роҳ надодан ба баҳодиҳии бевоситаи шахс**. Ҳангоми муҳокимаи ҳодисаҳо мо на иштирокчӣ, балки амалу рафтори ӯро баҳогузорӣ мекунем. Мо чунин суханонро истифода намебарем: «Ту ба ман маъқул нестӣ», балки мегӯем: «Ба ман тарзи муошırати ту писанд нест». Мо ҳеҷ гоҳ намегӯем: «Ту одами бад ҳастӣ», балки танҳо таъкид мекунем: «Ту кори бад кардӣ».

- **Тамос ва муошират ҳарчи бештар бо одамони гуногун**. Бе шубҳа ҳар яки мо дорои таваҷҷуҳи хос ҳастем, нафаре ба мо бештар писанд аст, бо нафаре муошират кардан бароямон гуворою фараҳбахш аст. Аммо дар давоми машғулиятҳо мо кӯшиш мекунем, ки муносибатро бо ҳамаи аъзои гурӯҳ хуб ба роҳ монем, махсусан бо нафароне, ки бароямон камтар шиносанд.

- **Иштироки фаъолона дар ҳодисаҳои бавуқуоянда**. Ин меъёри рафторест, ки мувофиқи он мо ҳар лаҳза ба кор ворид мешавем. Фаъолона мушоҳида мекунем, гӯш мекунем, дар маҷмуъ худ, рафиқ ва коллективро ҳис

мекунем. Агар нисбат ба худ сухани на он қадар маъқулро шунавем ҳам, канора намегирем. Танҳо дар бораи «Ман»-и худ фикр намекунем. Мо доим дар гурӯҳ ва бо гурӯҳ ҳастем, ба дигарон таваҷҷуҳ дорем ва онҳо бароямон қобили таваҷҷуҳанд.

- **Эҳтиром ба суханвар**. Ҳангоми сухан кардани яке аз рафиқон ӯро бодиққат гӯш мекунем, ба ӯ имконият медиҳем, ки андешаи хостаашро гӯяд. Кӯшиш мекунем, то ба ӯ нишон диҳем, ки бодиққат суханашро гӯш карда истодаем, ӯ ба мо писанд аст ва суҳбаташ бароямон хеле ҷолиб аст. Суханашро намебурем ва то охир гӯш мекунем. Танҳо баъд аз ба охир расонидани сухан савол медиҳем ё бо ӯ баҳс мекунем.

Муфассал фаҳмонидани ин қоидаҳо ба иштирокчиён ва пурра ҷавоб додан ба ҳама саволҳои бамиёномада кори барномаро дар марҳилаҳои баъдӣ самараноктар мегардонад. Сипас пешниҳодҳои иштирокчиён доир ба тағйир додани қоидаҳо ё илова кардани қоидаҳои нав баррасӣ карда мешаванд. Қоидаҳои баъд аз овоздиҳӣ қабулшуда ҳамчун қонун барои кори гурӯҳӣ қабул карда мешаванд.

Ҳар як сисиламашғулиятҳои рушддиҳандаро шартан ба ҳафт қисм ҷудо кардан мумкин аст, ки мо онҳоро чунин номгузорӣ кардем: машқ, фароғат, инкишофдиҳанда, коммуникативӣ, визуализатсияи эҷодӣ, қисми ракс ва рефлексия.

1. **Қисми машқ** аз машқҳое иборат аст, ки ба омода кардани наврасон барои кор равона карда шудаанд.

2. **Қисмати фароғатӣ** машқҳоеро фаро мегирад, ки ба иштирокчиён барои озмоиш кардани рафтори худ имконият медиҳад. Вазифаи ин қисм аз бартараф кардани чаҳорчӯба ва стереотипҳои одатии муошírати рӯзмарра, тағйир додани муҳити муошират, тағйир додани стереотипҳои ҳаракатию фазоӣ иборат аст.

3. **Қисмати инкишофдиҳанда** дар ҳар як силсиламашғулият аз вазифаҳое иборат аст, ки мувофиқи ҳадафҳои гузошташуда маҳз дар ҳамин

сатҳи барномаи инкишофдиҳанда муҳимманд. Силсиламашғулиятҳои якум: ҳолатҳои шартие, ки Колберг пешниҳод кардааст, инчунин, муҳокимаи ҳолатҳое, ки аз асарҳои бадеӣ интихоб шудаанд ва лаҳзаҳои бухронии азсаргузаронида наврасонро хеле рангин тасвир мекунанд.

**4. Қисми коммуникатсионӣ** аз машқҳое иборат буд, ки ба шинохти нақшҳо ва машқҳои байнишахсӣ, ба рушди «забони ғайришифоҳӣ»-и муошират нигаронида шудаанд.

Машқҳое, ки ба шинохти нақшҳои байнишахсӣ нигаронида шудаанд, аз вазъиятҳое иборат мебошанд, ки ҳар кадом дар навбати худ, як қатор нақшҳои мушаххасро дар бар мегиранд. Донистан ва татбиқ намудани онҳо ба наврас имконият медиҳад, ки бо атрофиён муошири самарабахш дошта бошад. Дар ҳама гуна амали якҷоя иштирокчиён дар ҳамдигарфаҳмии ҳатмӣ қарор доранд, мисли он ки дар драма ҳама гуна нақш то он вақте маъно дорад, ки бо нақшҳои дигар дар алоқамандӣ бошад. Аз ин рӯ, дарк кардани хислат ва хусусиятҳои ҳар як шахс дар иҷрои нақшҳои байнишахсӣ барои муошири муваффақ аҳаммияти калон дорад.

Машқҳо барои рушди «забони ғайришифоҳӣ»-и муошират ба ислоҳ кардани симои ботинии «Ман»-и иштирокчиён тавассути пурра бахшидани худ ба иҷрои нақш нигаронида шудаанд. Захираи иловагии алоқаи бомуваффақият дар истифодаи пурраи ҳамаи воситаҳои алоқа ифода меёбад. Дар баробари «забони шифоҳӣ» «забони ғайришифоҳӣ»-и муоширатро ҷудо мекунанд, ки ба он алоқаҳои ламсӣ (расиш), визуалӣ (нигоҳ), мимика ва пантомимика, эмпатия (сукут) ва ғайраҳо дохил мешаванд. Фарҳанги муошират донистани ин «забонҳо», қобилияти ба кор бурдани онҳоро вобаста ба вазъият, дарки қонуниятҳои психологии истифодаи ин ё он роҳи ҳамкорӣ, малакаи истифодаи усулҳои имконпазири гузаштан ба сатҳи дигари робитаро пешбинӣ мекунад. Масалан, робитаи ламсӣ ба рушди наздикии байнишахсӣ мусоидат карда, ба мусбат баҳогузорӣ кардани ҳамсуҳбат мебарад.

Ин робитаҳо барои инкишоф додани малакаҳои ҳамҳиссии эмотсионалӣ ва бахшидани гармии «маънавӣ» пешбинӣ шудаанд. Ҳангоми ташкил кардани ин машғулиятҳо мо се марҳиларо муайян кардем: омодагӣ ба машқ (ҷамъоварии неруи равонӣ), худи раванди гармшавии эмотсионалӣ, коркарди шифоҳии таассурот пас аз анҷоми машқ.

5. Қисми **визуализатсияи эҷодӣ** аз машқҳое иборат аст, ки барои дар наврасон ошкор кардани маҳорати пайдо кардани ҳалли эҷодии инсондӯстонаи вазъияти ногувор нигаронида шудаанд. Визуализатсияи эҷодӣ имкон медиҳад, ки қувваи рафиқ ва имконияти фаъолияти якҷояро на танҳо бинем, балки онро ҳис кунем.

**6. Машқҳои рақсу суруд** аз тарафи мо барои мустаҳкам кардани малакаҳои дар машғулиятҳо ҳосилшуда истифода мешаванд, зеро ин намуди фаъолият ба шавқу ҳавасҳои наврасон наздиктар аст. Машқҳои мазкур барои муътадил гардонидани вазъиятҳои бухронии дар майдони озмоишӣ баамаломада кумак мекунанд (махсусан, дар марҳалаи якуми амалӣ гардонидани барномаи инкишофдиҳанда).

**7. Машқҳо бо унсурҳои аутотренинг ва тағйирёбии ҳолати шуур**. Вазифаҳои аутотренинг рафъи шиддати асабӣ, барқарорсозии босуръати қувва ва идоракунии ҳолати эмотсионалӣ буда, барои рафъи нороҳатӣ истифода мешавад.

Ҳамин тариқ, истифодаи навъҳои гуногуни машқҳои таълимӣ ва ҳамгироии онҳо дар як барномаи инкишофдиҳанда барои гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар байни наврасон на танҳо маҳсулнокии ин усули ташкил намудании барномаҳои инкишофдиҳандаро нишон дод, балки мавҷудияти шавқи баландро дар омӯзгорону наврасон ба чунин тарзи кор исбот намуд. Зиёд шудани шумораи иштирокчиёни барнома аз афзоиши шавқу рағбати наврасон ба он дарак медиҳад. Агар дар марҳилаҳои аввали роҳандозӣ кардани он ба мо лозим омад, ки аксар вақт аз шаклҳои қариб маҷбурии ҷалб кардан ба кор истифода кунем, бо гузашти ду моҳ худи

наврасон ба машғулияти навбатӣ шавқу ҳаваси калон пайдо карданд. Мо, дар баробари ширкат дар барнома, аз наврасон ҳоҳиш кардем, ки рӯзнома тартиб диҳанд. Дар охири ҳар як машғулият мо пешниҳод мекардем, ки дар онҳо дар рӯзнома ба се савол ҷавоб нависанд: чӣ чизи навро омӯхтед, чиро ёд гирифтед ва чӣ гуна таассуротро аз сар гузаронидед. Дар охири давраи солона мо бо истифода аз усулҳои озмоиши муқарраркунанда ташхис анҷом додем. Аллакай, пас аз давраи аввал, мо тағйиротро дар нишондиҳандаҳои рушди хислатҳои шахсият мушоҳида кардем.

Дар ниҳоят вазъиятҳо (саргузаштҳо)-и пешниҳодшуда дар шакли бозиҳои нақшӣ гузаронида шуданд, зеро бозиҳои нақшӣ барои наврасон ба сифати як навъ оина хизмат мекунанд ва ба онҳо имкон медиҳанд, ки худро аз мавқеи дигарон бубинанд. Ин бозиҳо онҳоро водор месозанд, ки рафтори худро таҳлил кунанд ва ба андешаи дигарон гӯш диҳанд, малакаҳои баҳодиҳии мавқеъ ва ниёзҳои ҳамсолони дигарро ташаккул диҳанд. Илова бар ин, манфиати тағйир додани рафтор ё муносибат дарҳол нишон дода мешавад ва ба ин васила мароми чунин тағийрот ташаккул меёбад. Азбаски бозиҳои нақшӣ ҳамчун воситаи ба даст овардан ва такмил додани малакаҳои муоширати мустақими байнишахсӣ самараноктаранд, мо онҳоро дар шакле истифода бурдем, ки барои самаранок аз худ кардан ва такмил додани усулҳои муошират ва ҳалли вазъиятҳои мураккаби пешниҳодшуда имкон медиҳанд.

Бо ёрии бозиҳои нақшӣ мо тавонистем:

– ба даст овардан ва такмил додани малакаи коммуникатсияи самарабахш ва ҳамкорӣи байнишахсии наврасон;

– таҳлили раванди ҷалби хонандагон ба раванди таълим; дар наврасон инкишоф додани талабот барои дар амал омӯхтани усулҳои амал кардан, ки метавонанд дар ҳаёти воқеии минбаъда барои онҳо муфид бошанд;

– имконияти такроран бозидани вазъияте, ки дар гузашта аз уҳдаи он баромада наметавонистанд, бо мақсади иҷро кардани он дар оянда;

– баланд бардоштани самаранокии пешниҳоди иттилоот; тағйир додани муносибат дар гурӯҳи наврасон; ислоҳнамоии афкор ва рафтори наврас, агар шумо аз ӯ бозидани нақшеро ҳоҳиш кунед, ки барояш хос нест ва ба ин васила ба ӯ имконият додани азсаргузаронии таассуроти барояш комилан нав;

– тағйир додани муносибат: хонандагон метавонанд ба ақидаи шахс ё гурӯҳи дигар розӣ шаванд ва онро қабул кунанд, агар аз онҳо ҳоҳиш карда шавад, ки нақши ин шахс ё аъзои ин гурӯҳро бозӣ намоянд;

– ошкор кардани фикри бегона, бо ёрии бозии нақшӣ фаҳмидани фикри нафари дигар дар бораи рафтору муносибати худ. Пешниҳод шуд, ки бо саволи зерин оғоз шавад: «Чӣ мешуд, агар ман?»;

– намоиш додани намунаҳои рафтор, зеро бо ёрии бозии нақшӣ амсилаи меъёрии рафтореро нишон додан мумкин аст, ки дар оянда онро бояд риоя кард;

– машқ кардани вазъиятҳои воқеии имконпазир: бозиҳои нақшӣ имкон доданд, то вазъиятҳои эҳтимолии дарояндаи наздик бавуҷудоянда тамрин карда шаванд;

– баланд бардоштани худбаҳодиҳӣ, эмпатия ва ҳассосӣ. Дар рафти омӯзиш шахс аз баҳодиҳӣ, андеша ва ҳиссиёти иштирокчиёни дигар нисбат ба кирдори худ маълумот мегирад ва ин метавонад барои дарк кардан ва тағйир додани рафтори ӯ водоркунанда бошад;

Барои он ки бозӣ ҷаззоб бошад ва боварӣ ҳосил кунед, ки он дар ду дақиқа ба анҷом намерасад, мо ба бозӣ унсурҳои баҳсро дохил кардем ва дар назди иштирокчиён ҳадафҳои фарққунанда гузоштем. Аз иштирокчиён хоҳиш карда шуд, ки тафовут дар андешаҳо, нуқтаҳои заиф ва норасоиҳоро ба таври умумӣ нишон диҳанд. Ин барои мутамарказ кардани диққат ба мушкилоти асосӣ имконият дод.

Муҳокимаи вазъиятҳо ва бозӣ кардани онҳо ҳамеша пеш аз машқҳое сурат мегирифт, ки гурӯҳро барои кори ҷиддӣ омода менамуданд. Ба онҳо

хотиррасон мекарданд, ки онҳо ба якдигар дӯстанд ва барои омӯхтани тарзи дуруст эътино кардан ба вазъияти душвор ҷамъ омадаанд. Гузашта аз ин, мо кӯшиш кардем, ки дар ин раванд ҳиссиёти ахлоқӣ ҳамчун таассуроти мавриди омӯзиш ва азхудкунии дастаҷамъона қабул карда шавад. Ҳамин тавр, гурӯҳҳои ҳамсолон бо вазифаи умумии расонидани ёрии байниҳамдигарӣ муттаҳид шуданд. Худи он далел, ки бачаҳо супориши ба таври шифоҳӣ такрор кардани мазмуни муносибати ахлоқиро гирифтаанд, онҳоро водор намуд, ки ҷанбаҳои ахлоқии амалҳояшонро ба таври шифоҳӣ аз худ кунанд. Якхела набудани инкишофи фаъолии эҷодӣ ва қобилияти худфаъолнамоӣ дар муносибат бо вазъиятҳои ихтилофнок ошкор карда шуд.

Пас аз омода кардани якчанд ҳикоя хоҳиши иштирокчиён доир ба он ошкор карда шуд, ки қиссаи кӣ аввал хонда шавад. Ба муаллиф пешниҳод карда шуд, ки аз байни иштирокчиён номзадҳоро барои бозидани нақши асосӣ ва дигар нақшҳо интихоб кунад. Шарт нест, ки қаҳрамони асосӣ, яъне қаҳрамони манфӣ ё мусбат худи муаллиф бошад. Дар гурӯҳи наврасон ҳамеша нафароне буданд, ки мехостанд ин нақшҳоро бозӣ кунанд.

Азбаски қоидаҳои бозӣ маҳдудиятҳои муайянеро талаб мекарданд, ҳатто наврасоне, ки пайваста барои бозидани нақши асосӣ даъво мекарданд, маҷбур буданд, ки амалҳои худро хуб таҳлил кунанд, ба қоидаҳои умумии бозӣ тобеъ шаванд ва шартҳои гузошташударо иҷро кунанд. Маҳз зарурати на танҳо бозӣ кардан, балки дар доираи «чаҳорчӯбаи» гурӯҳе будан таъсири банизомдароваранда дошт. Аксуламалҳои эмотсионалӣ ба муносибати ҳамсолони дар бозӣ иштирокдошта низ аҳаммияти муайяне доштанд. Онҳо ҳиссиёти вобаста ба воқеаҳои дар бозӣ руйдодаро фаъолона аз сар гузаронида, нисбат ба агрессивнокӣ, дурӯягӣ, фиребгарӣ, бемаданиятӣ дар рафтори иштирокчиёни бозӣ муносибати манфӣ зоҳир намуда, онҳоеро ҳамҳиссӣ ва дастгирӣ менамуданд, ки нотавону бечора буданд ва бо ин шаъну шарафи онҳо паст зада мешуд.

Наврасоне, ки барои худ нақш интихоб мекарданд ва рафтори воқеии онҳоро чунин амалҳо бартарӣ медоданд, камбудиҳои рафтори ғайриинсониро гӯё дар призмаи аксуламали ҳамсолон медиданд.

Агар дар ибтидои амалинамоии барномаи инкишофдиҳанда мазмуни вазъияту ҳикояҳо аз тарафи баранда хонда мешуданд, минбаъд онҳо аз тарафи худи муаллиф пешниҳод мегардиданд. Бешубҳа, суханронӣ дар назди коллектив осори равшани эмотсионалӣ мегузорад ва дар инкишофи соҳаи эмотсионалию иродавии наврас нақши муҳим мегузорад. Дар гурӯҳ ба ҳикояҳо бо шавқу завқ гӯш медоданд, зеро бачаҳо барои бозӣ кардани нақшҳо тайёрӣ медиданд ва воқеаҳои дар онҳо рӯйдиҳандаро ба таври умум ба хотир овардан лозим буд.

Омӯзгор дар байни шунавандагон буд ва дар ҳолати пешниҳод гардидани ягон нақш дар бозӣ иштирок мекард. Ҳамин тариқ, омӯзгор дар давоми бозӣ узви гурӯҳи наврасон мегардид ва дар бозидани нақш ба ӯ лозим меомад, ки фикру ақидаи худро бо гурӯҳ ҳамоҳанг созад ва таваҷҷуҳи дигар иштирокчиёнро сазовор шавад. На ҳамаи омӯзгорон метавонистанд дар рафти бозӣ чунин мавқеъро ишғол кунанд. Қобилияти ворид шудан ба бозиҳои нақшӣ бо тарбиятгирандагон муаллимонеро ҷудо намуд, ки эҷодкор буда, метавонанд майли муносибати авторитариро дар системаи «калонсол-наврас» бартараф намоянд ва арзишҳои хоси шахсияти наврас, яъне ҳуқуқи ӯро ба андешаи шахсӣ, муносибат ба меъёрҳои ахлоқӣ ва ғайраҳоро эътироф намоянд. Дар ин ҳолат омӯзгор бо қарорҳои якҷониба бозиро қатъ накарда, қоидаҳои бозиро муайян намекунад ва дар бораи он, ки бозӣ чӣ гуна бояд гузаронида шаваду дар он чӣ мегӯянд, қазоват намекунад. Бозиро муаллифи сюжет бо салоҳдиди худ ташкил мекунад ва омӯзгор метавонад дар он танҳо иштирокчӣ бошад.

Баробари афзудани кори дастаҷамъонаи гурӯҳ, зарурати омоданамоии пешакӣ комилан аз байн рафт ва имкони гузариш ба зинаи нави барномаи инкишофёбанда пайдо шуд. Муҳокима ва бозидани нақш аз 30 то 60 дақиқа

давом кард. Азбаски мазмуни вазъиятҳо танҳо дар шакли умумӣ пешниҳод мегардиданд, дар рафти бозӣ гардишҳои ғайричашмдошти пешгӯинашаванда ба амал меомад. Баъзан ин ҳолат боиси он мешуд, ки бачаҳо пурра ба бозӣ дода мешуданду зарурати илова кардани вақт пайдо мешуд ва дар баъзе ҳолатҳо бачаҳо бозиро рӯзи дигар идома медоданд.

Чизи асосӣ дар рафти бозидану муҳокимакунии вазъият на он буд, ки ҳар кадоме чӣ тавр ва то кадом андоза нақшро дуруст мебозад ва то куҷо он ба воқеият мувофиқат мекунад, кӣ дар он «хуб» асту кӣ «бад», балки худи иштироки бачаҳо, тағйирёбии инкишофи воқеаҳо ва шартӣ будани воқеаҳои рӯйдода. Азбаски мақсади асосии барномаи инкишофдиҳанда аниқ кардани меъёрҳои гуманизм не, балки аз байн бурдани агрессивнокӣ, хусумат, бегонагӣ, баланд бардоштани сатҳи инсонгароии рафтору амали худ ва беҳтар намудани ҳамкориҳои ахлоқӣ бо ҳамсолон буд, дар барнома диққат ба он мутамарказ нашудааст, ки кадоме аз иштирокчиён чӣ гуна нақшро иҷро мекунад.

Дар аввал барои пешниҳоди ҳикояҳо ягон меъёр муқаррар нашуда буд. Вазъиятҳо тибқи ҳоҳиш бозӣ карда мешуданд. Шумораи онҳо маҳдуд карда намешуд, агар онҳо барои гурӯҳ шавқовар бошанд. Оҳиста-оҳиста наврасон ба бозӣ фаъолона ворид мешуданд, то саргузаштҳо (ҳикояҳо)-и гуногунро таҳия кунанд.

Ҳолатҳое низ буданд, ки ҳамон як наврас бештар мавзуъҳоро пешниҳод мекарду дигарон бошанд, мавқеи ғайрифаъолро ишғол мекарданд. Бо мақсади тағйир додани вазъият қоидае ҷорӣ карда шуд, ки мавзуъҳои бозӣ бо навбат пешниҳод карда шаванд. Ин қоида ба омӯзгор низ дахл дошт.

Омӯзгор барои ҷалб намудани иштирокчиёни ба гурӯҳҳои «ҷудошудаҳо» ё «радшудаҳо» дохилшуда намуна мешавад. Дар бозӣ системаи нави муносибатҳо ба вуҷуд омад, ки дар он вазъиятҳои тобиши ахлоқидоштаи ҳаётӣ зоҳир мешуданд.

Бо вуҷуди набудани маҳдудиятҳо бештари наврасон, инчунин, худи омӯзгор дар марҳилаи аввали ташаккул додани равияи гуманистӣ барои ҳикоя ва қиссаҳои хаёлӣ истифода бурдани мавзуъҳои ғайривоқеӣ (вуҷуднадошта)-ро авлотар медонистанд. Дар ин марҳила мо мушоҳида кардем, ки наврасон ҳикояҳои аҷиб ва баъзан ифодакунандаи бераҳмии махсусро пешниҳод менамуданд. Аз ин рӯ, дар давраи аввали барнома ҳамчун мавзуи муҳокимашаванда вазъиятҳои шартии пешниҳодкардаи Л.Колберг ва методикаи «Дилеммаи маҳбусон» истифода шуданд. Инҳо вазъиятҳое ҳастанд, ки метавонанд воқеан руй диҳанд, аммо дар ҷой, вақт ё шароити дигар.

Дар ҳикояҳои пешниҳодкардаи наврасон мушкилоти ҳамкории онҳо дар гурӯҳ, хислатҳои манфии характер ва рафтори бачагон инъикос меёфтанд, ки гоҳе боиси ҷангу ҷанҷол ва вайрон шудани ҳамкориҳо мегардиданд. Таҳқиқот нишон дод, ки наврасон бо завқу хушҳолӣ вазъиятҳои воқеиро аз ҳаёту фаъолияти як гурӯҳи дигари наврасон ифода мекунанд. Бо вуҷуди ин, онҳо ба рафтори иштирокчии мушаххас ишора намекунанд.

Дар раванди ҳамкории фаъол наврас талаботи худро ба доштани рафиқу шарики фаъолият дарк карда, ҳиссиёти ба ин мувофиқро аз сар мегузаронад. Агар рафиқ набошад, амали аҳаммиятнок низ маънои худро гум мекунад. Маънои амали инсон аз муносибати ӯ бо шахси дигар бармеояд. Барои ҷалб намудани ҳамсолон ба ҳамкорӣ бачаҳо нақшҳои нав ба навро фикр карда мебаромаданд. Дар баробари ин, нақшҳои нав на танҳо ба хотири ворид кардани шарики нав ба бозӣ, балки барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои тобиши ахлоқидошта ворид карда мешуданд. Ҳолатҳое буданд, ки баъдан ба қонуният табдил ёфтанд, аниқтараш мустақилона пешниҳод намудани иваз кардани нақшҳо. Аз ин рӯ, дар ҳамин доираи вақт (30 дақ.) наврас метавонист бо рушди муносибатҳо нақшҳоро иваз кунад, ба вазъияти бозӣ нафарони

навро ворид кунад, ҳамкориҳои функсионалӣ ва тобеияти онҳоро дақиқтар ошкор намояд.

Дар ин ҷо пайдоиши робитаи мутақобилаи инкишоф додани муносибат ва интихоби бошууронаи ҳамсол ба сифати шарики ҳамкорӣ дар асоси қоидаҳои муқарраршуда, умумӣ будани консепсияҳои ахлоқӣ, инчунин, саъю кӯшиш ба ҳамкорӣ равшан зоҳир мешавад.

Самти маънавии барнома муносибати рақобатноки бавуҷудомадаро аз байн набардошта, балки то ба дараҷаи низоъ тезутунд шудани онро пешгирӣ мекунад. Хусусияти психологии муносибати наврас бо ҳамсол, шиддати эмотсоналӣ ва рақобатнокии ҳамкориҳои вай як падидаи табиӣ буда, дар ташаккулёбии самти устувори инсондӯстонаи ҳамкориҳо ба назар гирифта мешавад.

Бозидани вазъиятҳои шартӣ дар марҳилаи аввал, ҳангоми истифодаи вазъиятҳои шартан таҳияшуда дар марҳилаи дуюм, вазъиятҳои мустақилона таҳияшуда дар марҳилаи сеюм, мактаби воқеии ташаккулёбию тулуи ҳамкориҳои инсондӯстонаро пешниҳод мекунад, зеро то марҳилаи сеюми кори озмоишӣ бо гурӯҳ, дар иштирокчиёни он тахайюлоти қабул ва бозидани нақшҳо инкишоф меёбад.

Гузариш аз ҳикояҳои шартӣ ба марҳилаи ниҳоии кор бо гурӯҳ дар шакли бозӣ кардани ҳолатҳои мустақилона таҳияшуда душвор набуд. Онҳо чизеро, ки қаблан рӯй дода буд ё ҳоло рӯй дода истодааст, такрор мекарданд. Мо мутмаин будем, ки кори озмоиширо бо силсилаи додашудаи барнома фавран шуруъ кардан нашояд, зеро, аввалан, сохтори муносибатҳои байнишахсӣ дар гурӯҳ бо гуногунрангиаш фарқ мекард, ситораҳо, сарварҳо, ҷудошудаву радшудаҳо фарқ мекарданд. Сонияи, наврасон ба дахолати калонсолон, махсусан калонсолони ношинос ба фазои шахсии худ бо ҳисси нобоварӣ ва шубҳа вокуниш мекарданд. Аз ин рӯ, дар марҳила (силсила)-и аввали татбиқи барнома зарур буд, ки пеш аз ҳама, сохтори иҷтимоӣ-психологии гурӯҳро бо роҳи зиёд кардани шумораи «бачаҳои қабулшуда» аз

байни наврасони қаблан «ҷудошуда» ва «радшуда» баробар кунем ва баъдан, функсияҳои нақшии гурӯҳро ҳамчун қобилияти омӯзиши сатҳи ибтидоии самтҳои гуманизм дар вазъиятҳои ҳаётии эҷодкунандаи ҳисси нобоварии ботинӣ ва халалрасон барои муошират фаъол бо ҳамсолон инкишоф диҳем.

Дар соли аввал вазъиятҳо, асосан, аз рӯйи мавзуъҳои шартии бадеии пешниҳодкардаи омӯзгор муҳокима ва бозӣ карда мешуданд. Пайдо шудани майл ё тамоюлҳои гуманистӣ дар гурӯҳ ва баъдан самтгирӣ имкон дод, то ёрии байниҳамдигарӣ дар он ҷойҳое ташкил карда шавад, ки қаблан алоқа вуҷуд надошт ё дар он ҳамкориҳо ихтилофангез буданд. Аммо барои ин дар машқҳои омӯзишӣ ҳамкориҳои воқеиро намоиш додан лозим буд, зеро ин дарк намудани камбудиҳои рафтори шахсро имконпазир гардонида, барои пайдо кардани роҳҳои беҳтарини ҳалли мушкилот ё бартараф кардани вазъиятҳои ихтилофӣ мусоидат менамояд.

Ҳикояҳои воқеӣ дар марҳилаи сеюми татбиқи барнома ворид карда шуданд, ки онҳо ба ҷанбаҳои ҳаёти воқеии ҳамкориҳои кӯдакон таъсир мерасониданд. Ин ҳикояҳо саҳнаҳои мушаххасе доранд, ки гузоштани вазифаҳои амиқ ва таҳияи нақшаи чорабиниҳоро дар бар мегиранд. Аммо дар ин ҳолат ҳам бозингарон нақшҳо, суханҳои азёдшударо такрор намекунанд, балки бо ҳамдигар дар доираи вазъияти муайяншуда эҷодкорона муошират мекунанд.

Муҳокима ва бозӣ кардани вазъиятҳои мураккаб ба наврасон имкон медиҳад, ки ба ҳолатҳои душвори таваккалкорӣ дар ҳаёти воқеии наврас дахл кунанд. Нақши асосии ин гуна муҳокимаҳо ва бозиҳо, пеш аз ҳама, дар эҷоди имконоти нави муносибатҳо ва роҳи баромадан аз вазъияти ихтилофнок ифода меёбад. Аз ин рӯ, он вазъиятҳое, ки дар ҳаёти ҳаррӯза мушкилот ба вуҷуд меоранд, дар машқҳои омӯзишӣ бо осонӣ ҳал карда мешаванд, зеро дар онҳо сахтгирӣ барои ҳалли вазъият ҷой надорад.

Хусусияти ҳамкорӣ дар марҳилаи ниҳоии корҳои озмоишӣ-инкишофдиҳанда на танҳо муҳокимаи пешакиро дар бар мегирифт, балки дар

он ба наврас лозим меомад, ки ҳангоми ворид шудан ба муошırати воқеӣ бо ҳамсолон фикри шарикашро ба инобат гирад.

Ҳамин тариқ, амалӣ намудани барномаи инкишофдиҳанда, ки ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ нигаронида шудааст, зарурат ва самаранокии онро нишон дод. Ин коре буд, ки ба «бартараф кардани худмеҳварӣ», инкишоф додани маҳорати фаҳмидани ҳамсол ҳамчун субъекти ҳамкорӣ ва огоҳӣ ёфтан аз маҳсулнокии ҳамкориҳои инсондӯстона равона шудааст.

## 2.4. Таҳлили динамикаи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ

Дар марҳилаи аввали қисми таҷрибавии таҳқиқот тавассути воридшавии мақсаднок ба рафти табиии раванди таълим мо вазъиятҳои таълимии сунъии шартан тарҳрезӣ ва номгузоришударо истифода бурдем: ВТ1 (вазъиятҳои тарбиявии шартан сохташудаи навъи 1). Истифодаи чунин вазъиятҳоро дар заминаи барномаи таълимии фанҳои гуманитарӣ, ба монанди таърих, адабиёт ва ғайраҳо, ки ба хонандагон барои таҳлил намудани вазъият, ҷамъбасткунию хулосабарорӣ, арзёбии самаранокии қарорҳои қабулкардаи қаҳрамонҳо, шахсиятҳои таърихӣ, каҳрамонҳои асарҳо ва воқеаҳои мушаххас имконият медиҳанд, роҳандозӣ намудан имкон дорад. Ба ғайр аз ин, барномаи инкишофдиҳандае таҳия ва амалӣ карда шуд, ки ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ нигаронида шудааст.

Вазифаи мо аз фароҳам овардани шароите иборат буд, ки дар он наврас тавонад таҷрибаи ҷамъиятии ба вазъияти иҷтимоӣ мувофиқро фаъолона аз худ кунад (дар ин радиф бояд ба эътибор гирифт, ки вазъияти дар ҷомеа вуҷуддошта ва он вазъияти эҳтимолие, ки дар оянда кӯдак дар он зиндагӣ мекунад, бо якдигар алоқамандӣ доранд, аммо ҳамсон нестанд), ба мақсадҳои педагогии пешниҳоднамудаи коллективи мактаб мувофиқ бошад.

Дар раванди таҳлили вазъият хонандагон малакаҳои таҳлили вазъият, қобилияти ҷамъбасткунӣ ва хулосабарориро дар худ ташаккул доданд. На танҳо ҷанбаҳои маънавию ахлоқии ин ё он рафтору кирдор ё вазъият, балки пеш аз ҳама, усулҳои ҳалли вазъиятҳои муаммогӣ ва низоъҳо мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Таҳлили вазъиятҳо дар симои қаҳрамонони онҳо, инчунин, мавҷудияти ҳадди ақалли ҷузъиёти эмотсионалию шахсӣ имкон дод, ки воқеаҳои рухдода муфассал таҳлил шуда, барои ҳалли вазъиятҳои проблемавӣ аз тарафи иштирокчиён пешниҳодҳо карда шаванд. Яъне фаъолияти наврас асосан ба равшан кардани аломатҳои берунии вазъи иҷтимоӣ ва ошкор кардани муносибатҳои объективии байни онҳо равона мешуд. Шартан қабул кардани нақши ин ё он қаҳрамон ташаккул меёфт ва идентификатсия бо ӯ сурат мегирифт.

Агар дар соли аввали таҷриба ҳадафи мо дар вазъиятҳои таълимии шартан бавуҷудовардашуда, таълим додани кӯдакони 10-11-сола барои мустақилона қабул кардани қарори аз ҷиҳати иҷтимоӣ хусусияти гуманистидошта бошад, пас, дар марҳилаи дуюм мо кӯшиш намудем, ки дар наврасон қобилияти ба таври гуманистӣ эътино карданро дар вазъиятҳои мураккаб, инчунин, маҳорату малакаи якҷоя бо омӯзгор ва ҳамсолон тарҳрезӣ кардани вазъиятҳои тарбиявиро барои муҳокима ва бозӣ кардан бо ҳамсолон инкишоф диҳем (ВТ2 - вазъиятҳои тарбиявии навъи 2). Дар машғулиятҳои махсус ташкилкардашуда баррасии ҳикояҳои аз тарафи наврасон пешниҳодшуда, бе ошкор намудани муаллифи ҳикоя сурат мегирифт. Механизми таъсиррасонӣ дар он ифода меёфт, ки наврасон ба тарҳрезии бошууронаи вазъиятҳои проблемавӣ ва иштирок дар ҳалли минбаъдаи он ҷалб карда мешуданд. Гурӯҳи ҳамсолон ва омӯзгороне, ки дар ин ҳамкорӣ иштирок менамоянд, ҳамчун намунаи ҳамкории байни шахс ва ҷомеа баромад мекунанд. Дар баробари ин, наврас ҳамчун субъекти фаъол баромад карда, на танҳо ҳамчун узви ҷомеа ташаккул меёбад, балки бо рафтору тарзи муоширати худ ба дигар аъзоёни гурӯҳ низ таъсир мерасонад.

Вазъияти навъи сеюм ин вазъияте мебошад, ки аз ҷониби наврасон мустақилона тарҳрезӣ карда мешавад ва истифодаи онҳо барои устувор кардани малакаи ҳамкории тобиши гуманистидошта дар рафти муҳокима ва бозӣ кардани вазъиятҳои тарбиявии мустақилона тарҳрезишуда имконият медиҳад (ВТ3 – вазъияти тарбиявии навъи 3). Дар ин марҳила дараҷаи сифатан нави намоиши малакаҳои бадастомадаи муносибатҳои байнишахсӣ сурат мегирад. Усулҳо ва шаклҳои азхудкардаи ҳамкорӣ аз дараҷаи пайваста назоратшаванда (ба монанди марҳилаҳои қаблӣ) ба дараҷаи ифоданамоии автоматикунонидашуда мегузарад, яъне малакаи ҳамкории хусусияти гуманистидошта ташаккул меёбад.

Ҳамин тариқ, навташкилаҳои дар натиҷаи фаъолият дар марҳилаҳои қаблӣ бавуҷудомада ба низоми сохторҳои дохилишахсӣ омезиш меёбанд. Мазмуни амалҳо ва баҳоҳодиҳӣ ба дараҷаи кам дарк карда мешавад, яъне ба сатҳи зершуурӣ мегузарад. Ба ибораи дигар, шахсияти наврас аз як марҳилаи ҳамкории байнишахсӣ ба дигар марҳила гузашта, мазмуни гуманистиро ба худ мегирад ва барои хештансозӣ имкониятҳои бештареро фароҳам меоварад.

Маълумоти дар рафти омӯзиши таҷрибавӣ бадастомада ба мо имкон дод, ки натиҷаҳои се марҳилаи кори диссертатсиониро таҳлил ва ҷамъбаст кунем. Барои тасдиқи натиҷаҳои дар рафти таҳқиқоти ташхисӣ ва татбиқи барномаи инкишофдиҳанда бадастомада мо аз методи коркарди математикии Н-меъёри Крускал Уоллис ва коэффитсиенти коррелятсияи дараҷавии Спирмен истифода бурдем [72, с.11-12].

Н-меъёри Крускал Уоллисро мо барои дар як вақт арзёбӣ кардани фарқияти байни се вазъияти тарбиявӣ, ки ҳамчун механизмҳои асосии психологии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар доираи барномаи инкишфдиҳанда ҷойгир шуда буданд, интихоб намудем.

Ин меъёр ба мо барои муқаррар намудани динамикаи тағйироте, ки дар муносибатҳои байнишахсии наврасон дар зери таъсири механизмҳои

воридкарда ҳангоми гузаштан аз як шароит ба шароити дигар ба амал меоянд, имконият дод.

Барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда мо фарзияҳоро таҳия кардем.

$H_0$: дар байни ВТ1, ВТ2, ВТ3 дар сатҳи хусусияти таҳқиқшаванда фарқиятҳои тасодуфӣ мавҷуданд.

$H_1$: дар байни ВТ1, ВТ2, ВТ3 дар сатҳи хусусияти таҳқиқшаванда фарқиятҳои ғайритасодуфӣ мавҷуданд.

Бо истифода аз алгоритми исботи фарзияҳои пешниҳодшуда мо натиҷаҳоеро ба даст овардем, ки дар ҷадвали 14 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 14.**

**Натиҷаҳои коркарди математикӣ (Н-меъёри Крускал Уоллис ва коэффитсиенти коррелятсияи дараҷавии Спирмен)**

| Натиҷа-ҳои ташхис | Дараҷа | ВТ 1 | Дараҷа | ВТ 2 | Дараҷа | ВТ 3 | Дараҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| 1 | 2,5 | | | | | 1 | 2,5 |
| | | | | | | 1 | 2,5 |
| | | | | | | 1 | 2,5 |
| 2 | 7 | 2 | 7 | 2 | 7 | 2 | 7 |
| | | | | | | 2 | 7 |
| 3 | 13,5 | 3 | 13,5 | 3 | 13,5 | 3 | 13,5 |
| 3 | 13,5 | | | 3 | 13,5 | 3 | 13,5 |
| | | | | | | 3 | 13,5 |
| | | | | 4 | 19 | 4 | 19 |
| | | | | 4 | 19 | | |
| 5 | 23,5 | 5 | 23,5 | 5 | 23,5 | | |
| 5 | 23,5 | 5 | 23,5 | 5 | 23,5 | | |
| | | | | 6 | 27 | | |
| 8 | 32,5 | 8 | 32,5 | | | | |
| 8 | 32,5 | 8 | 32,5 | | | | |
| 10 | 42,5 | 10 | 42,5 | | | 10 | 42,5 |
| 10 | 42,5 | 10 | 42,5 | | | 10 | 42,5 |
| 10 | 42,5 | 10 | 42,5 | | | 10 | 42,5 |
| 10 | 42,5 | | | | | | |
| 10 | 42,5 | | | | | | |
| 10 | 42,5 | | | | | | |
| 10 | 42,5 | | | | | | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 10 | 42,5 | | | | | | |
| 10 | 42,5 | | | | | | |
| 10 | 42,5 | | | | | | |
| 11 | 51 | | | | | | |
| 12 | 53,5 | | | | | | |
| **Давоми ҷадвали 14** | | | | | | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| 12 | 53,5 | | | | | | |
| 12 | 53,5 | | | | | | |
| 12 | 53,5 | | | | | | |
| 13 | 56 | | | | | | |
| 15 | 63,5 | 15 | 63,5 | 15 | 63,5 | 15 | 63,5 |
| 15 | 63,5 | 15 | 63,5 | 15 | 63,5 | 15 | 63,5 |
| | | 15 | 63,5 | | | 15 | 63,5 |
| | | 15 | 63,5 | | | 15 | 63,5 |
| | | 15 | 63,5 | | | | |
| | | 15 | 63,5 | | | | |
| 16 | 71 | | | | | | |
| 17 | 72 | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| 18 | 75 | | | 18 | 75 | 18 | 75 |
| | | | | 18 | 75 | | |
| | | | | 18 | 75 | | |
| 20 | 83,5 | 20 | 83,5 | 20 | 83,5 | 20 | 83,5 |
| 20 | 83,5 | 20 | 83,5 | | | 20 | 83,5 |
| | | 20 | 83,5 | | | | |
| | | 20 | 83,5 | | | | |
| | | 20 | 83,5 | | | | |
| | | 20 | 83,5 | | | | |
| | | 20 | 83,5 | | | | |
| 24 | 92 | | | | | | |
| 25 | 103,5 | 25 | 103,5 | 25 | 103,5 | 25 | 103,5 |
| 25 | 103,5 | 25 | 103,5 | 25 | 103,5 | 25 | 103,5 |
| 25 | 103,5 | 25 | 103,5 | 25 | 103,5 | | |
| 25 | 103,5 | 25 | 103,5 | 25 | 103,5 | | |
| 25 | 103,5 | 25 | 103,5 | 25 | 103,5 | | |
| | | 25 | 103,5 | 25 | 103,5 | | |
| | | 25 | 103,5 | 25 | 103,5 | | |
| **Давоми ҷадвали 14** | | | | | | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| | | | | 25 | 103,5 | | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 26 | 115,5 | | | | |
| | | 26 | 115,5 | | | | |
| | | 27 | 118 | 27 | 118 | | |
| | | 27 | 118 | | | | |
| 28 | 121 | | | 28 | 121 | | |
| | | | | 28 | 121 | | |
| 30 | 126 | 30 | 126 | 30 | 126 | | |
| | | 30 | 126 | 30 | 126 | | |
| | | 30 | 126 | 30 | 126 | | |
| 31 | 130,5 | | | | | 31 | 130,5 |
| | | | | 33 | 132 | | |
| 35 | 139 | 35 | 139 | 35 | 139 | 35 | 139 |
| | | | | 35 | 139 | 35 | 139 |
| | | | | 35 | 139 | 35 | 139 |
| | | | | 35 | 139 | 35 | 139 |
| | | | | 35 | 139 | | |
| | | | | 35 | 139 | | |
| | | | | 35 | 139 | | |
| | | | | 37 | 146 | | |
| 38 | 148 | | | 38 | 148 | | |
| | | | | 38 | 148 | | |
| | | | | | 148 | | |
| 39 | 150 | | | | | | |
| 40 | 154,5 | 40 | 154,5 | 40 | 154,5 | 40 | 154,5 |
| | | 40 | 154,5 | | | 40 | 154,5 |
| | | 40 | 154,5 | | | 40 | 154,5 |
| | | | | 42 | 159 | | |
| | | 45 | 166 | 45 | 166 | 45 | 166 |
| | | 45 | 166 | 45 | 166 | 45 | 166 |
| | | | | 45 | 166 | 45 | 166 |
| | | | | 45 | 166 | 45 | 166 |
| | | | | | | 45 | 166 |
| **Давоми ҷадвали 14** | | | | | | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| | | | | | | 45 | 166 |
| | | | | | | 45 | 166 |
| 50 | 177 | 50 | 177 | 50 | 177 | 50 | 177 |
| 50 | 177 | | | 50 | 177 | | |
| 50 | 177 | | | | | | |
| | | 52 | 181 | | | | |
| 55 | 186 | 55 | 186 | 55 | 186 | 55 | 186 |
| 55 | 186 | 55 | 186 | | | 55 | 186 |
| 55 | 186 | | | | | 55 | 186 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 58 | 191 |
| | | 60 | 193 | 60 | 193 | | |
| | | 60 | 193 | | | | |
| | | | | 65 | 196,5 | 65 | 196,5 |
| | | | | | | 65 | 196,5 |
| | | | | | | 65 | 196,5 |
| | | | | 66 | 199 | | |
| 68 | 200 | | | | | | |
| 75 | 202,5 | | | | | 75 | 202,5 |
| | | | | | | 75 | 202,5 |
| | | | | | | 75 | 202,5 |
| | | 78 | 205 | | | | |
| | | | | | | 79 | 206 |
| 80 | 207,5 | | | | | 80 | 207,5 |
| | | 82 | 209 | | | | |
| | | | | 85 | 210,5 | 85 | 210,5 |
| 90 | 212 | | | | | | |
| | | | | | | 95 | 213 |
| Суммаҳо | 4896 | | 5469,5 | | 6040 | | 6385,5 |
| Ҳамагӣ | | | 22791 | | | | |

Ҳисобкунии Н-меъёри Крускал Уоллис

$$R = \frac{n*(n+1)}{2} = \frac{213*(213+1)}{2} = 22791$$

$R_{\text{умумӣ}}=R_{\text{ҳисоб}}$

(1)

$$H = \left(\frac{12}{N*(N+1)} * \sum \frac{T_j^2}{n}\right) - 3(N+1)$$

(2)

$$H=\left(\frac{12}{213*(213+1)} * \left(\frac{4895^2}{54} + \frac{5469{,}5^2}{53} + \frac{6040^2}{53} + \frac{6385{,}5^2}{53}\right) - 3(213+1) = 7{,}15\right.$$

V=4-1=3

$$x^2_{\text{меъ}} = \begin{cases} 7{,}815\ (p \leq 0{,}05) \\ 11{,}345 (p \leq 0{,}01) \end{cases}$$

(3)




**Расми 2. Ҳисобкунии Н-меъёри Крускал Уоллис**

Ҷавоб:

$H_0$ **рад карда мешавад**: дар сатҳи хислати таҳқиқшаванда дар байни ВТ1, ВТ2, ВТ3 тафовути тасодуфӣ вуҷуд дорад.

$H_1$ **қабул карда мешавад**: дар сатҳи хислати таҳқиқшаванда дар байни ВТ1, ВТ2, ВТ3 тафовути ғайритасодуфӣ вуҷуд дорад.

Бо истифода аз усули коррелятсияи дараҷавии Спирмен, мо зичӣ (қувва) ва самти коррелятсияи байни ду марҳилаи таҳқиқоти эмпирикиро (муқарраркунанда ва хотимавӣ) муайян кардем.

Фарзияҳо

$H_0$: Коррелятсияи байни дараҷаи мавҷудаи хислатҳои шахсияти наврас ва хислатҳои шахсияти наврас, ки дар рафти барномаи инкишофдиҳанда ташаккул ёфтаанд, аз сифр фарқ намекунад.

$H_1$: Коррелятсияи байни дараҷаи мавҷудаи хислатҳои шахсияти наврас ва хислатҳои шахсияти наврас, ки дар рафти барномаи инкишофдиҳанда ташаккул ёфтаанд, аз сифр фарқ мекунад.

Ҳисобкунии коэффитсиенти коррелятсияи дараҷагии Спирмен $R_s$ (Ҷадвали 15).

**Ҷадвали 15.**

**Коэффитсиенти коррелятсияи дараҷаи Спирмен**

| Натиҷаҳои ташхис | Дараҷаи А | Амсиласозишуда | Дараҷаи В | D | $d^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 1 | 1 | 50 | 14 | -13 | 169 |
| 2 | 2 | 35 | 23,5 | -21,5 | 462,25 |
| 3 | 3,5 | 15 | 14,5 | -11 | 121 |
| 3 | 3,5 | 10 | 11 | -7,5 | 56,25 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 5 | 5 | 65 | 25,5 | -20,5 | 420,25 |
| 8 | 6,5 | 75 | 20,5 | -14 | 196 |
| 8 | 6,5 | 1 | 2,5 | 4 | 16 |
| 10 | 9,5 | 20 | 18,5 | -9 | 81 |
| 10 | 9,5 | 75 | 19 | -9,5 | 90,25 |
| 10 | 9,5 | 75 | 20,5 | -11 | 121 |
| 10 | 9,5 | 75 | 17,5 | -8 | 64 |
| 11 | 12 | 18 | 17 | -5 | 25 |
| 12 | 14 | 7 | 9 | 5 | 25 |
| 12 | 14 | 75 | 27,5 | -13,5 | 182,25 |
| 12 | 14 | 1 | 2,5 | 11,5 | 132,25 |
| 13 | 16 | 3 | 7 | 9 | 81 |
| 15 | 17 | 3 | 7 | 10 | 100 |
| 16 | 18 | 2 | 4,5 | 13,5 | 182,25 |
| 18 | 19 | 3 | 7 | 12 | 144 |
| 20 | 20,5 | 2 | 4,5 | 16 | 256 |
| 20 | 20,5 | 47 | 33 | -12,5 | 156,25 |
| 24 | 22 | 40 | 27 | -5 | 25 |
| 25 | 24,5 | 65 | 35,5 | -11 | 121 |
| 25 | 24,5 | 35 | 23,5 | 1 | 1 |
| **Давоми ҷадвали 15** | | | | | |
| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** |
| 25 | 24,5 | 45 | 30,5 | -6 | 36 |
| 25 | 24,5 | 55 | 30 | -5,5 | 30,25 |
| 28 | 27 | 10 | 11 | 16 | 256 |
| 30 | 28 | 40 | 27 | 1 | 1 |
| 31 | 29 | 1 | 2,5 | 26,5 | 702,25 |
| 36 | 30 | 35 | 23,5 | 6,5 | 42,25 |
| 38 | 31 | 15 | 14,5 | 16,5 | 272,25 |
| 39 | 32 | 15 | 14,5 | 17,5 | 306,25 |
| 40 | 33 | 45 | 30,5 | 2,5 | 6,25 |
| 50 | 35 | 45 | 30,5 | 4,5 | 20,25 |
| 50 | 35 | 15 | 14,5 | 20,5 | 420,25 |
| 50 | 35 | 10 | 28,5 | 6,5 | 42,25 |
| 68 | 37 | 40 | 27 | 10 | 100 |
| 75 | 38 | 35 | 23,5 | 14,5 | 210,25 |
| 80 | 39 | 20 | 28,5 | 10,5 | 110,25 |
| 90 | 40 | 45 | 30,5 | 9,5 | 90,25 |
| Суммаҳо | 820 | | 820 | | 5874 |

$T_a = \sum(a^3 - a)/12$

$T_a$= $(3^3$-3)/12 + $(2^3$-2)/12 + $(3^3$-3)/12 + $(3^3$-3)/12 + $(4^3$-4)/12 + $(2^3$-2)/12 + $(2^3$-2)/12 +$(4^3$-4)/12+ $(3^3$-3)/12+ $(4^3$-4)/12+ $(2^3$-2)/12 =25,5

$T_b=\sum(b^3-b)/12$

$T_b$= $(2^3$-2)/12 + $(2^3$-2)/12+ $(4^3$-4)/12 + $(3^3$-3)/12 + $(2^3$-2)/12 + $(4^3$-4)/12 + $(3^3$-3)/12 = 15,5

$T_a$ = 25,5 $T_b$=15,5

Барои ҳисоб кардани қимати эмпирикии $r_s$, формулаи

$$r_s=1-6\,\frac{\sum d^2+T_a+T_b}{N*(N^{2-1})}$$

истифода мешавад (4)

Дар ҳолати мо:

$$r_s= 1 - \frac{6*5874+25,5+15,5}{40*(40-1)} = 1- 0,556= 0,444$$

Мувофиқи ҷадвал мо қимати критикии $r_s$-ро ҳангоми N=40 будан муайян мекунем [424, с.340]

$$r_{кр} = \begin{cases} 0,32\ (p \le 0,05) \\ 0,41\ (p \le 0,01) \end{cases}$$

Акнун меҳвари аҳаммиятнокиро месозем:




**Расми 3. Коэффитсиенти коррелятсияи дараҷавии Спирмен**

$H_0$: Коррелятсияи байни дараҷаи мавҷудаи хислатҳои шахсияти наврас ва хислатҳои шахсияти наврас, ки дар рафти барномаи инкишофдиҳанда ташаккул ёфтаанд, аз сифр фарқ намекунад.

$H_1$: Коррелятсияи байни дараҷаи мавҷудаи хислатҳои шахсияти наврас ва хислатҳои шахсияти наврас, ки дар рафти барномаи инкишофдиҳанда ташаккул ёфтаанд, аз сифр фарқ мекунад.

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада мо метавонем хулоса барорем, ки дар натиҷаи кори гуманизатсияи механизми ҳамкории байнишахсӣ дар дараҷаи мавҷудаи хислатҳои шахсияти наврас, ки дар рафти барномаи инкишофдиҳанда ташаккул ёфтаанд, аз сифр фарқият вуҷуд дорад.

## Хулосаи боби 2

Таҳқиқоти эмпирикӣ дар чаҳор марҳила сурат гирифт: ташхисӣ, муқарраркунанда, таълимӣ ва назоратӣ. Корҳои озмоишӣ дар се гурӯҳи озмоишӣ ва се гурӯҳи назоратӣ гузаронида шуда, 275 нафар бачагону наврасони аз 10 то 15-соларо фаро гирифт.

Дар рафти таҳқиқот методикаҳои таҳқиқи дараҷаи иддао бо истифодаи методи Шварсландер; методикаи омӯзиши худбаҳодиҳӣ (методикаи С.А.Будасси); методикаи таҳқиқи дараҷаи майл ба эмпатияи И.М. Юсупов; методи ташхиси муносибатҳои байнишахсии (DIR) Т. Лири (варианти мутобиқгардонидаи Л. Л. Собчик) истифода шуд.

Таҳлили натиҷаҳо нишон медиҳад, ки танҳо 38% (105 нафар)) дорои дараҷаи баланди иддао буда, дар 20%-и наврасон (55 нафар) дараҷаи муътадили иддао дида мешавад ва аксарияти наврасони интихобшуда 42%, (115 нафар ) дараҷаи пасти иддао доранд.

Таҳлили натиҷаҳои ташхиси худбаҳодиҳӣ дар наврасон нишон дод, ки 49% (135 нафар) сатҳи баланди худбаҳодиҳӣ дошта, танҳо 18% наврасон (49 нафар) сатҳи миёнаи (кифоя) худбаҳодиҳӣ доранд ва 33% наврасон (91 нафар) дорои худбаҳодиҳии паст мебошанд.

Таҳқиқи дараҷаи эмпатияи наврасон тавассути методикаи Юсупов натиҷаҳои зеринро ошкор кард: дар 22,2%-и озмудашавандагон (61 нафар) эмпатияи баланд ташаккул ёфтааст; дараҷаи миёнаи эмпатия дар 25,4%-и озмудашавандаҳо (70 нафар) ошкор карда шуд; тибқи натиҷаҳои таҳқиқот дараҷаи пасти эмпатия, дар 52,4% наврасони ташхисшуда (144 нафар) ба қайд гирифта шуд.

Бо истифода аз методи ташхиси муносибатҳои байнишахсӣ чунин натиҷаҳо ба даст оварда шуд: тарзи ҳукмронӣ-сарварии ҳамкории байнишахсӣ ба 9,8%-и наврасон (27 нафар) хос аст; тарзи мустақилӣ-ҳукмфармоии ҳамкории байнишахсӣ дар 10,2% ташхисшавандагон (28 нафар) ошкор карда шуд; тарзи ҳақгӯйӣ-агрессивии муносибатҳои байнишахсӣ ба 5%- озмудашавандаҳо (14 нафар) хос буда, тарзи нобоварӣ-шубҳанокӣ аз рӯйи натиҷаи холҳои гирифташуда дар 2,9%-и иштирокчиён (8 нафар) дида мешавад; тарзи итоаткорӣ-шармгинӣ дар 15,3% (42 нафар) озмудашавандаҳо ошкор шуда, тарзи вобастагӣ-тобеият дар 12,8%-и озмудашавандагон (35 нафар) ташхис карда шуд; тарзи ҳамкорӣ-муқаррарӣ дар ташкили муносибатҳои байнишахсӣ ба 28%-и наврасон (77 нафар) хос мебошад ва тарзи масъулиятшиносӣ-саховатмандӣ бошад аз рӯйи натиҷаи методика дар 16%-и озмудашавандаҳо (44 нафар) ошкор шуд.

Қисми дуюми таҳқиқот аз таҷриба оид ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар раванди тарбия иборат буд. Давомнокии озмоиши ташаккулдиҳанда се солро (2018-2021) дар бар гирифт. Дар доираи озмоиши ташаккулдиҳанда барномаи рушд таҳия ва амалӣ карда шуд, ки ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ нигаронида шудааст. Ин барнома дар асоси принсипҳои ҳамгирой: принсипи яклухтӣ, принсипи генетикӣ, принсипи вобастагӣ, принсипи некхоҳӣ ва принсипи таносуб тартиб дода шудааст. Корҳои рушддиҳанда моҳе як маротиба дар ҳафтаи дуюми моҳ, давоми се рӯз бо давомнокии 2-4 соат, вобаста ба ҳадафҳои омӯзиш гузаронида мешуданд.

Ҳамин тавр, қисми дуюми таҳқиқот аз озмоиш оид ба гуманизатсияи ҳамкориҳои байнишахсии наврасон иборат буд. Пас аз озмоиши ташаккулдиҳанда ду маротиба озмоиши назоратӣ, ки динамикаи гуманизатсияи ҳамкориҳои байнишахсии наврасонро муқаррар мекунад, гузаронида шуд.

Бо мақсади санҷидани механизмҳои муайяншуда мо амсилаи омӯзиши таҷрибавии раванди гуманизатсияи ҳамкории байнишахсиро таҳия кардем. Он аз нуқтаи назари ҳамгироии механизмҳои гуногуни психологӣ бо системаи механизмҳое сохта шудааст, ки ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ, ташаккул додани шахсият ва қобилияти худфаъолнамоӣ нигаронида шудаанд. Интериоризатсияи ин механизмҳо дар маҷмуъ барои фаъол намудани механизми гуманизатсияи шахсият кумак кард. Хусусиятҳои инфиродӣ ва сифатҳои иҷтимоӣ дар раванди муносибатҳои байнишахсӣ дар ягонагӣ зоҳир шуда, дар заминаи тарзи зиндагии ба фаъолнамоии шахс мусоидаткунанда маънои шахсӣ пайдо карданд.

Дар таҳқиқоти мо наврасӣ ҳамчун як лаҳзаи муҳимми инкишофи иҷтимоӣ баррасӣ мешавад, ки дар ташаккулёбии шахсият мавқеи махсус дорад. Мавқеи сертобиши иҷтимоии наврас ё худ «Ман ва ҷомеа» муоширати байнишахсиро бо ҳамсолон таъмин менамояд, зеро дар он наврас на танҳо имконияти ба худ ҷалб кардани таваҷҷуҳи дигарону баён кардани фикрашро дорад, балки имконият пайдо мекунад, то «Ман»-и худро дар баҳодиҳии рафиқонаш бинад, дарк кунад, ки ҷомеа ва атрофиён ӯро мешиносанду эътироф мекунанд ва мавқею андешаашро ба назар мегиранд. Ин механизми ташаккулёбии мавқеи иҷтимоии наврас дар муносибат бо ҷомеа ифода меёбад, ки чун нуқтаи ибтидоӣ ва шарти зарурии рушди минбаъдаи фаъолияти ӯ ҳамчун шакли ифодаи шуур, худшиносӣ ва худмуайянкунии шахсӣ амал карда, лаҳзаи муҳимми воридшавии шахс ба муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад. Фаъолияти фоиданоки ҷамъиятии аз ҷиҳати педагогӣ ба наврас боршуда дар ӯ марому талаботи мувофиқро ташаккул медиҳад, зеро аз як тараф, ба интизориҳои одами рушдёбанда мувофиқ буда, аз тарафи дигар, ӯро бо таҷрибаи инкишоф додани худшиносию худинкишофдиҳӣ таъмин намуда, меъёрҳои ҳаёту фаъолияти ӯро ташаккул медиҳад.

## Хулосаи умумӣ

Эъмори ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ барои таҳкими арзишҳои инсондӯстӣ шароити объективӣ муҳайё сохта, барои ҳалли илмию амалии масъалаи тарбияи шахсияти инсонгаро имконият фароҳам меорад.

Ҷустуҷӯйи воситаҳои гуманизатсияи тарбияи наврасон бо ошкор кардан ва санҷидани шароити психологии ташаккулёбии самти гуманистии рафтори онҳо алоқаманд аст.

Гуманизм мафҳуми васеъ дорад. Он бисёрҷанба буда, бо ягон чаҳорчӯбаи вақт маҳдуд карда намешавад ва ҳамчун падидаи абстрактӣ баррасӣ намегардад. Гуманизмро мисли ҳама гуна зуҳурот, ба таври мушаххас, таърихӣ, бо назардошти омилҳои муайяни иҷтимоӣ-иқтисодӣ баррасӣ кардан лозим аст. Дар баробари ин, гуманизм хислати модарзодии инсон аст, ки аз ғаризаи ҳифзи насл бармеояд ва аҳаммияти умумибашарӣ дорад. Пас, раванди тарбияро бояд ҳадафмандона тавре ба роҳ монем, ки ин сифатҳои модарзодӣ аз байн наравconfigurationnd.

Ташаккулёбии самти гуманистии шахсият бо инкишофи ахлоқии ӯ алоқамандии зич дорад. Шароити психологие, ки устувории саъю кӯшиши шахсро ба некхоҳӣ таъмин менамояд, бояд таъсири мутақобилаи қобилияти маърифатии шахс ва муҳити атрофро таъмин намояд. Ноил шудан ба камолоти ахлоқии шахсӣ дар ҳар як марҳилаи инкишофи ахлоқӣ бо мурури замон, яъне бо синну сол тағйир ёфта, барои пойдор гардидани адолат ҳам дар худи системаи ҷамъиятӣ ва ҳам дар рафтори шахсӣ ёрӣ мерасонад.

Раванди ташаккулёбии худшиносӣ хусусияти муносибати наврасро бо одамони атроф, ҳам калонсолон ва ҳам ҳамсолон, ба таври чашмрас тағйир медиҳад, боиси бозсозии назарраси ниҳодҳо, механизмҳо ва усулҳои иҷтимоишавӣ мегардад.

Дар наврас ҳоҳиши мустақилият, озодӣ ва мухторият дар муносибат бо калонсолон ба таври равшан зоҳир мешавад, ки ин дар шиддатгирии муносибати танқидӣ бо калонсолон, волидон, муаллимон ва муносибати

ихтилофнок бо ҳамсолон ифода меёбад. Аслан, ин талоши мустақилият ва вобаста набудан ба калонсолон тасодуфӣ нест. Ба ҳамин монанд, шуур ва худшиносии дар наврас фаъолона ташаккулёбанда худро аз таъсироти талқинкунандаи калонсолон, ки дар давраи кӯдакӣ барои мутобиқшавии иҷтимоӣ нақши пешбарандаро мебозиданд, «ҳифз» мекунад. Ҳамзамон, дар наврас майл ба ҷомеаи ҳамсолон, таваҷҷуҳ ба андешаи онҳо, талабот ба муошират бо онҳо, кӯшиши худсобитнамоӣ меафзояд.

Дар заминаи раҳёфти шахсӣ-фаъолиятӣ ташаккулёбии муносибати гуманистӣ нисбат ба атрофиён тавассути фаъолияти пешбарандаи ин зинаи синнусолӣ, яъне муошират сурат мегирад. Маҳз ин фаъолият навташкилаҳои шахсиро таъмин намуда, барои ташаккулёбии пурраи мавқеъгириҳои ҳаётӣ, шаклгирии худинкишофдиҳӣ ва худфаъолнамоӣ мусоидат мекунад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда мо вазъияти тарбиявиро ҳамчун як ҷузъи раванди таълим ба сифати яке аз механизмҳои пешбарандаи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ истифода бурдем. Мо ба он мавқеъ такя намудем, ки раванди таълиму тарбия як ҷараёни фаъол ва мураккабест, ки аз вазъиятҳои гуногуни тарбиявӣ иборат мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқот имкон дод, ки дар асоси ***вазифаҳои*** гузошташуда, хулосаҳои зерин таҳия карда шаванд.

1. Барои амалӣ намудани вазифаи аввалини таҳқиқот таҳлили назариявӣ ва методологии масъалаи гуманизатсия дар фалсафа, педагогика ва психологияи иҷтимоӣ анҷом дода шуд. Афкори гуманистӣ маҳаки асосии мазмуни умумибашарии маънавиётро ташкил дода, дар шуури ахлоқӣ таҷассум меёбад ва самтбахшандаву танзимкунандаи фаъолияти одамон мегардад. Ин бошад, ба пайдоиш ва инкишофи анъанаҳои инсондӯстӣ дар педагогика ва психология мусоидат намудааст [2-М; 6-М].

2. Генезиси ҷараёнҳои гуманистӣ дар психология чунин асоснок ва бандубаст карда шудааст, ки истилоҳи “гуманизм” дар илмҳои гуногун ба таври муайян маънидод гашта, дар луғати психологӣ ҳамчун низоми

муносибати фард ба объектҳои иҷтимоӣ, ба монанди шахс, гурӯҳ, мавҷудоти зинда фаҳмида мешавад, ки дар шуур дар шакли азсаргузаронии ҳамдардӣ ва ҳамҳиссӣ таҷассум ёфта, дар муоширату фаъолият ҳамчун мусоидатнамоӣ, шарикӣ ва расонидани кумак амалӣ мегардад [5-М].

3. Гуманизатсияи таълим ягонагии инкишофи умумифарҳангӣ, иҷтимоӣ-ахлоқӣ ва касбии шахсиятро пешниҳод карда, таҷдиди назар намудани мақсад, мазмун ва технологияи таълимро тақозо мекунад. Гуманизатсияи таълимро метавон муҳимтарин принсипи иҷтимоию педагогӣ ва психологӣ донист, ки самтгириҳои иҷтимоии муосирро дар фаъолияти системаи маориф инъикос менамояд [2-М; 3-М; 6-М].

4. Дар рафти ҳалли вазифаи чорум хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологии шахсият дар давраи наврасӣ, дар ҷанбаи ташаккулёбии равандҳои худшиносӣ омӯхта шуданд. Механизмҳои ҳамкории инсондӯстонаи одамро бо одамони дигар, табиат ва умуман ҷаҳон таҳқиқ намуда, психологияи гуманистӣ барои муайян намудани принсипҳо, роҳҳо, шаклҳо ва усулҳои ба роҳ мондани ҳамкории инсондӯстонаи байни муаллим ва хонанда, хонанда ва ҳамсолон дар раванди таълим кумак мекунад. Рушди марҳилавии наврасро ҳамчун шахсият тавассути тағйирёбии сохтори худшиносӣ дар шаклҳои гуногуни зоҳиршавии он, аз қабили худбаҳодиҳӣ, рефлексияи шахсӣ, талабот ба худ ва дигарон, маромҳои фаъолият, идеалҳо, шавқу ҳавасҳо ва ғайраҳоро ба таври равшан мушоҳида кардан мумкин аст [3-М; 4-М; 7-М].

5. Барои ҳалли вазифаи панҷум дараҷаҳои инкишофи сифатҳои зеринеро, ки дараҷаи инкишофи худфаъолнамоии шахсиятро дар давраи наврасӣ тавсиф мекунанд, муайян гардиданд: мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологӣ; салоҳияти коммуникатсионӣ; худбаҳодиҳӣ; дараҷаи иддао; худвоқеиятбахшӣ; фрустратсияи пасти иҷтимоӣ; фаъолӣ; дараҷаи баланди рефлексия. Ғояи меҳварии психологияи гуманистӣ бо категорияи ягонагии шахсият ва мутлаққунонии он алоқаманд буда, психологҳои ин самт ба

шахсияти солим ва пайваста инкишофёбанда таваҷҷуҳ доранд, ки ҳадафи он худвоқеиятбахшӣ мебошад [3-М; 12-М; 14-М].

6. Вазифаи шашуми таҳқиқотро таҳияи амсилаи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар асоси далелҳои аз таҳқиқи таҷрибавии масъалаи мазкур бадастомада, бо истифода аз вазъиятҳои иҷтимоӣ-психологии ба таври шартӣ таҳияшуда ташкил медиҳад. Он бо такя ба ғояи асосии психологияи гуманистӣ оид ба шахси комил – шахсияти фаъол ва худфаъолкунанда, мустақил ва масъулиятшинос, қобил ба дарккунӣ ва амалӣ намудани арзишҳо ва пайдо кардани маънои ҳаёт – тарҳрезӣ гардидааст [1-М; 4-М; 8-М; 12-М].

7. Инкишофи дараҷаи иддао, худбаҳодиҳӣ ва эмпатия дар наврасон шаҳру ноҳия гуногун ба назар мерасад. Нишондодҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки шояд муносибатҳои оилавӣ ва иҷтимоӣ, омили мансубияти этникӣ, суннатҳои фарҳангию таърихӣ, хоҷагидорӣ, фазои гарму созандаи хонавода ва эҳтиром ба пиронсолон ба ин раванд таъсири назаррас мерасонанд. Таҳлилҳои муқоисавии натиҷаҳои таҳқиқи дараҷаи иддао, худбаҳодиҳӣ ва эмпатия дар наврасон, ки ҳангоми амалисозии тарзҳои гуногуни муносибатҳои байнишахсии онҳо ошкор мешавад, сатҳи муътадили дараҷаи иддаои наврасони шаҳр, дараҷаи миёнаи худбаҳодиҳӣ ва эмпатияи наврасони ноҳияро нишон дод [9-М; 10-М; 14-М].

8. Дар марҳилаи навбатӣ барои амалӣ намудани вазифаи ҳаштум барномаи тренинг таҳти уновони “Гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ” тартиб ва мавриди амал қарор дода шуд, ки ба амалӣ гардонидани механизми гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар давраи наврасӣ ва инкишоф додани маҳорати фаҳмидани ҳамсол ҳамчун субъекти ҳамкорӣ нигаронида шудааст [13-М; 15-М].

9. Ҷиҳати ҳал намудани вазифаи нуҳум дар анҷоми таҳқиқоти эмпирикӣ натиҷаҳои бадастомада таҳлил карда шуданд. Дар ин марҳила динамикаи

мусбати гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар рафти таҳқиқоти иҷтимоӣ-психологӣ муқаррар гардид [1-М; 3-М; 8-М; 9-М].

Натиҷаи таҳлил таври зер аст:

- механизми гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ, ки дар доираи раҳёфти интегративӣ ба системаи механизмҳои психологӣ дохил карда шудааст, барои инкишофи шахсият ва хештансозӣ дар давраи наврасӣ шароити муассир фароҳам меорад;
- хештансозӣ ин системаи динамикӣ дар марҳилаҳои гуногуни наврасӣ мебошад, ки азнавсозии он дар шакли навташкилаҳои шахсии сифатан ҷадиди муайянкунандаи дараҷаи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ ба амал меояд;
- дар шароити муоширати муташаккили дохилигурӯҳӣ дар раванди таълим (бо назардошти хусусиятҳо ва дараҷаи инкишофи шахсият дар давраи наврасӣ) механизмҳои гуманизатсияи ҳамкориҳои байнишахсиро «фаъол кардан» ва самаранок истифода бурдан мумкин аст;
- дар низоми ягонаи муносибатҳои байнишахсӣ дар давраи наврасӣ гуманизатсияи онҳо дар ягонагӣ бо рушди раванди хештансозӣ имконпазир аст.

Зимни нишондодҳои бадастомада мо метавонем хулоса барорем, ки дар натиҷаи роҳандозии гуманизатсияи механизми муносибатҳои байнишахсӣ дар дараҷаи мавҷудаи хислатҳои шахсияти наврас, ва сифатҳое ки дар рафти барномаи инкишофдиҳанда ташаккул ёфтанд, аз сифр фарқият вуҷуд дорад, ки фарзияи гузошташударо собит месозад:

1. Исбот шудааст, ки дар системаи ягонаи инкишофи шахсияти наврас раванди ташаккулёбии худшиносӣ ҳамчун системаи хештансозӣ амал мекунад. Нақши он аз давраи наврасӣ то ҷавонӣ афзуда, муваффақияти худмуайянкунии касбӣ ва иҷтимоиро муайян мекунад [2-М; 3-М; 15-М].

2. Муқаррар шудааст, ки натиҷаи ҳамгироии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ бо худфаъолкунӣ дар синни наврасӣ,

ташаккулёбии сифатҳои худинкишофдиҳии субъекти қобил ба интихоби бошуурона, фаъол ва мустақил, тобовар ба таъсири манфии ҷомеа бо симои томи маънавию ахлоқӣ маҳсуб меёбад [5-М; 13-М; 14-М; 15-М].

3. Нишон дода шудааст, ки вазъияти тарбиявӣ ҳамчун механизми гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ, ки бо назардошти фардият ва хусусиятҳои наврас сохта шудааст, ба фаъолкунии захираҳои субъективии ӯ мусоидат намуда, раванди худтарбиянамоӣ, худидоранамоӣ ва худинкишофдиҳии ӯро таҳрик медиҳад [1-М; 4-М; 8-М; 9-М].

## Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1.Фаъолияти институтҳои шахсиятсозиро дар самти гуманизатсияи раванди таълиму тарбия минбаъд инкишоф дода, амиқтар кардан лозим аст. Бо ин мақсад зарур мешуморем, ки махзани маълумот оид ба технологияҳои оптимизатсияи раванди таълиму тарбия, ки ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар хориҷи кишвар истифода мешаванд, таъсис дода шавад.

2.Дар шуури ҷомеа устувор сохтани нуфузи рафтор ва муносибатҳои гуманистӣ дар системаи «одам-одам», инчунин, ба роҳ мондани корҳои таблиғотӣ ва маърифатӣ дар байни аҳолии кишвар дар самти тобиши гуманистӣ бахшидан ба муносибатҳои иҷтимоӣ зарурати таъхирнопазир мебошад.

3. Дар байни наврасон, омӯзгорон ва волидайн чорабиниҳои маърифатӣ-равшаннамоиро оид ба ҷанбаҳои бунёдии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар раванди иҷтимоишавӣ фаъолона амалӣ кардан лозим аст. Бо ин мақсад, тавсия медиҳем, ки дар муассисаҳои таълимӣ барои ба таври васеъ амалӣ намудани барномаи пешниҳоднамудаи мо, яъне барномаи инкишофдиҳандаи “Гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасон” марказҳои тренингии доимоамалкунанда ташкил карда шаванд.

4. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун фанни интихобӣ ҷорӣ кардани омӯзиши курси махсуси “Асосҳои психологии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ”-ро мувофиқи мақсад мешуморем.

5. Гузаронидани таҳқиқоти байнисоҳавии раванди гуманизатсия, ки барои муайян кардани вазъи воқеии масъалаи иҷтимоишавии наврасон дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ва ошкор кардани мушкилот дар ин самт, инчунин, коркарди роҳҳои таъсиррасонии самарбахши ниҳодҳои иҷтимоишавӣ барои ҳалли мушкилоти мавҷуда имконият медиҳад, хеле муҳим аст.

6. Таҷрибаи машварати психологӣ ва ислоҳнамоии психологиро барои шахсони ба чунин кӯмак эҳтиёҷдошта тавсия додан зарур аст. Чунин фаъолиятро бо кумаки ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатие метавон амалӣ намуд, ки ба аҳолӣ дар самти офиятбахшӣ ё дигар мушкилоти иҷтимоӣ-психологӣ ба таври воқеӣ хизматрасонӣ пешниҳод мекунанд.

Таҳқиқоти мавриди назар, ҳалли пурраи тамоми масъалаҳои марбут ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсии наврасонро фаро намегирад. Муаммои гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар давраи наврасӣ мураккаб буда, дар илми психологӣ-педагогӣ ба таври кофӣ коркард нашудааст. Тадқиқоти мазкур ба ҳалли пурраи он даъво намекунад. Дар оянда зарур аст, ки пажуҳиши амиқтари ин муаммо анҷом ёбад. Ҳамзамон, коркарди роҳҳои самарабахши ташаккули гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсии наврасони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, омӯзишу баррасии махсусро тақозо менамояд.

## МАЗМУН ВА МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР НАШРИЯҲОИ ЗЕРИН ИНЪИКОС ЁФТААНД:

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи бонуфузи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия тавсияшуда нашр шудаанд:

[1-М]. Исмоилов Ш.Ғ. Муошират ҳамчун намуди махсуси муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ // [Матн] – Номаи донишгоҳ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ 2024. -№2(79), с. 129-136. (ISSN 2077-4990)

[2-М]. Исмоилов Ш.Ғ. Равишҳои педагогӣ дар гуманизатсияи таълим // [Матн] - Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон -2023. -№ 3 (48). с.89-94. (ISSN 2222-9809)

[3-М]. Исмоилов Ш.Ғ. Ташаккулёбии равияи гуманистии шахсияти мактаббачаҳо дар системаи таълим // [Матн] - Паёми пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ. -2023. №10, с.301-306. (ISSN 2617-5320)

[4-М]. Зайтметов Ҳ.А. Исмоилов Ш.Ғ. Тавсифи иҷтимоӣ-психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасон // [Матн] - Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. № 3 (48). 2023. с.41-48. (ISSN 2222-9809)

[5-М]. Зайтметов Ҳ.А. Исмоилов Ш.Ғ., Ҷараёнҳои гуманистӣ дар психология // [Матн] - Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав -2023. -№10, с.301-306. (ISSN 2708-5759)

[6-М]. Зайтметов Ҳ.А. Исмоилов Ш.Ғ, Ҳамдамов Б.А. Гуманистические идеи в произведениях таджикско-персидских мыслителей // [Матн] - Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон -2020. -№9. с.251-255. (ISSN 2074-1847)

[7-М]. Зайтметов Ҳ.А. Исмоилов Ш.Ғ, Ҳамдамов Б.А. Актуальные проблемы изучения профессионально важных качеств и когнитивных способностей будущих психологов и педагогов // [Матн] - Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - 2020. -№10, с.301-306. (ISSN 2074-1847)

**II.Маводҳои дар дигар нашрияҳо чопшуда:**

[8-М]. Исмоилов Ш.Ғ. Роль профессиональной педагогической культуры учителя в повышении качества образования и воспитания в современной школе. // [Матн] - Конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалии “Муаммоҳо ва дурнамои рушди илмҳои педагогӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ” бахшида ба 35 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ” – Хуҷанд, 2024. с. 125-128.

[9-М]. Исмоилов Ш.Ғ. Психология счастья: как достичь и поддерживать позитивное эмоциональное состояние. // [Матн] – Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи: “Саноатикунонии рақамӣ ва рушди энергетикӣ аз нигоҳи олимону муҳаққиқон” бахшида ба таҷлили Рӯзи илми тоҷик, инчунин эълон гардидани солҳои 2020-2040 – “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” – Душанбе, 2024. с. 316-322.

[10-М]. Зайтметов Ҳ.А., Исмоилов Ш.Ғ., Рушди равандҳои маърифатӣ тавассути таҳлили психологии адабиёти бадеӣ. // [Матн] – Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Муаммоҳо ва дурнамоҳои инкишофи илмҳои педагогӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ” – Хуҷанд, 2024. с. 30-34.

[11-М]. Зайтметов Ҳ.А., Исмоилов Ш.Ғ., Взаимосвязь смыслового понимания и чтения художественной литературы. // [Матн] – Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Муаммоҳои мубрами илми психология дар олами рақамӣ” – Фарғона, 2024.с. 323-329.

[12-М]. Исмоилов Ш.Ғ., Исмоилова Г.С., Исмоилов А.Ш. Нақши оила ва мактаб дар ташаккули шахсияти иҷтимоан инкишофёфта. // [Матн] - Педагогика ва психология: Муаммоҳои муосири назария ва амалия (маҷмуи мақолаҳо). Қисми 1. – Хуҷанд, 2023. с. 318-321.

[13-М]. Исмоилов Ш.Ғ., Исмоилов А.Ш. Муоширaт ҳамчун омили муҳимтарини инкишофи шахсияти кӯдакон. // [Матн] - Педагогика ва психология: Муаммоҳои муосири назария ва амалия (Маҷмуи мақолаҳо). Қисми 1. –Хуҷанд, 2023. с. 321-325.

[14-М]. Исмоилов Ш.Ғ., Исмоилов А.Ш. Самтҳои асосии омӯзиши психологии муаммои гуманизатсияи муоширати байнишахсӣ. // [Матн] - Психология ва педагогика: Муаммоҳои муосири назария ва амалия (маҷмуи мақолаҳо). Қисми 2. –Хуҷанд, 2023. с. 91-94.

[15-М]. Исмоилов Ш.Ғ. Омӯзиши шахсияти мактаббачагон омили муҳимми инкишофи пурарзиш. // [Матн] - Масъалаҳои таълиму тарбия дар низоми таҳсилоти муттасил. Маҷмӯи мақолаҳо. "Меъроҷ", –Хуҷанд, 2023. с. 376.

[16-М]. Исмоилов Ш.Ғ. Консепсияҳои миллии таҳсилот ва тарбия – санадҳои танзимкунандаи дурнамои рушди соҳаи маориф // [Матн] - Маводи конфронси илмӣ-амалии умумидонишгоҳии “Масъалаи рушди илми психология дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон” бахшида ба 85-солагии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва 70-солагии дотсент Ҳакимова Мунаввара Бақоевна. –Хуҷанд,  2018. с. 397-401.

## Рӯйхати адабиёт

### Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганч, 2016. – 136 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар барои таълиму тарбияи фарзанд". Душанбе, аз 2 августи соли 2011. № 762.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф". Душанбе, аз 22 июли соли 2013. № 1004.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи кӯдак". Душанбе, аз 18 марти соли 2015. № 1196.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" [Мақола]. Душанбе: Шарки озод, 2004. 91 саҳ. 51.


**Захираҳои электронӣ [Электронный ресурс]**


6. Козлов В.В. Подростковый кризис - формы и содержание негативной дезинтеграции. – Электронный ресурс: w ww.integratio.ru/article/037.htm
7. Орлов А.Б. Человекоцентрированный подход в психологии, психотерапии, образовании и политике. (К 100-летию со дня рождения К.Роджерса). – Электронный ресурс: www.trialog.ru
8. Спиноза Б. Этика. – Электронный ресурс: www.book.atheism.ru
9. http://www. president. omor. tj


**Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ**


10. Абраменкова А.В. Гуманные отношения в детском возрасте. – М., 1979. – 259 с.
11. Абраменкова В.В. Социальная психология детства: развитие отношений ребенка в детской субкультуре. – М., 2000. – 451 с.
12. Абрамова С.Г. Психология в управлении и для управления
13. Акажанова А.Т. Девиантология: учебное пособие.- Алматы: Заң

әдебиеті, 2008. - 114 с.
14. Аллахвердова О. В. Конфликтология - СПб.: Лань, 1999. – 448 с.
15. Альбуханова-Славская К.А. Деятельность и психология личности. - М.: Наука, 1980. – 214 с.
16. Ананьев Б. Г. О психологических эффектах социализации. Человек и общество. - Л.: Издательство ЛГУ, 1971.- с. 145.
17. Ананьев Б.Г. Избранные психологические труды: В 2 т. - М.: Педагогика, 1980.- Т. 2. – 288 с.
18. Анастази А., Урбина С. Психологическое тестирование. – СПб., 2001. - 205 с.
19. Андреева Г.М. Закономерности общения и взаимодействия людей // В кн.: Социальная психология. - М., 1980. - 122 с.
20. Андреева Г.А. Социальная психология. - М.: Аспект Пресс, 1999. - 375 с.
21. Антонова Н.В. Проблема личностной идентичности в интерпретации современного психоанализа, интеракционизма и когнитивной психологии. – М., 1997. – 317 с.
22. Ануфриева Н. М., Зелинская Т.Н., Зелинский Н.Е. Социальная психология: курс лекций. - 4-е изд., стереотип. - Киев: МАУП, 2003. - 136 с.
23. Асмолов А. Г. Психология личности. - М., 1990г. - 302с.
24. Асмолов А. Г. Психология личности: Учебник. - М.: Изд-во МГУ, 1990. - 367 с.
25. Асмолов А.Г. Культурно-историческая теория и конструирование миров. – М: Изд-во «Институт практической психологии» - Воронеж: НПО «МОДЭК», 1996. - 768 с.
26. Ассаджиоли Р. Психосинтез: теория и практика.- М.: PEFL - book, 1994 - 314 с.
27. Баженов В.Г., Баженова В.П. Предупреждение педагогической запущенности школьников. - Алма-Ата, 1989. - 116 с.

28. Бердяев Н.О. О русской философии: в 2 ч. – Свердловск: Уральский университет, 1991. - Ч.1 - 288 с.
29. Бердяев Н. Судьба России. - М., 1990. - 300с.
30. Бернс Р.В. Развитие Я-концепции и воспитание. – М., 1986. – 196 с.
31. Берулава М.Н. Теория и практика гуманизации образования. - М., 2001. - 340 с.
32. Бехтерев В.М. Объективная психология. – М. : Наука, 1991. – 476 с.
33. Блейхер В. М., Бурлачук Л. Ф. Психологическая диагностика интеллекта и личности. – Киев, 1978. – 345 с.
34. Блонский П.П. Избранные педагогические произведения. - М., 1972. – 407 с.
35. Бобнева М.И Социальная психология личности / отв. ред. М.И. Бобнева, Е.В. Шорохова. - М., 1979. -194 с.
36. Богомолова Н. Н. Массовая коммуникация и общение. - М., 1988. –186 с.
37. Бодалев А.А. Восприятие и понимание человека человеком. - М., 1982. – 200 с.
38. Бодалев А.А. Личность и общение. - М.: Педагогика, 1983. – 272 с.
39. Божович Л. И. Личность и ее формирование в детском возрасте. - М.: Просвещение, 1968. - 464 с.
40. Божович Л.И. Проблемы формирования личности. – М.: МПСИ, 1997. – 352 с.
41. Брушлинский А.В. Проблемы психологии субъекта. - М., 1994. - 109 с.
42. Бубер М. Я и Ты / пер. с нем., послесл. П.С.Гуревича. - М.: Высшая школа, 1993. - 175 с.
43. Буева Л.П. Социальная среда и сознание личности. - М.: МГУ, 1968.-180 с.
44. Волков Б.С., Волкова Н.В. Психология общения в детском возрасте. – СПб.: Питер, 2008. – 272 с.
45. Виготский Л.С. Психология искусства. - М.: Искусство, 1986. – 432.

46. Виготский Л.С. Собр. соч.: В 6 т.- М.: Педагогика, 1984. - Т. 4. - 432 с.
47. Газман О.С. Гуманизм и свобода (введение в гуманистическую педагогику) – В кн.: Гуманизация воспитания в современных условиях. – М., 1995. – 306 с.
48. Глобальные проблемы и общечеловеческие ценности. – М., 1990. – 219 с.
49. Гурова Р.Г. Социологические проблемы воспитания. – М.: Педагогика. – 176 с.
50. Гуткина Н.И. Психологическая готовность к школе. – СПб.: Изд-во Питер, 2007. – 208 с.
51. Давлатов М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон/ М.Давлатов. – Душанбе: Ирфон, 2014.-224 с.
52. Добрович А.Б. Воспитателю о психологии и психогигиене общения: кн. для учителя и родителей. - М.: «Просвещение»,1987.-207 с.
53. Драгунова Т.В. Возрастные и индивидуальные особенности младших подростков / под ред. Д.Б.Эльконина и Т.В.Драгуновой. - М.: Просвещение, 1967. - 360 с.
54. Зимбардо Ф. Застенчивость. - М., 1991. – 156 с.
55. Змановская Е.В. Девиантология. Психология отклоняющегося поведения: учебное пособие . – М., 2002. – 414 с.
56. Каган М.С. Системный подход и гуманитарное знание. - Л.: ЛГУ, 1991. - 384 с.
57. Кант И. О форме и принципах чувственно воспринимаемого и умопостигаемого мира // Соч.: В 8 т. - М., 1964. - Т.2. - С.125.
58. Классификация личностей. Психология индивидуальных различий. Хрестоматия / под ред. Ю.Б.Гиппенрейтер и В.Я.Романова. - М.: ЧеРо, 2000. - 776с. - с. 472-492.
59. Козлов В.В. Интегративная психология: пути духовного поиска, или освящение повседневности. – М.: Психотерапия, 2007. – 520 с.

60. Козлов В.В. Социальная работа с кризисной личностью. – Ярославль, 1999. – 195 с.
61. Козлов В.В., Шемет И.С. Применение интегративных психотехнологий в социальной работе. - Ярославль: ЯрГУ, 1996 - 136 с.
62. Коломинский Я. Л. Психология взаимоотношений в малой группе. - М., 1976. – 168 с.
63. Коломинский Я.Л. Психология личных взаимоотношений в детском коллективе: очерк социальной психологии школьного класса. - Минск: Народная асвета, 1969. – 240 с.
64. Колпакова Л.М. Психологические механизмы формирования межличностных отношений в диаде «учитель - ученик» в условиях педагогической деятельности. - Казань, 1997. – 132 с.
65. Коменский Я.А. Великая Дидактика. Хрестоматия по истории зарубежной педагогики / сост. А.И.Пискунов. - М., 1971. – 385 с.
66. Кон И. История становления и развития экспериментально-психологических исследований в России. – М., 1990. – 412 с.
67. Кон И.С. Социология личности - М.: Политиздат, 1967. - 383 с.
68. Кон И.С. Психология старшеклассника.-М., 1982. – 172 с.
69. Конникова Т.Е. Роль коллектива в формировании школьника.-Л.: 1970.-409 с.
70. Корнетов Г.Б. Гуманистическое образование: Традиции и перспективы. - М., 1993. - 135 с.
71. Корнилов К.Н. Учение о реакциях человека с психологической точки зрения («реактология»). - М., 1921.
72. Кравцова Е.Е. Психологические проблемы готовности детей к обучению в школе. - М.: Педагогика, 1991. – 150 с.
73. Кузьмин Е.С. Основы социальной психологии. - Л.: ЛГУ, 1964. - 172 с.
74. Кун Т. Структура научных революций. - М., 1977. – 300 с.
75. Лазурский А.Ф. Классификация личностей. Психология

индивидуальных различий / под ред. Ю.Б.Гиппенрейтер и В.Я.Романова. - М.: ЧеРо, 2000. – 776 с.
76. Леонтьев А. А. Психология общения. - 2-е изд., испр. и доп. - М.: Изд.центр «Академия», 2004. – 352 с.
77. Лисина М.И. Проблемы онтогенеза общения. - М.: Педагогика, 1986. - 143 с.
78. Личко А.Е., Битенский В.С. Подростковая наркомания. - Л.: Медицина, 1991.-304 с.
79. Лишин О.В. Педагогическая психология воспитания: учебное пособие / под. ред. Д.И. Фельдштейна. - М.: ИКЦ «Академкнига», 2003. - 332 с.
80. Локк Дж. Опыт о человеческом разуме. Избранные философские произведения в 2 т. - М., 1960. Т.1. - С. 129
81. Лурия А.Р. Основы нейропсихологии.- М.: МГУ, 1973.- 374 с.
82. Макаренко А.С. Педагогические сочинения. - М., 1984. - Т.4. - 400 с.
83. Маслоу А. По направлению к психологии бытия. - М.: Эксмо-Пресс, 2002. - 272 с.
84. Маслоу А. Самоактуализация // В кн.: Психология личности. - М., 1982. – 260 с.
85. Мелибруда Е. Я-Ты-Мы. - М., 1986. – 120 с.
86. Мид Дж. Г. Избранное / сост. и переводчик В. Г. Николаев, отв. ред. Д. В. Ефременко. - М., 2009.- 290 с.
87. Монро П. История педагогики: Древность и средние века / под ред. Н.В.Виноградова. - М., 1991. - Ч.1. - 327 с.
88. Мухина В.С. Возрастная психология: феноменология развития, детство, отрочество: учебное пособие для студ. вузов. - М.: Академия, 2000. - 456 с.
89. Мясищев В. Н. Психология отношений. Избранные психологические труды / под ред. А. А. Бодалева. - М., 1995. - 356 с.
90. Ночевник М.Н. Психология общения и бизнес.- М., 1995.-230 с.

91. Нуров А. Роль духовных ценностей в нравственном воспитании младших школьников -. Душанбе, 2002
92. Очерки истории школы и педагогики за рубежом. - М., 1988. – Ч.1. – 210 с.
93. Павлов И.П. Полное собрание сочинений: В 6 т. – М., 1951.- Т.2. – 415 с.
94. Павлова М.Н. Педагогическая система А.С.Макаренко. - М.: Высшая школа, 1966. - 324 с.
95. Парсонс Т.О. О структуре социального действия. – М., 2002. – 312 с.
96. Парыгин Б.Д. Основы социально-психологической теории. - М.: Мысль, 1971. - 350 с.
97. Парыгин Б.Д. Социальная психология как наука. - Л.: Лениздат, 1967. - 264 с.
98. Перлз. Практика гештальттерапии. – М.: Институт общегуманитарных исследований, 2001. – 240 с.
99. Петровский А. В. Личность. Деятельность. Коллектив. - М.: Политиздат, 1982. - 255 с.
100. Петровский А.В., Шпалинский В.В., Оботуров И.А. Психологическая теория коллектива. - М. : Педагогика, 1979. - 239 с.
101. Поливанова К.Н. Психология возрастных кризисов. – М.: Издательский центр «Академия», 2000. – 184 с.
102. Психология. Китоби дарсӣ /Зери таҳрири М.Давлатов. –Душанбе, 2010. –с.120
103. Проблемы психологии современного подростка / под ред. Д.И. Фельдштейна. - М., 1982. – 160 с.
104. Психологические условия и механизмы воспитания подростков / под ред. Д.И. Фельдштейна. - М., 1983. – 267 с.
105. Ремшмидт Хельмут. Аутизм. Клиничские проявления, причины и лечение. – М.: Медицина, 2003. -120 с.
106. Репина Т.А. Отношения между сверстниками в группе детского сада. -

М.: Просвещение, 1978. - 164 с.
107. Роджерс К.Р. Взгляд на психотерапию: становление человека / пер. с англ.- М.: Издательская группа «Прогресс», 1994.- 480с.
108. Роджерс К.Р. Клиентоцентрированная терапия / пер. с англ. - М.: «Рефл-бук»- К: «Ваклер», 1997. – 320 с.
109. Роль ценностных ориентаций в формировании личности ... межличностные аспекты / под ред. А.Карелина. – М., 1997. – 175 с.
110. Рубинштейн Л. Основы общей психологии. - М.: Педагогика, 1999. - 487 с.
111. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. – СПб.: Питер, 1999. – 720 с.
112. Сеченов И.М. Избранные произведения. - М.: Госучпедгиз, 1953. - 333 с.
113. Становления и развития экспериментально-психологических исследований в России. – М., 1990. – 365 с.
114. Сухомлинский В.А. Сердце отдаю детям. – Киев: Радянська школа, 1974. - 288 с.
115. Тард Г. Законы подражания. - СПб, 1892.- 312 с.
116. Ушинский К.Д. О народности в общественном воспитании // Избранные педагогические сочинения: В 2 т. - М., 1984.- Т.1. – 420 с.
117. Ушинский К.Д. Труд в его психическом и воспитательном значении // Избранные сочинения: В 2 т. - М., 1974.- Т.1. – 356 с.
118. Философский словарь. - М., 1986. – 320 с.
119. Формирование личности в переходный период от подросткового к юношескому возрасту / под ред. И.В. Дубровиной. – М., 1987. – 258 с.
120. Франк С. Л. Предмет знания об основах и пределах отвлеченного знания. - М., 1995. – 315 с.
121. Франкл В. Человек в поисках смысла.- М.: Прогресс, 1990.- 368 с.
122. Фрейд З. Введение в психоанализ: лекции. - М.: Наука, 1989. - 384 с.
123. Фрейд З. Я и Оно: В 2 кн. - Тбилиси: Мерани, 1991. - Кн. 1. - 397 с.

124. Холличер В. Личность и гуманизм / пер. с нем., общ. ред. А.Г. Мысливченко. - М.: Прогресс, 1981.- 174 с.
125. Хрестоматия по истории школы и педагогики в России / под ред. Ш.И.Ганелина.- М., 1974. – 527 с.
126. Цуканова Е.В. Психологические трудности межличностного общения. - Киев.: Высшая школа, 1985.- 159 с.
127. Шибутани Т. Социальная психология. – Ростов - на Дону.: Феникс, 1999. - 539 с.
128. Шкопоров Н.Б. Феноменология, динамика и психологические механизмы субъективной значимости другого. – М., 1985. – 185 с.
129. Эльконин Б.Д. Выдержки из научных дневников // Избранные психологические труды. - М., 1989. – 512 с.
130. Эльконин Д.Б. Избранные психологические труды. - М., 1989. – 560 с.
131. Эриксон. Э. Детство и общество. - Обнинск, 1993. - 237 с.
132. Юсупов И.М. Психология взаимопонимания. - Казань, 1991. - 250 с.
133. Яременко С.Н., Подопригора С.Я., Тумайкин И.В. Социология. - Ростов - на Дону: Феникс, 2008. – 415 с.

**Мақолаҳо ва маърузаҳо:**

134. Абдуллозода Ш. Фалсафаи одамият: масъалаи инсон ва гуманизм дар адён. – Душанбе: Дониш, 2003. – С. 11.
135. Агеев В.С. Межгрупповое взаимодействие // В кн.: Социально-психологические проблемы. – М.: МГУ, 1990. – С.25.
136. Агеев В.С. Психология межгрупповых отношений. - М., 1984. – С.49.
137. Агеев В.С., Теньков А.А. Содержание, структура и динамика межгрупповых представлений // Вестник МГУ. – Сер. 14. Психология. - 1986. - № 1.- С. 10 - 20.
138. Алешина Ю. Б. Индивидуальное и семейное психологическое консультирование. - М.: Изд-во МГУ, 1994. – С.9-16.

139. Ананьев Б.Г. О психологических эффектах социализации // Человек и общество. - Л.: Изд-во ЛГУ, 1971. - С. 5-12.
140. Божович Л.И. Этапы формирования личности в онтогенезе // Вопросы психологии. - 1968. - № 4. - С. 23-36.
141. Брудный А. А. О проблеме коммуникации. Методологические проблемы социальной психологии. - М., 1975. - С. 165-182
142. Драгунова Т. В. Проблема конфликта в подростковом возрасте // Вопросы психологии. - 1972. - № 2. - С. 25-38.
143. Запорожец А.В. Развитие восприятия и деятельность // Вопросы психологии. - 1967. - №1. - С .11-16.
144. Запорожец А.В. Роль социальных условий жизни и воспитания в психическом развитии ребенка // Дошкольное воспитание. - 1968. - № 2. - С.32-36.
145. Запорожец А.В., Гальперин. П.Я., Эльконин Д.Б. Проблемы формирования знаний и умений у школьников и новые методы обучения в школе // Вопросы психологии. - 1963. - №5. – С. 9-13.
146. Логический словарь / под ред. А.А. Ивина. - М.: Мысль, 1994.- С. 36.
147. Ломов Б.Ф. Методологические и теоретические проблемы психологии. – М., 1984. – С. 342-394.
148. Мелибурда Е. Я – Ты – Мы. – М., 1986. – С.209 - 210.
149. Мерлин В.С. Индивидуализация социальных схем и регуляция свойств индивидуума социальными схемами // Международный коллоквиум по социальной психологии. - Тбилиси, 1970.- С.213.
150. Неймарк М.С. О соотношении осознаваемых и неосознаваемых мотивов в поведении, характеризующих направленность личности подростка // Вопросы психологии. - 1968. - №5. – С.24-29.
151. Обуховский К. Психологическая теория строения и развития личности // В кн.: Психология формирования и развития личности. – М.: Наука, 1981. – С.45-67.

152. Олпорт Г. Становление личности: избранные труды. - М.: Смысл, 2002. - С.166-216.
153. Петровский А. В. Проблемы развития личности с позиций социальной психологии // Вопросы психологии. - 1984. - № 4. - С.15 -30.
154. Просецкий П.А. Основные направления совершенствования психолого-педагогической подготовки учителя // Вопросы психологии. – 1983. - №3. – С. 17-21.
155. Психология. Словарь / под ред. А.В. Петровского, М.Г. Ярошевского. - М., 1990. - С.21.
156. Семенюк Л.М. Дифференцированный анализ агрессивного поведения подростков // Психология отклоняющегося поведения подростков. – М., 1991. – 24 с.
157. Семенюк Л.М. Характер агрессивного поведения современных подростков // Советская педагогика. - 1991. - №3.- С.17-24.
158. Симонов П.В. Эмоциональный мозг. - М.: Наука, 1981. - С.19-23, 27.
159. Скиннер Б.Ф. Оперантное поведение. История зарубежной психологии. - М., 1986. - С. 60-95.
160. Словарь по этике / под ред. А.А. Гусейнова и И.С. Кона. - М.: Политиздат, 1989. - С. 63.
161. Словарь русского языка // В 4 т. - М.: Русский язык, 1999. – Т.1. -С. 96-97.
162. Словарь социально-психологических понятий /под ред. Е.С. Кузьмина и В.Е. Семенова. - Л.: ЛГУ, 1987. - С. 83.
163. Советский энциклопедический словарь / гл. ред. А.М. Прохоров. - М.: Сов. энциклопедия, 1990. - С. 55.
164. Современный словарь иностранных слов. - М.: Русский язык, 1993. - С.170.
165. Сухомлинский В.А. Идеи свободы и воспитания: Свободное воспитание. – М., 1993. - С.36.

166. Устименко С.Ф. Межличностные отношения трудных подростков // Вопросы психологии. - 1984. - № 1. – С.17-19.
167. Философский энциклопедический словарь / ред.-сост. Е.Ф. Губский, Г.В. Кораблева. - М.: Инфа-М, 1997. - С. 130.
168. Шорохова Е.В. Проблемы общей психологии в трудах Л. Рубинштейна. - М., 1976. - С.3-16.
169. Ядов В.А. Социальные и социально-психологические механизмы формирования социальной идентичности личности // Мир России. – 1995. - № 3-4. – С.17-26.
170. Якиманская И.С. Разработка технологии личностно-ориентированного обучения // Вопросы психологии. - 1995. - № 2 - С.31-36.

**Диссертатсия ва автореферато̧:**

171. Антилогова Л.Н. Психологические механизмы развития нравственного сознания личности: автореф. ….докт. псих. наук. - Новосибирск, 1999. – 38 с.
172. Бернштам А.М. Социально-психологический критерий малой группы и измерение этапов ее развития: автореф. ... канд. псих. наук . - Л., 1982. - 21 с.
173. Бабаева М. Теоретические основы педагогики ненасилия в контексте гуманистического воспитания подрастающего поколения. Дис. ... канд. пед. наук. - Душанбе., 2020. - 192 с
174. Вагапова Н.А. Структурные особенности психологического механизма самоуправления деятельностью: автореф. … канд. псих. наук. - Казань, 1998. – 23 с.
175. Волошина Т.В. Психологические механизмы повышения уровня активности общения: дис. ... канд. псих. наук . - Новосибирск, 1996 - 144 с.
176. Егорычева И.Д. Психологические особенности личностной

направленности подростка и возможности ее коррекции: дис. ... канд. филос. наук. - Москва, 1994. - 219 с.

177. Зайтметов Ҳ.А. Развитие эмпатических способностей студентов педагогических специальностей средствами национальной литературы: дисс канд. пед. наук. - Москва, 2013.
178. Зацепин В.Н. Межличностное общение в коллективе: автореф. … канд. филос. наук. - Л., 1970. – 24 с.
179. Каримова И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикской школы: диссер на соискание ученой степени доктора наук по специальности:– Душанбе, 2000. – 357 с.
180. Мирзоева Ф.Б. Формирование гуманистических качеств личности у учащихся 7 - 9 классов в процессе преподавания таджикской литературы: На материале общеобразовательных школ Республики Таджикистан. Дис. ... канд. пед. наук. - Душанбе., 2002. - 154 с
181. Оботурова Н. А. Экспериментально-психологическое исследование коллективизма: автореф. … канд. псих. наук. - М., 1974. – 24 с.
182. Хидиралиева Л. С. Формирование нравственных качеств у детей средствами семейных традиции (на материали семей Северного Таджикистана): дисс канд. пед. наук. - Худжанд, 2002.
183. Умняшова И.Б. Психологические особенности отношения учащихся к школьной отметке: автореф. ... канд. псих. наук. - М., 2006. - 24 с.
184. Шустова Л.В. Гуманистическая направленность воспитательной деятельности (историко-педагогический аспект): автореф. …канд. пед. наук. - М., 1992. – 23 с.
185. Шарипова М.Ё. Этнокультурные особенности субъективной картины жизненного пути: дис. ... канд. псих. наук. - Санкт-Петербург, 2013. - 290 с
186. Юнусова Н. М. Детерминирующая роль женщины в процессе формирования нравственных ориентиров личности и семьи,

опирающаяся на этнокультурные ценности: дис. на соис. уч. степ. док. пед. наук. – Душанбе, 2013;

187. Юркова М.В. Структура и динамика защитных механизмов личности: дис. ... канд. псих. наук. - Ярославль, 2000. - 163 с.
188. Яськова И. А. Психологические механизмы оптимизации коммуникативного процесса: дис. … канд. псих. наук. – М.:ИГУ, 1998.- 156 с.
189. Яхшибаева М.Э. Гуманизация образования в общеобразовательных школах Таджикистана: Историко-педагогический аспект. Дис. ... канд. пед. наук. - Душанбе., 2004. - 155 с.

## Замимаҳо

*Замимаи 1*

### ХУДБАҲОДИҲИИИ ДАРАҶАИ ИДДАО БО МЕТОДИ Й. ШВАРСЛАНДЕР

Дастур. Андозаи ҷадвал 10х3 см буда, ба 10 сутун ва 3 сатр тақсим карда шудааст.

1. Фикр кунед, ки дар 10 сония шумо чанд аломати «ҷамъ»-ро кашида метавонед ва ин шумораи «ҷамъ»-ҳои тахминиро дар ҷадвали 1 нишон диҳед; рақамро дар шафати ДИ (дараҷаи иддао) гузоред. Сипас бо амри «Оғоз кардем!»-и озмоишгар кашидани аломатҳои «ҷамъ»-ро дар ҳар як квадрати ҷадвали 1 оғоз кунед ва бо амри «Ист!» ишоракуниро қатъ кунед. Шумораи «ҷамъҳо»-и воқеан кашидаатонро ҳисоб карда, дар ҷадвали 1 дар паҳлуи ДД (дараҷаи дастовард) нишон диҳед.

2. Бо назардошти таҷрибаи қаблӣ ва дар доираи имкониятҳои худ (оё метавонед шумораи бештари «ҷамъҳо»-ро кашед), нишондиҳандаи дараҷаи иддаои худро дар ҷадвали 2 нишон диҳед ва баъд аз рӯйи амри озмоишгар «Оғоз кардем!» ва «Ист!» таҷрибаро такрор кунед, дараҷаи дастовардҳоро ҳисоб карда, онро дар ҷадвали 2 нависед.

3. Ин тартиби таҷрибаро барои ҷадвали сеюм ва сипас барои ҷадвали чорум такрор кунед. (Ба эзоҳ барои озмоишгар дар зер нигаред.)

Коркарди маълумот 1. Дараҷаи иддаои худро бо формулаи зерин:

$$ДИ = \frac{(ДИ2 - ДД1) + (ДИ3 - ДД2) + (ДИ4 - ДД3)}{3}$$

ҳисоб кунед, ки дар ин ҷо:

ДИ (2) - дараҷаи иддаои дар ҷадвали 2 ва ДД (1) - дараҷаи дастоварди дар ҷадвали 1 ва ғайраҳо мувофиқи рақами ҷадвалҳои дар қавсайн нишондодашуда мебошанд.

1. Қиматҳои бадастомадаи дараҷаи иддаоро бо ҷадвали ташхиси психологӣ муқоиса кунед.

**Ҷадвали ташхиси психологӣ барои тест:**

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 15 ДИ | + | + | + | + | + | + | + | + | + |
| + | + | + | + | | | | | | |
| ДД 13 | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 16 ДИ | + | + | + | + | + | + | + | + | + |
| + | + | + | + | | | | | | |
| | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ДИ | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| ДД | | | | | | | | | |

Дараҷаи иддао (ДИ) = 5 ва зиёдтар – дараҷаи ба таври ғайривоқеӣ баланд;

ДИ = 3 + 4,99 – дараҷаи баланд;

ДИ = 1 + 2,99 – дараҷаи муътадил;

UP = -1,49 + 0,99 – дараҷаи паст,

ДИ = -1,50 ва камтар - дараҷаи ба таври ғайривоқеӣ паст.

Дараҷаи иддао дараҷаи душвории он ҳадафҳоеро тавсиф мекунад, ки шахс барои расидан ба онҳо кӯшиш мекунад ва ноил шудан ба онҳо барои ӯ ҷолиб ва имконпазир менамояд. Ба дараҷаи иддао тағйирёбии муваффақияту нокомиҳо дар ҳаёт ва тағйирёбии муваффақият дар фаъолияти мушаххас таъсир мерасонад. Чунин дараҷаҳои иддао вуҷуд доранд: мувофиқ – шахс дар назди худ ҳадафҳое мегузорад, ки воқеан ба онҳо расида метавонад ва онҳо ба қобилияту имкониятҳои ӯ мувофиқат мекунанд; номувофиқ: баланд – ба

чизе даъво мекунад, ки онро ба даст оварда наметавонад ё паст – ҳадафҳои осон ва содаро интихоб мекунад, ҳарчанд ӯ барои расидан ба дастовардҳои бештар қодир аст. Ҳар кадаре, ки худбаҳодиҳии шахс мувофиқ бошад, дараҷаи иддао ҳамон қадар мувофиқтар мешавад.

Шахсоне, ки дараҷаи иддаои баланди ғайривоқеӣ доранд, ба қобилияту имкониятҳои худ аз ҳад зиёд баҳо медиҳанд, иҷрои вазифаҳоеро ба дӯш мегиранд, ки аз ҳадди қувваю имконияти худашон берунанд ва аксар вақт ноком мешаванд. Одамони дорои дараҷаи иддаои баланд, аммо воқеӣ, пайваста кӯшиш мекунанд, ки дастовардҳои баландтарро соҳиб шаванд, худро такмил диҳанд вазифаҳои боз ҳам душвортарро ҳал карда, ба ҳадафҳои мушкилтар расанд. Одамони дорои дараҷаи иддаои муътадил, ба таври муътадил ва бомуваффақият вазифаҳои дараҷаи душвориашон миёнаро ҳал карда, барои беҳтар кардани дастовардҳои худ ҷиҳати ҳал кардани вазифаҳои нисбатан мураккабтар кӯшиш намекунанд. Одамони дорои дараҷаи паст ё ба таври ғайривоқеӣ пасти иддао ҳадафҳои бениҳоят осону содаро интихоб мекунанд, ки ин ҳолатро метавон бо нуқтаҳои зерин шарҳ дод:

а) худбаҳодиҳии паст, нобоварӣ ба қувваи худ, «ҳисси нокомилӣ»;

б) «макри иҷтимоӣ» – вақте инсон, дар баробари доштани худбаҳодиҳӣ ва худэҳтиромнамоии баланд, аз фаъолии иҷтимоӣ ва иҷрои вазифаҳои душвору масъулиятнок канораҷӯӣ мекунад.

Эзоҳ барои озмоишгар:

1) андозаи ҷадвалҳо 10х3 см, андозаи чоркунҷаҳои хурди ҷадвалҳо 1х1 см мебошад;

2) давомнокии таҷрибаҳои 1, 2, 4-умро 10 сония ва таҷрибаи 3 –юмро – 8 сония (барои ба таври сунъӣ ба вуҷуд овардани вазъияти нокомӣ) ташкил медиҳад

*Замимаи 2*

## Методикаи ташхиси худбаҳодиҳии шахс (Сергей Андреевич Будасси)

Методикаи С.А. Будасси имкон медиҳад, ки таҳқиқи миқдории худбаҳодиҳии шахс, яъне андозагирии он гузаронида шавад. Асоси методикаи мазкурро усули рейтингӣ ташкил медиҳад.

**Дастур**. Ба шумо рӯйхати 48 калимае пешниҳод карда мешавад, ки хислатҳои шахсиятро ифода мекунанд. Аз онҳо 20 калимаеро интихоб кунед, ки дар тасаввуроти Шумо шахсияти намунавиро тавсиф медиҳанд (онро «идеали ман» номгузорӣ мекунем). Табиист, ки дар ин қатор сифатҳои манфӣ низ ҷой гирифта метавонанд.

### Матни методика

| | | |
|---|---|---|
| 1. Дақиқӣ | 17. Зудбоварӣ | 33.Хурдагирӣ |
| 2. Беэҳтиётӣ | 18. Сусткорӣ | 34. Меҳмоннавозӣ |
| 3. Андешамандӣ | 19. Ҳардамхаёлӣ | 35. Густохӣ |
| 4. Ҳассосият | 20. Шубҳанокӣ | 36. Оқилӣ |
| 5. Хашмгинӣ | 21. Қасосгирӣ | 37. Худтанқидкунӣ |
| 6. Ифтихор | 22. Боэътимодӣ | 38. Худдорӣ |
| 7. Дағалӣ | 23. Устуворӣ | 39. Боадолатӣ |
| 8. Инсондӯстӣ | 24. Латофат | 40. Эмпатия |
| 9. Хайрхоҳӣ | 25. Қатъӣ набудан | 41. Боҳаёгӣ |
| 10. Зиндадилӣ | 26. Худдорӣ накардан | 42. Корчаллонӣ |
| 11. Ғамхорӣ | 27. Дилрабой | 43. Меҳнатдӯстӣ |
| 12. Ҳасудхурӣ | 28. Зудранҷӣ | 44. Тарсончакӣ |
| 13. Шармгинӣ | 29. Эҳтиёткорӣ | 45. Эътиқодмандӣ |
| 14. Кина | 30. Меҳрубонӣ | 46. Саргармӣ |
| 15. Самимият | 31. Шубҳанокӣ | 47. Далерӣ |
| 16. Инҷиқӣ | 32. Принсипнокӣ | 48. Худпарастӣ |

Аз бист хислати интихобшудаи шахсият, Шумо бояд дар протоколи таҳқиқот як қатори намунавии d1 созед, ки дар он хусусиятҳои ба назаратон нисбатан муҳим, яъне мусбат дар мавқеъҳои аввал ва хислатҳои нисбатан манфӣ дар мавқеъҳои охир ҷойгир шудаанд (дараҷаи 20 сифати ҷолибтарин, 19 - камтар ва ғайра то дараҷаи 1). Назорат кунед, ки ягон мавқеъ ду маротиба такрор нашавад.

**Протоколи таҳқиқот**

| Рақами дараҷаи намуна $d_1$ | Хусусияти шахс | Рақами дараҷаи субъект $d_2$ | Гуногунии дараҷаҳо D | Квадрати гуногунии дараҷаҳо $d^2$ |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | $\Sigma\, d^2 =$ |

Аз 20 хислати шахсият, ки қаблан интихоб кардаед, як қатори субъективии d2 сохта, дар он ин хислатҳоро бо тартиби камшавии дараҷаи зоҳиршавии онҳо барои худатон ҷойгир кунед (дараҷаи 20 - сифате, ки барои шумо бештар хос аст, 19-ум - сифате, ки нисбат ба аввала каме камтар хоси шумо аст ва ғайраҳо). Натиҷаро дар протоколи таҳқиқот сабт кунед.

## Коркарди натиҷаҳо

Мақсади коркарди натиҷаҳо ин муайян кардани робитаи байни баҳодиҳии дараҷагии хислатҳои шахсият мебошад, ки дар тасаввуроти «Ман»-и идеалӣ ва «Ман»-и воқеӣ мавҷуданд. Андозаи робита бо истифода аз коэффитсиенти коррелятсияи дараҷа муқаррар карда мешавад. Барои ҳисоб кардани коэффитсиент Шумо бояд аввал фарқияти дараҷаҳои d1 – d2-ро барои ҳар як хислат пайдо кунед ва натиҷаро дар протоколи таҳқиқот дар сутуни d ворид кунед. Сипас, нишондиҳандаи ҳар як фарқияти дараҷаи бадастомадаи d-ро дар квадрат бардошта $(d1 - d2)^2$, натиҷаро дар сутуни d2 нависед. Ҷамъи умумии квадратҳои фарқияти дараҷаҳо Σd2-ро ҳисоб карда, онро ба формулаи r = 1 – 0,00075 x Σd2 ворид кунед, ки дар он r-коэффитсиенти коррелятсия (нишондиҳандаи дараҷаи худбаҳодиҳии шахс) мебошад.

**Шарҳи натиҷаҳо**

Коэффитсиенти коррелятсияи дараҷавии r метавонад дар ҳудуди аз – 1 то + 1 бошад. Агар коэффитсиенти бадастомада на камтар аз – 0,37 ва на бештар аз +0,37 (бо сатҳи эътимоднокии баробар ба 0,05) бошад, ин робитаи сусти ночиз (ё набудани он)-ро дар байни тасаввуроти одам доир ба сифатҳои идеалӣ ва воқеии худ нишон медиҳад. Чунин нишондиҳанда, метавонад натиҷаи риоя накардани дастурҳо аз ҷониби озмудашаванда бошад, аммо агар дастур риоя шуда бошад, пас, нишондиҳандаи паст маънои мавҷудияти тасаввуроти норавшан ва тафриқанашудаи шахс доир ба «Ман»-и идеалӣ ва «Ман»-и воқеии худ мебошад. Қимати коэффитсиенти коррелятсия аз +0,38 то +1 далели мавҷудияти робитаи мусбати назарраси байни «Ман»-и идеалӣ ва «Ман»-и воқеӣ мебошад. Инро метавон ҳамчун зоҳиршавии худбаҳодиҳии мувофиқ шарҳ дод. Ҳангоми аз +0,39 то +0,89 будани қимати r ҳамчун тамоюл ба худбаҳодиҳии баланд арзёбӣ шуда, қимати аз +0,9 то +1 аксар вақт худбаҳодиҳии ба таври номувофиқ баландро ифода мекунад. Қимати коэффитсиенти коррелятсия дар ҳудуди аз –0,38 то –1 аз мавҷудияти

муносибати назарраси манфӣ дар байни «Ман»-и идеалӣ ва «Ман»-и воқеӣ гувоҳӣ медиҳад (номувофиқӣ ё мухолиф будани тасаввуроти шахс дар бораи он, ки ӯ кӣ шудан мехоҳад ва дар воқеъ кӣ ҳаст). Пешниҳод мешавад, ки ин ихтилофот ҳамчун худбаҳодиҳии паст маънидод карда шавад. Ҳар қадаре коэффитсиент ба –1 наздик бошад, ҳамон қадар дараҷаи номувофиқӣ зиёд мешавад.

Дар методикаи пешниҳодшудаи таҳқиқи худбаҳодиҳӣ дараҷа ва мувофиқати он ҳамчун муносибати байни «Ман»-и идеалӣ ва «Ман»-и воқеӣ муайян карда шудааст. Чун қоида, сарфи назар аз он, ки тасаввуроти шахс бо донишҳои объективӣ асос ёфтаанд ё бо ақидаи субъективӣ, дуруст аст ё нодуруст, ба назари худи ӯ боварибахш менамояд. Сифатҳое, ки шахс ба худаш нисбат медиҳад, на ҳамеша мувофиқ мебошанд. Раванди худбаҳодиҳӣ бо ду роҳ амалӣ карда мешавад: 1) бо роҳи муқоиса кардани дараҷаи иддаои худ бо натиҷаҳои объективии фаъолият; 2) бо роҳи муқоисаи худ бо одамони дигар. Аммо, новобаста аз он, ки асоси худбаҳодиҳии шахсро қазовати ӯ дар бораи худаш ташкил медиҳад ё шарҳи андешаи одамони дигар, идеалҳои инфиродӣ ё меъёрҳои фарҳангии пешакӣ муайяншудаи он, ҳамеша характери субъективӣ доранд ва нишондиҳандаҳои он метавонанд ифодакунандаи дараҷаи мувофиқат бошанд.

Мувофиқ будани худбаҳодиҳӣ дараҷаи мувофиқати тасаввуроти шахсро дар бораи худ ба асосҳои объективии ин тасаввурот ифода мекунад. Дараҷаи худбаҳодиҳӣ дараҷаи ақидаҳои воқеӣ ва идеалӣ ё дилхоҳро дар бораи худ ифода мекунад. Худбаҳодиҳии мувофиқро (бо майл ба баландшавӣ) метавон бо муносибати мусбат ба худ, худэҳтиромкунӣ, худпазириш, ҳисси комилии шахсӣ ҳамрадиф донист. Баръакс, худбаҳодиҳии паст (бо майл ба пастравӣ) метавонад бо муносибати манфӣ ба худ, худбадбинӣ, напазируфтани худ ва ҳисси нокомилии шахсӣ алоқаманд бошад.

Дар раванди ташаккулёбиии худбаҳодиҳӣ муқоисаи образҳои «Ман»-и идеалӣ ва «Ман»-и воқеӣ нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, касе, ки дар воқеият хислатҳои ба идеал мувофиқро ба даст меорад, худбаҳодиҳии баланд хоҳад дошт. Агар шахс дар бораи фарқияти байни ин тавсифдиҳандаҳо ва воқеияти дастовардҳои худ «оқилона» андеша кунад, худбаҳодиҳии ӯ, ба эҳтимоли зиёд паст хоҳад буд.

Худбаҳодиҳӣ ва муносибати шахс ба худ бо дараҷаи иддао, маромҳо ва хислатҳои эмотсионалии шахсият алоқамандии зич дорад. Тафсири таҷрибаи андӯхташуда ва интизориҳои шахс нисбат ба худ ва одамони дигар ба худбаҳодиҳӣ вобаста аст.

**Ҳисобот дар бораи натиҷаҳои таҳқиқи хусусиятҳои худбаҳодиҳӣ**

Бо истифода аз ҷадвали зерин натиҷаҳои инфиродии таҳқиқи хусусиятҳои худбаҳодиҳиро шарҳ диҳед.

**Натиҷаҳои инфиродии таҳқиқи хусусиятҳои худбаҳодиҳӣ**

| Дараҷаҳои ифодаёбии нишондиҳандаҳои худбаҳодиҳӣ | | Зоҳиршавии худбаҳодиҳӣ | | |
|---|---|---|---|---|
| | | дар рафтори ҳаррӯза | дар муошират бо коллективи озмудашавандагон (коллективи корӣ) | дар фаъолияти таълимӣ (корӣ) |
| Аз –1,0 то +0,85 | Худбаҳодиҳии баланд Номувофиқ | | | |
| Аз +0,84 то +0,53 | Худбаҳодиҳии баланд Мувофиқ | | | |
| Аз +0,52 то –0,1 | Худбаҳодиҳии миёна Мувофиқ | | | |
| Аз –0,09 то –0,32 | Худбаҳодиҳии паст Мувофиқ | | | |
| Аз –0,33 то –1,0 | Худбаҳодиҳии паст Номувофиқ | | | |

## Хусусиятҳои рафтори шахс вобаста ба худбаҳодиҳии он

Одамоне, ки худбаҳодиҳии баланд доранд, дастовардҳои худро муболиға мекунанд, дар назди худ ҳадафҳои баландтарро нисбат ба ҳадафҳои воқеан ба қобилияту имкониятҳашон мувофиқ мегузоранд, дорои дараҷаи иддаои баланде мебошанд, ки ба имкониятҳои воқеии онҳо мувофиқат намекунад. Хусусиятҳои солими шахсият: шаъну шараф, ифтихор, ки дар такаббур ва худмеҳварӣ аз нав ба амал меоянд. Худбаҳодиҳии номувофиқи қобилиятҳои худ ва дараҷаи иддаои баланд худбовариро аз ҳад зиёд мегардонад. Рушди худбоварии аз ҳад зиёд метавонад натиҷаи тарзи ба он мувофиқи тарбия дар оила ва мактаб бошад. Ситоиш ва ҳавасмандкуниҳои ноҷо ба ташаккулёбии тасаввуроти нодуруст дар бораи қобилиятҳои худ ва баҳодиҳии номувофиқ ба натиҷаҳои фаъолияти худ мусоидат мекунад. Одамони ба худ аз ҳад зиёд боваридошта ба худтаҳлилнамоӣ майл надоранд. Ин дар якҷоягӣ бо набудани тафаккури интиқодӣ, беинтизомӣ, набудани худназораткунии зарурӣ боиси қабули қарорҳои хато ва иҷрои амалҳои таваккалкорона мегардад, аз даст додани ҳисси эҳтиёткории зарурӣ ба амният, эътимоднокӣ ва самаранокии тамоми ҳаёти инсон таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамзамон набудан ё нокифоя будани талабот ба худтакмилдиҳӣ раванди худтарбиякуниро душвор мегардонад.

Одамоне, ки худбаҳодиҳии паст доранд, одатан дар назди худ ҳадафҳои сатҳашон пасттареро мегузоранд, ки онҳоро метавонанд ба даст оранд ва маънои нокомиро муболиға мекунанд. Ҳангоми худбаҳодиҳии паст одам боз бо як хислати канорӣ – нобоварии аз ҳад зиёд ба худ тавсиф дода мешавад. Нобоварӣ, ки аксар вақт аз ҷиҳати объективӣ беасос аст, хислати устувори шахсият буда, боиси ташаккулёбиии чунин хислатҳо, ба монанди хоксорӣ, нофаъолӣ, «ҳисси нокомилӣ» мегардад. Ин дар намуди зоҳирии одам ифода меёбад: сари дар байни китфҳо фурурафта, гаштугузори ноустувор, табъи хира, чеҳраи гирифта (бетабассум). Одамони гирду атроф

баъзан чунин шахсро ҳамчун шахси хашмгин ва бадмуомила мешуморанд, ки оқибати он ҷудоӣ аз одамон ва танҳоӣ мебошад.

Ба ташаккулёбии нобоварӣ ба худ баъзе омилҳои субъективӣ низ мусоидат карда метавонанд. Аз ҷумла, типи фаъолияти олии асаб дар мизоҷ инъикос меёбад. Масалан, нобоварӣ ба худ ҳамчун яке аз хусусиятҳои изтиробнокӣ баромад мекунад. Бартараф кардани нобоварӣ ба худ тавассути раванди худтарбиякунӣ душвор аст, зеро шахс ба имкониятҳо, муваффақиятҳо ва натиҷаи ниҳоӣ боварӣ надорад.

Аз ҳама мусоидтар худбаҳодиҳии мувофиқ аст, ки эътирофи баробари ҳам муваффақиятҳо ва ҳам камбудиҳои худро аз ҷониби шахс пешниҳод мекунад. Дар заминаи худбаҳодиҳии оптималӣ, ки тавассути як хислати мусбати шахсият - боварӣ ифода меёбад, таҷрибаи зарурӣ ва донишҳои мувофиқ меистанд. Боварӣ ба худ ба шахс имкон медиҳад, ки дараҷаи иддаоро танзим карда, қобилиятҳои худро дар робита ба вазъиятҳои гуногуни ҳаёт дуруст баҳогузорӣ кунад. Шахси боваринок бо қатъият, устуворӣ, қобилияти дарёфт ва қабули қарорҳои мантиқӣ ва пайваста амалӣ кардани онҳо фарқ мекунад.

Шахси боваринок ба хатоҳои содиршуда нигоҳи танқидӣ дорад ва сабаби онҳоро таҳлил мекунад, то дигар такрор нашаванд. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст: мо бояд кӯшиш кунем, ки дар заминаи худшиносӣ худбаҳодиҳии мувофиқро ба вуҷуд орем.

Худро дониста ва баҳо дода, одам метавонад бошууронатар бошад ва ба худтарбиякунӣ машғул шавад, на ба таври бетартибона рафтори худро идора кунад.

*Замимаи 3*

**Ташхиси фаврии эмпатия (муаллиф И.М. Юсупов)**

**Таъинот**. Саволнома дорои 6 шкалаи ташхиси эмпатия мебошад, ки муносибатро бо волидайн, ҳайвонот, пиронсолон, қаҳрамонҳои асарҳои бадеӣ, шиносҳо ва бегонагон ифода мекунад. Саволнома 36 муҳокимаро дар бар мегирад ва бояд озмудашаванда дараҷаи розӣ будан ё набудани худро ба ҳар яки онҳо бо истифода аз 6 варианти ҷавоб баҳогузорӣ кунад: «намедонам», «ҳеҷ гоҳ» ё «не», «баъзан», «тез-тез», «қариб ҳамеша», «ҳамеша» ё «ҳа». Ба ҳар як варианти ҷавоб ба ифодаи ададӣ мувофиқат мекунад: 0,1,2,3,4,5.

**Дастур**. Пешниҳод менамоем, ки якчанд муҳокимаро баҳогузорӣ кунед. Ҷавобҳои шумо ҳамчун хуб ё бад баҳогузорӣ карда намешавад, аз ин рӯ, лутфан ростқавл бошед. Барои ҷавоб додан бисёр фикр накунед. Ҷавоби дуруст ҳамон ҷавобест, ки аввалин шуда ба андешаи шумо меояд. Пас аз хондани ҳар як муҳокимаи саволнома, дараҷаи мувофиқати онро дар варақаи ҷавобҳо, зери яке аз шаш варианти ифодакунандаи дараҷаи зоҳиршавии он қайд кунед: «намедонам», «ҳеҷ гоҳ» ё «не», «баъзан», «тез-тез», «қариб ҳамеша», «ҳамеша» ё «ҳа».

**Саволнома**

1. Ба ман аз китобҳо дар бораи ҳаёти одамони аҷиб дида, китобҳо доир ба сайёҳӣ бештар маъқул аст.
2. Кӯдакони калонсолтарро ғамхории калонсолон асабӣ мекунад.
3. Бароям доир ба сабабҳои муваффақият ва нокомии одамони дигар фикр кардан маъқул аст.
4. Дар байни ҳама намоишҳои телевизионии мусиқӣ «Назмҳои муосир»-ро афзалтар мешуморам.
5. Асабонияти аз ҳад зиёд ва таънаҳои ноодилонаи беморро бояд таҳаммул кард, ҳатто агар он солҳо ҳам давом кунад.
6. Ба одами бемор ҳатто бо сухан ёрӣ расонидан мумкин аст.

7. Ба мунокишаи байни ду нафар шахси бегона набояд дахолат кард.

8. Одатан, одамони солхӯрда бесабаб меранчанд.

9. Вақте ман дар кӯдакӣ ягон саргузашти ҳузнангезро гӯш мекардам, худ ба худ дар чашмонам ашк ҳалқа мезад.

10. Асабонияти волидонам ба кайфияти ман таъсир мерасонад.

11. Дар мавриди танқиди ба худам равонашуда беparвоям.

12. Бароям тамошои портретҳо нисбат ба расмҳои дорои манзара бештар писанд аст.

13. Ман ҳамеша ҳама гуна амали волидонамро мебахшидам, ҳатто агар онҳо ноҳақ ҳам бошанд.

14. Аспи сафед суст ҳаракат мекунад, онро тозиёна задан даркор.

15. Вақте ки доир ба ҳодисаҳои фоҷиавӣ дар ҳаёти одамон мехонам, ҳис мекунам, ки он бо ман рӯй дода истодааст.

16. Волидайн ба фарзандон боадолатона рафтор мекунанд.

17. Ҳангоми дидани мунокишаи наврасон ё калонсолон, дахолат мекунам.

18. Ба табъи нохуши падару модарам эътибор намедиҳам.

19. Ман корҳои дигарро ба таъхир гузошта, муддати дароз рафтори ҳайвонотро тамошо мекунам.

20. Филмҳо ва китобҳо метавонанд ашкро танҳо дар одамони сабукфикр ба вуҷуд оваранд.

21. Наззора кардани ифодаёбии қиёфа ва рафтори одамони ношинос бароям писанд аст.

22. Дар кӯдакӣ сагу гурбаҳои дайдуро ба хона меовардам.

23. Ҳамаи одамон беасос хашмгин мешаванд.

24. Ба шахси бегона нигоҳ карда, ман мехоҳам бифаҳмам, ки ҳаёти ӯ чӣ тавр мегузарад.

25. Дар бачагиям кӯдакони хурдсолтар аз пайи ман меомаданд.

26. Ҳангоми дидани ҳайвони маъюб, кӯшиш мекунам, ки ба он ягон хел кумак кунам.

27. Одам сабукиро ҳис мекунад, агар ба шикоятҳояш бодиққат гӯш диҳӣ.

28. Ҳодисаи дар кӯча руйдодаро дида, кӯшиш мекунам, ки дар байни шоҳидон набошам.

29. Ба одамони нисбат ба ман хурдсол писанд аст, вақте ман ба онҳо андеша, кор ё вақтхушии худро пешниҳод мекунам.

30. Одамон қобилияти ҳис кардани ҳолати руҳии соҳибони худро дар ҳайвонот муболиға мекунанд.

31. Одам бояд мустақилона аз вазъияти душвори низоӣ барояд.

32. Агар кӯдак гиря кунад, пас он сабаб дорад.

33. Бояд ҷавонон ҳама гуна дархост ва талаби ғайриоддии пиронсолонро ҳамеша қонеъ гардонанд.

34. Ман мехостам сарфаҳм равам, ки чаро бархе аз ҳамсинфонам баъзан андешаманд буданд.

35. Ҳайвоноти хонагии бесоҳиб бояд дастгир ва нобуд карда шаванд.

36. Агар дӯстонам ба муҳокимаи мушкилоти шахсии худ шуруъ кунанд, кӯшиш мекунам, ки суҳбатро ба мавзуи дигар гузаронам.

**Коркарди натиҷаҳо**:

Аз муайян кардани дурустии маълумот оғоз кардан лозим аст. Барои ин ҳисоб мекунем, ки ба муҳокимаҳои бо рақамҳои зерин зикршудаи саволнома чанд ҷавоби намуди муайян дода шудааст:

«намедонам»: 2, 4, 16, 18, 33;

«ҳамеша ё ҳа»: 2, 7, 11, 13, 16, 18, 23.

Илова бар ин, бояд ошкор карда шавад, ки чанд маротиба ҷавобҳои «ҳамеша» ё «ҳа» ба ҳарду муҳокима дар ҷуфтҳои зерин дода шудааст: 7 ва 17, 10 ва 18, 17 ва 31, 22 ва 35, 34 ва 36.

Чанд маротиба ҷавоби «ҳамеша» ё «ҳа» барои як муҳокима ва ҷавоби «ҳеҷ гоҳ» ё «не» барои дигар муҳокима дар ҷуфтҳои зерин дода шудааст: 3 ва 36, 1 ва 3, 17 ва 28. Сипас, натиҷаҳои ҳисобҳои алоҳида ҷамъ карда мешаванд. Агар ҷамъи умумӣ 5 ё бештар аз ин бошад, пас, натиҷаи таҳқиқот эътимоднок нест; ҳангоми ба 4 баробар будани ҷамъи умумӣ натиҷа шубҳанок аст; агар ҷамъи умумӣ аз 3 зиёд набошад, пас, натиҷаи таҳқиқот эътимоднок аст.

Калиди ҷадвали 2

| Шкалаҳо | | Рақами муҳокима |
|---|---|---|
| Рақам | Зоҳиршавии эмпатия ба: | |
| I | Волидайн | 10, 13, 16 |
| II | Ҳайвонот | 19, 22, 26 |
| III | Пиронсолон | 2, 5, 8 |
| IV | Кӯдакон | 25, 29, 32 |
| V | Қаҳрамонҳои асарҳои бадеӣ | 9, 12, 15 |
| VI | Одамони ношинос ё на он қадар шинос | 21, 24, 27 |

Бо истифода аз ҷадвали 2 ва дар асоси холҳои гирифташуда дараҷаи эмпатия барои ҳар як унсур ва дараҷаи умумӣ ташхис карда мешавад.

Дараҷаи эмпатия.

| Дараҷа | Миқдори холҳо | |
|---|---|---|
| | Аз рӯйи шкала | Умумӣ |
| Бисёр баланд | 15 | 82-90 |
| Баланд | 13-14 | 63-81 |
| Миёна | 5-12 | 37-62 |
| Паст | 2-4 | 12-36 |
| Бисёр паст | 0-1 | 5-11 |

**Тавсифи натиҷаҳо**

**Агар шумо аз 82 то 90 хол гирифта бошед,** ин дараҷаи бисёр баланди эмпатия аст. Шумо эмпатияи ба дараҷаи дардовар инкишофёфта доред. Шумо дар муошират, ба кайфияти ҳамсуҳбат, ки ҳанӯз барои гуфтани ҳарф вақт наёфтааст, мисли барометр вокуниши нозук нишон медиҳед. Барои

шумо мушкил аст, зеро дигарон шуморо ҳамчун манбаи дилхоликунӣ истифода бурда, ҳиссиёти худро ба саратон мерезанд. Дар назди одамони «вазнин» худро бад ҳис мекунед. Калонсолон ва кӯдакон ба Шумо сирри худро бовар карда, маслиҳат мепурсанд. Аксар вақт аз тарси он ки ба одамон мушкилӣ эҷод накунед, ҳисси гунаҳкориро аз сар мегузаронед; на танҳо бо сухан, балки бо як нигоҳ ҳам аз озор додани онҳо метарсед. Дар баробари ин, худатон хеле осебпазиред. Шумо метавонед ҳангоми дидани ҳайвони маъюб азоб кашед ё аз саломи сарди роҳбаратон норохат шавед. Таъхирпазирии Шумо баъзан хобравиатонро мушкил мегардонад. Ҳангоми озурдагӣ ба дастгирии эмотсионалӣ аз берун ниёз доред. Бо чунин муносибат ба ҳаёт Шумо ба хуруҷи невротикӣ наздикед. Дар ташвиши солимии психикии худ бошед.

**Аз 63 то 81 хол - эмпатияи баланд**. Шумо ба ниёзҳо ва мушкилоти дигарон ҳассос буда, саховатмандед ва ба бахшидан майл доред. Ба одамон самимона муносибат мекунед. Ба Шумо «хондан»-и чеҳра ва «нигоҳ кардан» баояндаи онҳо писанд аст, шумо аз ҷиҳати эмотсионалӣ боэътино буда, хушмуомила ҳастед, зуд бо дигарон робита барқарор мекунед ва забон меёбед. Кӯдакон низ ба шумо таваҷҷуҳ доранд. Атрофиён самимияти шуморо қадр мекунанд. Кӯшиш мекунед, ки ба сар задани низоъҳо роҳ надиҳед ва роҳи мусолиматомези ҳалли мушкилиро пайдо кунед. Танқиди ба худатон равонашударо ба хубӣ паси сар мекунед. Ҳангоми баҳодиҳӣ ба ҳодисаҳо аз хулосаҳои мантиқӣ дида, ба ҳиссиёт ва фаросати худ бештар эътимод доред. Нисбат ба танҳо кор кардан, якҷоя бо дигарон кор карданро афзалтар медонед. Ҳамеша ба пазириши иҷтимоии амалҳои худ ниёз доред. Бо вуҷуди ҳамаи ин хислатҳо, Шумо дар кори дақиқ ва заҳматталаб на ҳамеша покизакорию низомро риоя мекунед. Барои аз мувозинат баровардани шумо заҳмати зиёд лозим нест.

**Аз 37 то 62 хол дараҷаи миёнаи эмпатия** аст, ки ба аксарияти одамон хос аст. Шояд дигарон шуморо «пӯстғафс» нагӯянд, аммо дар баробари ин,

шумо ба шумули афроди ҳассос дохил намешавед. Дар муносибатҳои байнишахсӣ на ба таассуроти шахсии худ, балки ба моҳияти рафтори онҳо такя мекунед. Зоҳирнамоии эмотсияҳо барои шумо бегона нест, аммо аксар вақт онҳо таҳти назорат қарор доранд. Дар муошират бодиққат ҳастед, кӯшиш мекунед, ки аз чизҳои гуфташуда дида бештар бифаҳмед, аммо агар таъсири ҳиссиёти ҳамсуҳбат бештар бошад, сабрро аз даст медиҳед. Кӯшиш мекунед, то нуқтаи назари худро вақте баён кунед, ки ба қабул шуданаш боварӣ доред.

Ҳангоми хондани адабиёти бадеӣ ва тамошои филмҳо аз эмотсияю ҳиссиёт дида, ба амалу рафтори қаҳрамонон диққат медиҳед. Пешгӯии рушди муносибатҳои байни одамон бароятон душвор аст ва аз ин рӯ, баъзан амали онҳо бароятон ғайричашмдошт мешавад. Бароятон озодии ҳиссиёт хос нест ва ин барои дарки пурраи одамон аз ҷониби Шумо халал мерасонад.

**12-36 хол - дараҷаи пасти эмпатия**. Шумо дар барқарор кардани робита бо одамон душворӣ мекашед, дар нишастҳои серодам худро ноҳат ҳис мекунед. Зоҳиршавии ҳиссиёти атрофиён баъзан барои шумо нофаҳмо ва бемаънӣ менамояд. Аз кори якҷоя бо одамон дида, танҳо кор карданро афзалтар мешуморед. Шумо тарафдори таҳияи дақиқ ва қарорҳои оқилона ҳастед. Эҳтимол шумо дӯстони кам дошта бошед ва аз байни будаҳо онҳоеро қадр мекунед, ки хислатҳои хуби корӣ доранд ва зираканд. Одамон низ ба шумо муносибати ҳамсон доранд. Ҳолатҳое мешавад, ки бегонагии худро ҳис мекунед, атрофиён ба шумо аҳаммияти зиёд намедиҳанд. Аммо ин ислоҳшаванда аст, агар шумо қалби худро кушоед ва ба рафтори наздикон диққат дода, мушкилоти онҳоро ҳамчун мушкилоти худ қабул кунед.

**11 хол ё камтар аз он дараҷаи бисёр паст аст.** Майли эмпатикии шахсият инкишоф наёфтааст. Бароятон аввалин шуда, оғоз кардани суҳбат душвор аст, худро аз ҳамкорон (атрофиён) ҷудо мекунед. Ба Шумо барқарор кардани алоқа бо кӯдакон ва шахсоне, ки аз Шумо хеле калонсолтаранд, махсусан душвор аст. Дар муносибатҳои байнишахсӣ аксар вақт дар ҳолати

ногувор мемонед. Дар бисёр масъалаҳо бо дигарон ҳамдигарфаҳмӣ намеёбед. Азсаргузаронии эмотсияҳои пуршиддат ва мусобиқаҳои варзиширо меписандед, ба санъат афзалият медиҳед. Дар фаъолиятҳо аз ҳад зиёд ба худ таваҷҷуҳ мекунед. Ҳангоми мустақилона фаъолият кардан коратон хеле самаранок аст, аммо дар ҳамкорӣ бо дигарон на ҳама вақт хуб ба назар мерасед. Танқиди ба худатон равонашударо хеле дардовар таҳаммул мекунед, ҳарчанд метавонед ба он вокуниши шадид нишон надиҳед. Барои Шумо машқи ҳиссиёт зарур аст.

*Замимаи 4*

# МЕТОДИКАИ ТАШХИСИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИШАХСӢ (Т. ЛИРИ)

Методика аз тарафи Т. Лири, Г. Леforҷ ва Р. Сазек соли 1954 коркард шуда, барои таҳқиқи тасаввуроти субъект дар бораи худ ва «Ман»-и идеалӣ, инчунин, омӯзиши муносибатҳои байниҳамӣ дар гурӯҳҳои хурд пешбинӣ шудааст. Бо ёрии ин метод намуди бартаридоштаи муносибат бо одамон дар худбаҳодиҳӣ ва баҳодиҳии мутақобила ошкор карда мешавад.

Дар таҳқиқи муносибатҳои байнишахсӣ бештар ду омил ҷудо карда мешавад: бартарӣ – итоаткорӣ ва хайрхоҳӣ – агрессивнокӣ. Маҳз ҳамин омилҳо таассуроти умумии шахсро дар раванди идроки байнишахсӣ муайян мекунанд. М. Аргайл ин омилҳоро ҳангоми таҳлили тарзи рафтори байнишахсӣ аз ҷумлаи унсурҳои асосӣ ном бурдааст ва онҳо аз ҷиҳати мазмун метавонанд бо ду аз се меҳвари асосии тафриқаи семантикии Ч. Осгуд мувофиқат кунанд: баҳодиҳӣ ва қувва. Дар тадқиқоти дарозмуддате, ки психологҳои амрикоӣ таҳти роҳбарии Б. Бэйлс гузаронидаанд, рафтори аъзои гурӯҳ аз рӯйи ду тағйирёбанда баҳо дода шудааст, ки таҳлили онҳо дар фазои сеченакаи аз се меҳвар бароянда гузаронида мешавад: бартарӣ – итоаткорӣ, хайрхоҳӣ – агрессивнокӣ, эмотсионалнокӣ – бомулоҳизагӣ.

Барои ифода намудани тамоюлҳои асосии иҷтимоӣ Т. Лири схемаи шартиро дар шакли доирае кор карда баромад, ки ба бахшҳо тақсим шудааст. Дар ин доира қад-қади меҳварҳои уфуқӣ ва амудӣ чаҳор самт нишон дода шудааст: бартарӣ - итоаткорӣ, хайрхоҳӣ - адоват. Дар навбати худ, ин бахшҳо аз рӯйи муносибатҳои нисбатан хусусӣ ба ҳашт қисм тақсим мешаванд. Барои тавсифи боз ҳам дақиқтар, доира ба 16 бахш тақсим карда мешавад, аммо аксар вақт октантҳое истифода мешаванд, ки нисбат ба ду меҳвари асосӣ ба таври муайян нигаронида шудаанд.

Нақшаи Т. Лири ба чунин фарзия асос ёфтааст, ки ҳар қадаре натиҷаҳои озмудашаванда ба маркази доира наздиктар бошанд, ҳамон қадар

муносибати байни ин ду тағйирёбанда мустаҳкамтар аст. Маҷмуи холҳои ҳар як самт ба шохис (аломат) табдил меёбад, ки дар он меҳварҳои амудӣ (бартарият - итоат) ва уфуқӣ (хайрхоҳӣ - адоват) бартарӣ доранд. Масофаи нишондиҳандаҳои бадастомада аз маркази доира ба мутобиқшавандагӣ ё шадидии рафтори номуносиби байнишахсӣ (бартарии мавқеи гӯянда ва беэҳтиромӣ ба ҳамсуҳбат) ишора мекунад.

Саволнома 128 муҳокимаро дар бар мегирад. Ин муҳокимаҳо вобаста ба 8 намуди муносибат ба 16 банд тақсим мешаванд, ки аз рӯйи афзоиши шиддатнокӣ тартиб дода шудаанд. Методика тавре сохта шудааст, ки муҳокимаҳои ба равшанкунии ягон намуди муносибат нигаронидашуда на дар як саф, балки ба таври махсус ҷойгир карда мешаванд: онҳо чортогӣ гурӯҳбандӣ шуда, баъд аз шумораи мувофиқи муҳокимаҳо такрор мешаванд. Ҳангоми коркард шумораи муносибатҳои ҳар як намуд ҳисоб карда мешавад. Саволномаи методика дар зер оварда шудааст:

I 1. Дигарон дар бораи ӯ андешаи хайрхоҳона доранд

2. Ба атрофиён таассуроти хуб мерасонад

3. Дастуру фармон дода метавонад

4. Дар фикри худ устувор истода метавонад

II 5. Ҳисси эътибор, қадру манзалат, шаъну шарафро соҳиб аст

6. Вобаста нест

7. Аз пайи худ шуда метавонад

8. Бефарқӣ зоҳир карда метавонад

III 9. Сангдилу бадқавоқ буда метавонад

10. Ҷиддӣ аст, лекин боадолат

11. Самимӣ буда метавонад

12. Нисбати дигарон танқиднок

IV 13. Нолиш карданро дӯст медорад

14. Аксар вақт андӯҳгин

15. Нобоварӣ зоҳир карда метавонад
16. Зуд-зуд ноумед, дилхунук мешавад

V 17. Метавонад нисбати худ танқиднок бошад
18. Ноҳақӣ ё худ иштибоҳи худро эътироф карда метавонад
19. Бо майли том тобеъ мешавад
20. Гапдаро, нармдил аст

VI 21. Миннатгузор
22. Бавақдомада, моилӣ ба тақлидкорӣ
23. Боэҳтиром, муътабар
24. Таҳсин, писандкунии дигаронро ҷустуҷӯкунанда

VII 25. Ҳамкорӣ карда метавонад
26. Кӯшиш мекунад, то бо дигарон унс гирад
27. Меҳрубон, хайрхоҳ
28. Пурдиққат, навозишкор

VIII 29. Боадаб, хушмуомила
30. Таҳсинкунанда
31. Мушфиқ дар даъвати дигарон баҳри кумак
32. Беғараз, бекина

I 33. Мафтун карда метавонад
34. Соҳиби эҳтироми одамон аст
35. Истеъдоди роҳбарикуниро дорад
36. Масъулиятро дӯст медорад

II 37. Ба худ боварӣ дорад
38. Худбовар, исроркор
39. Кордон, корозмуда
40. Рақобат карданро дӯст медорад

III 41. Дар ҷойе зарур шавад, сахтгиру ҷиддӣ ва корозмуда
42. Сангдил, бераҳм, аммо беғараз, холис
43. Ғазабнок

44. Кушод, росткор

IV 45. Тоқати онро надорад, ки аз болои вай фармон диҳанд

46. Шаккоку нобовар аст

47. Ба вай таассурот расонидан душвор аст

48. Зудранҷ, нозуктабъ

V 49. Зуд шармгин мешавад

50. Ба худ боварӣ надорад

51. Гапдаро, нармдил

52. Хоксор

VI 53. Зуд-зуд ба кумаки дигарон мурочиат мекунад

54. Шахсони соҳиби нуфуз ва обрӯю эҳтиром мекунад

55. Бо майли том маслиҳатро қабул мекунад

56. Зудбовар аст ва кӯшиш мекунад, ки дигаронро шод кунад

VII 57. Дар муомила ҳама вақт меҳрубону пурилтифот

58. Фикри дигаронро ғанимат медонад ва онҳо барояш қиматанд

59. Хушмуошират, улфатпазир ва зуд унсгиранда

60. Некдил

VIII 61. Раҳмдил, ба қалби дигарон боварӣ ҷой мекунад

62. Нармрафтор, нармдил

63. Ба дигарон ғамхорӣ карданро дӯст медорад

64. Беғараз, босаховат, олиҳиммат

I 65. Маслиҳат доданро дӯст медорад

66. Таассуроти аҳаммиятнок будани одамро мегузорад

67. Роҳбарикунанда-фармондиҳанда

68. Омир (Властный)

II 69. Худсито, лофзан

70. Ҳавобаланд ва мағрур

71. Танҳо дар бораи худ фикр мекунад

72. Маккор, сарфакор, эҳтиёткор

III 73. Тоқатнопазир ба иштибоҳҳои дигарон

74. Тамаъкор

75. Ростгӯй, ошкорбаён

76. Аксар вақт бадхоҳ, хусуматдор

IV 77. Бадқаҳр

78. Шикоятгар

79. Бадрашк

80. Хафагӣ, ранҷу алами худро муддати дароз дар хотир нигоҳ медорад

V 81. Ба худмазамматкунӣ моил

82. Шармгин

83. Беташаббус

84. Ҳалим, нармдил

VI 85. Одами аз касе вобастабуда, номустақил

86. Итоаткор буданро дӯст медорад

87. Ба дигарон имконияти қабули қарорро фароҳам меорад

88. Ба макру фиребҳо ба осонӣ мефарояд

VII 89. Ба осонӣ ба таъсири дӯстон гирифтор мешавад

90. Ба дилхоҳ одам барои бовар кардан омода аст

91. Ба ҳама чиз бе ягон ҷангҷол хайрхоҳ, фикри хуб дорад

92. Ба ҳама ҳусни таваҷҷуҳ дорад

VIII 93. Ҳама чизро мебахшад

94. Беҳад пур аз ҳисси ҳамдардист

95. Дили бузург дорад, ба камбудиҳо тоқатпазир

96. Ба ҳимояту пуштибонӣ намудан саъй мекунад

I 97. Ба муваффақияту комёбӣ мекӯшад

98. Аз ҳар як нафар интизори баваҷдойӣ, мафтуншавии онҳост

99. Ба дигарон фармонгузорӣ мекунад

100. Ситамгар

II 101. Нозпарвард (дар бораи дигарон аз рӯйи мартаба ва фаровонӣ, серию

пурии онҳо муҳокима мекунад, на аз рӯйи сифатҳои шахсӣ)

102. Шуҳратпараст

103. Худбин

104. Хунсард, сангдил

III 105. Сахтзабон, писхандкунанда

106. Пурғазаб, бераҳм

107. Аксар вақт тезхашм

108. Ҳиссиётҳои инсонӣ надорад, бефарқ

IV 109. Бадкина, қасосгир

110. Пур аз зиддият ва ихтилофҷӯйӣ аст

111. Якрав

112. Нобовар, шубҳакунанда

V 113. Тарсончак

114. Шармгин, боҳаё

115. Бо омодагии аз ҳад зиёди итоаткорӣ фарқ мекунад

116. Муломбаданӣ, беғайратӣ

VI 117. Қариб ки ягон вақт ва ба ҳеҷ кас эътироз намекунад

118. Шилқин

119. Дӯст медорад, то ӯро ҳимояту парасторӣ кунанд

120. Аз ҳад зиёд зудбовар

VII 121. Саъй мекунад, ки дили ҳар як одамро ба даст орад

122. Бо ҳама розӣ мешавад, созиш мекунад

123. Ҳама вақт меҳрубону хайрхоҳ аст

124. Ҳамаро дӯст медорад

VIII 125. Нисбати дигарон хеле нармдилу мусолиҳакор

126. Кӯшиши тасалло додани ҳамаро мекунад

127. Нисбати дигарон бо зарар кардан ба худ ғамхорӣ мекунад

128. Одамонро бо аз ҳад зиёд меҳрубониву некӯкории худ вайрон мекунад

Тимоти Лири истифодаи ин методикаро барои баҳодиҳӣ ба рафтори мушоҳидашавандаи одамон пешниҳод кардааст, яъне баҳодиҳии рафтор аз мавқеи дигарон («аз канор»), барои худбаҳодиҳӣ, баҳодиҳӣ ба одамони наздик, барои тавсифи «Ман»-и идеалӣ. Дастур барои ҷавобҳо вобаста ба ин дараҷаҳои ташхис тағйир меёбад.

Самтҳои гуногуни ташхис имкон медиҳанд, ки типи шахсият муайян карда шавад, инчунин, маълумот оид ба ҷанбаҳои алоҳида муқоиса гардад. Масалан, «Ман»-и иҷтимоӣ», «Ман»-и воқеӣ, «шарикони ман» ва ғайраҳо.

Методикаро метавон ба озмудашаванда дар шакли рӯйхат (бо тартиби алифбо ё ба таври тасодуфӣ) ё дар варақаҳои алоҳида пешниҳод кард. Ба озмудашаванда дастур дода мешавад, то он муҳокимаҳоеро ишора кунад, ки бо тасаввуроти ӯ дар бораи худаш мувофиқат мекунанд, ба одами дигар ё ба идеали ӯ тааллуқ доранд.

Баҳодиҳии баландтарин 16 хол аст, аммо он ба чаҳор дараҷаи ифодаёбии муносибатҳо тақсим мешавад:

| | |
|---|---|
| 0 – 4 хол – паст<br>5 – 8 хол – муътадил | Рафтори мутобиқшаванда |
| 9 – 12 хол – баланд<br>13 – 16 хол – шадид | Рафтори то дараҷаи патологӣ шадид |



Бо истифода аз формулаҳои махсус, нишондиҳандаҳо аз рӯйи омилҳои асосӣ муайян карда мешаванд: бартарият ва хайрхоҳӣ.

Бартарият = (I - V) + 0,7 x (VIII + II - VI).

Хайрхоҳӣ = (VII - III) + 0,7 x (VIII - II - IV + VI).

Таҳлили сифатии маълумоти бадастомада бо роҳи муқоисаи дискограммаҳо гузаронида мешавад, ки фарқиятро дар тасаввуроти одамони гуногун нишон медиҳанд.

Ин метод имконият медиҳад, ки масъалаи мувофиқати психологӣ омӯхта шуда, дар машварати оилавӣ, психотерапияи гурӯҳӣ ва тренингҳои иҷтимоӣ-психологӣ бештар истифода шавад.

**Замимаи 5.**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**
**МАРКАЗИ МАШВАРАТИ ПСИХОЛОГӢ ВА РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ МАЪРИФАТИИ ЗАКОВАТ**

“Тасдиқ менамоям”
Директори маркази Заковат
Зайтметов Ҳусейн Авасхонович
______________________________
«____» ________соли 2019

Кафедраи умумидонишгоҳии психологияи умумӣ
Кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбӣ

**БАРНОМАИ ТРЕНИНГ**

**ГУМАНИЗАТСИЯИ ИҶТИМОИЮ ПСИХОЛОГИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИШАХСӢ ДАР СИННИ НАВРАСӢ**

Тартибдиҳанда: Исмоилов Ш.Ғ.

Хуҷанд–2019

# ЭЗОҲНОМА

Гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ масъалаи муҳимми иҷтимоӣ-психологӣ ва педагогӣ мебошад, ки таҳқиқи он бо истифода аз раҳёфти байнифаннӣ амалӣ шуда, ҳамгироии муносибатҳоро дар самти гуманизатсияи ҳаёти кӯдак дар бар мегирад. Мо, пеш аз ҳама, генезиси механизмҳои психологии ворид намудани бачаҳоро ба гуманизатсияи ҳамкориҳо ҳамчун субъекти муносибат мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳем.

Ба назари мо махсусияти татбиқи механизмҳои психологии таҳқиқшаванда, моҳияти мафҳуми «гуманизатсия» ва интихоби шароитҳои мусоиди психологию педагогии ҷалб намудани наврасонро ба раванди муносибатҳои байнишахсӣ дар ҷомеа, инчунин, натиҷаҳои эҳтимолии инкишофи шахсии онҳоро муайян мекунад. Ба таври дигар иброз намоем, тағйирёбии вазъияти иҷтимоии инкишофи кӯдакон дар марҳилаҳои гуногуни синнусолӣ генезиси механизмҳои психологиро муайян мекунад.

Гуманизм, ки дар шакли идеяҳои инсонпарварӣ ифода ёфтааст, ҳанӯз аз замонҳои қадим тавассути ахлоқ, маънавиёт ва ҳуқуқ ба ҷомеа таъсири воқеӣ мерасонад. Афкори гуманистӣ маҳаки асосии мазмуни умумибашарии маънавиётро ташкил дода, дар шуури ахлоқӣ таҷассум меёбад ва самтбахшандаю танзимкунандаи фаъолияти одамон мегардад. Ин бошад, ба пайдоиш ва инкишофи анъанаҳои инсондӯстӣ дар педагогикаву психология мусоидат намуд.

Ҳангоми муайян кардани шароити психологию педагогии ташаккулёбии равияи гуманистии шахсияти хонандагон дар системаи таълими муттасил мо зарур донистем, ки маънои истилоҳҳои «гуманизм» ва «инсондӯстӣ» ба назар гирифта шавад. Ғояҳои психологияи гуманистӣ ба ташаккулёбии педагогикаи гуманистӣ торафт бештар таъсир расонда истодаанд. Психологияи гуманистӣ яке аз самтҳои психологияи муосири амрикоӣ мебошад. Ғояи меҳварии психологияи гуманистӣ бо категорияи ягонагии шахсият ва мутлаққунонии он алоқаманд аст. Психологҳои ин самт

ба шахсияти солим ва пайваста инкишофёбанда таваҷҷуҳ доранд, ки ҳадафи он худвоқеиятбахшӣ мебошад. Онҳо шахсияти инсонро бо тамоми мураккабию нотакрор буданаш дар маркази таҳқиқоти худ қарор додаанд. Озодии худифоданамоии фард ба сифати баландтарин арзиш арзёбӣ шуда, нуқтаи ибтидоии назарияи психологию педагогӣ дар Ғарб ва тамоми чаҳон маҳсуб меёбад. Маҳз ҳамин мақсадгузориҳо барои гуманизатсияи маориф аҳаммияти ҳалкунанда доранд.

Бояд гуфт, ки дар осори адабии мутаффакирони тоҷику форс ба монанди Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Ҳаким Саноӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Абуалӣ ибни Сино, Саъдии Шерозӣ, Фаридуддини Аттор, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон метавон на танҳо бо санъати баланди суханварӣ, балки бо мазмуни башардӯстонаи он ифтихор кард.

Бо таҳлили осори Рӯдакӣ, Сино, Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ ва бисёре аз намояндагони адабиёти тоҷику форс ба вожаи «одамият» дучор омадем. Хислатҳои асосие, ки одамиятро тавсиф медиҳанд, ин накукорӣ, хайрхоҳӣ, саховатмандӣ, меҳру муҳаббат, шафқат, дӯстӣ, бародарӣ ва ғайраҳо мебошанд, ки онҳоро мутафаккирони классики тоҷик дар тули ҳазорсолаҳо тараннум кардаанд. Ба ақидаи мутафаккирони бузург, роҳи башарият тавассути ақл мегузарад. Ин ақл аст, ки инсонро барои ба танзим даровардани корҳояш водор намуда, ӯро ба корҳои хайру наҷиб ҳидоят мекунад.

Ҳамин тариқ, мутафаккирони бузурги адабиёти тоҷику форс дар рушди илмҳои психология ва педагогика саҳми бузург гузоштаанд. Онҳо ба шарофати хираду фаросат ва нозукбинии психологиашон масоили муҳимми улуми психологӣ ва педагогиро чандин аср пеш муайян кардаанд.

**Мақсади таҳқиқот**. Муайян ва интегратсия кардани механизмҳои иҷтимоӣ-психологии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсии наврасон.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои санҷидани фарзия ва ноил шудан ба ҳадафи таҳқиқот **вазифа**ҳои зерин гузошта шуданд:

1. Омӯзиши вижагиҳои иҷтимоӣ-психологии иҷтимоишавии шахсият дар давраи наврасӣ дар заминаи инкишофи хештансозӣ.

2. Муайян кардан ва ҳамбастагии дараҷаи инкишофи сифатҳое, ки сатҳи инкишофи хештансозии шахсиятро дар давраи наврасӣ тавсиф медиҳанд.

3. Таҳияи амсилаи эмпирикии гуманизатсияи раванди муносибатҳои байнишахсӣ дар давраи наврасӣ бо истифода аз вазъиятҳои таълимӣ.

4. Дар асоси механизмҳои муайяншуда таҳия ва амалӣ намудани барномаи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар давраи наврасӣ.

5. Ошкор кардани динамикаи гуманизатсияи раванди муносибатҳои байнишахсӣ дар рафти таҳқиқоти иҷтимоӣ-психологӣ.

Дар марҳилаи мазкур озмоиши инкишофдиҳанда гузаронида шуд. Таъсири механизмҳои интихобшудаи иҷтимоӣ-психологии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасон дар шароити махсус ташкилшудаи таълимӣ омӯхта шуд. Дар ин марҳила, дар асоси таҳлили натиҷаҳои ташхиси психологӣ методҳои кори инкишофдиҳӣ ва психотерапевтӣ интихоб ва истифода бурда шуданд, ки ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ ва хештансозӣ дар давраи наврасӣ нигаронида шудаанд. Истифодаи методҳои омори математикӣ имкон дод, ки доир ба самаранокии озмоиши инкишофдиҳанда хулоса бароварда шавад.

Ба сифати сарчашмаҳои иҷтимоишавии шахс ва инкишофи он инҳо баромад мекунанд: интиқоли фарҳанг ҳамчун шакли фаъолият тавассути институтҳои иҷтимоӣ, ба монанди мактаб, коллективи синф, оила, гурӯҳи ҳамсолон; амали мутақобила ва таъсири байниҳамдигарии одамон дар раванди фаъолияти муштараки онҳо; равандҳои стратегияи инфиродии худтанзимкунӣ, ки бо тадриҷан иваз кардани назорати берунии рафтори

инфиродӣ бо худидоракунии дохилӣ алоқаманд мебошанд; ташаккули «Ман-консепсия», шавқу ҳавас ва фаъолияти ҷамъиятии шахс.

Бояд гуфт, ки мураккабии омӯзиши ин давраи синнусолӣ ба хусусиятҳои психологиашон вобаста аст: зуҳуроти манфии рафтор, номутаносибӣ дар сохтори шахсият, маҳдуд шудани системаи қаблан муқарраршудаи манфиатҳои кӯдак, хусусияти эътирозии рафтори ӯ нисбат ба калонсолон. Ҳамзамон, наврасӣ барои рушди мустақилияти кӯдак, васеъ кардани ҳудуди муносибат бо кӯдакони дигар ва калонсолон, тағйир додани майдони фаъолияти хонанда, ташаккулдиҳии босуръати баҳодиҳии дигарон, худбаҳодиҳӣ ва кӯшиши худфаъолнамоӣ давраи сензитивӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, қисми дуюми таҳқиқот аз таҷриба оид ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар раванди тарбия иборат буд.

Давомнокии озмоиши ташаккулдиҳанда се солро (2019-2022) дар бар гирифт. Дар доираи озмоиши ташаккулдиҳанда барномаи рушд таҳия ва амалӣ карда шуд, ки ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ нигаронида шудааст. Ин барнома дар асоси принсипҳои ҳамгироӣ: принсипи яклухтӣ, принсипи генетикӣ, принсипи вобастагӣ, принсипи некхоҳӣ ва принсипи таносуб тартиб дода шудааст.

Дар татбиқи барномаи инкишофдиҳанда давоми се сол (2019-2022) ҳамон як гурӯҳи наврасон ширкат доштанд. Машғулиятҳо дар як вақт бо тамоми гурӯҳ гузаронида мешуд. Мо гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратиро ҷудо накардаем, то таваҷҷуҳ ба наврасони дорои хислатҳои шахсияти худфаъолкунанда равона нашавад.

Корҳои рушддиҳанда моҳе як маротиба дар ҳафтаи дуюми моҳ, давоми се рӯз бо давомнокии 2-4 соат, вобаста ба ҳадафҳои омӯзиш гузаронида мешуданд. Умуман, дар се сол се силсилаи тренингҳо гузаронида шуд. Ҳар як сислсила аз 9 машғулияти тренингӣ иборат буд. Давомнокии як силсила 1 сол аст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.**

**Гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар раванди тарбия**

| Давра | Ҳадаф | Унсурҳои гуманизатсия |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| 2019-2020 | Ба кӯдакони 10-11-сола омӯзонидани мустақилона қабул кардани қарори аз ҷиҳати иҷтимоӣ башардӯстона дар шароити шартан фароҳам овардашудаи тарбиявӣ | Бозидани дилеммаи Колберг ва «Дилеммаи маҳбус» |
| 2020-2021 | Дар наврасони 12-13-сола инкишоф додани қобилияти вокуниши инсондӯстона ба ҳолатҳои буҳронӣ ва дар якҷоягӣ бо омӯзгор омода кардани тарҳи вазъиятҳои тарбиявӣ барои муҳокима ва бозӣ кардани онҳо бо ҳамсолон | Муҳокимаи саргузаштҳои аз тарафи наврасон ба психолог нақлшуда, бидуни ошкор кардани шахсияти муаллифи ҳикоя |
| 2021-2022 | Мустаҳкам намудани малакаҳои ҳамкории инсондӯстона ҳангоми муҳокима ва бозӣ кардани вазъиятҳои таълимии мустақилона тарҳрезишуда | Наврасон бо интихоби сужа аз ҳаёти худ муста-қилона ҳикояҳо омода мекунанд. |

Ҳар як сисиламашғулиятҳои рушддиҳандаро шартан ба ҳафт қисм чудо кардан мумкин аст, ки мо онҳоро чунин номгузорӣ кардем: машқ, фароғат, инкишофдиҳанда, коммуникативӣ, визуализатсияи эҷодӣ, қисми рақс ва рефлексия.

2. **Қисми машқ** аз машқҳое иборат аст, ки ба омода кардани наврасон барои кор равона карда шудаанд. Масалан:

**«Ресмон»**

Ду иштирокчӣ интихоб карда мешаванд, ки пушт ба пушти ҳамдигар дар масофаи 1-5 метр менишинанд. Омӯзгор (баранда), ресмонро аз як иштирокчӣ ба иштирокчии дигар қад-қади фарш дароз мекунад. Нӯгҳои ресмон бояд дар байни пояҳои курсиҳо бошанд. Он нафаре ғолиб мешавад, ки баъд аз фармон аввалин шуда ресмонро кашад. Шакли ҳамсон: бо фармон бархезед, давед ва ба курсии дигар нишинед, ресмонро кашед.

**«Саркунакон»**

Омӯзгор бозии суркунаконро бо як вазифаи ғайриоддӣ пешниҳод мекунад, масалан, аз гӯш ё аз ангушт доред.

**«Сеюм зиёдатӣ»**

Иштирокчиён ба ҷуфтҳо тақсим мешаванд ва дар як доира рӯ ба марказ меистанд. Таъқибкунанда ва фироркунанда интихоб карда мешавад. Аз доира гузаштан манъ аст. Фироркунанда ҳақ дорад, ки дар пеши ягон ҷуфт биистад. Дар ин маврид нақши фироркунанда аз ҷуфт ба касе меафтад, ки дар берун мемонад, яъне сеюмӣ зиёдатӣ аст. Ба мақсад мувофиқ аст, агар ҷуфтҳо якдигарро дастгирӣ намоянд.

**2. Қисмати фароғатӣ** аз машқҳое иборат аст, ки ба иштирокчиён барои озмоиш кардани рафтори худ имконият медиҳад. Вазифаи ин қисм аз бартараф кардани чаҳорчӯба ва стереотипҳои одатии муошırати рӯзмарра, тағйир додани муҳити муошират, тағйир додани стереотипҳои ҳаракатию фазоӣ иборат аст. Мисол:

**«Ҷамъоварии дастфишорӣ»**

Омӯзгор ба аъзоёни гурӯҳ вазифа медиҳад, ки аз ҳамаи ҳозирин ҳарчи бештар дастфишорӣ ҷамъ оваранд. Дар охир ғолиб интихоб карда мешавад.

Таҳлил: кӣ чӣ қадар ҷамъоварӣ кардааст? Чаро? Шахсе, ки бисёр ҷамъ кардааст, аз дигарон чӣ фарқ дорад?

**«Атомҳо ва молекулаҳо»**

Омӯзгор: «Ҳоло ҳама дар як ҷо ба якдигар зич мешавем. Шумо атомҳои танҳо ҳастед. Шумо як ҳаракати бетартибонаро оғоз мекунед, ки дар он бархӯрди сабук бо ҳамдигар имконпазир аст. Эҳтиёт шавед. Бо фармони ман, шумо ба молекулаҳое муттаҳид мешавед, ки шумораи атомҳояшон, баробар ба рақами гуфтаи ман аст. Баъд аз андаке вақт омӯзгор як рақам мегӯяд, масалан, «панҷ». Иштирокчиён гурӯҳҳои панҷнафараро ташкил медиҳанд. Касоне, ки ба ягон «молекула» дохил нашудаанд, аз бозӣ берун мешаванд. Сипас «Даҳ» ва ғайра, вале на бештар аз 4-5 маротиба. Дар натиҷаи бозӣ гурӯҳ ба ду зергурӯҳ тақсим мешавад – аз бозӣ берунишудаҳо ва дар майдон

боқимондаҳо. Таҳлил: Чаро ҳама ворид нашуданд? Онҳое, ки аз бозӣ берун монданд, аз дигарон чӣ фарқ доранд?

**«Савол-ҷавоб»**

Пешниҳод мегардад, ки дар гурӯҳ бо ёрии тӯби хурд муколама барпо карда шавад. Нафари луқмапарто ҳамзамон тӯбро ба тарафи нафаре мепартояд, ки аз ӯ пурсидан меҳоҳад. Ӯ бояд тӯбро гирифта, онро ба иштирокчии дигар партояд. Аммо дар навбати худ, бояд вақт дошта бошад, ки луқма партояд ва ғайра. Луқмапартоӣ бояд на дертар аз се сония сурат гирад. Масалан: «Шумо ба кино рафтаед?» – Бале, ман рафтаам, ту чӣ? «Мо чӣ гуна ҳастем?»

Ҳама як пораи хурди коғазро аз омӯзгор гирифта, дар давра менишинанд. Ҳар кас номи худро дар болои варақ менависад ва варақро бо хатти амудӣ ба ду қисм тақсим мекунад. Мо дар қисми чап аз боло аломати ҷамъ ва дар қисми рост аломати тарҳ мегузорем. Дар зери аломати ҷамъ иштирокчии бозӣ номи дилхоҳ ранг, дилхоҳ мавсим, мева, ҳайвон, китоб, умуман, номи чизеро, ки ба ӯ ба осонӣ ҳаловат мебахшад, менависад (ранги дӯстдошта, мавсими дӯстдошта ва ғайра). Дар тарафи рости варақ, дар зери аломати тарҳ, ҳар як нафар ранги писанднабудаашро менависад ва ғайра.

**3. Қисмати инкишофдиҳанда** дар ҳар як силсиламашғулият аз вазифаҳое иборат аст, ки мувофиқи ҳадафҳои гузошташуда маҳз дар ҳамин сатҳи барномаи инкишофдиҳанда муҳимманд. Силсиламашғулиятҳои якум: ҳолатҳои шартие, ки Колберг пешниҳод кардааст, инчунин, муҳокимаи ҳолатҳое, ки аз асарҳои бадеӣ интихоб шудаанд ва лаҳзаҳои буҳронии азсаргузаронида наврасонро хеле рангин тасвир мекунанд. Мисол:

**Вазъияти 1**. Рӯзи муаттари баҳор, дарси тарбияи ҷисмонӣ, дар майдонча футболбозӣ мекунем. Табиист, ки вақте ман бозӣ мекардам, бозингарони дуру наздик ба ҷойи худ мешитофтанд ва доду фарёд ба гӯш мерасид: «Биё, биё, кӯза, ин бефаросатро нигоҳ дор! Манижа! Манижа! Дар омади гап, сарфи назар аз бозингари хуб набудан, ман хеле хуб бозӣ кардам

ва инак, тӯб рост ба сӯйи дарвозаи ҳариф парвоз кард. Ин хеле зарбаи хуб буд! Ман ба пеш мешитобам, зоную оринчҳоямро бо тамоми қувва ҳаракат медиҳам, аммо ин Азизҷони муғамбир чӣ корҳое намекунад, ки нӯши маро неш гардонад, маро пешпо дод. Чӣ тавр ман парвоз кардам ва чӣ гуна ба замин афтидам, мисли як ҳавопаймо дар нишасти изтирорӣ. Албатта, ҳама девонавор механдиданд.

**Вазъияти 2**. Дар ин ҷо мисоли он аст, ки бастаҳо чӣ гуна қавӣ буда метавонанд. Дӯсти беҳтарини ман Дилшод аҷиб аст, мӯйи дароз дорад ва навозанда мебошад, аммо ӯ хеле оқил ва зебо аст. (Охир ин асоси муваффақият аст). Боре дар даҳлези мактаб бо ӯ сайругашт мекардем ва ҳамин вақт бо духтаре аз гурӯҳи «зебосанамҳо» вохӯрдем. Мо аз ин тарафи даҳлез мерафтему ӯ аз он тараф. Онҳо чӣ гуна ба якдигар нигоҳ мекарданд! Ман ин нигоҳро «шикофанда» меномам, – онҳо аз ҳамдигар чашм намекананд, рӯяшонро ба якдигар гардонида, роҳ мерафтанд, гӯё дар болои як ресмон муқобили якдигар ҳаракат мекарда бошанд. Таниш чунон сахт буд, ки гӯё онҳо ба оғӯши ҳамдигар мешитофтанд. Аммо вай бо роҳи худ рафту Дилшод бо роҳи худ.

Ман ҳайрон шудам: «Хуб, чаро ӯро ба вохӯрӣ даъват намекунӣ?” - пурсидам ман аз Дилшод. «Охир ӯ шайдои туст, аблаҳ».

Ӯ ҷавоб дод: «Ман ҳар қадар ба ӯ маъқул бошам ҳам, ӯ ҳеҷ гоҳ бо ман вохӯрӣ намекунад. Ин имконнопазир аст». Ӯ ҳақ буд. Онҳо ҳатто натавонистанд аз он даҳлез гузаранд, то бо ҳамдигар сухбат кунанд! Чӣ хандаовар аст...

Ҳангоми муҳокимаи ҳолатҳои пешниҳодшуда мо аксуламали озмудашавандаҳоро ба суханони ҳамсолони худ бодиққат мушоҳида кардем. Рафти муҳокимаронӣ, бахусус суханони иштирокчиёнеро, ки аз рӯйи натиҷаҳои таҷрибаи муқарраркунанда холи паст гирифта буданд, дар протокол қайд кардем.

**4. Қисми коммуникатсионӣ** аз машқҳое иборат буд, ки ба шинохти нақшҳо ва машқҳои байнишахсӣ, ба рушди «забони ғайришифоҳӣ»-и муошират нигаронида шудаанд.

Машқҳое, ки ба шинохти нақшҳои байнишахсӣ нигаронида шудаанд, аз вазъиятҳое иборат мебошанд, ки ҳар кадом дар навбати худ, як қатор нақшҳои мушаххасро дар бар мегиранд. Донистан ва татбиқ намудани онҳо ба наврас имконият медиҳад, ки бо атрофиён муошировати самарабахш дошта бошад. Дар ҳама гуна амали якҷоя иштирокчиён дар ҳамдигарфаҳмии ҳатмӣ қарор доранд, мисли он ки дар драма ҳама гуна нақш то он вақте маъно дорад, ки бо нақшҳои дигар дар алоқамандӣ бошад. Аз ин рӯ, дарк кардани хислат ва хусусиятҳои ҳар як шахс дар иҷрои нақшҳои байнишахсӣ барои муошировати муваффақ аҳаммияти калон дорад.

Машқҳо барои рушди «забони ғайришифоҳӣ»-и муошират ба ислоҳ кардани симои ботинии «Ман»-и иштирокчиён тавассути пурра бахшидани худ ба иҷрои нақш нигаронида шудаанд. Захираи иловагии алоқаи бомуваффақият дар истифодаи пурраи ҳамаи воситаҳои алоқа ифода меёбад. Дар баробари «забони шифоҳӣ» «забони ғайришифоҳӣ»-и муоширатро ҷудо мекунанд, ки ба он алоқаҳои ламсӣ (расиш), визуалӣ (нигоҳ), мимика ва пантомимика, эмпатия (ҳомӯшӣ) ва ғайраҳо дохил мешаванд. Фарҳанги муошират донистани ин «забонҳо», қобилияти ба кор бурдани онҳоро вобаста ба вазъият, дарки қонуниятҳои психологии истифодаи ин ё он роҳи ҳамкорӣ, малакаи истифодаи усулҳои имконпазири гузаштан ба сатҳи дигари робитаро пешбинӣ мекунад. Масалан, робитаи ламсӣ ба рушди наздикии байнишахсӣ мусоидат карда, ба мусбат баҳогузорӣ кардани ҳамсуҳбат мебарад.

Ин робитаҳо барои инкишоф додани малакаҳои ҳамҳиссии эмотсионалӣ ва бахшидани гармии «маънавӣ» пешбинӣ шудаанд. Ҳангоми ташкил кардани ин машғулиятҳо мо се марҳиларо муайян кардем: омодагӣ ба

машқ (ҷамъоварии неруи равонӣ), худи раванди гармшавии эмотсионалӣ, коркарди шифоҳии таассурот пас аз анҷоми машқ.

Барои намуна:

**«Вохӯриҳо»**

Ҳангоми ҳаракат иштирокчиён бо ҳам вомехӯранд ва ба ҳамдигар даст мерасонанд, бидуни калима шинос мешаванд ё ба ҳамдигар салом медиҳанд.

**«Дастфишорӣ»**

Иштирокчиён дар шакли доира меистанд. Дар марказ баранда бо чашмони пӯшида (баста) меистад. Ҳама дастони худро ба пеш дароз мекунанд. Баранда бояд як-як дасти иштирокчиёнро фишурда, муайян кунад, ки дар пешаш кӣ истодааст – мард ё зан. Вобаста ба ин, бояд бигӯяд: «Салом, Оиша!», «Салом, Мирзо!». Агар дуруст тахмин карда бошад, шахси шинохтаро ба ҷойи баранда ба бозӣ ворид мекунанд.

**«Ишораҳо»**

Ҳама ба ҷуфтҳо тақсим мешаванд. Ҳар як ҷуфт номаеро бо супориши оддӣ мегирад, масалан, «мактуб навиштан», «курсиҳоро дар толор аз нав ба тартиб даровардан» ва ғайра. Мазмуни ин вазифаро бо имову ишора ва ифодаи чеҳра ба шарикон расонидан лозим аст. Дуюм, бояд чизи фаҳмидаашро дар пеши назари ҳама иҷро кунад. Он чизеро, ки дар супориш навишта шудааст, бо иҷроиш муқоиса мекунанд.

**«Намоиш диҳед, нагӯед»**

Дар гурӯҳ бояд ин ё он ҳолат ё эмотсия (масалан, асабоният, шодӣ, ғазаб, кина, ҳамдардӣ) ва хислатҳои психологии шахси дигарро нишон дод, ман чӣ гуна ҳастам, чӣ гуна будан меҳоҳам, ба назари дигарон чӣ тавр менамояд.

**«Табдилёбӣ» (омодагӣ ба машқҳо)**

Иштирокчиён дар курсиҳо нишастаанд. Яке аз онҳо вазифа мегирад, ки ба ашёи муайян табдил ёбад. Ӯ бояд характери ин ашёро эҳсос кунад. Сипас иштирокчӣ ҳикояро дар бораи он оғоз мекунад, ки ашё чиро ҳис мекунад, дар

атрофаш чӣ чизҳо ҳастанд, чӣ гуна зиндагӣ мекунад, чӣ ташвишҳо ва ҳавасҳо дорад, гузашта ва ояндаи ӯ чӣ гуна аст. Дар охир иштирокчии дигар вазифадор мешавад, ки ба ашёи дигар «табдил ёбад».

**«Санҷиши имкониятҳои мо»**

Баранда ба иштирокчӣ пешниҳод мекунад:

– «Кӯшиш кунед, ки бо услуби ситораи эстрада, сарояндаи опера сароед»;

– «Моро водор кунед, ки якҷоя бо шумо суруд хонем! Шумо ташаббускор ҳастед!»;

– «Туфайли ашулахонӣ изҳори муҳаббат кунед».

Ҳоло рақс:

– «Чунон рақс кунед, ки гӯё 90-сола бошед»;

– «Агар сарояндаи Театри Калон мебудед»;

– «Агар шумо бевазн мебудед».

Хондан:

– «Мисли хориҷие хонед, ки забони тоҷикиро хуб намедонад»;

– «Ба тарзе хонед, ки «хориҷиён»- и дигар ҳама чизро фаҳманд»;

– «Тавре хонед, ки гӯё овозатон ногаҳон ғайб зада бошад»;

– «Кӯшиш кунед, ки ба монанди шиносҳо, муаллимони мактаб, хешовандон, дӯстон ва ғайраҳоро хонед»;

– «Тарзе хонед, ки гӯё шуморо барои 49 маротиба хондани як чиз маҷбур кардаанд;

... агар дар рӯбарӯйи шумо кӯдакони 7-8-сола нишаста бошанд;

... агар мехостед, то ба духтаре писанд оед;

... агар ин ҷо, дар толор хеле хунук мебуд, яъне -16 дараҷа;

... агар бисёр гарм мебуд»;

– «Матнро ҳамчун эълон, ҳамчун детектив, ҳамчун ҳикояи аламовар, ҳамчун ҳикояи хандаовар хонед».

**«Биёед вонамуд кунем»**

Дастурамал ба гурӯҳ: зуд дар атрофи ҳуҷра ҳаракат кунед, бо ҳамдигар омехта шавед. Сипас ба онҳо бигӯед, ки мисли одамони маст беақлона, хаста, хашмгинона ва латиф роҳ раванд. Баранда тағйиротҳоеро, ки дар муҳити атроф ба амал меоянд, номбар мекунад, ки онҳо бояд онҳоро тасаввур кунанд ва мувофиқи он амал кунанд:

- фарш часпак аст;
- кувваи ҷозиба ногаҳон аз байн рафт;
- объектҳоро дар фарш давр зада гузаред;
- ҳаво ғуборолуд ва нафаскашӣ душвор шуд.

**«Ҳамсоя дар тарафи рост»**

Баранда шартҳоро эълон мекунад: «Акнун ҳар кас ба ҷойи ҳамсоя ҷавоб медиҳад». Ман метавонам дилхоҳ савол диҳам, масалан, «Саломатии шумо чӣ хел аст?», ё шуморо ба иҷрои ягон ҳаракат водор созам. Касе ҷавоб медиҳад ё ҳаракатро иҷро мекунад, ки дар тарафи рост қарор дорад. Пас аз гирифтани ҷавоб, баранда аз иштирокчиён мепурсад, ки оё ҳамсояаш дуруст гуфт ё дуруст иҷро кард?

**«Вохӯрӣ»**

Ду иштирокчӣ дар масофаи муайян пушт ба ҳамдигар мешинанд.

Варианти 1: Ба иштирокчӣ нақши шарикаш гуфта мешавад, аммо ӯ нақши худро намедонад. Вазифа бо саволҳо муайян кардани ин аст, ки ӯро ҳамчун кӣ қабул мекунанд. Дар баробари ин, иштирокчиён бояд суҳбати озод гузаронанд.

Варианти 2: Иштирокчиён нақшҳои худро медонанд. Аммо онҳо дар бораи нақши шарикашон чизе намедонанд. Ҳангоми суҳбат дар бораи нақши дигарон маълумот гиред.

5. Қисми **визуализатсияи эҷодӣ** аз машқҳое иборат аст, ки барои дар наврасон ошкор кардани маҳорати пайдо кардани ҳалли эҷодии инсондӯстонаи вазъияти ногувор нигаронида шудаанд. Визуализатсияи эҷодӣ

имкон медиҳад, ки қувваи рафиқ ва имконияти фаъолияти якҷояро на танҳо бинем, балки онро ҳис кунем. Барои намуна:

**«То даҳ ҳисоб кунед»**

Иштирокчиён дар шакли доира тавре меистанд, ки ба якдигар нарасанд. Баранда: «Акнун, бо амри «Оғоз кардем!» чашмонатонро пӯшида, кӯшиши иҷрои амалеро кунед, ки ҳар як кӯдак аз уҳдаи иҷрои он мебарояд: то даҳ ҳисоб кунед. Аммо шарт он аст, ки шумо якҷоя ҳисоб хоҳед кард. Нафаре «як», дигаре «ду», сеюмӣ «се» мегӯяд ва ғайра. Вале дар бозӣ қоида мавҷуд аст: калимаро бояд танҳо як нафар ба забон орад. Агар ду овоз «чор» гӯянд, ҳисоб аз нав оғоз мешавад. Биёед, оғоз кунем!» Баранда пешниҳод мекунад, ки дар 10 кӯшиш натиҷаи дилҳоҳ ба даст оварда шавад. Пас аз ҳар як кӯшиши номуваффақона иштирокчиён метавонанд чашмони худро кушоянд ва ба ҳамдигар нигоҳ кунанд, аммо суҳбат кардан манъ аст. Таҳлил: кадоме аз иштирокчиён ҳисобро аввал оғоз кард? Чаро кӯшишҳои нав ноком шуданд? Дар ин вазъият чӣ ҳолат ба вуҷуд меояд?

**«Гардиш»**

Баранда аз иштирокчиён даъват мекунад, ки дар як саф дар масофаи 40 см аз ҳамдигар истанд. Баранда: «Акнун шумо чашмонатонро пӯшед ва бо кафкӯбии ман ҳама ба ҳар тараф 90 ё 180 дараҷа гардиш мекунанд. Шумо бояд тарзе гардиш кунед, ки ҳама ба як самт нигоҳ кунанд. Самташ муҳим нест, асос ба як тараф. Музокироти пешакӣ манъ аст”. Таҳлил: дар кадом қисмати саф ва киҳо ба мувофиқат ноил шуданд? Онҳо ин корро чӣ тавр карданд?

**«Омехтан»**

Ҳама бозигарон дар доираи танг истода, дасти рости худро ба пеш дароз мекунанд. Бо амри баранда ҳар як бозигар шарики дастфишорӣ пайдо мекунад. Шумораи бозигарон бояд баробар бошад. Дастони рости худро фишурда, ҳама дасти чапи худро ба пеш дароз мекунанд. Боз ҳам бояд шарике пайдо кард, аммо дар ҳеҷ сурат набояд ҳамон нафаре бошад, ки ба ӯ

дасти рост дароз карда шудааст. Акнун гурӯҳро даъват мекунанд, ки дастҳояшонро ҷудо накарда, касеро озор надиҳанд. Агар дар тӯби дастон «гиреҳи мурда» пайдо шавад, шумо метавонед яке аз бозигаронро даъват кунед, ки масъулиятро ба уҳда гирад ва ҷуфти дастҳоеро нишон диҳад, ки бояд муваққатан ҷудо карда шаванд. Ин нақшро метавон ҳам ба узви фаъолтарин ва ҳам нофаъолтарини гурӯҳ пешниҳод кард.

**«Оила»**

Иштирокчӣ интихоб карда мешавад, ки ба ӯ вазъияти бозӣ дода мешавад: «Мо ҳама як оила ҳастем». Вазифаи иштирокчии интихобшуда аз он иборат аст, ки қисми боқимондаи гурӯҳро тавре ҷобаҷо кунад, ки масофаи ҷисмонии байни онҳо дараҷаи наздикии эмотсионалии онҳоро мисли аъзоёни оила ифода кунад (метавонад «манзараҳои оилавӣ» бошад).

**«Фазои ман»**

Яке аз иштирокчиён дар маркази синф ва дигарон атрофи ӯ меистанд. Вазъият пешниҳод мешавад: «Олами ситораҳо. Акнун шумо ба рӯшноие табдил хоҳед шуд, ки дар масофаҳои гуногун аз он сайёраҳои сершумор, яъне аз одамони дигар ҷойгир шудаанд. Онҳое, ки ҷаззобияташон заифтар аст, аз шумо дуртар ҷойгир хоҳанд шуд ва ё ҳатто умуман «дур» мешаванд... Чашмонро пӯшед, бодиққат бошед... Акнун чашмони худро кушоед. Оҳиста-оҳиста дар атрофи меҳвари худ гардиш кунед. Ба ҳар нафаре, ки шуморо иҳота кардааст, бо навбат бигӯед, ки ӯ бояд ба кадом самт дур шавад: «Боз! Боз! Ист!»

Пас аз ҷойгир шудани иштирокчиён дар атрофи «рӯшноӣ» баранда дастури дуюмро пешниҳод мекунад: «Шумо ҳоло фазои психологии худро эҷод кардед. Оё будани шумо дар он хуб ҳаст? Агар хуб набошад, шумо метавонед дар ҷойгиршавии одамони гирду атроф ягон тағйирот ворид кунед. Ба танзимкуние ноил шавед, ки дар он муҳит шумо худро роҳат ҳис мекунед.

Чун қоида, баъзе тағйирот ворид карда мешавад. Таҳлил: Ҷобаҷокунии аввал ин ба иштирокчиён нишон додани ҳисси таваҷҷуҳ ва нафрат ба онҳо аст. Ҷобаҷокунии пас аз дастури дуюм системаи воқеии муносибатҳоро ба андозаи бештар инъикос мекунад. Амали одами мушаххасро дар замони ҳозира ва гузашта муқоиса карда, баранда дар бораи тағйири робитаҳо ва мақоми ин шахс дар гурӯҳ тасаввурот пайдо мекунад.

**«Сотсиометрияи гурӯҳӣ»**

а) ҳар як иштирокчӣ бо тартиби гардиши озод дар марказ меистад, чашмонашро мепӯшад ва дигарон аз ӯ дар масофае ҷойгир мешаванд, ки ба таври рамзӣ «масофаи психологӣ»-ро нисбат ба ин шахс ифода мекунад. Ҳар кас ҷойи худро ба хотир мегирад, сипас «ҳалқа» вайрон карда мешавад;

б) баъд аз ин иштирокчӣ чашмонашро мекушояд ва ҳамаи ҳозиринро тавре ҷойгир мекунад, ки ба ақидааш метавонистанд дар робита ба ӯ ҷойгир шаванд;

в) аъзои гурӯҳ ҷойеро мегирад, ки дар аввал худро ҷойгир карда буд. Таҳлил: Тартиб ба ҳар кас имкон медиҳад, ки аниқӣ ва мувофиқати назари худро дар бораи муносибатҳо дар гурӯҳ, аз ҷумла ҷойи худро дар он санҷида бинад. Киро дуруст ҷойгир кардааст ва бо кӣ хато кардааст ва чаро? Метавон ин амалро чанд бор такрор кард.

**«Интихоби дараҷаи наздикӣ»**

Иштирокчиён дар ду давра меистанд, дар ҳоле ки иштирокчиёни даври дарунӣ бо иштирокчиёни даври берунӣ рӯбарӯ истодаанд. Баранда: «Ҳоло Шумо бояд дараҷаи наздикиро бо ҳар як шарики худ интихоб кунед. Ҳама чиз бе сухан анҷом дода мешавад. Шумо интихоби худро бо ангуштон нишон медиҳед, сипас онро иҷро мекунед. Агар Шумо як ангуштро нишон диҳед, пас, Шумо дар ҷойи худ мемонед ва бо ин нишон медиҳед, ки шарики худро рад мекунед. Нишон додани ду ангушт ин дастфишории гарм ва табассум аст. Се ангушт, бошад, маънои ба оғӯш гирифтанро дорад. Агар интихоби шумо ба интихоби шарикатон мувофиқат накунад, он амалеро мекунед, ки ба

интихоби камтарин мувофиқат кунад». Пас аз ин даври беруна ба тарафи рост як қадам мегузорад ва ҷуфтҳои навро вомехӯранд.

**Машқҳо барои рушди эътимоди иҷтимоӣ**

**«Машқ»**

Яке аз иштирокчиён аз ҳуҷра берун карда мешавад. Иштирокчиёни боқимонда ва «тренер» рафтореро интихоб мекунанд, ки бояд шахси аз ҳуҷра беруншуда нишон диҳад. Масалан, ҷаҳидан, тела додани чизҳо, ба курсӣ баромадан ва ғайра. Иштирокчӣ дубора ба ҳуҷра даъват карда шуда, аз ӯ ҳоҳиш карда мешавад, ки дар ҳуҷра давр зада, ҳар гуна ҳаракатҳоро иҷро кунад. «Тренер» бо ҳуштак, кафкӯбӣ ё калимаҳое мисли «нағз» ҳаракатҳоро дар самти иҷрои амали дилхоҳ тақвият медиҳад. Ин метавонад қоидае бошад, ки агар «озмудашаванда» аз иҷрои супориш дур шавад ва гирифтани тақвиятро қатъ кунад, бояд ба ибтидо баргардад. Дар машқ суҳбат кардан, хандидан, оҳкашӣ ва зоҳирнамоии дигар эмотсияҳо мумкин нест.

**«Тамрини устувории эмотсионалӣ»**

Иштирокчиён ба ҷуфтҳо тақсим мешаванд ва ба қадри имкон ба ҳамдигар наздик менишинанд. Машқ дар се марҳила анҷом дода мешавад:

– иштирокчиён чашмони худро мепӯшанд. Ба онҳо маҳдудият дода мешавад - ҳама гуна ҳаракатҳои бадан ва ҳатто рӯй манъ аст. Баранда: «Дар руҳу ҷисми худ оромӣ ва осойишро ба вуҷуд оваред»;

– пас аз ташаккул додани устувории эмотсионалӣ дар марҳилаи қаблӣ, вазифа душвортар мешавад: “Ҳоло шумо ором (беҳаракат) мешинед, аммо бо чашмони кушода. Дар баробари ин, шумо ба чашмони шарики худ назар дӯхта, кӯшиш мекунед, ки оромии худро нигоҳ доред”;

– баъди ин машқҳои омодагӣ дар ҳар як ҷуфт яке аз иштирокчиён нақши тренерро ба худ мегирад. «Вазифаи тренер ин аст, ки одамонро хандонад ё ба ягон роҳ аз мувозинати эмотсионалӣ барорад. Агар ба ин муваффақ шавад, он гоҳ ором мегирад ва интизор мешавад, ки шарикаш тавозуни гумшударо барқарор кунад. Сипас машқ идома меёбад ва муҳим

аст, то тренер он чизеро такрор кунад, ки шарикашро аз мувозинати эмотсионалӣ бароварда буд. Такрори бисёркарата устувориро ба ин ангезиш ташаккул медиҳад. Сипас иштирокчиён нақшҳоро иваз мекунанд ва ҳамин тавр якчанд маротиба машқ гузаронида мешавад.

**«Долони маърифат»**

Иштирокчиён ба зергурӯҳҳои иборат аз 15-20-нафара тақсим мешаванд. Дар навбати худ, ҳар як иштирокчӣ бояд якчанд маротиба аз як девор ба девори муқобил равад ва баръакс. Дар роҳ ӯро бояд гурӯҳе ҳамроҳӣ кунанд. Дар баробари ин, вақте ӯ ба ҷониби як девор меравад, бояд гурӯҳ ӯро барои ин дастгирӣ ва ҳангоми бозгашт сарзаниш кунад. Таъсиррасонии ҷисмонӣ манъ аст, гурӯҳ бояд танҳо бо сухан дастгирӣ кунад ва боздорад. Вазифаи иштирокчӣ аз он иборат аст, ки оромона, хомӯшона ва бо ҳамон суръат аз девор ба девор қадам зада, ба луқмапартоиҳои мусбату манфӣ эътино накунад. Таҳлил: кадом луқмапартоиҳо ба роҳ рафтан халал мерасониданд?

**Машқҳои худомӯзии «кушода»** Бар хилофи машқҳое, ки дар онҳо иштирокчиён ба таври ғайримустақим дар бораи «Ман»-и худ маълумот мегиранд (масалан, «Ассотсиатсияҳо», «Ҳайкалтарошӣ»), мақсади машқҳои ин гурӯҳ аз тарафи одам омӯхтан ва фаҳмидани худ ва баланд бардоштани дониш дар бораи худ мебошад. Дар ин ҷо ин маълумот ошкору бевосита тавассути саволҳо ва супоришҳои мустақим дода мешавад. Машқҳои худомӯзии «кушода»-ро пас аз хатми машғулиятҳои худомӯзии бавосита гузаронидан манфиатовартар аст.

**«Курсии гарм»**

Яке аз иштирокчиён дар маркази давра ё дар муқобили ҳама мешинад. Ҳар як иштирокчӣ аз рӯйи формулаи зерин ба ӯ муроҷиат мекунад: «Вақте шумо ин ё он корро мекунед (мегӯед), ё фалон хел рафтор мекунед, дар ман фалон ҳиссиёт пайдо мешавад ё ба назари ман чунин менамояд, ки ин чунин ё чунон маъно дорад».

Суханҳо бояд то ҳадди имкон мушаххас буда, танҳо маълумоте истифода шавад, ки ҳангоми гузаштани ҳамаи машғулиятҳо ба даст омадааст. Аз таърифу арзёбиҳое, чун «писанд аст», «хуб», «бад» ва амсоли ин бояд худдорӣ кард. Ҳар як аъзои гурӯҳ ин санҷишро мегузарад. Шахси дар маркази доира нишаста бояд ҳарчи бештар бодиққат гӯш кунад, баҳс накунад, суханро набурад, ба мунозира наравад, барои равшан кардани он чизе, ки ба ӯ гуфта мешавад, овардани далелҳои объективиро талаб накунад, кумак накунад, луқмапартоӣ накунад, аз алоқаи баръакс худро ҳимоя накунад.

Таъсиррасонӣ то он даме идома меёбад, ки дигар касе барои ба ӯ чизе гуфтан сухан наёбад. Пас аз суханронии ҳамаи иштирокчиён, иштирокчии мавриди таъсиррасонӣ қароргирифта мегӯяд, ки аз ин машқ чӣ бардошт кард, чиро қабул ва чиро рад мекунад. Ин машқ вобаста ба шумораи иштирокчиён (барои ҳар як нафар 15-20 дақиқа) вақти нисбатан дарозро мегирад. Ҳангоми ба нақша гирифтани машғулиятҳо инро бояд ба назар гирифт.

**«Агар ӯ намебуд»**

Яке аз иштирокчиён пуштгардон ба тарафи гурӯҳ мешинад. Гурӯҳ дар бораи ӯ сухан мегӯяд, ки онҳо ӯро чӣ гуна дарк мекунанд (бо риояи принсипҳои машқи қаблӣ.

**«Шаъну шарафи ман»**

Ҳама дар шакли доира менишинанд ва баранда машқро барои муайян кардани ҷиҳатҳои қавии ҳар як нафар оғоз мекунад. Пас аз як таваққуфи кӯтоҳ ҳар як аъзои гурӯҳ бояд дар давоми 3-4 дақиқа доир ба ҷиҳатҳои қавии худ нақл кунад, яъне дар бораи он чизе, ки дӯст медорад, қадр мекунад, барояш қобили қабул аст, дар бораи чизе, ки дар ҳолатҳои гуногун ба ӯ ҳисси эътимоди ботинӣ медиҳад.

Фақат дар бораи хислатҳои мусбати характер сухан рондан шарт нест, бояд он чиро қайд кард, ки дар мавридҳои гуногуни ҳаёт барояш такягоҳ аст

ё такягоҳ шуда метавонад. Аз сухан дар бораи камбудиҳо, хатоҳо ва заифиҳои худ худдорӣ кардан лозим аст.

Сипас, баранда иштирокчиёни боқимондаро даъват мекунад, ки дар бораи ҷиҳатҳои қавии дар озмудашаванда мушоҳидакардаашон изҳори андеша кунанд. Таҳлил: кор аз болои худ на танҳо ҷустуҷӯйи камбудиҳо, балки ҷустуҷӯйи ҷиҳатҳои қавӣ низ мебошад. Инсон танҳо ба ҷиҳатҳои қавии худ такя карда, воқеан аз болои худ кор карда метавонад. Дар ин ҷо шумо метавонед суханони иштирокчиёнро дар бораи худ ва андешаи гурӯҳро дар бораи ҳар як иштирокчӣ муқоиса кунед. Аксарияти одамон дар бораи худ ба таври мусбат фикр карда наметавонанд.

**«Ман чӣ гуна ҳастам?»**

Дар вараќи коғаз худро ба таври нақшавӣ тавре тасвир намоед, ки худатон тасаввур мекунед. Дар зери расм намуди зоҳирии худро тавсиф намуда, сифатҳои ҷисмонии худро нависед: баланд, лоғар ва ғайра (8-10 сифат). Сипас онро бо гуфтаҳои аъзоёни гурӯҳ муқоиса кунед. Дар шакли сутун хусусиятҳо ва сифатҳои асосии шахсияти худро номбар кунед – 8-10 сифат (аз ҳама муҳимашро, ки роҳи ҳаёти шуморо муайян мекунад). Онҳоро бо далелҳо аз ҳаёти худ ва бо андешаи аъзоёни гурӯҳ муқоиса кунед.

**«Қобилияти шумо барои самимият»**

Ин машқ ҷуфт-ҷуфт анҷом дода мешавад. Ҳар нафар барои худ касеро ба сифати шарик интихоб мекунад, ки бештар ба ӯ эътимод дорад. Ризоияти наврас бояд шарти ҷиддӣ рафтор карданро дарбар гирад. Вақти машқ 10-15 дақиқаро ташкил медиҳад.

– рӯбарӯйи ҳам нишинед, рост ба чашмон нигоҳ кунед;

– бо ҳамдигар доир ба чизи воқеан барои шумо муҳим нақл кунед: шуғли дӯстдоштаи худ, ғаму андӯҳҳо, ягон воқеа аз ҳаёт, андеша ва ҳиссиёти худ;

– вақти гӯш кардан кӯшиш намоед, ки фаъолона ҷавоб диҳед; вақти суҳбат кадан кӯшиш кунед, ки озодона сухан ронед.

– бо навбат якчанд маротиба бо ҳамдигар нақл кунед.

Таҳлил: Шумо дар бораи шарики худ пеш аз машқ ва баъд аз машқ чӣ таассуроте аз сар гузаронидед? чӣ тавр ӯ шуморо гӯш кард, дар давоми ин машқ чӣ ба шумо фишор меовард?

**«Даҳ камбудӣ»**

Иштирокчиён дар шакли давра менишинанд. Як иштирокчӣ берун мебарояд. Дар гурӯҳ даҳ хислати манфӣ ё худ хислати оддии ӯ муайян карда мешавад. Баъди бозгашт иштирокчӣ метавонад бо дарёфти се хислате, ки ҳангоми набуданаш ҳамчун хислатҳои манфӣ пешниҳод шуданд, ба доира ворид шавад. Дигар хислатҳо ба ӯ гуфта намешаванд.

**«Осорхонаи хотираҳои дарднок»**

Баранда: «Аксар вақт мо ба ранҷишҳои худ ҳамчун ба арзиши олӣ муносибат мекунем. Мо онҳоро пинҳон мекунем, ҳифз менамоем ва ҷамъ меоварем. Дар вақти низоъ мо онҳоро ошкор карда, ба назари худ мавқеамонро мустаҳкам мекунем. Биёед, кӯшиш кунем, ки дар ин ҷо як осорхонаи хотираҳои дардноки худро созем». Пешниҳод кардани ранҷишҳое тавсия дода мешавад, ки мустақиман бо иштирокчиён ба миён омадаанд, на бо одамони дигар.

**Машқҳо барои ҳамкории байнигурӯҳӣ**. Дар айни замон муошировати байнигурӯҳӣ, махсусият ва қонунҳои он нав мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Ин масъала хеле муҳим аст, зеро шахс аз таваллуд дар ҳайати гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ зиндагӣ ва фаъолият мекунад. Дар ин раҳёфт гурӯҳро на ҳамчун маҷмуи субъектҳо, балки ҳамчун организми алоҳида, ҳамчун субъекти мустақили аз рӯйи қонунҳои худ (ин қонунҳо аз қонунҳои шахси алоҳида фарқ доранд) зиндагикунанда фаҳмида мешавад. чӣ тавре субъект бо субъект ва одам бо одам ҳамкорӣ мекунад, гурӯҳ ҳам метавонад бо гурӯҳи дигар ҳамкорӣ ва муошират кунад.

Метавон баъзе падидаҳоеро ҷудо кард, ки ҳангоми гузаронидани чунин машқҳо ба онҳо рӯбарӯ шудан мумкин аст:

– ба якчанд зергурӯҳ тақсим кардани гурӯҳ боиси ба вуҷуд омадани бархӯрд байни гурӯҳҳо мегардад (ин ҳолат бештар ба гурӯҳҳои диффузӣ хос аст. Бо ёрии ин бархӯрд – табъиз, гурӯҳҳо якпорчагии худ (роҳи дигар дар худи гурӯҳ пайдо кардани «бомаки паст» аст, яъне агрессияи дохилӣ) ва тафовути мусбати худро аз дигар гурӯҳҳо нигоҳ медоранд;

– дар вазъияти ба вуҷуд омадани зергурӯҳҳо, ҳангоми бархӯрди онҳо, шахсияти баранда нисбатан камарзиш баҳо дода мешавад. Ин ҳолат дар меъёри муайян ба пешбарӣ кардани сарварон дар ҳар як зергурӯҳ ва барканории роҳбари умумӣ оварда мерасонад;

– бо афзоиши зиддиятҳои байнигурӯҳӣ иштирокчиён онро як лаҳзаи манфии муошират арзёбӣ карданд, вале ин раванд идома дошт. Яъне, ин ҳолат нишон дод, ки гурӯҳ қонунҳои худро дорад ва фард наметавонад ҳамеша ба онҳо муқобилият кунад;

– барои нигоҳ доштани гурӯҳҳо дар онҳо сарварҳоро ба воя расонидан лозим аст, зеро ҳангоми рафтани роҳбари умумӣ аъзои ин гурӯҳҳо на пайравон, балки иштирокчиёни расмӣ ҳоҳанд буд.

Дар рафти татбиқи барномаи таҳияшуда мо ба хулосае омадем, ки ҳангоми гузаронидани машқҳо оид ба ҳамкории байни гурӯҳҳо ҳамаи падидаҳои дар боло зикргардида бояд ба назар гирифта шаванд.

**«Кӣ қавӣ аст?»**

Ҳамчун рақобат дар байни гурӯҳҳо пешниҳод карда мешавад, масалан:

– кадом гурӯҳ кафкӯбӣ мекунад (ҳама гурӯҳҳо дар як вақт кафкӯбӣ мекунанд. Дар воқеъ, гурӯҳе ғолиб меояд, ки кафкӯбиаш муддати дарозтар давом мекунад ё гурӯҳе, ки назми инфиродии кафкӯбии худро пайдо мекунад; шарти дигари муваффақият даври танг аст, тамоми гурӯҳ кафкӯбӣ мекунанд, на ҳар кас дар алоҳидагӣ);

– кӣ киро месарояд (муваффақият, чун дар ҳолати аввал, на ба овоз, балки аз муташаккилии гурӯҳӣ вобаста аст, ин ҷо метавонад дастгирии

дӯстона, ҳаракатҳои умумӣ ё интихоби муваффақонаи худи суруд, ки дигаронро дарҳол «лолу маҳбут» мекунад, бошад;

– кӣ киро поймол мекунад.

Таҳлил: дар охири мусобиқа қайд карда мешавад, ки кадом гурӯҳ ва барои чӣ ғолиб омад, ба ғалаба чӣ таъсир расонид (мавқеи фазоӣ ва ғайра), ҳар як гурӯҳ чӣ фарқият дошт.

**«Дар ҳар ду тараф»**

Чи қадаре ки иштирокчиён бештар бошанд, ҳамон қадар беҳтар аст. Гурӯҳ саф мекашад ва иштирокчиён «як, ду» гуфта, ҳисоб мекунанд. Сипас гурӯҳ ба ду қисми баробар тақсим карда мешавад. Ду занҷири зинда рӯбарӯйи ҳам меистанд ва бо ҳамсояҳояшон аз тарафи росту чап даст ба даст мегиранд. Бо амри «Ба пеш!» ҳар як гурӯҳ кӯшиш мекунад то гурӯҳи дигарро ба хатти каноре, ки дар паси ҳар як гурӯҳ, дар масофаи аз хатти марказӣ 5-6 қадам дуртар кашида шудааст, кашола кунад. Барои ғолиб шудан, ҳадди аққал як нафарро аз хат гузаронидан кофӣ аст. Бо такрор кардани бозӣ ва дубора саф кашидан, ҳар ду даста метавонанд баъзе бозигаронро иваз кунанд.

**Варианти 6. Машқҳои рақсу суруд** аз тарафи мо барои мустаҳкам кардани малакаҳои дар машғулиятҳо ҳосилшуда истифода мешаванд, зеро ин намуди фаъолият ба шавқу ҳавасҳои наврасон наздиктар аст. Машқҳои мазкур барои муътадил гардонидани вазъиятҳои буҳронии дар майдони озмоишӣ баамаломада кумак мекунанд (махсусан, дар марҳалаи якуми амалӣ гардонидани барномаи инкишофдиҳанда). Барои намуна: сафи рақибро дар ҳалқа «печонед». Дар ин ҷо пирӯзӣ дар сурате дода мешавад, ки бозигарони канории ҳалқагирифта ба якдигар даст ба даст мегиранд.

**«Овози «МО»-и мо**

Баранда: «Биёед ҳоло дар чанд дақиқа кӯшиш кунем, ки як умумияти муттаҳидии гурӯҳи худро эҷод кунем. Мо ин корро тадриҷан, дар якчанд давра амалӣ менамоем. Марҳилаи аввал: ҳамаи мо дар як шакли давраи калон ҷойгир мешавем (агар шумораи иштирокчиён зиёд бошад, он гоҳ тартиб

додани давра дар дохили давра имконпазир аст). Ҷобаҷосозии даврагӣ аллакай худ аз худ ба гурӯҳи мо таъсири муттаҳидкунанда мерасонад – ҳама канори ҳам китф ба китф меистанд, хуб аст агар ба ягон нафари дар марказбуда дарафтода шавад, дар мавриди мазкур дарафтодан ба ман. Акнун ҷойҳоро дар давра тарзе иваз кунед, ки ҳама ба тарзи «писар-духтар» истода бошанд.

Дар қадами навбатӣ масофаи байниҳамиро то ҳадди ақал кам мекунем. Ба қадри имкон ба ҳамдигар наздик шавед ва кӯшиш кунед, ки дастгирии рафиқонаи байниҳамиро ташкил кунед ва аз даст ё китфи якдигар доред. Сонияи, кӯшиш менамоем, ки ягонагии гурӯҳамонро ҳис кунем. Биёед, андаке ҷунбида, якҷоя ҳаракат кунем... Бо давраамон боз чӣ кор карда метавонем? Ман пешниҳод мекунам, ки каме суруд хонед. Шарт ин аст, ки ҳама матни сурудро донанд. Мо кадом сурудҳоро медонем? (гурӯҳ суруд интихоб мекунад). Пас, биёед сар кунем!.. Ниҳоят, биёед кӯшиш мекунем, ки дастонамонро наканда, якҷоя як рақси умумиро иҷро кунем. Бояд ҳаракате ҳосил шавад, ки ба гимнастикаю аэробика умумият дошта бошад (рақси умумӣ ҳосил шавад). Таҳлил пас аз ҳар як марҳилаи ҳамоҳангӣ гузаронида мешавад. Ҳоло мо худро чӣ гуна ҳис мекунем? Оё муносибати шумо «гармтар» шуда истодааст? Оё мо каме ҳам бошад ягонагии худро ҳис кардем? Пеш аз он ки мо ба таври давравӣ истодем ва баъд аз ин машқ чӣ тағйирот сурат гирифт? Мо ҳоло чиро ҳис мекунем?

Дар давраи калон баранда гурӯҳро ба зергурӯҳҳои аз 5-10 нафара иборат тақсим мекунад. Дар давра истода, ҳар як гурӯҳ сароидани сурудро дар як вақт оғоз мекунад. Дар охир як суруди маъмулӣ саройида мешавад.

**«Озмоишҳо бо суруд»**

а) Баранда: «Биёед, бо хор суруд мехонем. Дар кафкӯбии аввал мо ба сароидан оғоз мекунем, дар дуюмаш бошад, хомӯш мешавем, дар баъдиаш боз месароем. Кӯшиш кунед, ки роҳгумназанед ва пас аз хомӯшӣ дар як вақт сурудхониро идома диҳед.

Таҳлил: қобилияти нигоҳ доштани назми умумӣ бо шунавоии дарунии худ;

б) Баранда: «Баъд аз кафкӯбӣ ҳама бо овози дарунӣ ба сароидани суруд оғоз мекунанд. Ду кафкӯбӣ – бо овози баланд. Бодиққат бошед, роҳгум назанед».

Таҳлил: қобилияти нигоҳ доштани олами ботинии худ, муқобилият кардан ба назми умумӣ.

**«Рақси гурӯҳ бо гурӯҳ»**

Гурӯҳи калон ба якчанд зергурӯҳ тақсим мешавад. Ҳар як зергурӯҳ дар давра меистад. Баранда: «Ҳоло шумо бояд рақси хеле душворро иҷро кунед. Гурӯҳ бо гурӯҳ рақс ҳоҳад кард. Тасаввур кунед, ки гурӯҳи шумо ба як шахс монанд аст ва ҳоло ин чанд нафар кӯшиш мекунанд, ки бо ҳамдигар рақс кунанд, тахайюлоти худро ба кумак даъват кунанд, ки ин чӣ гуна хоҳад шуд! Аз ҷуфтҳо ба гурӯҳ ва баръакс».

Бо назардошти ягон аломат ба ҷуфтҳо тақсим шавед. Баранда пешакӣ якчанд оҳанги мувофиқро интихоб мекунанд.

Баранда: «Ҳоло шумо зери садои мусиқӣ рақси якҷоя (ҷуфт-ҷуфт) иҷро мекунед. Рақс то қатъ шудани мусиқӣ давом мекунад. Пас аз таваққуф ҷуфтҳо дар «чоргона» муттаҳид мешаванд ва рақс идома меёбад. Баъдан дар гурӯҳҳои «ҳаштгона» муттаҳид мешавем, сонӣ ба гурӯҳҳои шонздаҳнафара, баъдан шояд ба сиюдунафара. Ниҳоят, пас аз таваққуф мо бо тартиби баръакс ҷудо мешавем: ба шонздаҳ, ба «ҳашт», ба «чор» ва ниҳоят ба ҷуфтҳо.

**«Рақси нақшӣ»**

Баранда: «Ҳоло мо рақси нақширо иҷро ҳоҳем кард. Биёед дар асоси образе, ки ман ба шумо пешкаш мекунам, рақс кунем. Бодиққат бошед. Ҳамин тавр, мо «рақси ғайбаткунандагон»-ро иҷро мекунем... Акнун «рақси авбошонро» ва ғайра.

**7. Машқҳо бо унсурҳои аутотренинг ва тағйирёбии ҳолати шуур**. Вазифаҳои аутотренинг рафъи шиддати асабӣ, барқарорсозии босуръати

қувва ва идоракунии ҳолати эмотсионалӣ буда, барои рафъи нороҳатӣ истифода мешавад.

**«Аутотренинги кӯтоҳ»**

Ҳар як иштирокчӣ дар ҷойи бароҳат дар шакли барояш мувофиқ мешинад. Баранда: «Оромона нафас кашед! Осуда бошед! Дар дасту поятон вазнинии форамеро ҳис мекунед... Пилконатон вазнин мешаванд... Оромона ва чуқур нафас гиред. Дар тамоми баданатон гармии гувороеро ҳис мекунед. Акнун дар дасту пойҳоятон вазнинии гувороеро эҳсос мекунед. Пилкҳои чашмонатон боз ҳам вазнинтар мешаванд... Оромона, чуқур нафас гиред...

Шумо пойҳо ва дастҳои худро дигар ҳис намекунед. Шумо дар ҳаво шино мекунед. Лаҳзаҳои гуворотарини ҳаётатон дар пеши назари шумо ҷилвагар мешавад. Шумо рӯйдодҳои беҳтарини вақтҳои охир дар ҳаётатон бавуқуъомадаро ба хотир меоваред, онҳо чарх мезананд ...

Акнун ҳар яки моро бо навбат тасаввур кунед. Шумо худро пур аз қувва ҳис мекунед. Ҳоло ман то се ҳисоб мекунам. Бо калимаи се, шумо чашмонатонро мекушоеду худро боқуввату ҳушёр ҳис мекунед. Як.., ду.., се».

**«Аутотренинги коллективӣ»**

Аз аутотрениги муқаррарӣ оғоз меёбад. Сипас баранда тасаввур кардани вазъияти муайянеро пешниҳод мекунад, ки дар он тамоми гурӯҳ иштирок мекунанд. Масалан, сайругашти якҷоя берун аз шаҳр. Ҳар як шахс ба таври пароканда дар бораи он чизе суҳбат мекунад, ки мебинад (тасаввур мекунад), ба дигарон кумак мекунад, ки тасаввуроти дастаҷамъонаро дар бораи сайругашт ба вуҷуд оваранд. Баъд маълум мешавад, ки кӣ худро чӣ хел ҳис мекунад, кӣ чиро дид, барои кадоме аз иштирокчиён тасаввур кардани сайругашт осонтар буд ва барои кӣ душвортар.

**«Сафари андеша»**

Истифодаи ин машқ пас аз аутотренинг пешниҳод карда мешавад. Пас аз оромиши пешакӣ баранда мегӯяд: «Шумо дар марғзор истодаед. Ҳанӯз

субҳи барвақт аст, аммо офтоб аллакай нурафшонӣ мекунад. Шуои онро дар рӯйи худ ҳис мекунед, насими нарм ба гӯшатон пичиррос мезанад. Саҳроро тай карда, ба сӯйи теппаи хурде рафта истодаед, ки аз болои он тамоми атроф намоён аст. Дар теппае истодаед ва парандаи азимеро мебинед, ки ба шумо наздик шуда истодааст. Ин як парандаи азим аст, аммо шумо аз он намегурезед. Ин парандаи меҳрубон ва бо болҳои нарм аст. Вай дар паҳлуи шумо менишинад ва одами хурде аз ӯ берун мешавад. Ӯ мегӯяд, ки Шумо бо ин паранда метавонед ба дилхоҳ ҷойи мехостаатон парвоз кунед (пешниҳод мешавад, ки ҷойи дилхоҳи ҳама тасаввур карда шавад)... Шумо бармегардед, марди хурдакак болои паранда нишаста, парвоз мекунад.

**«Ман дар гурӯҳ ҳастам»**

Баранда: «Чашмони худро пӯшед... Акнун бигзор ҳама дасти ҳамсояро бо дасти росташон бигирад ..., дасти ӯро дар дасти худ бигиред ..., кӯшиш кунед, ки чашмони худро накушода, ба садоҳои атроф диққат диҳед, бигзор ҳама таваҷҷуҳи худро ба чизе мутамарказ кунанд, ки мешунавад, новобаста аз он ки чӣ гуна садо аст, лаҳзае диққат диҳед ва кӯшиши шинохтани садоҳоро кунед (1 дақиқа) ... Акнун, ҳанӯз ҳам чашмони худро накушода, диққати худро ба кафи дастони ҳамсояҳои рост ва чап, ки шумо ламс мекунед, мутамарказ кунед...

Кӯшиш кунед, то фаҳмед, ки кадом каф гармтару кадомаш сардтар аст ва ба ёд оред, ки он кафи дасти ҳамсояи тарафи рост аст ё аз тарафи чап (30 сония)... Ҳоло мисли пештара, бо чашмони пӯшида дастҳоятонро ҷудо кунед ва таваҷҷуҳатонро ба нафаси худ равона кунед. Эҳсос кунед, ки чӣ тавр ҳаво аз бинӣ ва лабҳо дохил ва ҳориҷ мешавад, қафаси сина ва шикам бо ҳар як нафаскашӣ ва нафасбарорӣ чӣ гуна ҳаракат мекунанд (1 дақ.) ... Акнун кӯшиш кунед, ки ҳар як нафасро ҳисоб кунед ва дар панҷумаш чашмонатро кушоед».

**«Парвози паррандаи сафед»**

«То ҳадди имкон бароҳат нишинед, ором бошед, чашмонатонро пӯшед, дасту пойҳоятонро болои ҳам гузоред, дасту пойи рост аз боло бошад.

– дар болои реги зарди гарм хобидаам, дар болои ман осмони орому софу беғубори кабуд аст;

– дар осмон парандаи сафед бемалол парвоз мекунад. Бархоста, дар паҳлуяш парвоз мекунам, худи ман ин мурғи сафед ҳастам;

– дар осмони кабуди ором парвоз мекунам, зери ман баҳри кабуди ором аст;

– аз дур соҳили реги зард пайдо шуд ва наздик мешавам. Ба боло парвоз карда, ба реги зарди гарм фуруд омада, боз ба одам мубаддал мешавам ва ба пушт мехобам;

– дар болои реги гарми зард хобидаам, дар болои ман осмони кабуди ором, осудаам, дам мегирам;

– як сардии форам ба кафи пойи ман расид, ин сардии форам мушакҳои пойро пур кард, мушакҳо сабуку пурқувватанд; як сардии фораме шикам ва мушакҳои пуштамро фаро гирифт, мушакҳоям сабук ва боқувватанд, як сардии фораме қафаси сина ва дастҳоямро пур кард, нафаскашӣ бароям осонтар шуд, гардану сарамро як сардии форам фаро гирифт; сарам поку тоза аст. Тамоми баданро сардии форам фаро мегирад, сарам равшану тоза, мушакҳо сабук ва пурқувват, се нафаси чуқур, чашмонамро мекушоям ва аз ҷоям бармехезам. Ман истироҳат кардам!

**АДАБИЁТ**

1. Абраменкова А.В. Гуманные отношения в детском возрасте. – М., 1979. – 259 с.
2. Анастази А., Урбина С. Психологическое тестирование. – СПб., 2001. - 205 с.
3. Берулава М.Н. Теория и практика гуманизации образования. - М., 2001. - 340 с.
4. Бобнева М.И Социальная психология личности / отв. ред. М.И. Бобнева, Е.В. Шорохова. - М., 1979. -194 с.
5. Богомолова Н. Н. Массовая коммуникация и общение. - М., 1988. – 186 с.
6. Газман О.С. Гуманизм и свобода (введение в гуманистическую педагогику) – В кн.: Гуманизация воспитания в современных условиях. – М., 1995. – 306 с.
7. Козлов В.В. Социальная работа с кризисной личностью. – Ярославль, 1999. – 195 с.
8. Колпакова Л.М. Психологические механизмы формирования межличностных отношений в диаде «учитель - ученик» в условиях педагогической деятельности. - Казань, 1997. – 132 с.
9. Корнетов Г.Б. Гуманистическое образование: Традиции и перспективы. - М., 1993. - 135 с.
10. Перлз. Практика гештальттерапии. – М.: Институт общегуманитарных исследований, 2001. – 240 с.
11. Проблемы психологии современного подростка / под ред. Д.И. Фельдштейна. - М., 1982. – 160 с.
12. Психологические условия и механизмы воспитания подростков / под ред. Д.И. Фельдштейна. - М., 1983. – 267 с.
13. Роджерс К.Р. Взгляд на психотерапию: становление человека / пер. с англ.- М.: Издательская группа «Прогресс», 1994.- 480с.
14. Роджерс К.Р. Клиентоцентрированная терапия / пер. с англ. - М.: «Рефл-бук»- К: «Ваклер», 1997. – 320 с.
15. Роль ценностных ориентаций в формировании личности ... межличностные аспекты / под ред. А.Карелина. – М., 1997. – 175 с.
16. Сухомлинский В.А. Сердце отдаю детям. – Киев: Радянська школа, 1974. - 288 с.
17. Фрейд З. Введение в психоанализ: лекции. - М.: Наука, 1989. - 384 с.
18. Эльконин Б.Д. Выдержки из научных дневников // Избранные психологические труды. - М., 1989. – 512 с.
19. Эриксон. Э. Детство и общество. - Обнинск, 1993. - 237 с.